Фалсафаи ахлоқ

Муртазо Мутаҳҳарӣ

Баргардон ва таҳия аз:

Сайидюнуси Истаравшанӣ

Феҳрист

Бахши аввал: Баҳсҳои масҷиди Арки Теҳрон 7
Ахлоқ чист? 7
Маншаъи тафовути бинишҳо дар ахлоқ 8
Феъли табиӣ 10
Феъли ахлоқӣ 11
Фалсафаи бардагӣ 13
Эътирофи Муовия дар бораи Алӣ 17
Ҳаракат додани аҳли байт ба сӯйи Кӯфа 20
Феъли табиӣ ва феъли ахлоқӣ 23
Арзиши кори ахлоқӣ 23
Афву гузашт 25
Ҳақшиносӣ ва вафо 25
Тараҳҳум ба ҳайвонот 25
Сухани Сарийи Сақатӣ 26
Дуои “Макорими ахлоқ” 27
Сухани Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ 29
Бозорӣ ва Молики Аштар 31
Марди шомӣ ва Имом Ҳусайн 31
Фарозе дигар аз дуои “Макорими ахлоқ” 32
Наҳйи шадиди Қуръон аз ишоъаи зиштиҳои мӯъминин 34
Ғайбат дар мавориде ҷоиз аст 35
Сухани нодурусти Ибни Сирин ва иштибоҳи Ғаззолӣ 35
Назарияи отифӣ 38
Мабдаъ ва ҳадаф дар кори инсон 39
Ахлоқи ҳиндӣ 40
Нақди ин назария: 41
а) Ҳар муҳаббате ахлоқ нест: 41
б) Ахлоқ маҳдуд ба ғайрдӯстӣ нест: 42
в) Мафҳуми инсондӯстӣ: 42
Назарияи фалосифаи исломӣ: ирода 44
Фарқи майл ва ирода 44
Назарияи виҷдонӣ 48
Назари Қуръон дар бораи виҷдон 48

Назари Кант 49
Назрияи виҷдонӣ 53
Оё ҳамаи мӯҳтавиёти зеҳнии инсон маъхуз аз таҷориб аст? 53
Ақли назарӣ ва ақли амалӣ 54
Аҳкоми виҷдон аз назари Кант 54
Азоби виҷдон 55
Виҷдони ахлоқӣ ва саодат 57
Оё камол ғайр аз саодат аст? 58
Виҷдон ва исботи ихтиёри инсон 59
Виҷдон ва исботи бақо ва хулуди нафс 59
Ҳадисе аз Имом Содиқ 61
Нақди ин назария: 62
а) Таҳқири фалсафа 62
б) Тафкик миёни камол ва саодат 62
в) Ҳамаи аҳкоми виҷдон, мутлақ нест 64
Дурӯғи маслиҳатомез 65
Як тамсил 67
Таврия 68
Назарияи зебоӣ 70
Оё зебоӣ қобили таъриф аст? 72
Зебоӣ, мутлақ аст ё нисбӣ? 73
Робитаи зебоӣ бо ишқ ва ҳаракат 74
Зебоӣ мунҳасир ба зебоии марбут ба ғаризаи ҷинсӣ нест 75
Зебоии ғайри маҳсус 76
Фасоҳати Қуръон 78
Зебоии сухани Алӣ 78
Зебоии маъқул 80
Назари Афлотун 82
Назарияи парастиш 85
Шуъури зоҳир ва шуъури мағфулун ъанҳу 85
Парастиш чист? 87
Оё парастиш мунҳасир ба парастиши огоҳонаи инсон аст? 88
Ҳисси ахлоқӣ, ҷудо аз ҳисси Худошиносӣ нест 90
Тавҷеҳи саҳеҳи ахлоқ 92
Ахлоқ аз мақулаи ибодат ва парастиш аст 95
Ахлоқ фақат дар мактаби Худопарастӣ қобили тавҷеҳ аст 96

Маротиби ибодат 96
Ахлоқи исломӣ 99
Дунёи руҳи инсон 99
Таҳқир ва таҷлили нафс 100
“Нафс” дар суннат ва ҳадис 102
Каромат ва иззати нафс, меҳвари ахлоқи исломӣ 103
Калбийюн ва маломатия 104
Иштибоҳи Саъдӣ ва бархе аз мутасаввифа 105
Каромат ва иззати нафс дар суханони Имом Ҳусайн 107
Иззати нафс дар каломи Имом Содиқ ва Имом Алӣ 108
Оё инсон дорои ду нафс аст? 110
Назарияи мансуб ба Ҳайдеггер 111
Суханони дигаре аз Имом Ҳусайн дар боби каромати нафс 112
Худ ва нохуд 116
Оё “худ”-ро бояд хор кард ё мӯҳтарам шумурд? 117
Назари исломӣ 117
Ҷидоли дарунӣ 118
“Ман”-и асил ва “ман”-и туфайлӣ (худ ва нохуд) 119
Худёдоварӣ (худёбӣ) 121
Сухани Мавлавӣ 121
Бахил “худ”-ашро гум карда 122
Тамсили Мавлавӣ 123
Руҳи инсон маншаъи эҳсосҳои ахлоқӣ ва дарвозае ба сӯйи маънавият 124
Тавҷеҳи гароишҳои ғайри моддии инсон дар дунёи Урупо 125
Сайре дар назароти моддигароён 128
Сухани Сартр 129
Назарияи марксистҳо 129
Нақди ин назария 130
Худшиносӣ 133
Худшиносӣ, муқаддимаи Худошиносӣ ва ахлоқ 134
Омӯзишҳои нафси инсон дар Худошиносӣ 135
Олами табиат як ҷараёни мудовим ва як воҳиди ҳаракат аст 136
Оё “ман” иваз мешавад? 137
Достони Баҳманёр ва Ибни Сино 137
Шинохти “худ” ба унвони як ҳақиқати собит, муқаддимаи шинохти Худо 138
Вуҷуди гароишҳои маънавӣ дар инсон, ояте барои шинохти Худо 139

Таассуб нисбат ба материализм 140
Сухани Морис Метерлинк 140
Достони кӯдаки зирак ва мадраса 142
Тавба 143
Оё руҳи иҷтимоъ аст, ки гароишҳои ахлоқиро илҳом мекунад? 144
Маншаи ибрози назариёти материалистӣ 145
Сухани Сартр дар бораи “худ”-и воқеӣ 146
Робитаи озодии инсон ва вуҷуди Худо 146
Инсон он чизе аст, ки бихоҳад бошад 147
Бӯҳронҳои маънавӣ ва ахлоқӣ дар асри ҳозир 151
Арзиши назарӣ ва арзиши амалии як назария 151
Ҳақиқат будан мусовӣ бо муфид будан аст 152
Бӯҳрони маънавӣ, бузургтарин бӯҳрони асри ҳозир 153
Афзоиши худкушиҳо 153
Холӣ мондани соатҳои фароғат 154
Издиёди бемориҳои асабӣ ва ихтилолоти равонӣ 154
Исёни ҷавонон, ҳиппигарӣ 155
Камбуди авотиф 155
Масъалаи гуруснагӣ 157
Масъалаи олудагии муҳити зист 158
Тамсили Тойнбӣ 158
Афсонаи ҷодугар ва ҷинн 159
Стсиентизм, асолати илм 160
Идеология 161
Равшанфикрӣ 162
Ирфон минҳои мазҳаб 164
Бахши дуввум: таксуханрониҳо 168
Меъёри феъли ахлоқӣ 168
Феъли табиӣ ва феъли ахлоқӣ 168
Сухани Достоевский 169
Меъёри феъли ахлоқӣ чист? 170
Назари Кант 172
Назари Афлотун 174
Назари фалосифа 177
Назари Рассел 179
Боязид ва Худо 181

Достони марди идорӣ ва ҳамкораш 181
Нақди ин назария 182
Ахлоқи коммунистӣ ва мактаби ахлоқии Рассел 184
Мантиқи диалектик 185
Такомули ҷомеа 186
Мафҳуми такомул аз назари марксизм 188
Инқилоб, меъёри ахлоқ 189
Асолати фард ва асолати ҷомеа 191
Озодӣ ва мусовот 192
Нақди ин назария 193
Мактаби ахлоқии Рассел 195
Масъалаи “худӣ” дар ахлоқ 199
Чаро башар ниёз ба равиши ахлоқӣ ва тарбиятӣ дорад? 200
Ду навъ ахлоқ 200
Решаи пойбандӣ ба фазоили ахлоқӣ 201
Худошиносӣ, пояи ахлоқ 203
Анвоъи “худ” ва “худпарастӣ” 204
а) Худи шахсӣ: 204
б) Худи хонаводагӣ: 204
в) Худи миллӣ: 205
Сухани Гюстав Лебон 206
Ду гунаи мубориза бо “худӣ” 206
Худо, мабнои фазоили ахлоқӣ 207
Имом Ҳусайн ва фазоили ахлоқӣ 209

بسم‌الله‌الرحمن‌الرحیم

Бахши аввал: Баҳсҳои масҷиди Арки Теҳрон

Ахлоқ чист?

بسم الله الرّحمن الرّحيم

الحمد لله ربّ العالمين، بارئ الخلائق أجمعين، والصلوة والسلام على عبدالله ورسوله وحبيبه وصفيّه وحافظ سرّه ومبلّغ رسالاته، سيدنا ونبيّنا ومولانا أبي القاسم محمد صلى الله عليه وآله. أعوذ بالله من الشيطان الرجيم:

هُوَ الَّذِي بَعَثَ فِي الْأُمِّيِّينَ رَسُولًا مِنْهُمْ يَتْلُو عَلَيْهِمْ آيَاتِهِ وَيُزَكِّيهِمْ وَيُعَلِّمُهُمُ الْكِتَابَ وَالْحِكْمَةَ وَإِنْ كَانُوا مِنْ قَبْلُ لَفِي ضَلَالٍ مُبِينٍ

(*Ҷумъа/2*) Мавзӯи баҳс дар ин чанд шаб бо ёрии Худо “фалсафаи ахлоқ” аст.

Ахлоқ ба таври куллӣ чист? Мо чӣ гуна феъле аз афъоли инсонҳоро метавонем “ахлоқӣ” биномем? Ва феъли ғайри ахлоқӣ чист? Ва феъли зидди ахлоқӣ чист? Ва ҳамчунин дар миёни сифоти инсон, чӣ гуна сифатеро метавон ахлоқӣ номид ва чӣ гуна сифатеро зидди ахлоқӣ ва чӣ гуна сифатеро на ахлоқӣ ва на зидди ахлоқӣ? Ва дар миёни андешаҳои инсон айнан ҳамин суол ва ҳамин тақсим ҳаст: чӣ андешае ахлоқӣ аст ва чӣ андешае зидди ахлоқӣ ва чӣ андешае на ахлоқӣ аст ва на зидди ахлоқӣ; бо ин ки ибтидоан ба назар мерасад, ки феъли ахлоқӣ ё сифати ахлоқӣ ва ё андешаи ахлоқӣ, эҳтиёҷе ба таъриф надорад; ахлоқ луғате аст шойеъ дар забони ҳамаи мардум ва балки ҳамаи мардуми дунё; ба ҳар забоне луғате муъодили ин луғат ҳаст; пас ҳама ахлоқро ва қаҳран зидди ахлоқро мешиносанд, эҳтиёҷе ба таъриф надорад. Вале иттифоқан ахлоқ монанди бисёре аз чизҳои дигари шабеҳи худаш, аз он чизҳое аст, ки дар айни ин ки дар забони ҳамаи мардум доир аст ва ҳамаи мардум хаёл мекунанд, ки онро мешиносанд ва метавонанд таъриф бикунанд, аз мушкилтарини луғот аст барои таъриф кардан.

Ҳеч бовар мекунед, ки ин ҳама уламо ва файласуфон ва донишмандоне, ки дар дунё пайдо шудаанд ва ин ҳама кашфиёти илмӣ ва мӯшикофиҳои фалсафӣ, ки дар масоил шудааст ва дар бисёре аз онҳо тавофуқи назар пайдо шуда, яъне масъала ва мушкил ҳал шуда — дар риёзиёт, дар физик, дар табиӣ, дар фалсафа, дар мантиқ садҳо масъала

метавон пайдо кард, ки масоил ҳал шудааст — вале ҳамин луғати маъмулӣ ҳанӯз ҳал нашуда, ба ин маъно, ки тавофуқи назар дар бораи он вуҷуд надорад. Агар масалан мо аз Афлотун ва Суқрот бипурсем, ки феъли ахлоқӣ чист, як ҷур бароямон таъриф мекунанд ва агар аз Арасту, ки шогирди Афлотун аст бипурсем, ҷури дигар таъриф мекунад ва таърифи Афлотунро саҳеҳ намедонад. Агар аз Эпикур бипурсем, ҷури дигар таъриф мекунад, аз равоқийун бипурсем, ҷури дигар таъриф мекунанд, аз калбийун бипурсем, ҷури дигар таъриф мекунанд, аз суфастоиён бипурсем, ба наҳви дигаре таъриф мекунанд. Агар сафаре ба Ҳинд биравем ва китобҳои ҳиндуҳо ва ахлоқи ҳиндиро мутолеа бикунем, мебинем ҷури дигар таъриф мекунанд. Будо ба гунае таъриф карда, Конфутсий ба гунаи дигар таъриф кардааст. Урафои худамон ҷуре таъриф мекунанд. Дар дунёи ҷадид, ҳар файласуфе як навъ системаи ахлоқӣ пешниҳод мекунад ва ахлоқ дар мактаби ӯ бо ахлоқ дар мактабҳои дигар мутафовит аст. Масалан, ахлоқи Нитше асосан зидди аксари ахлоқҳои дигари дунёст. Ахлоқи Макиавеллӣ як ахлоқи махсус дар дунёст, ахлоқи марксистӣ як навъ ахлоқи махсус дар дунёст.

Чаро ин тавр аст?

Маншаъи тафовути бинишҳо дар ахлоқ

Ихтилофи назарҳо дар таърифи ахлоқ, ки ахлоқ чист, то андозае аз ҷаҳонбиниҳои мухталиф сарчашма мегирад, яъне биниши ҳар мактабе дар бораи ҷаҳон, як навъ системаи ахлоқӣ дар он мактаб илҳом мебахшад ва пешниҳод мекунад. Мактаби моддӣ қаҳран навъе ахлоқ пешниҳод мекунад, мактаби илоҳӣ навъи дигар ахлоқ пешниҳод мекунад. Он ки ҷаҳонро ношӣ аз як иродаи ҳакимонаи азалӣ ва инсонро нафхае илоҳӣ медонад ва он ки дар ҷаҳон ҷуз зулмату торикӣ ва тасодуф ва ҳаракатҳои кӯр-кӯрона ва бемунтаҳоӣ, бемақсадӣ ва беҳадафӣ чизи дигаре намебинад, хоҳ нохоҳ бинишашон дар ахлоқ ҳам мутафовит аст. Ва асосан баъзе аз мактабҳо дар масъалаи ахлоқ ба бунбаст мерасанд. Баъд, иншоаллоҳ баҳс мекунем, ки оё аз назари баъзе мактабҳо, ахлоқ ба ҳар наҳве бихоҳанд таъриф кунанд, маъно ва мафҳуме метавонад дошта бошад ё наметавонад ва ин худ имрӯз як масъалае аст: оё ахлоқ бо тавҳид вобастагӣ дорад ё надорад? Оё ахлоқ минҳои тавҳид, минҳои Худо дар олам метавонад вуҷуд дошта бошад ё наметавонад?

Ҳол, мо баҳси худамонро аз масоили мусаллам миёни башарият оғоз мекунем; аз масоиле, ки ҳамаи мактабҳои ахлоқӣ дар бораи он масоил тавофуқ доранд; аз мусалламот шурӯъ мекунем, баъд меравем ҷилавтар бибинем ба куҷо мерасем ва оё метавонем фалсафаи ахлоқро кашф кунем ё на? Ва он вақт системаи ахлоқии ислом

чист? Ва ин як матлаби бисёр лозим ва зарурӣ аст, ки мо мактаби ахлоқии исломии худамонро дақиқан бишносем.

Пайғамбари Акрам Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ҷумлае дорад, ки ман ин ҷумларо дар иборати маъруфе, ки ба ин иборат нақл мекунанд, дар аҳодиси шиъа надидаам; уламои аҳли тасаннун дар аҳодисашон овардаанд, вале дар аҳодиси шиъа ҳамин маъно бо андаке ихтилофи лафз вуҷуд дорад. Ҷумлаи маъруф ин аст, ки Пайғамбари Акрам фармуд:

بُعِثْتُ لِأُتَمِّمَ مَكَارِمَ الْأَخْلَاقِ

Ман мабъус ва барангехта шудаам барои ин ки ахлоқи каримонаро, ахлоқи макруматиро[1], ахлоқи макруматмаобонаро такмил кунам. Калимаи такмил ва татмим мерасонад, ки пайғамбар мехоҳад бигӯяд, на фақат ман, ки пайғамбари хотам ҳастам, рисолати макрумати ахлоқӣ дар миёни башар дорам, анбиёи гузашта ҳам ҳар кадом ба навбаи худ чунин рисолате доштаанд; онҳо ҳам барои чунин ҳадафе омадаанд, вале ман омадаам кори ниматамоми онҳоро ба поён бирасонам (хатми нубувват), барои ин ки ман дар асру замоне ва дар шароите омадаам, ки он чи ба василаи ваҳй бояд ба башар гуфта шавад, аз забони ман бояд гуфта шавад; ман мабъус шудаам барои татмим ва такмили ахлоқи макруматӣ.

Ин иборате аст, ки Ғаззолӣ ва амсоли ӯ ба сурати ҳадис нақл кардаанд. Мо дар аҳодиси шиъа гаштем, то айни иборатро бибинем; айни ин лафзро ман пайдо накардам, вале мазмуни он дар китобҳои ҳадиси мо ҳаст. Пайғамбари Акрам дар ҳадисе, ки “Васоилуш-шиъа” нақл кардааст, фармуд:

عَلَيْكُمْ بِمَكَارِمَ الْأَخْلَاقِ

Албатта, мунофот надорад, ки ба ҳар ду иборат яъне дар навбатҳои мутаъаддид пайғамбар фармуда бошад. Дар аҳодиси мо ба ин иборат аст:

عَلَيْكُمْ بِمَكَارِمَ الْأَخْلَاقِ

Бар шумо бод ахлоқи макруматӣ ва каримона,

فَإِنَّ رَبِّي بَعَثَنِي بِها

— ки парвардигори ман маро барои ин ахлоқи макруматӣ мабъус фармудааст.

---

[1] *Дар калимаи “макрумат” хеле маъно хобида. Вақте, ки навбат расид ба ин ки мо меъёрҳои ахлоқи исломиро баён кунем, роҷеъ ба ин калима, ки меҳвари бузурге дар ахлоқи исломӣ аст баҳс хоҳем кард*.

Феъли табиӣ

Ҳол, ахлоқ ба таври куллӣ — ё ба таъбири Расули Акрам, ахлоқи макруматӣ — чист ва мо аз куҷо бояд шурӯъ кунем? Гуфтем, мо аз мусалламот ва масоили мусаллам оғоз мекунем, ба масоили машкук, ки як мактаб мумкин аст онро ахлоқӣ бидонад ва мактаби дигар ахлоқӣ надонад, феълан кор надорем.

Он чи мусаллам аст ин аст, ки дар миёни корҳои инсон ағлаби корҳоро кори табиӣ ва феъли табиӣ меноманд, на ахлоқӣ; дар ин корҳо ахлоқ сидқ намекунад. Масалан, инсон аз ин маҷлис бармехезад ва ба хонааш меравад. Эҳсоси гуруснагӣ мекунад, ғизо мехӯрад. Эҳсоси хастагӣ мекунад, ба бистар меравад ва мехобад. Эҳсоси ташнагӣ мекунад, об менӯшуд. Ин афъолро афъоли табиӣ мегӯянд, яъне корҳои оддӣ; табиати инсон чунин чизеро иқтизо карда. Як кӯдак гурусна мешавад, аз гуруснагӣ эҳсоси ранҷ мекунад ва медонад, хӯрдани ғизо ҳам лаззат дорад. Барои ин ки ин ранҷро аз худаш дур кунад ва ба лаззат ноил бишавад, ғизо мехӯрад. Вақте бузургтар шуд ва ба фоидаи ғизо ҳам пай бурд, медонад, ки саломат ва ҳаёташ дар гарави ин ғизост, агар ғизо нахӯрад, саломат ва ҳаёташ дар хатар аст. Хоб ва садҳо кори дигар ҳамин тавр аст. Тамоми фаъолиятҳои маъошб, ки инсон мекунад, ки дар он фаъолиятҳо ҳадафаш фақат маъош ва зиндагии оддӣ аст, корҳои табиӣ аст. Як тоҷир дар дафтари тиҷорататаш машғули фаъолият ва доду ситад ва дар талаби суди бештар аст; ин як кори оддӣ ва табиӣ дар инсон аст ва ношӣ аз судталабӣ ва нафъҷӯии инсон, ки инсон суд ва фоидаеро барои худ бихоҳад, ё дафъи зиён аз худ. Инсон эҳсоси касолат мекунад, ба табиб муроҷеа мекунад барои дафъи зиён ва зарар, зеро беморӣ зиён аст. Ин ҳам як кори оддӣ ва табиӣ аст дар сатҳи корҳои ҳайвонот.

Дар ин ҳадд, ин корҳо на қобили ситоиш ва офаринанд, ки офарин бар фалон кас, гурусна шуд, ғизо хӯрд; офарин бар фалон кас, хаста шуд хобид; офарин бар фалон кас, дунболи пул меравад; ва на қобили накӯҳиш, нафрин ва ноофарин (мегӯянд, нафрин мухаффафи ноофарин аст), ки нафрин бар фалон кас, гурусна мешавад, ғизо мехӯрад, ташна мешавад, об менӯшад. Онҷо на ситоиш ва тақдис ва марҳабо ва боракаллоҳ аст ва на накӯҳиш; ҳеч кадом аз инҳо вуҷуд надорад; феъле аст табиӣ ва оддӣ. Ҳамин тавр, ки кори як ҳайвон на ситоиш дорад на накӯҳиш, кори табиии инсон низ модоме, ки бо он ангезаҳои табиӣ сурат мегирад ва амри дигаре замима намешавад, ситоиш ва офарин надорад ва накӯҳиш ва ноофарин ҳам надорад. Инҳоро феъли табиӣ меномем. Сифоте ҳам, ки марбут ба афъоли табиӣ бошад, сифоти табиӣ аст. Майлҳои марбут ба ин гуна корҳо дар инсон монанди майл ба ғизо хӯрдан, майл ба хобидан, майл ба об нӯшидан,

майли ҷинсӣ майли табиӣ аст ва на ситоиш дорад, на накӯҳиш, оддӣ аст, яъне дар сатҳи оддӣ аст, на болотар ва на пойинтар. Андешаҳои марбут ба ин корҳо айнан ҳамин ҷур аст, андешаҳое аст оддӣ ва табиӣ; ин андешаҳо на қобили ситоиш ва офарин аст, на қобили накӯҳиш ва ноофарин.

Аммо инсон ихтисосан чунин аст (ки дорои афъоли ахлоқӣ аст) ва ин дигар дар ғайри инсон нест ва аз ин рӯ агар инсон ин гуна таъриф бишавад: **инсон ҳайвоне аст ахлоқӣ**, ин таъриф таърифи ғалате нест, яъне феъли ахлоқӣ як феъли инсонӣ аст, ҳамон тавр, ки феъли зидди ахлоқӣ ҳам марбут ба инсон аст. Ҳайвон на метавонад феъли ахлоқӣ анҷом бидиҳад ва на метавонад феъли зидди ахлоқӣ анҷом бидиҳад. Ӯ ҳамеша дар ҳамон сатҳи оддӣ қарор гирифтааст.

Феъли ахлоқӣ

Ҳол, феъли ахлоқӣ чист? Аввалин мушаххасааш ҳамин аст, ки тақозои ситоишу сипосу офарин дорад, тақозои таъзиму табҷил дорад. Ҳар кас, ки мебинад ё мешунавад, ба ин кор ва ба он сифате, ки мабдаи ин кор аст ва ба он андешае, ки марбут ба ин кор аст, эҳтиром мегузорад; ӯро ситоишу таъзиму эҳтиром мекунанд, ба ӯ офарин мегӯянд. Мисол зикр мекунам; аввал ҳам аз достонҳои қаҳрамонони ахлоқии мазҳабӣ мисол намеоварам, чун ин ҷур чизҳо дар виҷдони инсон ва дар инсонияти инсон ҳаст ва дар ғайри афроди мазҳабӣ ҳам вуҷуд дорад.

Пётри Кабир-ро — ки дар ҳудуди 200 сол пеш императори Русия буд ва шояд муосир бо Нодир бошад ва ба Русия азамат дод — яке аз шахсиятҳои бузурги дунё мешуморанд ва ҳатто коммунистҳои феълӣ барояш эҳтиром қоил ҳастанд. Таърихи Аберт Малет (*Albert Malet*) менависад, ин мард дар синни 53-солагӣ дар асари зотуррия (*пневмония*) мурд. Дар зимистон, январ, рӯзе канори рӯдхонае истода буд. Қоиқе дошт аз он ҷо мегузашт ва чанд нафар инсон савори он қоиқ буданд. Эҳсос кард, қоиқ дар ҳоли ғарқ шудан аст, касе ҳам он ҷо набуд, фавран барои наҷоти ин қоиқ худашро ба об андохт. (Намедонам ин қоиқ наҷот пайдо кард ё на). Дар асари ҳамин кор, зотуррия шуд ва мурд. Ҳол, ин корро ҳар кас бишнавад, чӣ мегӯяд? Ин одам ду навъ кор метавонист анҷом бидиҳад: яке ин ки ҳамин тавр тамошочӣ ва бетафовут бошад, бибинад қоиқ ғарқ мешавад ё намешавад, бо худаш фикр кунад, ман худамро дар ин зимистон ва яхбандон, он ҳам дар ҳавои сарди Русия, дар об биандозам, бихоҳам ҷони дигаронро наҷот диҳам, ҷони худамро дар хатар биандозам барои наҷоти як идда инсон? Чаро ин корро бикунам? Рӯйи чӣ ҳисобе? Дигар ин ки ҷони худашро ба хатар биандозад ва инҳоро наҷот диҳад. Ин корро ҳар кас, ки мешунавад, як кори инсонӣ ва ахлоқӣ талаққӣ мекунад. Ин кор аз

сатҳи кори оддӣ болотар аст, офарин металабад. Ҳар кас, ки бибинад ё бишнавад, мегӯяд: аҳсант! Боракаллоҳ! Марде буда; ҷони худашро фидои як иддаи дигар кард. Инро кори ахлоқӣ мегӯянд.

Дар чанд сол пеш дӯсти бузургвори мо олими ҷалил, марҳум Оятӣ дар тасодуфи автомобилӣ фавт кард. Сабаби кушта шудани ин мард ин буд, ки бо автомобилаш дар хиёбон мерафт, саге аз ҷилави автомобилаш рад мешуд, дид, сагро дорад зер мегирад, барои ин ки сагро зер нагирад, автомобилро баргардонд ва баъд тасодуф кард ва мурд. Агар як нафари дигар буд, мезад ва мерафт. Ҳол, ин корро, ки инсоне розӣ намешавад ҷони як ҳайвонро ба хатар биандозад, ҳар кас мешунавад, ситоиш мекунад, мегӯяд, боракаллоҳ, офарин. Феълеро, ки офарин металабад, ахлоқӣ мегӯянд; ин кор дар як сатҳи олӣ воқеъ шудааст.

Достоне нақл мекунанд; ин достонро яке аз дӯстонамон бо ҳамон достони Пётр дар муқаддимаи китобаш навиштааст ва достони хубе аст. Мегӯяд, замоне бо як нафар материалист сӯҳбат мекардам; ин мисолҳоро бо ӯ дар миён гузоштам, гуфтам, инҳо бо чӣ мантиқи моддӣ ҷур дармеояд ва ӯ ҷавобе надошт. Навишта буд, рӯзе ҷавоне аз роҳи дур пойи пиёда омада буд дар биёбоне дар ҳоле, ки ба шиддат гурусна ва фавқулъода хаста ва кӯфта ва поҳояш маҷрӯҳ буд. Чанд нафаре канори ҷодда нишаста ва суфрае паҳн кардаанд.

Барои ин ки садди рамақе бикунад, ба инҳо мегӯяд, ман гуруснаам, хоҳиш мекунам аз ғизоятон луқмае ба ман бидиҳед. Саге ҳам он ҷо ба суфра нигоҳ мекард, ки онҳо чизе ҷилави ӯ биандозанд. Онҳо мегӯянд, мо миқдоре ғизоро гулӯла ва он тараф парт мекунем, аз ту ва ин саг ҳар кадом зудтар бардоштед, моли ӯ. Як миқдор нону гӯштро лӯла ва партоб мекунанд. Ӯ ва саг медаванд дунболи нон ва ӯ аз саг зудтар мерасад. Нонро бармедорад. Вақте бармедорад, мебинад ин саг омада истода, як нигоҳи мултамисонае ба ӯ мекунад.

Нонро ҷилави он саг меандозад ва саг мехӯрад, яъне сагро бар худаш муқаддам медорад. Ман гурусна ҳастам, ин саг ҳам гурусна аст; ман ба унвони як инсон ҳастам, ки бояд ба ин саг эсор кунам, на ин саг, ки ҳайвон аст. Инҷо масъалаи дину мазҳаб ҳам дар кор нест. Оё ҳар кас бо чунин манзарае рӯбарӯ бишавад, чӣ фикр мекунад ва чӣ мегӯяд? Оё ин корро дар мофавқи сатҳи оддӣ ва табиӣ мебинад ё на? Метавонад ин корро табиӣ талаққӣ кунад? Бо мантиқи табиӣ ҷур дарнамеояд. Мантиқи табиӣ мегӯяд, барои худат кӯшишу фаъолият кун. Дар мантиқи табиӣ марказ манам, марказ худи ман аст, худам; барои худам кор мекунам, он “ман” худам, марказ он “ман” худам аст, вале инҷо “худам” вуҷуд

надорад, ғайри худам аст: ман ғайри худамро бар худам муқаддам медорам. Ин корро чӣ мешавад номид?

Қадри мусаллам ин аст, ки коре аст қобили ситоиш, таҳсин, офарин ва марҳабо. Он одаме ҳам, ки агар худаш дар чунин шароите қарор бигирад, ин корро намекунад ва ҳиммати чунин кореро надорад, дар айни ҳол чунин инсонеро ситоиш мекунад, мегӯяд, ман, ки марди чунин коре нестам, аммо ҳар касе чунин коре бикунад, ман ба ӯ офарин мегӯям ва ӯро ситоиш мекунам.

Дар яке аз ҷангҳои исломӣ чанд нафар маҷрӯҳ аз мусалмонон рӯйи замин афтода буданд; ва медонед, ки одами маҷрӯҳ, қатъи назар аз ин ки ҳаво ҳам гарм бошад ё набошад, ба далели ин ки хун аз баданаш рафтааст, эҳсоси ташнагии бештар мекунад, чун бадан эҳтиёҷ пайдо мекунад ба ин ки фавран хун бисозад ва об мехоҳад. Як нафар ба болини ин маҷрӯҳин мерасад, эҳсос мекунад, ки инҳо хеле ташна ҳастанд, фавран зарфи обе мебарад ба яке аз инҳо бидиҳад, ӯ ишора мекунад ба як маҷрӯҳи дигар, мегӯяд, бирав ба ӯ бидеҳ. Фавран меравад сурағи ӯ. Вай ишора мекунад ба маҷрӯҳи севвум, мегӯяд, бирав ба ӯ бидеҳ. Меравад сурағи ӯ. Вақте меравад, мебинад ӯ аз ташнагӣ мурд. Бармегардад сурағи дуввумӣ, мебинад дуввумӣ ҳам мурда, бармегардад сурағи севвумӣ, мебинад севвумӣ ҳам мурдааст. Ин об ба ҳеч як аз ин се нафар нарасид; ҳар се ба таъбири Қуръон эсор карданд:

وَيُؤْثِرُونَ عَلَى أَنْفُسِهِمْ وَلَوْ كَانَ بِهِمْ خَصَاصَةٌ

(*Ҳашр/9*) Яъне дар айни камоли эҳтиёҷе, ки худ доранд, дигаронро бар худ муқаддам медоранд.

Ҳол, исми инро чӣ мегузоред? Ҳар чи мехоҳед бигузоред, ахлоқ ё чизи дигар, як амали қобили ситоиш аст, аҳаде наметавонад ин корро ситоиш накунад, бузургворӣ надонад ва ба таъбири Расули Акрам, макрумат нашиносад. Макрумат ва бузургворӣ аст.

Фалсафаи бардагӣ

Шумо мебинед, инсоне ғуломе дорад, ки ба ҳасби равобити зоҳирии иқтисодӣ, ӯ мамлук аст ва ин молик, вале рафтораш бо ин мамлук аз ҳадди рафтор бо як рафиқ хеле болотар аст ва он мамлук, мамлукияти ӯро бар ҳар озодӣ тарҷеҳ медиҳад. Бо арбобаш ду нафарӣ ба бозор мераванд, либос, ки мехаранд, бо ҳам мехаранд, вале либоси навро медиҳад ба он мамлук, ки ҷавон аст, либоси кӯҳна ва арзонтарро худаш мепӯшад, мегӯяд, ман пирамардам, ту ҷавонӣ; либоси нав ва олӣ ба ту мезебад, на ба мани пирамард. Ғизои беҳтарро ба ӯ мехӯронад. Барои ӯ бештар аз худаш осоиш металабад. Амалан фарқе миёни худаш бо ӯ қоил нест. Ӯ аз мамлукият ҳаминро эҳсос мекунад, ки дар мактаби ин

шахс тарбият мешавад. Ин мамлукият фақат як даврони мадраса аст, ки дар ин даврон, ӯ камол меёбад.

Асосан фалсафаи бардагӣ дар ислом ҳамин аст, на баҳракашии иқтисодӣ. Бардагӣ яъне як тадриси иҷборӣ, як тарбияти хоҳ нохоҳ. Исми ин амал чист, ки Алӣ ибни Абӯтолиб бо Қанбараш ба бозор меравад, ду пероҳан мехарад, навро ба ӯ медиҳад, кӯҳнаро худаш интихоб мекунад?

Заҳрои Марзия бо Физза, ходимааш, тавре рафтор мекунад, ки ин зан то охири умр, ки озод зист мекунад, даврони пурифтихораш ҳамон даврони чандсолае аст, ки дар хидмати Заҳро будааст. Заҳро ӯро дар хона, хоҳари худаш қарор медиҳад, корҳоро бо ӯ тақсим мекунад: як рӯз ман кор мекунам, ту истироҳат кун, як рӯз ту кор кун, ман истироҳат мекунам. Чӣ касе ҷилавашро гирифта буд, ки ҳар рӯз ӯ кор бикунад ва худаш осоиш дошта бошад? Вале ӯ онро намеписандад. Он чи ӯ меписандад ин аст: ман инсонам, ту ҳам инсонӣ. Ман ҳаргиз ҳозир нестам, ки ту кор кунӣ, заҳмат бикашӣ ва ман дар осоиш бошам, ранҷ аз ту, осоиш аз ман, ранҷ агар ҳаст, мутасовӣ (баробар) миёни мо тақсим мешавад, осоиш ҳам агар ҳаст, ба таври мутасовӣ миёни мо тақсим мешавад.

Ин амалро чӣ мешавад номид? Ҳар чи биномед, амале аст қобили ситоиш, офаринталаб ва бузургворона. Оё бо мантиқи судҷӯӣ ва манфиатталабии башар ҷур дармеояд? На, бо ин мантиқҳо ҷур дарнамеояд. Ҳатто ҳанӯз башар натавониста мантиқи ин гуна корҳоро кашф бикунад ба тавре, ки фарангиҳо — албатта ҳарфашон ғалат аст – гуфтаанд, корҳои ахлоқӣ ғайри мантиқӣ аст, яъне башар анҷом медиҳад, вале бо мантиқ ҳам ҷур дарнамеояд; кори ахлоқӣ бо мантиқ ҷур дарнамеояд. Мантиқ ҳамон нафъталабиро иқтизо мекунад. Инҳо корҳое аст ғайри мантиқӣ, ё агар хеле барояш эҳтиром қоил бошанд, мегӯянд, корҳои фавқи мантиқ аст. Ин ҳамон таъбири мӯҳтарамонае аст аз ин ки “бо мантиқ ҷур дарнамеояд”. На, бо мантиқ ҷур дармеояд, вале бо мантиқи бартар ва олитар ҷур дармеояд, на ин ки бо мантиқ ҷур дарнамеояд.

Мо мешунавем, ки марде нисбат ба инсонҳои дигар онҷунон аст, ки мегӯяд, бар ман гуворо нест, ки ман шикамам сер бошад ва — на дар ҳамсоягӣ, балки дар дуртарин нуқот — дар Ҳиҷоз ё Ямома, шиками гуруснае бошад. Ҳоло, ки дар он сарзаминҳо шиками гуруснае аст, ки ман наметавонам онро сер кунам, ман инҷо шиками худамро сер намекунам. Аслан бар ман гуворо нест, дард аст, барои ман ранҷ аст, ки дар як гӯшаи дунё шикамам сер бошад ва дар гӯшаи дигари дунё шиками гуруснае вуҷуд дошта бошад.

هَيْهاتَ أَنْ يَغْلِبَني هَوايَ وَيَقودَني جَشَعي اِلى تَخَيُّرِ الْأَطْعِمَةِ وَلَعَلَّ بِالْحِجازِ أَوِ الْيَمامَةِ مَنْ لا طَمَعَ لَهُ فِي الْقُرْصِ وَلا عَهْدَ لَهُ بِالشِّبَعِ! أَوْ أَبيتَ مِبْطانا وَحَوْلي بُطونٌ غَرْثى وَأَكْبادٌ حَرّى، أَوْ أَكونَ كَما قالَ الْقائِلُ:

وَحَسْبُكَ داءً أَنْ تَبيتَ بِبِطْنَةٍ

وَحَوْلَكَ أَكْبادٌ تَحِنُّ اِلَى الْقِدِّ

(*“Наҳҷул-балоға”, номаи 45*) Дар Кӯфа нишаста, ба ӯ гузориш мерасад, ки намоянда ва волии ту дар Басра, дар маҷлиси меҳмонии яке аз ҷавонон ва пулдорони аҳли Басра ширкат кардааст.

Оё дар он маҷлиси меҳмонӣ луқмаи ҳаром аз моли ҳаром будааст? На.

Шаробе бар сари суфра будааст? На.

Қиморе кардаанд? На.

Лаҳву лаъибе будааст? На.

Рақсу овозе буда? На.

Пас, гуноҳи он маҷлис чӣ будааст? Маҷлисе буда, ки ихтисосан аъёну ашроф ширкат доштаанд ва аз фуқаро ва гуруснагон касе дар он маҷлис набудааст. Вақте, ки гузориш мерасад, ӯ дар Кӯфа оташ мегирад. Номае менависад, ки ин нома аз ифтихороти башарият аст, на аз ифтихороти мо, мусалмонон. Аз ифтихороти башарият аст, ки башар ин қадр олӣ, роқӣ ва латиф сухан гуфта бошад ва эҳсосоти роқии инсоният ин қадр авҷ гирифта бошад!

يَا ابْنَ حُنَيْفٍ! فَقَدْ بَلَغَني أَنَّ رَجُلاً مِنْ فِتْيَةِ أَهْلِ الْبَصْرَةِ دَعاكَ اِلى مَأْدُبَةٍ فَأَسْرَعْتَ إِلَيْها تُسْتَطابُ لَكَ الْأَلْوانُ وَتُنْقَلُ اِلَيْكَ الْجِفانُ، وَما ظَنَنْتُ أَنَّكَ تُجيبُ اِلى طَعامِ قَوْمٍ عائِلُهُمْ مَجْفُوٌّ وَغَنِيُّهُمْ مَدْعُوٌّ

(*“Наҳҷул-балоға”, номаи 45*) Писари Ҳунайф![2] Гузорише ба ман расид, яке аз ҷавонони аҳли Басра суфрае ташкил додааст ва аз ту ҳам даъват кардааст ва ту низ дар онҷо ширкат кардаӣ, аммо суфрае, ки:

عائِلُهُمْ مَجْفُوٌّ وَغَنِيُّهُمْ مَدْعُوٌّ

([3]) Дар бораи ту бовар намекардам, ки даъватеро бар суфрае бипазирӣ, ки фуқаро пушти дару деворҳо шикамашон гурусна монда ва ағниё будаанд, ки даъват шуда буданд. Ту

---

[2] *Ибни Ҳунайф марди бузургворе буд. Ӯ агар алъон мебуд, одилтарини одамон дар замони мо буд.*

[3] *Чӣ гуноҳе муртакиб шудааст?! Агар чизи дигаре мебуд, Алӣ мегуфт. Агар сари суфраи ҳароме ширкат карда буд, як он ӯро сари кори худаш боқӣ намегузошт.*

ҳам омадӣ сари чунин суфраи ашрофи ҳозир шудӣ. Ин ҷост, ки дарди дилаш боз мешавад. Мегӯяд ва мегӯяд, қисмате аз он ҳамонҳое аст, ки барои шумо хондам, баъд мефармояд:

أَأَقْنَعُ مِنْ نَفْسي بِأَنْ يُقالَ: هذا أَميرُ الْمُؤْمِنينَ وَلا أُشارِكُهُمْ في مَكارِهِ الدَّهْرِ

(*Ҳамон манбаъ*) Оё ман ба ному унвон қаноат кунам? Ба олитарини унвонҳо, ки рӯйи ман гузоштаанд — амирулмӯъминин, фармондеҳи кулли ҳамаи мӯъминони олам, халифаи кулл дар кулл — ва ба унвон қаноат кунам? Унвонам амирулмӯъминин бошад, вале бо мӯъминин дар сахтиҳо ҳамдард набошам? Шарики дарди мӯъминин набошам ва амирулмӯъминин бошам? Ин чӣ амирулмӯъминине шуд, ки аз унвони “амирулмӯъминин” дорад истифода мекунад, аммо дар дардҳо бо мӯъминин шарик нест?!

Ҳол, ман мепурсам: оё чунин чизе, ки дар дунё вуҷуд доштааст ва вуҷуд дорад — ҳол дар ин ҳадд на, як дараҷа пойинтар — ин ҳамдардӣ, ҳамдил будан ва ҳамдард будан бо дардмандони олам чӣ гуна коре аст?

Инро мешавад феъли табиӣ номид? Он майлро мешавад майли табиӣ ва он андешаро мешавад андешаи табиӣ номид? Ё коре аст дар як сатҳи болотар, ҳамаи инсонҳо ҳатто инсонҳое, ки дар умрашон як бор ҳам чунин коре накардаанд, виҷдонашон ситоиш мекунад, мегӯянд, мо ин гуна нестем ва ҳиммати чунин кореро надорем, аммо ба он касе, ки чунин мекунад, офарин ва аҳсант мегӯем.

Ҳар чи авҷаш болотар бошад, ин офарин ва таҳсин ва ситоиш бештар аст; баъд ба ҷойе мерасад, ки тамоми башарият ӯро ситоиш мекунанд.

إِنَّ الَّذِينَ آمَنُوا وَعَمِلُوا الصَّالِحَاتِ سَيَجْعَلُ لَهُمُ الرَّحْمَنُ وُدًّا

(*Марям/96*) Қуръон мегӯяд, онҳо, ки аҳли имон ва кори шоистаанд, Худованд муҳаббати онҳоро дар дили мардум қарор медиҳад. Худо кораш бидуни ҳикмат нест; подоше, ки бихоҳад барои коре бидиҳад, ба дили мардум кор надорад, балки инҳо касоне ҳастанд, ки бисёр нек ва олианд; дилҳоро ҳам Худо бо фитрате сохта, ки наметавонанд дар муқобили фазилатҳо ва некиҳо ва покиҳои онҳо хозеъ набошанд, эҳтиром нагузоранд ва дӯст надошта бошанд.

Иброҳими Халил он вақте, ки Каъбаро бино кард ва барои аввалин бор Ҳоҷар ва фарзанди кучакаш Исмоилро дар онҷо гузошт, дуояш ин аст:

رَبَّنَا إِنِّي أَسْكَنْتُ مِنْ ذُرِّيَّتِي بِوَادٍ غَيْرِ ذِي زَرْعٍ عِنْدَ بَيْتِكَ الْمُحَرَّمِ رَبَّنَا لِيُقِيمُوا الصَّلَاةَ فَاجْعَلْ أَفْئِدَةً مِنَ النَّاسِ تَهْوِي إِلَيْهِمْ

(*Иброҳим/37*) Худоё! Дилҳоро ба гунае қарор бидеҳ, ки муҳаббати инҳо дар он дилҳо қарор бигирад. Имом ҳам фармуд:

نَحْنُ دَعْوَةُ ابراهيم

Моем дуоҳои мустаҷобшудаи Иброҳим. Иброҳим мехост дилҳо конуни тавҳид ва конуни инсоният бошад. Ҳатто онҳое, ки инсонияташон коҳиш ва каср ёфта ва ноқис аст, наметавонанд инсони мутаолӣ ва инсони комил ва инсони ахлоқиро ситоиш ва таъзиму такрим накунанд, ҳатто душманонашон. Инсон гоҳе ба худаш яъне бар виҷдони худаш таҳмил мекунад, фазоили душманро махфӣ мекунад, аммо виҷдон ва ташхис ва ақлаш, ки ҷойе нарафта; мураттаб махфӣ мекунад, баъд мешунавем ё мебинем, ки якдафъа виҷдони ҳамин душмани қасиюлқалби палид аз пушти ин ҳама пардаҳои нифоқ буруз мекунад ва ҳақиқат ба забонаш ҷорӣ мешавад.

Эътирофи Муовия дар бораи Алӣ

Ҷаноби Удай ибни Ҳотам — писари Ҳотами Тоии маъруф — дар охирҳои ҳаёти Расули Акрам мусалмон шуд, ки достони исломаш ҳам достони ҷолибе аст ва дар китоби “Достони ростон” овардаем. Аз касоне аст, ки ба Алӣ алайҳис салом пайваст ва аз он шиъаёни бисёр холис ва мухлиси мавло Алӣ алайҳис салом аст ва дар ҷангҳо дар рикоби оқо буд. Дар ҷанги Сиффин се писараш — Турайф ва Турфа ва Ториф — дар рикоби мавло шаҳид шуданд. Баъд, ки амирулмӯъминин аз дунё рафтанд ва шаҳид шуданд, ӯ солҳо зинда буд.

Як вақте иттифоқ афтод, ки ӯ бо Муовия мулоқот кард. Муовия, ки аз он найрангбозҳои аҷиби дунё ва мунофиқ ва касиф ва палид ва душмани дараҷаи аввали мавлост, хост бо як ҳарфе бибинад метавонад Удайро нороҳат кунад, як табаррии (безории) ҳарчанд зоҳирӣ аз Удай нисбат ба Алӣ бигирад. Бо худаш фикр кард, як падари писаркушта, ки доғи се писар дида билохира ҳар чи бошад, аз ин ки баччаҳояш аз даст рафтаанд, нороҳат аст. Лобуд бо худаш фикр мекунад, ки эй кош мо ҳамроҳи Алӣ нарафта будем, ба Алӣ напайваста будем ва се писари инчунин дар роҳи Алӣ аз даст надода будем!

Ин нуқтае буд, ки Муовия ҳисс кард дар руҳи ӯ вуҷуд дорад, аз ҳамин ҷо балки битавонад ӯро ба тарафи худаш биёварад. Гуфт:

يا عدي! أين الطُرُفات

Писаронат Турайф ва Турфа ва Ториф куҷо ҳастанд?

Гуфт: дар рикоби Алӣ ибни Абӯтолиб дар Сиффин, ки бо ту меҷангиданд шаҳид шуданд.
Гуфт: Удай! Алӣ дар бораи ту инсоф надод, беинсофӣ кард, баччаҳои худаш Ҳасан ва Ҳусайнро солим нигаҳ дошт, баччаҳои туро ба куштан дод, баччаҳои туро ҷилав фиристод ва баччаҳои худашро ақиб нигаҳ дошт.
Гуфт: хайр, баръакс аст, ман дар бораи Алӣ инсоф надодам. Ин инсоф нест, ки Алӣ имрӯз дар зери хокҳо бошад ва Удай рӯйи замин зинда роҳ биравад. Муовия вақте дид, матлаб болотар аз ин ҳарфҳост, якмартиба гуфт: Удай! Алиро ончунон, ки дидӣ ва шинохтӣ, барои ман тавсиф кун.
Удай гуфт: маро муъоф кун.
Гуфт: на, ин ҳарфҳо гузашт, ман мехоҳам ҳақиқатро аз ту бишнавам, мехоҳам Алиро ончунон, ки дида ва шинохтай, тавсиф кунӣ.
Удай шурӯъ кард ба тавсифи Алӣ кардан, симои ахлоқӣ ва руҳии Алиро баён кардан, ки муошарата бо дӯстон чӣ тавр буд, ибодаташ чӣ гуна буд, тақвояш чӣ тавр буд, эсораш чӣ гуна буд, гуфт ва гуфт то ба ибодати Алӣ расид. Гуфт: Муовия! Ман худам дар шабҳои тор Алиро дар меҳроби ибодат дидам, ки ашк мерехт ва қатароти ашк бар маҳосини муборакаш ҷорӣ буд ва монанди моргазида ба худаш мепечид. Вақте ба инҷо расид, Удай нигоҳ кард, дид, Муовия дорад гиря мекунад ва ашкҳояш мерезад. Баъд бо остинаш ашкҳояшро пок кард. Гуфт: ба Худо, дигар дунё ақим аст, ки мисли Алӣ ибни Абӯтолиб бизояд, яке буд ва ӯ ҳам рафт.
Ин чист? Ин ситоиши душмантарини душманони дунёст аз як мард. Ин кор дар чӣ сатҳе қарор гирифта? Аз кори оддии ҳамаи инсонҳо ва аз ҳар чи кори ҳайвонот аст, болотар.
Инро кори инсонӣ, кори ахлоқӣ, феъли ахлоқӣ ва сифати ахлоқӣ мегӯянд. Кори Алиро кори ахлоқӣ мегӯянд, тамоюлот ва эҳсосоти Алиро тамоюлот ва эҳсосоти ахлоқӣ мегӯянд ва андешаи Алиро андешаи ахлоқӣ мегӯянд. Оё башар метавонад инҳоро нафӣ кунад?
Достоне аст аз достонҳои Алӣ алайҳис салом, ки шояд мукаррар шунидаед ва ман дар “Достони ростон” онро нақл кардаам. Яке аз дӯстонамон барои худи ман нақл кард, гуфт, ман китоби “Достони ростон”-ро ба як одам чапӣ ва коммунист додам; вақте ба ман пасдод, гуфт, ҳақиқаташ ин аст, ки он достон охир як ашке аз мо гирифт. Инро як одами материалист мегӯяд. Достоне аст, ки дар он каму зиёд нашудааст.
Алӣ алайҳис салом ҳамеша худаш дар кӯча ва хиёбон роҳ меравад, ба маъмурин сад дар сад эътимод намекунад, худаш ҳам аҳёнан меояд мустақим мебинад.
Манзараҳое ҷилави чашмаш меояд, гоҳе аз як манзара нороҳат мешавад, ки чаро ин гуна аст? Рӯзе занеро мебинад, ки мушки обе ба дӯш кашида. Бо худ гуфт, як зан ба чӣ

муносибат машки об ба дӯш кашида? Ҷараён бояд ғайри оддӣ бошад. Ба фалон шурта намегӯяд бирав таъқиб кун, бибин қазия чист, балки худаш фавран пеш меравад, вале мехоҳад, ҳақиқати қазияро бифаҳмад. Намеояд дар ҳоле, ки ӯ зери бори сангин аст, аз ӯ истинтоқ ва бозпурсӣ кунад. Аввал пеш меояд, ба ӯ салом мекунад:

Хонум! Иҷоза медиҳед, ман ба шумо кӯмак кунам ва ин машки обро ман ба манзил бирасонам? Мегӯяд бисёр хуб. Халифа аст, машки обро ба дӯш мегирад ва мебарад, вале касе аз дили ӯ бохабар нест. (Ҳоло агар касе мисли мо ин корро бикунад, мураттаб худамонро ситоиш мекунем; ӯ баръакс аст.) Меравад, то он зан ба хонааш мерасад. Хонаи занро ёд мегирад. Машкро ба замин мегузорад. Баъд, бо камоли адаб мепурсад: эй зан! Маълум аст, ки ту марде надорӣ, агар марде медоштӣ, ки лобуд худат ин корро намекардӣ.

Бале, шавҳарам фалон кас дар рикоби Алӣ ибни Абӯтолиб дар Сиффин кушта шуд. Баъд аз ӯ манам ва чанд ятим, ночорам кори берун ва дохил ҳар дуро худам анҷом бидиҳам ва касе ҳам ба мо расидагӣ намекунад.

Навиштаанд, Алӣ бармегардад ва ба хона меравад. Вале шаб хобаш намебарад. То субҳ аз ин паҳлӯ ба он паҳлӯ мехобад мисли одаме, ки таби 41 дараҷа дошта бошад.

Мунтазир аст, ки субҳ шавад. Субҳ, ки мешавад — боз ҳам на фардеро маъмурият бидиҳад, фақат шахси худаш — занбилро бармедорад, пулу гӯшту хурмо ва орд дар он қарор медиҳад ва ба аҷала худашро ба дари ҳамон хона мерасонад. Дар мезанад. Зан мегӯяд, кист? Мегӯяд, ман ҳамон мусалмони дирӯзӣ ҳастам, барои ин баччаятимҳо ҳадияе овардаам, агар иҷоза медиҳед, дохил шавам.

Ин зан вақте эҳсос кард, як марди ғариба ба ӯ расидагӣ мекунад ва Алӣ, ки масъул будааст, бояд зудтар расидагӣ мекард гуфт: Худо доди дили моро аз Алӣ бигирад, чаро Алӣ ба мо расидагӣ намекунад? Алӣ алайҳис салом ҳеч ба рӯйи худаш наовард. Эҳсос мекунад, баччаҳо гуруснаанд. Ба аҷала ва шитоб гӯштҳоеро кабоб мекунад ва ба онҳо мехӯроанд, хурмо ба онҳо медиҳад. Фавран ба зан мегӯяд: эй зан! Ё ту баччаҳоро нигаҳ дор, ман хамир бикунам ва нон бипазам ё ман баччаҳоро нигаҳ медорам ва ту ин корро бикун. Мегӯяд, ман барои кор нон пухтан беҳтар ҳастам, ту баччаҳоро нигаҳ дор. Фармуд, ман танӯрро равшан мекунам. Худаш танӯрро равшан кард. Баъд шурӯъ мекунад ба сер кардани баччаҳо ва бозӣ кардан бо онҳо ва мураттаб мегӯяд: баччаҳо! Алиро бибахшед, аз гуноҳони Алӣ бигузаред, Алӣ дар бораи шумо кӯтоҳӣ кардааст. Он зани бечора ҳам намедонад, ки ӯ кист. Дар ҳоле, ки Алӣ алайҳис салом танӯрро равшан мекунад, зани ҳамсоя меояд аз девор сар мекашад. Мебинад, марде ҳам онҷост;

мешиносад. Мегӯяд, эй зан! Ин кист, ки ту овардаӣ? Мегӯяд, одами хубе аст, дирӯз дар кӯча моро дид, машки обро ба манзил расонд, имрӯз ҳам бароямон пулу ғизо овардааст. Гуфт: оё медонӣ ин кист, ки ту ба хидмат гирифтаӣ? Ин Алӣ ибни Абӯтолиб, халифа аст. Ин зан маъзарат хоҳӣ мекунад. Фармуд, ман бояд аз ту маъзарат бихоҳам, на ин ки ту аз ман маъзарат бихоҳӣ.

Феъли ахлоқӣ ва инсонӣ яъне ин, яъне коре, ки аз ҳадди корҳои табиии инсон болотар аст.

Наҳзати Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом наҳзате аст ахлоқӣ ва инсонӣ, яъне барои наҷот додани инсонҳо (мо мегӯем барои ислом; ислом барои чист? Барои наҷот додани инсонҳо). Аз ин ҷиҳат аст, ки муқаддас ва мутаъолӣ ва дар ҳадди аъло қобили ситоиш аст.

Марде, ки дар байни роҳ вақте бо душман бархӯрд мекунад ва эҳсос мекунад душманаш ташна аст, фавран мегӯяд, машкҳоро боз кунед, аспҳои инҳоро об бидиҳед, мардонашонро ҳам об бидиҳед; ва тамоми корҳое, ки дар онҷо дошт, аз ин қабил буд.

Ҳаракат додани аҳли байт ба сӯйи Кӯфа

Шаби 12-ум Муҳаррам ва шаби дуввуми азодории аҳли байт аст. Дуввумин шабе аст, ки инҳо азодоранд. Тибқи ривоятҳои “Мақотил” дар мисли имшабе инҳо ба суръат дар дасти он ҷаллодҳо, ки инҳоро савори шутурҳои бе ҷиҳоз кардаанд, дар ҳаракатанд ва инҳоро ба тарафи Кӯфа меронанд; на мулоҳизаи хоби инҳоро мекунанд, на мулоҳизаи хӯрок ва на мулоҳизаи осоиши инҳо, барои ин ки инҳоро сари мавқеъ ба Кӯфа бирасонанд, ки онҷо барнома танзим шуда ва қаблан шаҳрро ба ифтихори пирӯзии халифаи мусалмонон бар як душмани хоричӣ, ки хуруҷ кардааст, зинат кардаанд ва барнома барояш танзим кардаанд. Аз як тараф, шаб сарҳоро ҷудогона фиристодаанд; ҳоло дигар инҳо ҳеч фикре надоранд ҷуз ин ки асиронро сари мавъиди муайян бирасонанд. Худо медонад бар аҳли байти пайғамбар чӣ гузашт!

Асри Ошӯро, ки ғоила поён ёфт ва Имом Ҳусайн шаҳид шуданд, писари Саъд чанд кор кард. Аввалин кораш ин буд; дилам намехоҳад аслан исми ин кори зишту палиди инҳоро бибарам; он коре, ки он лаъини азалу абад гуфта буд, агарчӣ ман медонам барои як шахс баъд аз мурдан ранҷе нест, вале ман қасам хӯрдаам бояд анҷом диҳам. Дигар ин ки дастур дошт, хаймаҳои ҳусайниро оташ бизанад. Албатта ибтидо рехтанд дар хаймаҳо ғорат карданд.

Кори дигаре, ки барои худашон хеле лозим мешумурданд, дафн кардани куштаҳои худашон буд. Куштаҳояшон зиёд буд. Ин буд, ки асри Ошӯро ва шаб ва фардоро то зуҳри

он рӯз — яъне то зуҳри мисли имрӯз, ки рӯзи ёздаҳум буд — монданд ва ҷасадҳо ва куштаҳои худашонро дафн карданд, вале аҳсоди мутаҳҳари шуҳадоро ба ҳамон ҳол гузоштанд ва чӣ беҳтар, ки гузоштанд ва дасти палиди онҳо тамос нагирифт. Ҳамин ки аз корҳо фориғ шуд, дастур дод, сарҳои муқаддасро буриданд ва гурӯҳи дигаре бурданд. Ҳамчунин дастур дод, ки аҳли байтро савори шутурҳо бикунанд. Омаданд, ки онҳоро савор кунанд. Зайнаб — Саломуллоҳи алайҳо! — ки қофиласолор буд, чун инҳо иддае зану бачча буданд, фармон дод, ки касе ҳақ надорад ҷилав биёяд. Агар биност мо савор бишавем, худамон савор мешавем, мардҳо номаҳраманд, бираванд. Вақте, ки корвон хост роҳ биафтад, таъбире Сайид ибни Товус дар “Луҳуф” овардааст:

وَقُلْنَ

— намегӯяд, Зайнаб ё Сакинахотун танҳо фармуд,

قُلْنَ

— яъне занон гуфтанд; мисли ин ки ба сурати як тақозои ҳамагонӣ буда –

وَقُلْنَ بِحَقِّ اللهِ إِلاّ ما مَرَرْتُمْ بِنا عَلى مَصْرَعِ الْحُسَينِ

Гуфтанд, шуморо ба Худо қасам, ҳоло, ки моро ба Кӯфа мебаред, хоҳиши мо ин аст, ки моро аз қатлгоҳ бибаред, барои ин ки мехоҳем бо азизони худамон охирин дидорро анҷом бидиҳем.

Онҳо ин тақозоро пазируфтанд. Вақте, ки инҳоро оварданд аз канори шуҳадо убур бидиҳанд, чашми инҳо, ки ба ин баданҳои мутаҳҳар афтод, фарёдашон баланд шуд ва ҳама худашонро аз рӯйи маркабҳо ба рӯйи замин андохтанд ҷуз Зайнулобидин — Саломуллоҳи алайҳи! — ки бемор буд ва поҳои муқаддасашро баста буданд. Ҳар кас азизеро дар бағал гирифт, ҳар касе канори азизе аз азизони худаш қарор гирифт. Зайнаб, ки ҳафт бародар ва як писар дар Карбало дода фақат як азиз ва маҳбуб дорад. Ҳол, дар миёни он шамшери шикастаҳо, сангҳо ва кулӯххо Худо медонад чӣ ҳоле дорад! (Шоир гӯяд):

Гуле гум кардаам, мечӯям ӯро,

Ба ҳар гул мерасам, мебӯям ӯро.

Рафт ва рафт, то бадани Ҳусайнро пайдо кард ва худашро рӯйи ин бадан андохт…

Ин ҷост, ки нақл кардаанд, Зайнаб шурӯъ кард ба навҳасаройӣ; як навҳасаройӣ кард, ки дӯсту душман гиристанд, ҳатто ҳамон ҷаллодҳои маъмур ҳам гиристанд. Садояшро баланд кард:

بِأَبِي الْمَهْمومُ حَتّى قَضى

بِأَبِي الْعَطْشانُ حَتّى مَضى

لا حول ولا قوة الاّ بالله العلي العظيم وصلّى الله على محمد وآله الطاهرين باسمك العظيم الأعظم الأعز الأجلّ الأكرم يا الله

Худоё! Дилҳои моро ба нури имон мунаввар бигардон!

Моро бо ҳақоиқи ислом ошно бифармо!

Моро пайрави воқеии таъолими олияи исломӣ қарор бидеҳ!

Моро аз ахлоқи макруматӣ ва макорими ахлоқ баҳраманд бигардон!

Ниятҳои моро холис бигардон!

Амвоти мо ғариқи раҳмати худат бифармо!

Худоё! Моро қадрдони ислом ва Қуръон қарор бидеҳ!

Қадрдони пайғамбар ва Ол қарор бидеҳ!

Ҳоҷоти машрӯъаи моро баровар!

وعجّل في فرج مولانا صاحب الزمان

Феъли табиӣ ва феъли ахлоқӣ

خُذِ الْعَفْوَ وَأْمُرْ بِالْعُرْفِ وَأَعْرِضْ عَنِ الْجَاهِلِينَ

(*Аъроф/199*) Қаблан арз кардем, ки порае аз афъоли инсонӣ “ахлоқӣ” номида мешавад дар муқобили афъоли оддӣ ва табиӣ. Ин суол пеш меояд, ки ахлоқ ва маънии ахлоқӣ будани як феъл чист? Чӣ гуна аст, ки як кори инсон ахлоқӣ номида мешавад? Ва арз кардем, ки агарчӣ ибтидо ба назар мерасад, ки ин суол, суоли хеле соддае аст ва ҷавоби осоне дорад, вале вақте, ки амиқан вориди ин матлаб мешавем, мебинем ҷавоби ин суол, ки рози ахлоқӣ будан чист, ба ин соддагиҳо нест, балки аз мушкилтарин масоили фикрӣ ва печидатарин масоили фалсафии башар аст ва аз чанд ҳазор сол пеш то имрӯз ҳанӯз фалосифаи ҷаҳон тавофуқи назаре рӯйи он пайдо накардаанд.

Мо ба ҷойи ин ки аввал милокҳои ахлоқӣ буданро дар мактабҳои ахлоқӣ баён бикунем ва масалан бигӯем Афлотун дар бораи милоки ахлоқӣ будан чӣ гуфтааст, Арасту чӣ гуфтааст, Эпикур чӣ гуфтааст, Ғаззолӣ чӣ гуфтааст, дар дунёи ҷадид фалосифаи Урупо ҳар кадом чӣ гуфтаанд, ба ҷойи инҳо, аввал мавориди соддаи бисёр равшанашро зикр мекунем, баъд ба тафсир мепардозем, зеро қабл аз он ки мавориди феъли ахлоқӣ равшан бишавад, тафсир кардан чандон савоб (дуруст) нест.

Қаблан аз мавориди мусаллами феъли ахлоқӣ мисолҳое аз эсор яъне ғайрро бар худ муқаддам доштан, заҳмати худ ва осоиши дигаронро талабидан, дар қолаби таърихчаҳое аз хориҷ ва дохили дунёи ислом ва мисолҳое ҳам аз як мавриди дигари ахлоқиёт яъне ҳамдардӣ бо дардмандон зикр кардем.

Акнун боз мехоҳем ба мисолҳои дигаре дар ин маврид бипардозем. Ҳама барои ин аст, ки мехоҳем мавзӯъ комилан равшан бишавад. Ва қабл аз зикри мисолҳо, барои ин ки шумо ба аҳаммияти ин мавзӯъ пай бибаред, лозим аст матлаберо арз кунам.

Арзиши кори ахлоқӣ

Корҳое, ки мо ба онҳо кори ахлоқӣ мегӯем, мебинем фарқашон бо кори оддӣ ин аст, ки қобили ситоиш ва офарин ва таҳсинанд. Ба иборати дигар, башар барои ин гуна корҳо арзиш қоил аст. Тафовути кори ахлоқӣ бо кори табиӣ дар ин аст, ки кори ахлоқӣ дар виҷдони ҳар башаре дорои арзиш аст, яъне як кори арзишманд ва гаронбаҳост ва башар барои худи ин кор қимат қоил аст; он қимат ҳам, ки барояш қоил аст, на аз навъи қимат ва арзише аст, ки барои кори як коргар қоил аст, ки арзиши моддӣ ба истилоҳ эҷод мекунад ва истеҳқоқи маблағе пул ё коло дар муқобили кори худаш пайдо мекунад,

балки як навъ арзиши мофавқи ин арзишҳост, ки бо пул ва колои моддӣ қобили тақвим нест.

Он сарбозе, ки ҷони худашро фидои дигарон мекунад, кораш кори боарзише аст, вале арзиши он аз навъи арзишҳои моддӣ нест, ки масалан бигӯем, фалон коргар кораш соате 25 тумон арзиш дорад, меъмор 80 тумон, муҳандис 150 тумон, он дигаре 500 тумон ва хеле боло бошад масалан мегӯянд, фалон кас омад чоҳи нафтро хомӯш кард ва барои ҳар соат кораш 5 ҳазор тумон арзиш қоил буданд; билохира қобили тақвим ба арзишҳои моддӣ аст.

Корҳои ахлоқӣ дар зеҳну виҷдони башар дорои арзиш ва қимат аст, гаронбаҳост, вале навъи арзишаш бо арзишҳои моддӣ — миқёсро ҳар андоза боло бигиред — мутафовит аст. Он як арзиши дигаре аст; арзише аст мофавқи арзишҳои моддӣ. Қазоёе, ки аз Алӣ алайҳис салом нақл кардем, қобили ин нест, ки бигӯем, ин кори Алиро ҳисоб бикунед, бибинед, чанд миллион тумон ё чанд миллиард доллар қимат дорад. Ин бо тумон ва доллар қобили тақвим нест. Албатта арзиш ва қимат дорад, вале навъи арзишаш асосан бо ин арзишҳо мутафовит аст.

Баъд аз он ки собит шуд, ки дар миёни корҳои инсон як силсила корҳое ҳаст дорои арзиш ва қимат, он ҳам навъе арзиш, ки бо арзишҳои моддӣ мутафовит аст, қаҳран ин суол пеш меояд, ки тавҷеҳи ин арзишҳо чӣ гуна аст? Яъне бо чӣ фалсафае, бо чӣ мактабе метавонем ин арзишҳо ва қиматҳоро барои корҳои ахлоқии башар тавҷеҳ бикунем? Ба иборати дигар, кадом мактаб метавонад арзиши ахлоқии кори башарро тафсиру тавҷеҳ ва таъйид кунад? Оё ҳама мактабҳо қодиранд ин гуна корҳоро тавҷеҳ кунанд? Худи мактаб қодир аст? Ҳамаи мактабҳо қодир нестанд. Акнун намехоҳам ин матлабро баст бидиҳам. Инро арз кардам барои ин ки аз ҳоло зеҳни шумо омода бошад барои ин матлаб, ки арзишҳои ахлоқиро кадом мактаб аз мактабҳо метавонад тавҷеҳ кунад ва кадом мактаб қодир ба тавҷеҳ нест.

Мактабҳое, ки қодир ба тавҷеҳ нестанд, баъзе сароҳат доранд, ба рӯйи худашон меоваранд, хиҷолат ҳам намекашанд, инкор мекунанд ва мегӯянд: аслан ахлоқ ҳарфи муфт аст, кори ахлоқӣ анҷом додан аз соддадилӣ аст, одами оқил дунболи кори ахлоқӣ намеравад, дунболи хушӣ ва лаззат меравад, ҷуз суду лаззат ҳеч чизи дигаре дар олам мантиқӣ нест. Боз ин хуб аст, билохира мегӯяд, ман мактабе дорам, ки натиҷааш ҳамин аст. Вале порае аз мактабҳо, ҷаҳонбиниашон, фалсафа ва асоси фикрашон ҳамин натиҷаро медиҳад яъне ба ҳамин ҷо мерасад, аммо ба рӯйи худашон намеоваранд, балки баръакс мегӯянд: мо ҳам ба арзишҳои ахлоқӣ қоил ҳастем ва барои инсоният арзиш

қоилем. Вале бо кадом мактаб?! Инҳо бо он асосе, ки ту чидӣ, ҷур дарнамеояд. Ба ҳар ҳол, мо баъдан рӯйи ин матлаб баҳс мекунем.

Ҳол, мепардозем ба мисолҳои дигар барои ахлоқӣ будани баъзе аз корҳо.

Афву гузашт

Ин худаш як масъалае аст. Ҳадиси пайғамбар аст:

ثَلاثٌ مِن مَكارِمِ الأخلاقِ: تَصِلُ مَن قَطَعَكَ وتُعطِي مَن حَرَمَكَ وتَعفُو عَمَّن ظَلَمَكَ

(*“Се чиз аз ахлоқи бузургворона аст: ба он ки бо ту қатъи робита кардааст бипайвандӣ ва ба он ки туро маҳрум доштааст бибахшӣ ва касеро, ки ба ту зулм кардааст афв намоӣ.” (“Туҳафул-уқул”, с.8)*)

Як касе дар бораи шумо муртакиби хато ё ҷинояте мешавад. Албатта дар инҷо бахше аз амал марбут ба шахси шумост ва бахши дигар марбут ба ҷомеа. Мисли ин ки қотиле меояд инсонеро мекушад. Ин амал, ҳам ҷанбаи ҷиноӣ дорад ва ҳам ҷанбаи иҷтимоӣ. Сухан дар он ҷост, ки он амал ба ҷомеа иртибот надорад ва ҳаққе дар ҷомеа тавлид намешавад. Як касе ба шумо тӯҳмате зада, дурӯғе баста, аз шумо ғайбате карда ва аз ин навъ корҳо, ё аз ҳамон корҳо, вале на аз ҷанбаи иҷтимоияш, балки аз ҷанбаи шахсӣ ва фардиаш; шумо афву гузашт мекунед. Ӯ тақозои бахшиш мекунад, шумо ҳам мебахшед, мегузаред. Ин амал низ як амали ахлоқӣ талаққӣ мешавад мофавқи амали оддӣ ва як навъ амали қаҳрамонона.

Ҳақшиносӣ ва вафо

Дигаре ба инсон эҳсон ва некӣ карда. Аксуламали инсон дар муқобили ӯ ду ҷур метавонад бошад: яке ин ки баъд, ки фаҳмид ба истилоҳ хараш аз пул гузашта, аслан эътино намекунад, фаромӯш мекунад ва коре ба кори ӯ надорад. Ва дигар ин ки дар муқобили ӯ то охири умр ҳақшиносӣ мекунад, некии ӯро фаромӯш намекунад, ташаккур мекунад ва вафо ба харҷ медиҳад; баъд аз бист сол ҳам агар як вақте пеш биёяд, ки он шахс эҳтиёҷе дошта бошад, фавран ба ҳукми:

هَلْ جَزَاءُ الْإِحْسَانِ إِلَّا الْإِحْسَانُ

(*“Оё ҷазои некӣ ғайр аз некӣ аст?” (Арраҳмон/60)*) — ки худи ҳамин як асли ахлоқии фитрӣ аст, ки Қуръон зикр кардааст — дар мақоми подош ва эҳсони ӯ бармеояд.

Ин амал як амали ахлоқӣ аст.

Тараҳҳум ба ҳайвонот

Ҳатто ҳайвоноте, ки аз як назар палиданд, он палидӣ мунофот надорад бо тараҳҳум ба онҳо. Масалан, саг ба далели микробе, ки дар луоби даҳонаш ё дар ҳамаи баданаш ҳаст,

мегӯем палид аст, яъне бо ӯ монанди шайъе, ки дорои як микроби хатарнок аст рафтор мекунем.

Ин мунофот надорад бо ин ки дар айни ҳол ин ҳайвон қобили тараҳҳум бошад ва ҳаст. Инсон ҳайвони гурусна ё ташнае мебинад. Як нафар мумкин аст бетафовут бошад, як нафари дигар ӯро тимор мекунад. Дар ҳадис аст, ки марде дар биёбон мегузашт. Сагеро дид, ки аз шиддати ташнагӣ забонашро ба хокҳои намнок мемолад. Дар онҷо чоҳи обе буд. Хуффи худашро — яъне кафши худашро — ба дастор ё шолӣ баст, фиристод дохили чоҳ ва аз он об кашид ва баъд зоҳиран бо дасти худаш ба ин ҳайвон об дод ва ӯро сероб кард ва аз марг наҷот дод. Ваҳй расид ба пайғамбари замонаш, ки Худо кори ин инсонро шукр кард, яъне қадри ин корро донист (яъне ин кор назди Худо қадр дорад):

شَكَرَ اللهُ لَهُ وَأَدْخَلَهُ الْجَنَّةَ

Худо қадри кори ин шахсро шинохт, яъне амалан шинохт, ба ин маънӣ, ки ба ӯ подош дод, ӯро ба биҳишт бурд. Ҳамин ҳадис аст, ки Саъдӣ дар “Бӯстон” оварда:

Яке дар биёбон саге ташна ёфт,

Бурун аз рамақ дар ҳаёташ наёфт.

Саъдӣ мегӯяд: “Кулаҳ далв кард”, вале ҳадис мегӯяд, кафши худашро далв кард.

Кулаҳ далв кард он писандидакеш,

Чу ҳабл андар он баст дастори хеш.

Ба хидмат миён басту бозу кушод,

Саги нотавонро даме об дод.

Хабар дод пайғамбар аз ҳоли мард,

Ки Довар гуноҳон аз ӯ афв кард.

Рамзи матлаб дар куҷост, ки ин кор назди Худо ва халқи Худо арзиш дорад?

Сухани Сарийи Сақатӣ

Мегӯянд, яке аз урафо ба номи *Сарийи Сақатӣ* мегуфт: ман 30 сол аст, ки истиғфор мекунам ба хотири як Алҳамду лиллоҳ, ки гуфтаам, ба хотири як шукре, ки Худоро кардаам:

إِنِّي أَسْتَغْفِرُ اللهَ مُنْذُ ثَلاثِينَ سَنَةً لِقَوْلِي اَلْحَمْدُ لِلّٰهِ

Гуфтанд: чӣ тавр? Гуфт: ман дар Бағдод дӯкондор будам.[4] Як вақт хабар расид, ки фалон бозори Бағдодро ҳариқе пайдо шуд ва сӯхт. Дӯкони ман ҳам дар он бозор буд. Ба суръат

[4] *Ин достонро ҳам Саъдӣ ба шеър даровардааст.*

рафтам бибинам, дӯкони ман сӯхта ё на. Як касе ба ман гуфт: оташ ба дӯкони ту сироят накарда. Гуфтам: Алҳамду лиллоҳ. Баъд, бо худам фикр кардам, ки оё танҳо ту дар дунё будӣ? Билохира оташ чаҳорто дӯконро сӯхта. Дӯкони туро насӯхта яъне дӯкони дигареро сӯхта. Алҳамду лиллоҳ маънояш ин аст, ки Алҳамду лиллоҳ оташ дӯкони маро насӯхт, дӯкони ӯро сӯхт. Пас ман розӣ шудам ба ин ки дӯкони ӯ сӯхта бишавад ва дӯкони ман сӯхта нашавад. Баъд ба худам гуфтам:

أَوَ لا تَهْتَمُّ لِلْمُسْلِمينَ؟ سريّ!

Сарий! Ту ғуссаи мусалмонон дар дилат нест? (Ишора аст ба ҳадиси пайғамбар:

مَنْ أَصْبَحَ لا يَهْتَمُّ بِأُمورِ الْمُسْلِمينَ فَلَيْسَ بِمُسْلِمٍ

"*Ҳар кас, ки субҳ кунад ва ҳимматаш хидмат ба мусалмонон набошад, ӯ мусалмон нест*.") Ва ман 30 сол аст, ки дорам истиғфори он Алҳамду лиллоҳро мекунам. Ин чист?

Дуои "Макорими ахлоқ"

Саҳифаи Саҷҷодия дуоҳои бисёр мӯътабаре аст — ҳам аз назари санад ва ҳам аз назари мазмун — аз Зайнулобидин Алӣ ибни Ҳусайн — Саломуллоҳи алайҳи! — ки уламои шиъа аз садри ислом ба ин китоб таваҷҷӯҳ кардаанд ва баъд аз Қуръон танҳо маҷмӯае аст, ки аз охирҳои қарни аввал ва аввалҳои қарни дуввуми ҳиҷрӣ ба сурати як китоб дар даст будааст. "Наҳҷул-балоға" ҳам китоб аст, вале "Наҳҷул-балоға" хутбаҳо ва номаҳо ва калимоти қисори Алӣ алайҳис салом аст, ки дар миёни мардум мутафарриқ буд, Сайиди Разӣ дар қарни чаҳорум инҳоро ҷамъ кард ва ба сурати як китоб даровард. "Усули кофӣ" дар қарни чаҳорум ба сурати як китоб ҷамъоварӣ шуда ва китобҳои дигаре қабл аз "Усули кофӣ" будааст; китобҳое мисли "Мусҳафи Фотима" ва "Китоби Алӣ" — ки гоҳе имомон аз он исм мебурданд — алъон дар дасти мо нест.

Бинобар ин, баъд аз Қуръон қадимтарин китоби шиъӣ, ки аз аввал ба сурати китоб ба вуҷуд омада ва алъон дар дасти мост, Саҳифаи Саҷҷодия аст, ки ҷаноби Зайд ибни Алӣ ибни Ҳусайн вақте, ки дар ҷанг бо умавиён шаҳид шуд, ҳамин китоб ҳамроҳаш буд ва онро ба касе супурд ва аз он ду нусха буда, ки дар ибтидои саҳифа инро навиштаанд. Саҳифаи Саҷҷодия дуоҳои зиёде дорад. Ҳоло ман намехоҳам дар бораи арзиши Саҳифа сӯҳбат бикунам, ки аз баҳси худам дур бишавад. Яке аз дуоҳои Саҳифаи Саҷҷодия дуое аст ба номи "Дуои Макорими ахлоқ" яъне дуои ахлоқи макрумтӣ.

Қаблан ин ҳадисро хондам, ки Пайғамбари Акрам — ба таъбире, ки аҳли тасаннун ривоят кардаанд — фармуд:

بُعِثْتُ لِأُتَمِّمَ مَكَارِمَ الْأَخْلَاقِ

— ва ба таъбире, ки шиъа ривоят кардаанд фармуд:

عَلَيْكُمْ بِمَكَارِمَ الْأَخْلَاقِ، فَإِنَّ رَبِّي بَعَثَنِي بِها

— ва гуфтем, шояд ҳар ду таъбир дар ду навбат аз забони Пайғамбари Акрам содир шуда бошад, вале мазмун ба ҳар ҳол яке аст.

Исми ин дуо дуои макорими ахлоқ аст, шояд ба ин иллат, ки як ҷумла аз он ин аст:

وَهَبْ لي مَعالِيَ الأَخْلاقِ

(“*Ба ман ахлоқи баландмартибаро ато кун!*”) Агар мо дар ин шабҳо фурсат пайдо бикунем, қисматҳое аз ин дуои шарифро барои шумо бихонем, бисёр муносиб аст, зеро барои муаррифии мактаби ахлоқии ислом яке аз беҳтарин намунаҳо дуои макорими ахлоқ аст. Ва аз ҷумлаи орзуҳое, ки ман солҳост дорам ин аст, ки як вақте тавфиқ пайдо бикунам ин дуоро ба форсӣ тарҷима ва махсусан шарҳ бикунам, фалсафаҳо ва нукотеро, ки дар ин дуои шариф ҳаст ташреҳ кунам ва дар ихтиёри форсизабонони худамон қарор бидиҳам. Ин ҷузъи орзуҳои ман аст. Умедворам Худои Мутаъол ин тавфиқро ба ман иноят кунад ва худи вуҷуди муқаддаси Алӣ ибни Ҳусайн — Саломуллоҳи алайҳи! — аз Худои Мутаъол бихоҳад, ки ин тавфиқ барои ман пайдо бишавад. Ҳоло ман қисмате аз ин дуоро мехонам барои ҳамин намунаҳо.

Ҳар кас, ки ин мазмунҳоро бишнавад ва инсонеро, ки орзуяш ин ҷур шудан аст — ва албатта ӯ ин ҷур ҳаст ва дорад ба ҳама ёд медиҳад, ки инсони ислом бояд ин ҷур бошад — дар назар бигирад, бо худ мегӯяд: чӣ гуна аст, ки ин корҳо ин қадр арзиш ва қимат пайдо мекунад?

Ин дуо ҳар қисматаш бо салавот шурӯъ мешавад. Ҳазрат як салавот бар пайғамбар ва оли пайғамбар мефиристад, баъд чанд ҷумла дуо мекунад, думартиба салавот мефиристад. Ва ҳол қисмате аз ин дуо, ба Худои худ арз мекунад:

اللّهُمَّ صَلِّ عَلى مُحَمَّدٍ وَآلِهِ وَسَدِّدْني لِأَنْ أُعارِضَ مَنْ غَشَّني بِالنُّصْحِ

Парвардигоро! Дуруд бифирист бар паёмбар ва оли паёмбар ва ба ман тавфиқ бидеҳ, ки бо он касоне, ки бо ман дағалӣ мекунанд (ба зоҳир дӯстӣ мекунанд, вале дар ботин мехоҳанд ба ман бадӣ кунанд), бо хайрхоҳӣ муъориза кунам.

وَأَجْزِيَ مَنْ هَجَرَني بِالْبِرِّ

Он касоне, ки маро тарк ва раҳо кардаанд; дӯстоне, ки дигар ба суроғи ман намеоянд, ҷазои онҳоро кафи дасташон бигузорам. Чӣ гуна? Дар муқобили ин ки онҳо маро тарк карданд ва тарки эҳсон карданд, ман нисбат ба онҳо бирру эҳсон бикунам.

وَأُثيبَ مَنْ حَرَمَني بِالْبَذْلِ

Подош бидиҳам он ки маро маҳрум кардааст ба ин ки ба ӯ бибахшам.

وَأُكافِئَ مَنْ قَطَعَني بِالصِّلَةِ

Ва мукофот бидиҳам ҳар кас бо ман қатъи робита мекунад (арҳом ва дӯстоне, ки қатъи силаи раҳм ё қатъи силаи маваддат мекунанд) ба ин ки робитаро барқарор кунам. Онҳо мебуранд, ман пайванд кунам. Мукофоти ман ин бошад, ки онҳо ин робитаро мебуранд, ман дар муқобил васл кунам; онҳо фасл мекунанд, ман васл кунам.

وَأُخالِفَ مَنِ اغْتابَني اِلى حُسْنِ الذِّكْرِ

Мухолифат кунам бо он касоне, ки аз ман ғайбат мекунанд, пушти сари ман аз ман бадгӯӣ мекунанд ва мухолифатам бо ғайбаткунҳои худам ин бошад, ки пушти сари онҳо ҳамеша некии ононро бигӯям.

وَأَنْ أَشْكُرَ الْحَسَنَةَ وَأُغْضِيَ عَنِ السَّيِّئَةِ

Некиҳои мардумро сипосгузор бошам ва аз бадиҳои онҳо чашм бипӯшам.

Ин чӣ орзуе аст барои инсон? Ҳоло аъамм аз ин ки мо худамон аҳли ин орзуҳо бошем ё набошем, аҳли ин амалҳо бошем ё набошем, оё инҳо як умури қобили ситоиш дар ҳадди аъло ҳаст ё на? Оё ин умур арзиш дорад ё арзиш надорад? Гаронбаҳост ё гаронбаҳо нест? Арзишаш чӣ навъ арзише аст? Оё инсоне, ки ин гуна аст, дар назари мо як қаҳрамон ҳаст ё нест? Қаҳрамон аст. Ин қаҳрамонӣ яъне чӣ? Рози ин қаҳрамонӣ дар куҷост? Ин аст маънии суоле, ки пай дар пай тарҳ мекунем, то баъд ҷавобашро бидиҳем:

Рози ахлоқӣ будани ин корҳо, ин фикрҳо, ин ниятҳо, ин майлҳо, ин иродаҳо дар куҷост?

Сухани Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ

Таъбире дорад Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ, ки шояд аз худаш таъриф карда. Ба ҳар ҳол ӯ марди орифи ворастаае буда. Мегӯяд: “*Бадиро бадӣ кардан сагсорӣ аст*”. Як касе ба одам бадӣ мекунад. Инсон дар муқобили бадии ӯ бадӣ мекунад. Ин, саграфторӣ аст, чун агар саги саги дигареро газ бигирад, ӯ ҳам газаш мегирад. “*Ва некиро некӣ кардан харкорӣ аст*”. Як касе ба одам некӣ мекунад. Инсон дар муқобили некии ӯ некӣ мекунад. Ин ҳам кори муҳимме нест. Намедонам дидаед ё надидаед; ҳар кас мисли ман деҳотӣ

бошад дида: як улоғ вақте, ки шонаи як улоғи дигарро мехоронад, ӯ ҳам фавран шонаи ӯро мехоронад. Агар дид, ӯ шонаи ӯро мехоронад, ки аз ин хорондан хушаш меояд, фавран шонаи рафиқашро мехоронад. “*Бадиро некӣ кардан кори Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ аст*”. Ҳоло як чаҳорумӣ ҳам дорад: ва некиро бадӣ кардан, кори мо мардуми эронӣ аст! Шеъре аст дар девони мансуб ба амирулмӯъминин, мефармояд:

وَذي سَفَهٍ يُواجِهُني بِجَهْلٍ

وَأَكْرَهُ أَنْ أَكونَ لَهُ مُجيبا

“Сафеҳ” на маънояш девона аст, балки яъне касе, ки рушди фикрӣ надорад. Дар ин шеър агар ба ҷойи сафеҳ касе бошад, ки рушди фикрӣ ва ҳадаф дошта бошад, кори ӯ ҷанбаи иҷтимоӣ пайдо мекунад ва дигар ҷойи гузашт нест.

وَإِذا خاطَبَهُمُ اَلْجاهِلُونَ قالُوا سَلاماً

(“*Ва ҳар гоҳ, ки мардуми нодон ба онҳо хитоб кунанд, бо саломати нафс ва забони хуш ҷавоб диҳанд.” (Фурқон/63)*) Амирулмӯъминин чунин сухане мехоҳад бифармояд.

وَذي سَفَهٍ يُواجِهُني بِجَهْلٍ

Басо ҳаст одамҳое, ки рушди фикрӣ надоранд бо рӯйи ҷаҳолат ва нодонии худашон бо ман рӯбарӯ мешаванд, аз ман бадгӯӣ мекунанд, ба ман фуҳш медиҳанд.

وَأَكْرَهُ أَنْ أَكونَ لَهُ مُجيبا

Ва ман кароҳат дорам аз ин ки посухи онҳоро бидиҳам.

يَزيدُ سَفاهَةً وَأَزيدُ حِلْما

كَعودٍ زادَ فِي الْأَحْراقِ طيبا

Хеле иттифоқ меафтад, ки ӯ бар сафоҳат ва ҷаҳолат ва бадгӯии худаш меафзояд, ман бар ҳилми худам меафзоям. Масали ман масали он ъуде аст, ки дар оташ меандозанд; ҳар чи оташ бештар месӯзад, бештар бӯйи хушаш зоҳир мешавад.

Ғараз ин ки ҳилм низ як арзиши ахлоқӣ аст. Ин шеър дар “Мутаввал” аст:

وَلَقَدْ أَمُرُّ عَلَى اللَّئيمِ يَسُبُّني

فَمَضَيْتُ ثَمَّةَ قُلْتُ لا يَعْنيني

Ман бар баъзе ашхоси пасти нокас убур мекунам (мурур мекунам), ӯ фуҳш медиҳад, мегӯям, мақсуди ӯ ман набудам.

Бозорӣ ва Молики Аштар

Достони Молики Аштарро ҳама шунидаед. Ӯ, ки марде қавиандом ва қавиҳайкал буд, аз бозори Кӯфа мегузашт. Як баччаи бозорӣ онҷо нишаста буд. Ӯро намешинохт. Навиштаанд, як бундуқае — ки намедонам чӣ буда, масалан ошғоле — ро бардошт, парт кард ба сару сурати Молик. Молик эътиное накард ва рад шуд. Баъд аз ин ки рад шуд, шахсе ба он бозорӣ гуфт: оё шинохтӣ ин касе, ки ин ҷур ба ӯ иҳонат кардӣ, масхарааш кардӣ, ки буд? Гуфт: кӣ буд? Гуфт: Молики Аштар, амирулҷунд ва сипаҳсолори Алӣ ибни Абӯтолиб.

Баданаш ба ларза афтод. Гуфт: қабл аз ин ки дар бораи ман тасмиме бигирад, биравам аз ӯ маъзарат бихоҳам. Таъқибаш кард, дид, рафт дохили масҷид ва шурӯъ кард ба намоз хондан. Ду ракъат намоз хонд. Сабр кард, то намозашро салом дод. Баъд салом кард. (Ин бозорӣ) афтод ба илтимос, ки ман ҳамон одами беадаби бетарбияте ҳастам, ки ба шумо ҷасорат кардам, намешинохтам ва аз ин ҳарфҳо. Молик гуфт: ба Худо қасам, аслан ман намехостам ба масҷид биёям, ҷойи дигар мерафтам. Ба Худо қасам, ман ба масҷид наомадам ҷуз барои ин ки ду ракъат намоз бихонам ва баъд дар бораи ту дуо бикунам, ки Худо аз гуноҳи ту бигузарад ва туро ҳидоят кунад.

Ин кор исмаш чист? Як арзиши ахлоқии бисёр олӣ. Дар бораи имомони атҳор, мо аз ин ҷур қиссаҳо, ҳикоёт ва достонҳо ило мошоаллоҳ дорем.

Марди шомӣ ва Имом Ҳусайн

Достоне аст, ки ҳам ба Имом Ҳасан нисбат додаанд ва ҳам ба Имом Ҳусайн ва ин ривояте, ки нақл мекунам, дар бораи Имом Ҳусайн алайҳис салом аст. Марде ба номи Исом ибни Алмусталақ, аҳли Шом, омад дар масҷиди Мадина. Мардеро дид, бо ҳайбат ва ҷалол[5], назарашро ҷалб кард, гуфт: ин кист онҷо нишаста? Маълум мешавад шахсияте аст. Як касе гуфт:

[5] *Ин ки мегӯям, бо ҳайбат ва ҷалол, на ъалалқоида мегӯям, балки таърих ин ҷур мегӯяд. Дар замони Муовия шахсе мехост ба Шом биёяд. Муовия, ки мехост ба ӯ бигӯяд, агар дар Мадина Ҳусайн ибни Алиро дидӣ, бо ӯ чӣ ҷур бархӯрд дошта бош, гуфт: агар рафтӣ дар масҷиди пайғамбар, дидӣ марде дар ниҳояти ҷалолат ва уббуҳат нишаста ва ба фалон шакл ҳам нишаста, афроде даври ӯро гирифтаанд ва чунон ҳайбаташ онҳоро гирифтааст, ки маҳсусу мӯҳраз аст ва ин аломат ва ин аломат, ӯ Ҳусайн ибни Алӣ аст.*

Ҳусайн ибни Алӣ ибни Абӯтолиб[6]. То шунид Ҳусайн писари Алӣ, гуфт: қурбатан илаллоҳ биравам чандто фуҳши обдор ба ӯ бигӯям. Омад ва рӯбарӯи ҳазрат истод ва бо камоли вақоҳат то метавонист ҳазрати Амир ва худ ҳазратро сабб кард ва фуҳш дод, ки: исломро шумо хароб кардед, шумо мардуме ҳастед мунофиқ ва аз ин ҳарфҳо. Имом нигоҳе ба ӯ кард. Дар чеҳрааш хонд, ки ӯ як марди иғфолшуда аст. Ҳамин ки ҳарфҳояш тамом шуд, фармуд:

أَمِنْ أَهْلِ الشّامِ أَنْتَ

Оё ту аҳли шоми? Гуфт: бале. Як ҷумла бештар нагуфт:

شِنْشِنَةٌ أَعْرِفُها مِنْ أَخْزَمٍ

(*Мунтаҳал-омол, ҷ.1, с.209*) (Масал аст.) Медонам, шомиҳо ин ҷур ҳастанд, бинобар ин шумо дар шаҳри мо ғариб ҳастӣ, меҳмони мо ҳастӣ, биё биравем манзил меҳмони мо бош, туро пазироӣ мекунем, агар озуқаат кам бошад, озуқа ба ту медиҳем ва… Худи ин мард мегӯяд, якмартиба ҳолате ба ман даст дод, дӯст доштам замин шикофта бишавад ба замин фурӯ биравам.

يَزيدُ سَفاهَةً وَأَزيدُ حِلْما

كَعودٍ زادَ فِي الأَحْراقِ طيبا

Фарозе дигар аз дуои “Макорими ахлоқ”

Он қисматҳое, ки аз Саҳифаи Саҷҷодия хондам, боз мебинем арзишҳои ахлоқии бисёр олӣ аст. Қисмати дигаре аз Саҳифаи Саҷҷодияро ҳам барои шумо бихонам.

Баъд аз он қисмат, думартиба дуруд мефиристад бар пайғамбар ва оли пайғамбар ва ба Худои Мутаъол арз мекунад:

---

[6] *Акнун 30 сол аст, ки Муовия дар Шом алайҳи Алӣ алайҳис салом таблиғ карда ва чӣ таблиғҳои дурӯғе! Яъне ба унвони бузургтарин душмани ислом, ки асосан мардуми Шом ба Алӣ ба сурати як одаме, ки бӯйе аз ислом набурдааст нигоҳ мекарданд.*

Як вақте як шомӣ бо як кӯфӣ дар як қаҳвахонаи байни роҳ — ба истилоҳи имрӯз — сари як масъалаи намоз мубоҳиса мекарданд. Кӯфӣ хост бигӯяд, ки ҳарфи ман дуруст аст, гуфт: охир ман Алиро дидам ин ҷур намоз мехонд. Шомӣ гуфт: магар Алӣ намоз ҳам мехонд?! Ин бечораҳо, ин шомиҳо то ин ҳадд иғфол ва гумроҳшуда буданд.

وَحَلِّني بِحِلْيَةِ الصّالِحينَ وَأَلْبِسْني زينَةَ الْمُتَّقينَ

Парвардигоро! Маро музайян кун ва зинат бахш ба зевари солеҳон ва бипӯшон либоси перҳезгорон.

Худи ин ҷумлаҳо тавзеҳ намедиҳад, ки зевари солеҳон чист ва чӣ чизҳо барои солеҳон зевар аст, чӣ чизҳо барои муттақиён ҷомае зебост. Солеҳон ва муттақиёне, ки мо мешиносем, бо он ки Имом Саҷҷод дар инҷо тавзеҳ медиҳад, хеле фарқ мекунад.

حَلِّني بِحِلْيَةِ الصّالِحينَ وَأَلْبِسْنى زينَةَ الْمُتَّقينَ في بَسْطِ الْعَدْلِ وَكَظْمِ الْغَيْظِ وَإِطْفاءِ النّائِرَةِ وَضَمِّ أَهْلِ الْفُرْقَةِ وَاِصْلاحِ ذاتِ الْبَيْنِ وَإِفْشاءِ الْعارِفَةِ وَسَتْرِ الْعائِبَةِ وَلينِ الْعَريكَةِ وَخَفْضِ الْجَناحِ

Худоё! Маро музайян кун ба зинати солеҳон, маро бипӯшон ба либоси зебои перҳезгорон ва муттақиён. Баъд барои ин ки мардум бифаҳманд, ки ӯ зинати солеҳон ва ҷомаи муттақиёнро чӣ мешиносад, мефармояд:

في بَسْطِ الْعَدْلِ

Дар густариш додан ба адолат. Зинати солеҳон ва ҷомаи зебои муттақиён ин аст, ки адолатро густариш медиҳанд.

وَكَظْمِ الْغَيْظِ

Вақте, ки хашм мегирам, битавонам бар хашми худ ғолиб бишавам ва хашмм худро казм кунам. “Казм” яъне чӣ? Ғайзе, ки инсон пайдо мекунад, дуруст ҳолати уқдаеро дорад, ки дар инсон пайдо мешавад. Ҳалл кардани ин уқдаро “казм” гӯянд, мисли ғуддаи саратон, ки вақте онро зери барқ мегузоранд, об мешавад. Аз назари руҳӣ, казми ғайз ин аст, ки инсон коре бикунад, ки на танҳо асаре бар ғайзи худаш мутараттиб накунад, балки он уқда, он кина, ки дар қалбаш вуҷуд дорад, ҳалл бишавад ва мисли яхе, ки об мешавад, об бишавад. Зинати муттақиён ва ҳиляи солеҳон ин аст, ки битавонанд хашмро дар худашон ҳалл кунанд.

وَإِطْفاءِ النّائِرَةِ

Ҳар ҷо, ки оташе шӯълавар аст (маълум аст, ки мақсуд он ҷойе аст, ки миёни ду мӯъмин ҷанг ва низоъе, ихтилофе, шӯълаи фитнае ҳаст) ҳол оё дар он ҷо мисли ағлаби мо мардум, ҳезумкашӣ бикунам, ки он оташ шӯълавартар бишавад?! На, ҳар ҷо, ки шӯълаи низоъ миёни бародарони мӯъмин фурӯзон аст, ман бишавам оташнишони он шӯъла.

وَاِصْلاحِ ذاتِ الْبَيْنِ

Миёни мӯъминон ва мусалмонон ислоҳ барқарор кунам.

وَإِفْشاءِ الْعارِفَةِ

Хубиҳои мардумро фош кунам.

وَسَتْرِ الْعائِبَةِ

Баръакс бадиҳои мардумро, айбҳои мардумро рӯпӯшӣ кунам[7].

Инсон бояд дар ин ҳадд бошад, ки барои ин ки мардумро бештар хушном кунад ва ҳусни занни мусалмононро нисбат ба якдигар зиёд намояд, хубиҳои мардумро инҷо ва онҷо бозгӯ кунад ва рӯйи бадиҳои мардум — ҳатто бадиҳои воқеии мардум — ро бипӯшонад, зиштиҳоро ошкор накунад. Ин худаш як вазифаи исломӣ аст: ошкор кардани некиҳо ва пӯшондани бадиҳои мардум. Вақте, ки инсон як миқдор некӣ дорад, баъд бибинад мардум ӯро бо некиҳояш мешиносанд, ҳамин худаш омиле аст барои ин ки бадиҳоро дар вуҷуди худаш кам кунад. Ва баръакс, агар инсон як силсила некиҳо дошта бошад ва як силсила бадиҳо ва баъд бибинад мардум ӯро фақат ба ин бадиҳо мешиносанд, он шахсият нек ва некиаш шикаст мехӯрад, яъне ба тадриҷ табдил ба одами бад мешавад.

Наҳйи шадиди Қуръон аз ишоъаи зиштиҳои мӯъминин

Ин аст, ки Қуръон фавқулъода шадид наҳй мекунад аз ин ки фаҳшо (ва ба таъбири Қуръон: фоҳиша) яъне зиштиҳои мусалмонон — ҳатто зиштиҳои воқеиашон — пахш бишавад:

إِنَّ الَّذِينَ يُحِبُّونَ أَنْ تَشِيعَ الْفَاحِشَةُ فِي الَّذِينَ آمَنُوا لَهُمْ عَذَابٌ أَلِيمٌ

(*Нур/19*) Бино бар яке аз ду тафсире, ки дар бораи ин оят ҳаст: “*Касоне, ки дӯст доранд зиштиҳо дар бораи мусалмонон ва мӯъминон ишоъа пайдо кунад…*” Худо накунад, ки як вақт иттилоъ пайдо кунад, ки лағзише дар фалон шахс пайдо шудааст. Тоза, ман ростҳоро мегӯям, дурӯғ, ки дигар вовайлост! Ҳадис аст, ки агар касе ба бародари мӯъминаш тӯҳмат бизанад, имон дар руҳи ӯ об мешавад ончунон, ки намак дар об ҳал мешавад. Имон барои шахс боқӣ наемонад. Агар рост бошад, ин ба он мегӯяд, он ба дигаре мегӯяд (ва ба тадриҷ шуюъ пайдо мекунад.) Агар дурӯғ бошад, ки Худо медонад, ҳамон аст, ки Қуръон ҳаргиз намехоҳад. Чаро ғайбат кардан ҳаром аст? Барои ин ки бадбинӣ эҷод мекунад, дар ҳоле, ки ғайбат кардан ҳамон ифшои бадиҳост, яъне бадиҳои воқеиро бозгӯ кардан.

---

[7] *Ҳамаи инҳо дар масоили ахлоқӣ аст; шомили масоили иҷтимоӣ, ки дар онҳо ҳаққи умум пайдо мешавад нест, чун дар он маворид дастурҳои дигаре аст, ки дар ҳамин дуои “Макорими ахлоқ” ҳам он дастурҳо ҳаст.*

Ғайбат дар мавориде ҷоиз аст

Ҳурмати ғайбат дар ғайри мавориди истисноӣ — ки ҳамаи ин маворид ҷанбаи иҷтимоӣ доранд — мебошад, мисли он ҷо, ки “нусҳи масташир” аст: як нафар мехоҳад бо як касе ширкате таъсис кунад, меояд бо шумо, ки аз аҳволи он шахс иттилоъ доред, машварат мекунад, ки оқо! Ин одам, ки ту муддате бо ӯ будаӣ, чӣ ҷур одаме аст? Ман мехоҳам бо ӯ ширкате таъсис кунам, ё мехоҳам духтарамро ба ӯ бидиҳам, ё мехоҳам духтарашро барои писари худам бигирам ва амсоли инҳо. Инҷо пойи машварат дар миён аст ва бар шумо ҷоиз ва балки лозим аст, ки бигӯед, чун пойи машварат дар миён аст, ман ҳақиқатро мегӯям: ин одам ин ҷур ва ин ҷур аст. Ё дар мавриде, ки худатон мазлуми як шахс ҳастед, яъне ӯ ҳаққи шуморо поймол карда. Дар ин ҷо шумо ё бояд даҳон бибандед ва нагӯед ҳаққам поймол шуда ва ҳаққатон поймол шавад ва ё агар бихоҳед бигӯед, ғайбат кардаед. Ин ғайбат ҷоиз аст:

لَا يُحِبُّ اللَّهُ الْجَهْرَ بِالسُّوءِ مِنَ الْقَوْلِ إِلَّا مَنْ ظُلِمَ

(*“Худованд дӯст намедорад, ки касе ба айби мардум садо баланд кунад магар ин ки ситаме ба ӯ расида бошад…” (Нисоъ/148)*)

Махсусан ман инҳоро мегӯям барои ин ки аз ифроту тафритҳо барҳазар бошем. Ва айби мо ҷомеаи мусалмонон (айбе, ки таърих ҳикоят мекунад) ин аст, ки мо — махсусан мо эрониҳо — ё аз он тараф меафтем ё аз ин тараф, ҳадди васат намеистем: ё мардуме ҳастем, ки доиман ғайбат мекунем ва ё мерасем ба ҳадде, ки ғайбат кардани Ҳаққоҷро ҳам ҷоиз намедонем.

Сухани нодурусти Ибни Сирин ва иштибоҳи Ғаззолӣ

Ибни Сирин, яке аз уламои эронии мусалмони қарни дуввуми ҳиҷрӣ аст. Баъд аз ин ки Ҳаққоҷи саффоки хунрез — ки дар дунёи ислом намуна аст дар саффокӣ — ба дарак рафтааст, марде меояд дар ҳузури ӯ бадии Ҳаққоҷро мегӯяд. Ибни Сирини муқаддас мегӯяд: “*Ғайбат накун, алъон ғайбати ту гуноҳаш бештар аз гуноҳи Ҳаққоҷ аст. Ман ҳозир нестам ғайбати Ҳаққоҷро бишнавам*.”

Ҳарфи муфт аст. Аҷиб ин аст, ки Ғаззолӣ бо он бузургӣ ва азамат, ин достонро нақл ва таъйид карда. Ин иштибоҳ аст. Бо ин ки мо Ғаззолиро марди бисёр бузурге медонем (яъне марди муфаккири фавқулъодае аст), аммо одамҳои бузург иштибоҳҳои бузург ҳам доранд. Яке аз иштибоҳҳои бузурги Ғаззолӣ — ба қавли Ибни ал-Ҷавзӣ — ин аст, ки дар бисёре аз маворид, шаръро ба тасаввуф савдо карда. Он ифротҳои сӯфигарии Ғаззолӣ гоҳе сабаб шуда, ки аз фиқҳи исломӣ мунҳариф шавад, мисли ҳамин ҷо, ки мегӯяд:

“*Рост гуфта Ибни Сирин, он мард ҳақ надошта ғайбати Ҳаққоҷро бикунад, Ҳаққоҷ мусалмон буда*.”

Агар Ҳаққоҷро намешавад ғайбат кард, пас ғайбати кӣ ҷоиз аст дар дунё?! Пас мо ҳам шабонарӯз болои минбар дорем ғайбати Язид ибни Муовияро мекунем, чун мазолимашро бозгӯ мекунем. Худо худаш аз Фиръавн ғайбат карда, аз Намруд ғайбат карда, аз Қорун ғайбат карда, аз Балъами Боъуро ғайбат карда ва аз садҳо нафари дигар ва аз ақвоме ғайбат карда, аз ҳамаи қавми Банӣ Исроил якҷо ғайбат кардааст.

На, инҳо ғайбат нест; дигар аз он тараф ҳам наафтед.

Таъбири ҳазрат ин буд:

وَإِفْشاءِ الْعارِفَةِ وَسَتْرِ الْعائِبَةِ

Ҳамаи инҳоро ман барои ин зикр мекунам, ки инсон вақте ба ин ҳадд мерасад, ки орзуяш чунин орзуе мешавад, қобили тақдис аст, андешааш, ки чунин андешае ҳаст қобили тақдис аст, амалаш, ки чунин амале ҳаст, қобили тақдис аст, малакоташ, ки чунин малакоте ҳаст, малакоти қаҳрамонона аст; малакоте аст боарзиш, боқимат ва гаронбаҳо. Ин гаронбаҳоӣ решааш куҷост? Аз куҷо ва чӣ гуна ин (андеша ё амал) гаронбаҳо шуд? Решаи ин гаронбаҳоиро мо бояд ба даст биёварем.

Ин ҷост, ки мактабҳои мухталиф барои нишон додани рамзи ахлоқӣ будани корҳо пайдо шуда ва изҳори назарҳо кардаанд. Аз фардошаб шурӯъ мекунем назариёти ин макотибро баён кардан, ки фалон мактаб мегӯяд, рамзи ахлоқӣ будан дар фалон ҷиҳат нуҳуфтааст, он мактаби дигар мегӯяд, дар фалон ҷиҳати дигар ва дар ниҳояти амр мехоҳем рамзи ахлоқӣ буданро дар мактаби ислом баён кунем, бибинем ислом рамзи ин арзиш ва улувв ва гаронбаҳоиро дар чӣ ва дар куҷо медонад. Ва гузашта аз ин, бибинем ислом (корҳои ахлоқиро) чӣ гуна тавҷеҳ мекунад ва ин корҳо бо мактаби ислом чӣ гуна созгор аст; ки албатта аз ҳама бештар бо ин мактаб созгор аст. Ҳамчунин мактабҳои дигар махсусан фалсафаҳои моддӣ, арзишҳои ахлоқиро чӣ гуна метавонанд тавҷеҳ ва таъйид кунанд.

وصلّى الله على محمّد وآله الطاهرين، باسمك العظيم الأعظم الأعزّ الأجلّ الأكرم يا الله

Парвардигоро! Дилҳои мо ба нури имон ва ба нури Қуръон мунаввар бигардон!

Парвардигоро! Ғиллҳо ва ғишҳо аз руҳҳои мо ба караму лутфи худат берун бифармо!

Парвардигоро! Моро ҳақоиқшиноси исломат қарор бидеҳ!

Парвардигоро! Ҳамаи моро ошно ба вазоифи худамон қарор бидеҳ, мусалмононро дар ҳамаи ҷабҳаҳо таъйид бифармо, ҳамаи мусалмононро — чӣ дар ҷабҳаи маънавӣ ва ахлоқӣ ва чӣ дар ҷабҳаи берунӣ — Худоё ба лутфи худат нусрат ва пирӯзӣ иноят бифармо!

Парвардигоро! Амвоти мо машмули иноят ва мағфирати худат қарор бидеҳ!

رحم الله من قرأ الفاتحة مع الصّلوات

Назарияи отифӣ

خُذِ الْعَفْوَ وَأْمُرْ بِالْعُرْفِ وَأَعْرِضْ عَنِ الْجَاهِلِينَ

(*Аъроф/199*)

Иҷмолан ин матлабро зикр кардем, ки афъоли инсон ду гунаанд: як гуна, афъоли табиӣ ва оддӣ ва маъмулӣ, ки шоистаи ситоиш, офарин гуфтан ва қаҳрамонона шинохтан нест. Ва гунаи дигар, корҳое, ки инсонҳо он корҳоро қобили ситоиш медонанд ва кунандаи он корҳоро таҳсин мекунанд ва онҳоро ба навъе қаҳрамон мешиносанд ва мо инҳоро корҳои ахлоқӣ меномем.

Расидем ба инҷо, ки рамзи ахлоқӣ будан чист? Як кор чӣ гуна ва ба чӣ ҷиҳат ранги ахлоқӣ пайдо мекунад ва бо афъоли табиӣ тамоюз пайдо менамояд? Ба таъбири дигар, меъёр ва миқёси ахлоқӣ будан чист? Дар инҷо назарияҳои гуногуне вуҷуд дорад, ки мо ин назарияҳоро ибтидо нақл мекунем ва баъд нақду баррасӣ. Кадом як аз ин назариёт саҳеҳ аст, кадом носаҳеҳ? Ва ё як назария мумкин аст қисмате аз он саҳеҳ бошад ва қисмате носаҳеҳ.

Яке аз назариёт дар бораи милоки ахлоқӣ будан, ки аз қадимтарин назариёт аст, назарияи отифӣ аст. Гурӯҳе рамзи ахлоқӣ буданро дар авотифи башар медонанд; мегӯянд: кори оддӣ ва маъмулӣ коре аст, ки аз ангезаҳои худхоҳона ва майлҳои табиии инсон сарчашма бигирад ва ҳадаф аз он кор ҳам, расондани суде ба худ ва ё расидани худи шахс ба лаззате бошад. Ҳар кор, ки аз чунин майлҳое сарчашма бигирад ва барои чунин ҳадафҳое бошад, кори оддӣ ва маъмулӣ аст ва ахлоқӣ нест, мисли аксари корҳое, ки мардум анҷом медиҳанд. Як нафар коргар, ки субҳ ба дунболи кор меравад, барои ин ки музде бигирад ва бо он музд ҳазинаи зиндагии худашро таъмин бикунад, кори ӯ як кори маъмулӣ ва оддӣ аст. Ҳамчунин кори як корманд, ки шуғли идорӣ дорад ё дар ширкате кор мекунад ва ё кори як бозаргон, ки дунболи тиҷорат ва суд меравад, то он ҷо, ки марбут ба шахси худаш ва зиндагии худаш аст ва аз як майл, ки марбут ба шахси худаш аст ношӣ мешавад ва ҳадаф лаззате аст, ки ба худаш бирасад ё дафъи ранҷе аст, ки аз худаш бишавад (мисли муроҷеаи инсон ба пизишк, ки барои дафъи ранҷ ё дафъи хатаре аст, ки аз худаш мешавад), як кори табиӣ аст. Кори ахлоқӣ коре аст, ки аз отифае олитар аз тамоюлоти фардӣ, яъне отифаи ғайрдӯстӣ сарчашма мегирад. Корҳои ахлоқии инсонҳо корҳое аст (ношӣ аз ин) ки он инсонҳо ғайрро ҳам дӯст медоранд, яъне танҳо худашонро дӯст надоранд, ба сарнавишти дигарон ҳам монанди сарнавишти худашон алоқаманд ҳастанд ва аз ин ки ба ғайр суд ё лаззате бирасад, ҳамон андоза шодмон мешаванд, ки ба худашон

суде бирасад ва худашон ба лаззате бирасанд. Ва албатта ин дараҷот дорад. Гоҳе отифаи ғайрдӯстӣ ончунон дар баъзе аз инсонҳо авҷ мегирад, ки аз ин ки ба дигарон лаззат ё суд бирасонанд, бештар хушҳол мешаванд то ин ки ба худашон лаззат ё суд бирасонанд, яъне аз ин ки бипӯшонанд, бештар хушҳол мешаванд то бипӯшанд, аз ин ки бихӯронанд, бештар лаззат мебаранд то бихӯранд ва аз ин ки осоиш бирасонанд, хушҳолтаранд то худашон ба осоиш бирасанд.

Мабдаъ ва ҳадаф дар кори инсон

Ҳар коре дар инсон мабдаъе дорад ва ғояте, яъне дар инсон як эҳсос, як майл, як отифа ҳаст, ки муҳаррики ӯ ба як кор аст ва агар набуд, маҳол буд, ки инсон он корро анҷом бидиҳад. Маҳол аст инсон кореро анҷом бидиҳад бидуни он ки як муҳаррике, як майле ё як хавфе дар ӯ вуҷуд дошта бошад. Ва ҳар коре ҳадафе дорад. Инсон аз ҳар коре як манзуре дорад, ки мехоҳад ба он манзур ва ҳадаф бирасад. **Кори ахлоқӣ коре аст, ки аз назари мабдаъ, аз майле ношӣ мешавад, ки он майл марбут ба худи инсон нест, марбут ба дигарон аст ва онро отифаи ғайрдӯстӣ меномем; ва аз назари манзур, ҳадафи инсон расидани хайр ба худаш нест, расидани хайр ба дигарон аст**. Тибқи ин назария, феъли табиӣ аз доираи “худ” ва “ман” хориҷ нест. Майле, ки марбут ба “ман” ва “худ” аст, мехоҳад хайреро ба ҳамин “ман” ва “худ” бирасонад. Ҳайвонот ҳам ин ҷур ҳастанд. Вале феъли ахлоқӣ, ҳам аз назари майл аз доираи “худ” хориҷ аст (яъне он майл асосан марбут ба “худ” нест, марбут ба ғайр аст) ва ҳам аз назари ҳадаф, аз доираи “худ” хориҷ шудан аст, чун ҳадаф, расондани хайр аст на ба худ, балки ба ғайри худ. Пас, инсони ахлоқӣ инсоне аст, ки аз доираи “худ” по берун гузоштааст ва ба ғайри худ расидааст.

Ин ҳамон маслаке аст, ки дар ахлоқ, муҳаббатро ба унвони пояи ахлоқ таблиғ мекунад ва ахлоқ дар назари ӯ яъне муҳаббат. Муаллими ахлоқе, ки ахлоқаш бар ин поя аст, худашро паёмовари муҳаббат медонад. Бахше аз ин назария, назарияи муштараке аст лоақал миёни ҳамаи адён ва бештари макотиби фалсафии олам. Шояд мо дине дар дунё надошта бошем, ки тавсия ба муҳаббат накарда бошад. Ҷумлае ҳаст дар ахбор ва аҳодиси мо ва он ин аст:

أَحْبِبْ لِغَيْرِكَ ما تُحِبُّ لِنَفْسِكَ وَاكْرَهْ لَهُ ما تَكْرَهُ لَها

(*“Наҳҷул-балоға”, номаи 3*) Ба ин мазмун мо зиёд дорем. Барои дигарон онро дӯст бидор, ки барои худ дӯст медорӣ ва барои дигарон онро мапасанд, ки барои худ намеписандӣ. Дар яке аз китобҳои таърихи адён хондам, ки дар тамоми адёни бузурги олам ин тавсия вуҷуд дорад ва бояд ҳам вуҷуд дошта бошад. Чизе, ки ҳаст, баъзе аз маслакҳо ё динҳо

рӯйи муҳаббат бештар такя кардаанд, яъне аслан меҳвари ахлоқашонро фақат ва фақат муҳаббат ташкил медиҳад ва бас, вале баъзе дигар муҳаббат, унсуре аз аносури ахлоқии онҳост, аносури дигарро ҳам дар ахлоқ ширкат медиҳанд.

Ахлоқи ҳиндӣ

Ахлоқи ҳиндӣ ахлоқи отифӣ аст, яъне такягоҳ дар ахлоқи ҳиндӣ отифа аст, ҳамчунон ки дар ахлоқи масеҳӣ ҳам шояд битавон гуфт, ягона такягоҳ, отифа ва муҳаббат аст. Гондӣ дар китобе, ки аз ӯ мунташир кардаанд ба номи “Ин аст мазҳаби ман” — ва яке аз фарангиҳо муқаддимаи бисёр ҷомеъе бар он навишта ва хулосаи китобро дар он муқаддима овардааст — мегӯяд: ман аз мутолеаи Упонишодҳо[8] ба се асл расидам:

1) Як асл ин ки дар ҳамаи дунё як маърифат, як шинохт вуҷуд дорад ва он, шинохти зот аст.[9] Дар олам фақат як маърифат вуҷуд дорад ва он, маърифати нафс аст, яъне худшиносӣ. Дар боби маърифат, такягоҳи фарҳанги ҳиндӣ маърифатуннафс аст, яъне ин ки инсон худро бояд бишносад, худро бояд кашф кунад. Тамоми риёзатҳои ҳиндӣ ҳам барои расидан ба ин матлаб аст. Мегӯяд: инро фаҳмидам, ки як асл ин аст, ки дар ҳамаи ҷаҳон як маърифат ва як шинохт вуҷуд дорад ва он, шинохт ва кашф кардани худ аст.

2) Асли дуввум ин ки ҳар кас худро шинохт, Худоро шинохтааст ва ҷаҳонро.[10] Ин ҳам ҳарфи дурусте аст.

Ин ҳар ду асле, ки ӯ мегӯяд, дар калимоти Пайғамбари Акрам ва амирулмӯъминин ҳаст. Дар калимоти амирулмӯъминин дар “Наҳҷул-балоға” нест, вале дар “Ғурар ва дурар”-и Омудӣ ҳаст. Мефармояд:

مَعْرِفَةُ النَّفْسِ أَنْفَعُ الْمَعارِفِ

Шинохти худ аз ҳар шинохте судмандтар аст.

---

[8] *Упонишодҳо маҷмӯаи китобҳои мазҳабии ҳиндуӣ дар қадим ва аз чанд ҳазор сол пеш аст ва ҷузъи китобҳои муҳимми дунё ба шумор меравад. Устоди бузургвори мо Аллома Таботабоӣ — Салламаҳуллоҳу Таъоло! — чанд сол пеш, ки ин китобро мутолеа карда буданд, хеле эъҷоб доштанд, мегуфтанд, маъонии фавқулъода амиқе дар ин китоб вуҷуд дорад. Алъон ҳам дунёи Урупо барои ин китоб аҳаммияти фаровоне қоил аст.*

[9] *Дар тарҷима, калимаи “зот“-ро навишта буданд. Ман ҳадсам хеле қавӣ аст, ки бояд ба ҷойи зот, калимаи “нафс” тарҷима мекарданд.*

[10] *Аз ин ҷост, ки мегӯям, бояд тарҷима мекард маърифати нафс, на маърифати зот.*

Роҷеъ ба ин ки ҳар кас худро шинохт, Худо ва ҷаҳонро шинохта, ҷумлаҳо аз Пайғамбари Акрам ва амирулмӯъминин ҳаст ба ҳамин мазмун: ҳар ки худро шинохт, Худоро шинохтааст.

3) Асли севвум ин аст, ки дар ҳамаи дунё як нерӯ ва як некӣ вуҷуд дорад ва бас. Он нерӯ нерӯи тасаллут бар хештан аст. Ҳар кас бар худ мусаллат шуд — ба таъбири ӯ — бар ҷаҳон мусаллат шудааст. Ва дар ҳамаи ҷаҳон як некӣ вуҷуд дорад ва он дӯст доштани дигарон аст монанди дӯст доштани худ.

Ҳамаи шоҳиди арзи ман дар нақли сухани Гондӣ, дар ин як ҷумла аст. Ин аст, ки мегӯем, ахлоқи ҳиндӣ бар пояи дӯст доштан бино шудааст. Дар масеҳият ҳам мебинем, ки — лоақал ба ҳасби иддао — бар муҳаббат таъкид шудааст. Мубашширон ва мубаллиғони масеҳият ҳарфашон ҳамвора ин аст, ки мо паёмовар муҳаббатем, Масеҳ паёмбари муҳаббат будааст; муҳаббат биварз, ишқ биварз, то он ҷо, ки мегӯянд: агар як нафар ба тарафи рости суратат силӣ зад, тарафи чапи сурататро биёвар.

Тибқи ин назария, ахлоқ яъне некӣ кардан ба маънии муҳаббат варзидан, дӯст доштани дигарон. Оё ин назария саҳеҳ аст ё саҳеҳ нест?

Нақди ин назария:

а) Ҳар муҳаббате ахлоқ нест:

Ин назария сади панҷоҳ саҳеҳ аст, вале сади панҷоҳ саҳеҳ нест. Эродҳое бар ин назария ворид аст. Яке ин ки ҳар муҳаббатеро наметавон ахлоқ донист; гӯ ин ки қобили ситоиш ва мадҳ аст, вале дар айни ҳол ахлоқ нест. Ҳар коре, ки қобили мадҳ бошад, исмаш ахлоқ нест. Кори як қаҳрамон, ки зӯри бозу дорад, қобили мадҳу ситоиш аст, вале исмаш ахлоқ нест. Дар ахлоқ, унсури ихтиёр ва иктисоб яъне ғайри ғаризӣ будан хобидааст. Агар анҷоми коре барои инсон ғариза буд, яъне табиӣ ва фитрӣ ва модарзод буд ва инсон онро таҳсил накарда ва ба ихтиёри худаш ба даст наёварда буд. Он кор, бошукӯҳ ва азамат ва қобили мадҳ ҳаст, вале дар айни ҳол ахлоқ нест, мисли муҳаббати падару модар нисбат ба фарзанд ва махсусан муҳаббати модарона.

Эҳсосоти як модар нисбат ба фарзандаш, эҳсосоти бисёр олӣ ва бисёр бошукӯҳ ва азамат аст, қобили ситоиш ба маънии қобили мадҳ аст, вале як модар ба далели ин ки эҳсосоти дӯстонаи бисёр шадиде нисбат ба фарзанди худаш дорад, мо наметавонем эҳсосоти ӯро ахлоқӣ бидонем, ба далели ин ки ҳамин модар нисбат ба кӯдаки дигаре, ки масалан фарзанди ҳамсояаш мебошад, бетафовут аст. **Ин эҳсосот эҳсоси ғайрдӯстӣ ҳаст, аммо ин ғайр мунҳасир аст ба фарзанди худаш**. Ва ба илова, ӯ ин эҳсосотро касбу таҳсил накарда, ба ихтиёри худаш ба даст наёварда, балки қонуни ҳакимонаи хилқат ин

эҳсосоти бисёр шадидро ба ӯ додааст барои ин ки низоми умур дуруст бишавад, чун агар чунин набуд, ҳеч модаре баччаи худашро парасторӣ намекард. Бинобар ин, эҳсосоти модар эҳсосоти ғайрдӯстона аст ношӣ аз як отифа ва аз доираи “худ” яъне “фард” хориҷ аст, вале намешавад ин эҳсосотро эҳсосоти ахлоқӣ ва кори модарро ахлоқ номид. Эҳсосоти падар ва эҳсосоти хешовандӣ ва арҳом ва низ ҳамватандӯстӣ ва миллиятдӯстӣ ҳам ҳамин гуна аст. Эҳсосотеро, ки инсон касб накарда, намешавад ахлоқ ба ҳисоб оварда.

б) Ахлоқ маҳдуд ба ғайрдӯстӣ нест:

Эроди дигар: доираи ахлоқ аз ҳудуди ғайрдӯстӣ васеътар аст. Ҳамаи ахлоқҳо яъне ҳамаи корҳои муқаддас ва бошукӯҳи инсон, аз навъи ғайрдӯстӣ нест. Навъе дигар яъне як силсила корҳои боазамат ва шукӯҳ ва қобили тақдиру тақдис ва офарингӯй ва ҳамд дар инсон ҳаст бидуни ин ки рабте ба ғайрдӯстӣ дошта бошад ва ҳамон тавр, ки инсон эсор ё эҳсонро тақдис мекунад, он корро ҳам тақдис мекунад, мисли он чизе, ки араб аз он ба

إِباءُ الضَّيْم

— таъбир мекунад, яъне тан ба зиллат надодан. Инсонҳо дар он вақт, ки бо хатар мувоҷеҳ мешаванд ва амрашон доир аст миёни ин ки зиёнеро мутаҳаммил бишаванд ва иззаташонро ҳифз кунанд ва ё барои ин ки зиёни моли ё ҷониро мутаҳаммил нашаванд, тан ба зиллат ва пастӣ бидиҳанд, мухталифанд. Мо инсонҳоеро дар таърих мебинем, ки ҷони худашонро аз даст медиҳанд ва тан ба зиллат намедиҳанд. Мегӯяд:

مَوْتٌ أَوْلى مِنْ رُكوبِ الْعارِ

Марг беҳтар аст аз ин ки инсон нанги зиллатро мутаҳаммил бишавад. Амирулмӯъминин фармуд:

وَالْحَيوةُ في مَوْتِكُمْ قاهِرينَ

(*“Зиндагӣ дар марги шумост дар ҳоле, ки пирӯз бошед…” (“Наҳҷул-балоға”, хутба 51, с.138)*)

Гондӣ мегӯяд: дар ҷаҳон фақат як некӣ вуҷуд дорад ва он дӯст доштани дигарон аст.

На, дар ҷаҳон ғайр аз дӯст доштани дигарон, некии дигар ҳам вуҷуд дорад. Як мисолаш ҳамин буд, ки арз кардам.

в) Мафҳуми инсондӯстӣ:

Солисан, муҳаббати инсон эҳтиёҷ ба тафсир дорад. Ғолибан онро ғайрдӯстӣ тафсир кардаанд ва онҳо, ки каме болотар рафтаанд, гуфтаанд инсондӯстӣ…

Аввалан, эрод ворид аст, ки чаро инсондӯстӣ? Хуб бигӯем, ҷондордӯстӣ. Воқеан агар инсон нисбат ба як ҳайвон отифа ба харҷ бидиҳад (мисли достони он шахсе, ки дар ҳадис

аст саги ташнаеро сероб кард, хуффи худашро — кафши худашро — дар чоҳ фиристод ва ба заҳмат об овард ва сагро сероб кард), ин кор ахлоқ нест чун инсондӯстӣ нест? Оё инсон фақат бояд инсонҳоро дӯст дошта бошад ва ҷондорҳои дигарро набояд дӯст дошта бошад? Балки ҳама чизро бояд дӯст дошта бошад. Ба қавли Саъдӣ:

Ба ҷаҳон хуррам аз онам, ки ҷаҳон хуррам аз ӯст,

Ошиқам бар ҳама олам, ки ҳама олам аз ӯст.

Ба ҳаловат бихӯрам заҳр, ки шоҳид соқист,

Ба иродат бибарам дард, ки дармон ҳам аз ӯст.

Чаро фақат бигӯем, инсондӯстӣ? Лоақал бигӯем, ҷондордӯстӣ. Тоза, инсондӯстӣ эҳтиёҷ ба тафсир дорад. Ҳамин ҷоҳост, ки агар андаке ифрот бишавад, ба номи инсондӯстӣ “инсондушманӣ” сурат мегирад. Чӣ тавр?

Мақсуд аз инсон чист? Оё инсон яъне ҳамин ҳайвони як сару ду гӯш? Ҳар ҷо, ки мо ин ҳайвони як сару ду гӯшро дидем, бигӯем, инсон аст ва аз насли Одами Абулбашар? Ва ҳар чи аз насли Одами Абулбашар аст, мо бояд ӯро дӯст дошта бошем, мехоҳад Лумумба бошад ё Мӯсо Чумбӣ, чун ҳар ду дар ин ҷиҳат яксонанд? Ё мақсуд аз инсон на ҳар инсоне аст, на инсони билқуввa ва на инсони зидди инсон, балки инсони дорои инсоният аст ва инсондӯстӣ ба хотири инсониятдӯстӣ яъне ба хотири дӯстии арзишҳои инсонӣ аст. Ҳар инсоне ба ҳар андоза, ки воҷиди арзишҳои инсонӣ аст, лоиқ дӯстӣ аст ва ба ҳар андоза, ки аз инсоният халъ шуда, ҳарчанд ба зоҳир монанди инсонҳои дигар аст, лоиқи душманӣ аст. Аз назари зоҳир, Чингиз ва Язид ибни Муовия ва Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф ҳам инсонанд, вале инсонҳое, ки чизе, ки дар онҳо вуҷуд надорад арзишҳои инсонӣ аст, инсонҳои зидди инсон. Пас, инсондӯстӣ эҳтиёҷ ба тафсир дорад. Инсондӯстӣ яъне ҳар инсоне ба ҳар нисбат, ки аз арзишҳои инсонӣ баҳраманд аст, шоистаи дӯстӣ аст ва инсоне ҳам, ки билфеъл аз арзишҳои инсонӣ баҳраманд нест, боз лоиқи дӯстӣ аст барои расондани ӯ ба арзишҳои инсонӣ.

Як инсони комил як инсони фоқиди арзишҳои инсониро ҳам дӯст дорад, вале на ин ки чун дӯсташ дорад, фақат мехоҳад шикамашро сер кунад; дӯст дорад, ки ӯро наҷот бидиҳад ва бирасонад ба арзишҳои инсонӣ. Ба ин маъност, ки Пайғамбари Акрам

رحمةٌ للعالَمين

— барои ҳамаи мардум аъамм аз кофир ва мӯъмин раҳмат аст.

Пас, ин як меъёр дар боби ахлоқиёт, ки гуфта шудааст ва дидем ин меъёр, комил нест. Сад дар сад нафй намекунем, вале меъёри комили нест. Бахше аз ҳақиқат дар ин меъёр ҳаст, на тамоми ҳақиқат.

Назарияи фалосифаи исломӣ: ирода

Назарияи дигаре дар боби меъёрҳои ахлоқи инсонӣ ҳаст ва он, назарияи ирода аст. Ин назария эҳтиёҷ ба миқдоре тавзеҳ дорад. Агар як миқдор баёнам душвор аст, кӯшиш мекунам бештар тавзеҳ бидиҳам. Маъруф аст, ки ҳар ҳайвоне мутаҳаррики билирода аст, яъне ҳар ҳайвоне бо ирода ҳаракат мекунад; ирода мекунад, ки фалон ҷо биравад, меравад.

Инсон ҳам мисли ҳар ҳайвоне мутаҳаррики билирода аст. Вале ин иштибоҳ аст. Дар ҳайвонот он чи вуҷуд дорад, майлу шавқ аст. Дар инсон ҳам як силсила майлҳо ва шавқҳо вуҷуд дорад, вале дар инсон чизе вуҷуд дорад ба номи “ирода”, ки дар ҳайвон вуҷуд надорад. Ирода ҳамдӯши ақл аст. Ҳар ҷо, ки ақл ҳаст, ирода ҳаст, он ҷо, ки ақл нест, ирода ҳам вуҷуд надорад. Инсон метавонад мутаҳаррики билирода бошад, вале гоҳе ҳам мутаҳаррики билирода нест, мутаҳаррики бишшавқи валмайл аст. Ҳайвон ҳамеша мутаҳаррики бишшавқи валмайл аст.

Фарқи майл ва ирода

Фарқи майл ва ирода чист? Майл дар инсон кашише аст ба сӯйи як шайъи хориҷӣ. Инсон гурусна аст, ғизое сари суфра меоваранд, дар худаш эҳсоси майл ба ғизо мекунад, яъне нерӯе дар даруни инсон ҳаст, ки ӯро ба сӯйи ғизо мекашад, ё мисли ин аст, ки нерӯе дар ғизо бошад, ки инсонро ба сӯйи худаш мекашонад. **Майл ҷозиба ва кашише аст миёни инсон ва як омили хориҷӣ, ки инсонро ба сӯйи он шайъи хориҷӣ мекашонад**. Инсон ё ҳайвон гурусна мешавад, майл ба маъкулот дар ӯ ба вуҷуд меояд; ташна мешавад, майл ба нӯшидани об дар ӯ падид меояд. Ғаризаи ҷинсӣ майл ба ҷинси мухолиф аст. Истироҳат кардан низ худ як майл аст. Майл кашиш аст, мисли як нерӯи ҷозиба аст, вақте, ки пайдо мешавад, инсонро ба сӯйи шайъи хориҷӣ мекашад. Отифаи модарӣ ҳам худаш як майл аст. Ҳатто авотифи олии инсонӣ ҳам як майл аст. Масалан, ин ки инсон дар бархӯрд бо як мустаманд, дар худаш эҳсосе меёбад, ки ба ӯ кӯмак кунад, яъне як майл дар ӯ пайдо мешавад, ки ба ӯ кӯмак кунад.

Вале ирода ба дарун марбут аст, на берун, яъне як робита миёни инсон ва олами берун нест, балки баръакс **инсон баъд аз ин ки дар бораи корҳо андеша ва онҳоро муҳосаба мекунад, дурандешӣ ва оқибатандешӣ мекунад, сабуку сангин мекунад, бо ақли худаш маслиҳатҳо ва мафсадаҳоро бо якдигар месанҷад ва баъд ташхис медиҳад, ки аслаҳ ва беҳтар ин аст, на он, он вақт ирода мекунад он чиро, ки ақл ба ӯ фармон дода анҷом диҳад, на он чи, ки майлаш мекашад**. Ва бисёре аз авқот ва шояд ғолиби авқот он чи ки ақл маслиҳат медонад ва инсон ирода мекунад бар ҳукм фатвои ақл анҷом

бидиҳад, бар зидди майле аст, ки дар вуҷудаш эҳсос мекунад. Фарз кунед, шахсе режими ғизоӣ дорад. Сари суфрае нишастааст ва ғизои матбӯъе вуҷуд дорад. Майл ӯро мекашад, ки аз он ғизои матбӯъ бихӯрад. Вале дар маҷмӯъ ҳисоб мекунад, ки агар ман ин ғизои матбӯъро бихӯрам, чӣ аворизе хоҳад дошт. Бар хилофи майли худаш, тасмим мегирад, ки нахӯрад. Ё дигаре аслан табъаш аз даво танаффур дорад, на танҳо майл ба даво надорад, балки зидди майл дар ӯ вуҷуд дорад, вале дар маҷмӯъ вақте, ки ҳисоб мекунад, мебинад маслиҳат ин аст, ки даворо бихӯрад. Тасмим мегирад ва алорағми танаффур ва бемайлии худаш, он даворо мехӯрад. Ирода яъне таҳти контрол қарор додани ҳамаи майлҳои нафсонӣ ва зидди майлҳои нафсонӣ яъне танаффурҳо, хавфҳо ва тарсҳо. Хавф баръакси майл, инсонро фирорӣ медиҳад. Вале ирода гоҳе бо хавф ҳам мубориза мекунад, мегӯяд: истодагӣ кун, ки исмаш мешавад шуҷоат.

Пас, ирода нерӯе аст дар инсон, ки ҳамаи майлҳо ва зидди майлҳоро, ҳамаи кашишҳо ва танаффурҳо, хавфҳо, биму тарсҳоро таҳти ихтиёри худ қарор медиҳад ва намегузорад, ки як майл ё зидди майл, инсонро ба як тараф бикашад; ба ақл мегӯяд: ҷаноби ақл! Биё, биншин, муҳосаба кун, бибин дар маҷмӯъ, саодат ва маслаҳат чӣ иқтизо мекунад? Ҳар чиро, ки маслиҳат иқтизо мекунад, бигӯ, ичрояш бо ман.

Мутобиқи ин назария, кори ахлоқӣ коре аст, ки на ношӣ аз тасаллути як майл бошад, ҳарчанд он майл отифаи муҳаббат бошад ва на ношӣ аз тасаллути як зидди майл. Яъне агар шумо мисли як одами маҷбур таҳти таъсири отифаи муҳаббат қарор бигиред, ин ахлоқӣ нест. Масалан, шумо якдафъа дилатон месӯзад, бе ихтиёр мешавед ва кореро анҷом медиҳед; мегӯянд: чаро ин корро кардӣ? Мегӯед: дилам сӯхт. Ин, заъфи инсон аст. Агар отифаи муҳаббат дар ихтиёри ақлу ирода бошад, дар як ҷо ақл ба ирода мегӯяд, аз ин майли фардӣ пайравӣ кун ва дар ҷойи дигар мегӯяд, пайравӣ накун! Ҳамин тавр аст дар мавриди майлҳои дигар: гуруснаам, эҳтиёҷ ба ғизо дорам, ғизо хӯрдан маслиҳат аст. Ирода ба майл иҷозаи фаъолият медиҳад. Ман ғизоро аз рӯйи майл мехӯрам ва то як ҳадди муайян мехӯрам. Чанд луқма ба охир монда, ирода мегӯяд, кофӣ аст, аз ин бештар бихӯрӣ, нороҳатӣ эҷод мешавад, агарчӣ майл дорӣ ба хӯрдан, нахӯр. Дигар намехӯрам. Дар отифаҳои инсондӯстӣ ҳам ҳамин ҷур аст. Эй басо дар мавориде отифа як ҷур ҳукм мекунад, ақлу ирода ҷури дигаре ҳукм мекунад. **Отифа дилсӯзӣ аст, дили одам месӯзад, вале ирода ва ақл, дурандешӣ аст**.

Ояте дорем дар Қуръон ва шеъре дорад Саъдӣ. Ояти Қуръон дар боби зинокор аст (марди зинокор ва зани зинокор):

الزَّانِيَةُ وَالزَّانِي فَاجْلِدُوا كُلَّ وَاحِدٍ مِنْهُمَا مِائَةَ جَلْدَةٍ وَلَا تَأْخُذْكُمْ بِهِمَا رَأْفَةٌ فِي دِينِ اللَّهِ إِنْ كُنْتُمْ تُؤْمِنُونَ بِاللَّهِ وَالْيَوْمِ الْآخِرِ وَلْيَشْهَدْ عَذَابَهُمَا طَائِفَةٌ مِنَ الْمُؤْمِنِينَ

(*Нур/2*) Мегӯяд: зани зинокор ва марди зинокорро муҷозот кунед; тозиёна бизанед ва гурӯҳе аз мӯъминин ҳам шоҳиди ин манзара бошанд. Вале Қуръон мутаваҷҷеҳ аст, ки вақте мехоҳанд як инсони ҷониро муҷозот кунанд, хеле афрод дилашон месӯзад, мегӯянд: хуб аст, ки аз муҷозот сарфи назар бишавад! Ин як эҳсоси онӣ аст. Фикр намекунад, ки агар бино бишавад ҳар ҷонӣ аз муҷозот муъоф бишавад, пушти сараш ҷиноят баъд аз ҷиноят аст, ки сурат мегирад. Отифа мегӯяд: муҷозот накун, ақлу маслиҳат мегӯяд: муҷозот бикун, бо ин ки инҷо отифа отифаи ғайрдӯстӣ аст ва отифаи худдӯстӣ нест.

Вале отифа, ки мантиқ сараш намешавад. Отифа дилсӯзӣ аст, дасти одамро гирифта мегӯяд: ин корро накун! Ақлу маслиҳат инҷо хушунат ба харҷ медиҳад, мегӯяд: ту намефаҳмӣ, ту наздикро мебинӣ ва дурро намебинӣ, агар метавонистӣ дурро мисли наздик бибинӣ, чунин ҳукм намекардӣ. Қуръон мегӯяд:

وَلَا تَأْخُذْكُمْ بِهِمَا رَأْفَةٌ فِي دِينِ اللَّهِ

Он ҷо, ки пойи муҷозоти илоҳӣ дар миён аст ва ба маслиҳати оммаи башарият аст, як вақт дилсӯзиатон гул накунад. Саъдӣ мегӯяд:

Тараҳҳум бар паланги тездандон,

Ситамгорӣ бувад бар гӯсфандон.

Хеле олӣ гуфта. Тараҳҳум ба як паланг, қатъи назар аз мантиқ, маслиҳат ва ақлу ирода, як амри отифӣ аст. Фарз кунем, паланге аст, ки гӯсфандони моро хӯрдааст. Оё бояд ӯро муҷозот кунем ё раҳо намоем? Агар наздикбин бошем ва фақат палангро бибинем, ба ӯ тараҳҳум мекунем ва раҳояш менамоем. Вале агар дурбин бошем, муҷозоташ мекунем. Агар ҷуз ин паланг, мавҷуди дигаре дар оламе набуд, ин отифа отифаи дурусте буд. Аммо агар чашмро боз кунем ва он тарафтарро нигоҳ кунем, мебинем тараҳҳуми мо ба ин паланг, мусовӣ аст бо қасоват нисбат ба садҳо гӯсфанд. Отифа, дигар сараш намешавад, ки ин тараҳҳум мусталзими қасоватҳои дигаре аст. Ақлу маслиҳат аст, ки ҳамаро бо якдигар ҳисоб мекунад, пушти сари ин отифа қасоватҳоеро мебинад.

Назири ин, ҳарфе аст, ки роҷеъ ба муҷозоти дуздӣ мегӯянд, ки дасти дузд буридан қасоват аст ва бо инсоният ва инсондӯстӣ ҷур дарнамеояд. Дузд агар дуздӣ ҳам кард, дасташро набуррем, бигузорем бошад баъд тарбияташ мекунем! Тарбиятҳое, ки

натиҷаашро ҳамеша дар дунё дидаем. Ин ҷур нест. Натиҷааш ҳамин аст, ки дорем мебинем.

Агар қонун иблоғ бишавад, ки баъд аз ин дасти дузд аз фалон ҷо бурида хоҳад шуд, дасти як дузд, ки бурида бишавад дигар тухми дуздӣ барчида мешавад, дар сурате, ки мо алъон мебинем ба хотири дуздӣ чӣ ҷиноятҳо ва одамкушиҳо мешавад! Яъне худи дуздӣ мусталзими одамкушиҳо ва ҷиноятҳои хеле фавқулъода мешавад ва шудааст.

Ин мактаб мегӯяд, милоку меъёри ахлоқӣ будан, отифа нест, балки ақлу ирода аст. Отифа ҳам бояд дар зери фармони ақлу ирода кори худашро анҷом бидиҳад, вагарна агар отифаро ба номи кори ахлоқӣ озод бигузоред, кори зидди ахлоқӣ анҷом медиҳад. **Дар ахлоқе, ки фалосифаи исломӣ рӯйи он зиёд такя мекунанд, ин масъала ҳаст, ки ахлоқи комил ахлоқе аст, ки бар асоси нерӯмандии ақл ва нерӯмандии ирода бошад ва майлҳои фардӣ, майлҳои навъӣ ва иштиёқҳо ҳама таҳти контроли ақлу ирода бошанд**. Тибқи ин назария, қаҳрамони ҳақиқии ахлоқ он касе аст, ки бар вуҷудаш ақлу ирода ҳоким аст. Ва албатта дар вуҷуди инсон авотифи ғайри фардӣ ҳам зиёд вуҷуд дорад, вале онҳо чашмаҳое аст дар вуҷуди инсон, ки бо контроли ақлу ирода, дар ҷойи худаш боз мешавад. Ва аз ин рӯ инсонҳои комили инчунин, гоҳе корҳое аз онҳо содир мешавад, ки дар ниҳояти риққати отифӣ аст ва вақте инсон руҳи инҳоро дар он саҳна мебинад, мебинад аз гул нозуктар ва аз насим латифтар аст, вале ҳамон инсонро дар ҷойи дигар бо як хушунате мебинед, ки кӯҳ ба он хушунат намерасад. Дар як ҷо сари сад нафарро мисли гӯсфанд ва камтар аз гӯсфанд якҷо мебуррад ва ҳеч дилаш такон намехӯрад ва дар ҷойи дигар бо дидани кучактарин манзарае ончунон ба худ меларзад, ки аслан қобили забту контрол нест. Магар Алӣ ибни Абӯтолиб ин ҷур набуд? Агар инсоне сирфан таҳти таъсири отифаи худаш бошад, аз он ҷо, ки отифа мантиқ надорад ва кӯр аст, он шахс бояд дар ҳамаи маворид ҳамин ҷур бошад.

Вале вақте, ки чашмаи отифа дар вуҷудаш дар ихтиёри ақлу ирода аст, дар як ҷо руҳаш латофат ва риққат ва азамати ингуна нишон медиҳад ва дар ҷойи дигар ӯро дар ниҳояти хушунат мебинӣ, ки ҳеч такон намехӯрад.

Тибқи ин назария, **ахлоқ яъне ҳукумати ақлу ирода бар вуҷуди инсон ба тавре, ки тамоми майлҳо (аъам аз майлҳои фардӣ ва майлҳои иҷтимоӣ) дар ихтиёр ақлу ирода бошад**.

Бинобар ин, “ахлоқ” дар ин мактаб, бармегардад ба ҳукумати ақл ва ҳукумати ирода. Ин ки арз кардам, ин сухан назари фалосифаи исломӣ аст ва намегӯям назари ислом, бад-ин ҷиҳат аст, ки назари ислом як матлаб аст, назари фалосифаи исломӣ матлаби дигар. Илзом нест, ки ҳамеша фалосифаи исломӣ дар ҳарфҳое, ки гуфтаанд, тавониста бошанд

масоили исломиро ба таври комил баён карда бошанд. Лоақал қисмате аз ҳақиқатро мумкин аст гуфта бошанд ва ман ба номи ислом арз намекунам.

Назари севвумро ҳам иҷмолан арз мекунам.

Назарияи виҷдонӣ

Назарияи виҷдонӣ, ахлоқро на отифа медонад ончунон, ки ахлоқи ҳиндӣ ва ахлоқи масеҳӣ медонанд ва на ақлу ирода медонад ончунон, ки файласуфони исломӣ гуфтаанд, балки ахлоқро иборат медонад аз илҳомоти виҷдонӣ.

Калимаи “виҷдон”-ро зиёд шунидаед. Гурӯҳе мӯътақиданд, ки Худои Мутаъол нерӯе дар даруни инсон қарор додааст, ки он нерӯ ғайр аз ақл ва отифа аст; нерӯе аст, ки ба инсон таклиф илҳом мекунад, яъне аз даруни инсон ба инсон фармон медиҳад; мегӯяд: чунин бикун, чунон накун! Ин нерӯ ба ақл марбут нест. Ақл бештар як амри иктисобӣ аст ва ин як амри фитрӣ аст.

Худои Мутаъол ҳар инсонеро бо як виҷдон офарида ва он виҷдон дар бисёре аз масоил — на ҳама чизро — ба инсон илҳом мекунад. Дар корҳое, ки исмашро кори ахлоқӣ мегузорем, виҷдон ба инсон илҳом мекунад; мегӯяд: ин корро бикун, он корро накун!

Кори ахлоқӣ коре аст, ки аз виҷдон илҳом гирифта шуда бошад. Кори табиӣ коре аст, ки ба виҷдон марбут нест, ба табиат иртибот дорад, мисли ғизо хӯрдан, об нӯшидан ва амсоли инҳо. Вале кори ахлоқӣ ба табиати инсон иртибот надорад, ба виҷдони инсон иртибот дорад, ба фармоне аст, ки инсон аз замири худ мегирад.

Назари Қуръон дар бораи виҷдон

Қуръон дар мавриди ин ки инсон муҷаҳҳаз ба як силсила илҳомоти фитрӣ аст сукут накардааст. Дар сураи муборака “Вашшамс” мехонем:

وَالشَّمْسِ وَضُحَاهَا. وَالْقَمَرِ إِذَا تَلَاهَا. وَالنَّهَارِ إِذَا جَلَّاهَا. وَاللَّيْلِ إِذَا يَغْشَاهَا. وَالسَّمَاءِ وَمَا بَنَاهَا. وَالْأَرْضِ وَمَا طَحَاهَا. وَنَفْسٍ وَمَا سَوَّاهَا. فَأَلْهَمَهَا فُجُورَهَا وَتَقْوَاهَا

(*Шамс/1- 8*) Охирин савганд ин аст: савганд ба руҳи башар ва эътидоли он, ки Худои Мутаъол ба руҳи башар корҳои фуҷур ва корҳои тақворо илҳом кард, ки чӣ фуҷур аст, чӣ фусуқ аст, чӣ зишт ва набояд карданӣ аст ва чӣ тақво ва покӣ аст ва бояд анҷом бишавад.

Вақте ин ояти Қуръон нозил шуд:

وَتَعَاوَنُوا عَلَى الْبِرِّ وَالتَّقْوَى وَلَا تَعَاوَنُوا عَلَى الْإِثْمِ وَالْعُدْوَانِ

(*“Бар корҳои нек ва бар тақвоҳо ҳамкорӣ кунед, вале бар исм (гуноҳ)-ҳо ва корҳои душманихез ҳамкорӣ накунед…”* (*Моида/2*)), марде ба номи Вобиса омад хидмати

Расули Акрам ва гуфт: ё Расулаллоҳ! Суоле дорам. Фармуд: ман бигӯям суоли ту чист? Бифармоед. Омадаӣ, ки бирру тақво ва ҳамчунин исму удвонро бароят таъриф бикунам. Гуфт: бале, ё Расулаллоҳ! Барои ҳамин омадаам. Навиштаанд, Пайғамбар се ангушти худро ҷамъ карданд, заданд ба синаи Вобиса ва фармуданд:

يا وابِصَةُ! اسْتَفْتِ قَلْبَكَ، اسْتَفْتِ قَلْبَكَ، اسْتَفْتِ قَلْبَكَ

(*Маҳаҷҷатул-байзо, ҷ.1, с.58*) Ин истифто (пурсидан)-ро аз дили худат бикун, аз қалбат истифто кун, яъне Худо ин шинохтро ба сурати як илҳом ба қалби ҳар башаре илҳом фармудааст. Ин шеъри Мавлавӣ, ки:

Пас паямбар гуфт: "истафтул-қулуб…

— ҳамин ҳадисро баён мекунад.

Ё ояти дигари Қуръон мефармояд:

وَأَوْحَيْنَا إِلَيْهِمْ فِعْلَ الْخَيْرَاتِ

(*Анбиё/73*) Дар тафсири "Алмизон" истинботи хеле ширине доранд, мефармоянд: нафармуд:

وَأَوْحَيْنا إِلَيْهِمْ أَنِ افْعَلُوا الْخَيْراتِ

Ваҳй кардем, ки корҳои хайрро анҷом диҳанд. Агар ин ҷур буд, ҳамин ваҳйи оддӣ мешуд, яъне ба онҳо дастур додем. Балки мефармояд:

وَأَوْحَيْنَا إِلَيْهِمْ فِعْلَ الْخَيْرَاتِ

Худи корро ваҳй кардем, яъне худи корро ба онҳо илҳом кардем.

Назари Кант

Дар дунё будаанд касоне дар машриқ ва мағриб (дар машриқи исломии худамон зиёд ва дар машриқи ғайри исломӣ ва дунёи мағриб ҳам касоне), ки ба чунин вичдони мустақилле дар башар имон ва эътиқод доранд, ки воқеан Худо ба башар чунин вичдоне иноят фармудааст. Яке аз онҳо, Кант (*Иммануил Кант*), файласуфи маъруфи олмонӣ аст, ки дар дунё ӯро яке аз бузургтарин фалосифаи ҷаҳон ва ҳамрадифи Арасту ва Афлотун дар нубуғ медонанд ва файласуфи хеле фавқулъодае аст. Кант китобе дорад дар боби ақли назарӣ ва китобе дар боби ақли амалӣ. Ва дар ақли амалӣ, дар боби ахлоқ ва решаи ахлоқ ва фалсафаи ахлоқ баҳс кардааст ва бештари аҳаммияти ҳарфҳояш ҳам дар масоили ҳикмати амалӣ ва ахлоқи амалӣ аст. **Ин мард дар фалсафаи худаш мӯътақид аст, ки феъли ахлоқӣ яъне феъле, ки инсон онро ба унвони як таклиф, аз вичдони худаш гирифта бошад**. Феъли ахлоқӣ яъне феъле, ки вичдон гуфта: бикун ва инсон ҳам

бидуни чуну чаро — на барои ҳадаф ва ғаразе — сирфан ва сирфан барои итоати амру фармони виҷдон, онро анҷом медиҳад. Пас, **феъли ахлоқӣ яъне феъле, ки ношӣ аз фармони виҷдон аст**. Ӯ дар бораи виҷдон ва замири инсон хеле ҳарфҳо дорад. Ҷумлае дорад, ки онро — ё ба васияти худаш ва ё ба интихоби дигарон — бар лавҳи қабраш навиштаанд. Ҷумлае бисёр олӣ аст. Гуфтааст:

"*Ду чиз аст, ки инсонро ҳамвора ба эъҷоб вомедорад ва ҳар чи онҳоро мутолеа мекунад, бар эъҷобаш меафзояд: яке, осмони пурситорае, ки болои сари мо қарор гирифтааст ва дигар, виҷдоне, ки дар замири мо қарор дорад*."

Асосан дар ин мактаб, ахлоқ, виҷдони фитрии инсонӣ аст, ки Худои Мутаъол ба ҳар инсоне додааст.

Дар равоншиносӣ баҳсе аст тӯлонӣ роҷеъ ба виҷдон ё виҷдонҳои инсон ва ба таъбире, ки муносиб бо ҳарфҳои худамон бошад, роҷеъ ба умури фитрии инсон, ки чӣ чизҳое дар фитрати инсон аст. Рӯйи чаҳор чиз ин баҳс ҳаст: яке, виҷдони ҳақиқатҷӯӣ ё виҷдони илм: оё инсон илмро ба хотири худи илм дӯст дорад, яъне ба ҳасби фитрат ва ғариза ковишгар офарида шудааст? Дигар, ҳамин виҷдони ахлоқӣ аст: оё инсон ба ҳасби фитрат некӯкор офарида шуда? Ба ӯ виҷдоне дода шуда, ки ӯро даъват ба некӯкорӣ мекунад ва фармон ба некӣ медиҳад? Севвум, виҷдони зебоӣ аст: оё ҳар касе ба ҳасби виҷдони худаш ва билфитра зебоишинос ва зебоихоҳ офарида шудааст? Ва чаҳорум, виҷдони парастиш, яъне виҷдони динӣ ва мазҳабӣ, ки оё ҳар инсоне ба ҳасби хилқат ва фитрат, парастанда ва Худохоҳ ва Худодӯст ва Худопараст офарида шудааст ё на? Кант рӯйи масъалаи виҷдони ахлоқӣ такя кардааст.

Бинобар ин, тибқи ин назария, ахлоқ яъне дастурҳои сареҳ ва қотеъе, ки виҷдони инсон ба инсон илҳом мекунад. Агар бипурсед: чаро инсонҳо эсор мекунанд? Мегӯяд: ин амри виҷдон аст, чаро надорад, далел надорад, виҷдон амр карда. Чаро инсонҳо ҳақшиносанд? Мегӯяд: ҳақшиносӣ илҳоми виҷдон аст. Чаро инсонҳо аз афв бештар лаззат мебаранд, то интиқом ва ба ҷойи интиқом афв мекунанд? Мегӯяд: фармони виҷдон аст. Чаро инсон тан ба зиллат доданро сахттар аз ҷон додан медонад ва мегӯяд, зери бори зиллат намеравам? Мегӯяд: фармони виҷдон аст ва ҷуз фармони виҷдон, чизи дигаре нест.

* * *

Чанд калимае зикри мусибат мекунам. Мукаррар шунида ва медонед, дар ҳодисаи Карбало яке аз шохисҳои ахлоқӣ, ки дар шахси муқаддаси Сайидушшуҳадо ва ёрон ва аҳли байташ намудор аст, ин ҳолати ахлоқӣ аст, ки мо тан ба зиллат намедиҳем; мо асир мешавем, тани мо мумкин аст дар занҷир қарор бигирад, гарданҳои мо мумкин аст дар

зери ғуллҳои сангин хурд бишавад, маҷрӯҳу хунрезон бишавад, вале руҳи мо ба ҳеч вақҳ зери бори зиллат намеравад, ҳарчанд зане асир бошем.

Асиронро вориди маҷлиси писари Зиёд мекунанд. Занони аҳли байт ва занони баъзе аз асҳоб ва хидматкорон ва канизон, ҳама гӯё даври Зайнаб ҳалқа зада буданд. Ба ин вазъ ҳазрати Зайнаб вориди маҷлиси Ибни Зиёд шуд ва Зайнаб зане қандбаланд буд. Дар он миён, ӯ, ки қаддаш баландтар буд, намоён буд. Зайнаб ворид шуд ва салом накард. Ибни Зиёд таваққуъ дошт баъд аз ин ҳодиса — ки ба хаёли худаш, инҳоро хурд карда ва тамоми нерӯҳояшонро гирифтааст — дигар бояд инҳо таслим шуда бошанд, фикр мекард, акнун вақти хоҳишу илтимос аст ва интизор дошт Зайнаб лоақал саломе ба унвони ришва ба ӯ бидиҳад, вале чунин ришваеро ҳам Зайнаб надод. Нороҳат шуд, намедонист, ки руҳи онҳо хурдшуданӣ нест. Вақте Зайнаб нишаст, ӯ бо таҷаббур ва такаббуре гуфт:

مَنْ هذِهِ الْمُتَكَبِّرَةُ

Ё:

مَنْ هذِهِ الْمُتَنَكِّرَةُ

(Ду ҷур навиштаанд.) Ин зани пуртакаббур кист? Яъне чаро ба мо салом накард? Ё: ин зани ношинос кист? Касе ба ӯ ҷавоб надод. Суолашро такрор кард. Боз ҳам касе ҷавоб надод. Дафъаи севвум ё чаҳорум яке аз занҳо гуфт:

هذِهِ زَيْنَبُ بِنْتُ عَلِيِّ بْنِ اَبى طالِبٍ

Ин Зайнаб духтари Алӣ аст. Ибни Зиёд шурӯъ кард ба разолат ва пастӣ нишон додан, гуфт:

الْحَمْدُ لِلّهِ الَّذي فَضَحَكُمْ وَأَكْذَبَ أُحْدوثَتَكُمْ

Худоро сипос мегӯям, ки шуморо расво ва дурӯғи шуморо ошкор кард, Худоро сипос мегӯям, ки уқда ва кинаи маро нисбат ба бародарат шифо дод. Аз ин ҷур захми забонҳо. Зайнаб ба сухан даромад, фармуд: Худоро сипос мегӯям, ки иззати шаҳодатро насиби мо кард, Худоро сипос мегӯям, ки нубувватро дар хонадони мо қарор дод,

إِنَّما يَفْتَضِحُ الْفاسِقُ وَيَكْذِبُ الْفاجِرُ وَهُوَ غَيْرُنا، ثَكِلَتْكَ أُمُّكَ يَا ابْنَ مَرْجانَةَ

Расвоӣ моли фосиқу фоҷирҳост, шаҳодат ифтихор аст, на расвоӣ, дурӯғро фосиқу фоҷирҳо мегӯянд, на аҳли ҳақиқат, дурӯғ аз соҳати мо ба дур аст! Худо марг бидиҳад туро писари Марҷона! Зери ин калима — “писари Марҷона”, як китоб ҳарф буд, чун Марҷона зани бадноме буд. Бо гуфтани ин ки ту писари Марҷона ҳастӣ, як китоб матлаб

ба ёди Ибни Зиёд ва ҳамаи ҳуззори маҷлис овард. Ибни Зиёд гуфт: шумоҳо ҳанӯз забон доред?! Ҳанӯз доред ҳарф мезанед?! Ҳанӯз сари ҷойи худатон нанишастаед?! Кор ба ҷойе мерасад, ки мегӯяд: ҷаллод! Биё, гардани ин занро бизан! Бо Зайнулобидин сӯҳбат мекунад. Ӯ низ айнан ҳамин чур ҷавоб медиҳад. Ибни Зиёд мегӯяд: ҷаллод! Биё, гардани ин ҷавонро бизан!

Ногаҳон Зайнаб аз ҷо ҳаракат мекунад ва Зайнулобидинро дар бағал мегирад, мегӯяд: ба Худо қасам, гардани ин зада нахоҳад шуд магар ин ки аввал гардани Зайнаб зада бишавад. Ибни Зиёд нигоҳе кард ва гуфт:

عَجَبا لِلرَّحِمِ، سُبْحانَ اللهِ

Ман алъон мебинам, ки агар бихоҳам гардани ин ҷавонро бизанам, аввал бояд гардани ин занро бизанам.

ولا حول ولا قوة الاّ بالله العلي العظيم وصلّى الله على محمّد وآله الطاهرين، باسمك العظيم الأعظم الأعزّ الأجلّ الأكرم يا الله

Парвардигоро! Дилҳои моро ба нури имон мунаввар бигардон!

Ахлоқи моро ахлоқи қуръонӣ қарор бидеҳ!

Дилҳои моро аз разоили ахлоқӣ пок бигардон!

Ба ҳама мусалмонон иззат ва ошноии комил бо таъолими Қуръон иноят бифармо!

Падарҳо ва модарҳои мо, ки аз дунё рафтаанд, ғариқи раҳмати худ бифармо!

Назрияи виҷдонӣ

وَنَفْسٍ وَمَا سَوَّاهَا. فَأَلْهَمَهَا فُجُورَهَا وَتَقْوَاهَا

(*Шамс/7- 8*)

Сухан расид ба назарияи виҷдон дар ахлоқ; назарияи касоне, ки мабдаи афъол ва андешаҳо ва тасмимоти ахлоқии инсонро чизе ба номи “виҷдон” медонанд. Назар ба ин ки ин назария аз тарафи яке аз бузургтарин файласуфони ҷаҳон иброз шудааст ва ба илова, худи назария, назарияи қобили таваҷҷӯҳе аст ва ба илова, ҳамаи инҳо агар бино бошад назарияе дақиқан мавриди таваҷҷӯҳ қарор бигирад, набояд инсон онро сарсарӣ нақл кунад ва баъд нақд ё тасдиқ намояд, аз ин рӯ бо иҷозаи мустамеъони мӯҳтарам, тавзеҳоте дар бораи ин назария арз мекунам ва фикр мекунам навъи мустамеъин навъе аст, ки бо тарҳи ин гуна масоил мухолиф нестанд, балки мувофиқанд.

Оё ҳамаи мӯҳтавиёти зеҳнии инсон маъхуз аз таҷриб аст?

Ин назария аввалан мубтанӣ аст бар як назарияи дигаре, ки худи Кант ва баъзе файласуфони дигари ҷаҳон дошта ва доранд. Тавзеҳ ин ки: ин масъала дар ҷаҳон матраҳ аст, ки оё ҳамаи мӯҳтавиёти зеҳни инсон, ҳамаи сармояҳои зеҳнӣ ва фикрӣ ва виҷдонии инсон маъхуз аз эҳсос ва таҷрибаи инсон аст? Яъне оё ҳамаи фикрҳо, андешаҳо ва эҳсосҳое, ки дар инсон вуҷуд дорад, ибтидо, ки ӯ ба дунё меояд, ба ҳеч шакле вуҷуд надорад ва инсон ҳар чи ба даст меоварад, фақат аз роҳи ҳавосс (чашм, гӯш, ломиса, зоиқа ва шомма) ба даст меоварад? Ё як силсила аҳком аз ибтидо ҳамроҳи зеҳни инсон вуҷуд дорад?

Баъзе мӯътақиданд — ҳам дар қадим мӯътақид будаанд ва ҳам дар ҷадид — ки дар зеҳни инсон ҳеч чизе вуҷуд надорад, ки қаблан дар ҳисси ӯ вуҷуд надоштааст. Ҳамаи мӯҳтавиёти фикрӣ ва зеҳнии инсон аз ҳамин дарвозаҳои ҳавосс вориди зеҳн шудаанд ва ғайр аз инҳо чизе нест. Аз назари ин афрод, зеҳни инсон ҳукми анбореро дорад, ки дар ибтидо холии маҳз аст, аз панҷ дар ё бештар (агар ҳавосси бештар бошад), ашёе дар ин анбор рехта мешавад ва анбор пур мегардад, вале ин анбор, ки пур шудааст, ҳеч чизе дар он нест магар ин ки аз яке аз ин дарҳо омада ва дар ин анбор чизе, ки аз ин дарҳо ворид нашуда бошад, вуҷуд надорад.

Назарияи дигар, назарияи касоне аст, ки мегӯянд, он чи дар анбори зеҳнии инсон ҳаст, ду бахш аст: бахше аз онҳо аз ҳамин дарҳо ва равзанаҳои ҳавосс (чашм ва гӯш ва шомма ва ломиса ва зоиқа ва амсоли инҳо) омадааст ва порае аз онҳо қаблӣ аст, яъне қабл аз

эҳсос дар зеҳни мо вуҷуд дорад. Оқои Кант ин назари дуввумро интихоб карда ва мӯътақид ба ҳақоиқи моқабли таҷрибӣ аст. Ин як муқаддима.

Ақли назарӣ ва ақли амалӣ

Матлаби дигар — ки қудамои мо ҳам ҳамеша мегуфтаанд ин аст, ки – мегӯянд, ақли инсон ду бахш аст: бахши назарӣ ва бахши амалӣ, ё аҳкоми ақли инсон ду бахш аст: назарӣ ва амалӣ. Як қисмат аз корҳои ақли инсон дарки чизҳое аст, ки “ҳаст”. Инҳоро мегӯянд ақли назарӣ. Қисмати дигар дарки чизҳое аст, ки “бояд” бикунем, дарки “боядҳо”. Инҳоро мегӯянд ақли амалӣ.

Кант тамоми фалсафааш нақди ақли назарӣ ва ақли амалӣ аст, ки аз ақли назарӣ чӣ корҳо сохтааст ва аз ақли амалӣ чӣ корҳо? Ӯ дар поён ба инҷо мерасад, ки аз ақли назарӣ кори зиёде сохта нест, умда ақли амалӣ аст, ки ӯ ба ҳамин масъалаи виҷдон мерасад. Ин ҳам муқаддимаи дуввум.

Аҳкоми виҷдон аз назари Кант

Муқаддима севвум: Кант мегӯяд, виҷдон ё ақли амалӣ, як силсила аҳкоми қаблӣ аст, яъне аз роҳи ҳиссу таҷриба ба дасти башар нарасида, (балки) ҷузъи сиришт ва фитрати башар аст. Масалан, фармон ба ин ки рост бигӯ, дурӯғ нагӯ, фармоне аст, ки қабл аз ин ки инсон таҷрибае дар бораи росту дурӯғ дошта бошад ва натиҷаи ростӣ ва дурӯғро бибинад, виҷдон ба инсон мегӯяд, рост бигӯ, дурӯғ нагӯ. Бинобар ин, дастурҳое, ки виҷдон медиҳад, ҳама дастурҳои қаблӣ ва фитрӣ ва — ба таъбири авомм — модарзодӣ аст, ба ҳиссу таҷрибаи инсон марбут нест. Ба ҳамин далел, фармони ахлоқӣ ба натоиҷи корҳо кор надорад, худаш асос аст. Масалан, мо мегӯем: рост бигӯ, баъд барояш истидлол мекунем, ки: агар инсон рост бигӯяд, мардум ба ӯ эътимод мекунанд, мардум ба гумроҳӣ намеафтанд, худаш шахсият пайдо мекунад; натоиҷи ростиро зикр мекунем. Ҳамчунин мегӯем: дурӯғ нагӯ; натоиҷи бади дурӯғро зикр мекунем. Мегӯяд: виҷдони ахлоқӣ ба ин натоиҷ коре надорад, фармоне аст мутлақ. Ба иборати дигар, он ақл аст, ки бо маслиҳат сару кор дорад. Ғалат аст, ки мо биёем барои масоили ахлоқӣ истидлол кунем, ки: эй мардум! Амонат дошта бошед ба ин далел ва баъд осор ва маслиҳат ва фоидаи амонатро зикр кунем. Эй мардум! Хиёнат накунед, баъд мафосиди хиёнатро зикр кунем. Эй мардум! Одил бошед, он гоҳ маслиҳатҳо ва осори адолатро зикр кунем. Золим набошед, осор бади зулмро баён намоем. Мегӯяд, ин иштибоҳ аст. Инҳо кори ақл аст, ки дунболи маслиҳат меравад.

Ақл чун дунболи маслиҳат меравад, аҳкомаш ҳамеша машрут аст, яъне ҳамеша ба чизе фармон медиҳад ба хотири як маслиҳат. Як ҷо мебинед он маслиҳат аз байн рафт.

Маслиҳат, ки рафт, ақл ҳам даст аз ҳукми худаш бармедорад. Масалан, ақл мегӯяд, амонат ба харҷ бидеҳ барои фалон маслиҳат. Як ҷо он маслиҳат вуҷуд надорад, мегӯяд, на, инҷо дигар амонат ба харҷ надеҳ. Ё мегӯяд, рост бигӯ ба хотири фалон маслиҳат. Як ҷо он маслиҳат аз даст меравад, мегӯяд, на, инҷо дигар рост нагӯ, инҷо ҷойи дурӯғ гуфтан аст.

Кант мегӯяд, ин ки ахлоқиюн гоҳе иҷоза медиҳанд бар хилофи усули ахлоқӣ рафтор бишавад, иллаташ ин аст, ки инҳо нахостаанд аз виҷдон илҳом бигиранд, хостаанд, аз ақл дастур бигиранд. Ин ақл аст, ки дунболи маслиҳат меравад. Виҷдон ин ҳарфҳо сараш намешавад; ӯ мегӯяд, рост бигӯ, як ҳукми мутлақ ва било шарт ва бидуни ҳеч қайде, ба асар ва натиҷааш кор надорад. Мегӯяд, рост бигӯ ҳарчанд барои ту натоиҷи зиёновар дошта бошад ва дурӯғ нагӯ ҳарчанд манофеъи зиёде барои ту дошта бошад. Ӯ асосан ин ҳарфҳо дар кораш нест, мегӯяд, мутлақан рост бигӯ ва мутлақан дурӯғ нагӯ. Гуфт:

Дар андаруни мани хастадил надонам кист,

Ки ман хамӯшаму ӯ дар фиғону дар ғавғост.

(Ҳофиз)

Дар андаруни мо Худо якчунин қувваи омир ва фармондеҳе қарор дода бо як силсила фармонҳо ва таклифҳо, ки аз даруни мо ба мо фармони ахлоқӣ медиҳад. Ба иборати дигар, башар “таклиф сари худ” ба дунё омада. Дигарон мегӯянд, инсон мустаъидди таклиф ба дунё омада, қобил барои ин ки баъдҳо мукаллаф бишавад ба дунё омадааст. Кант мегӯяд: аслан башар мукаллаф ба дунё омада; таклифҳояш ҳамроҳи худаш ҳаст.[11] Инсон “таклиф сари худ” ба дунё омадааст, яъне порае аз таклифҳо дар даруни худаш гузошта шуда; нерӯе дар даруни худаш ҳаст, ки он фармонҳоро мураттаб ба ӯ медиҳад.

Азоби виҷдон

Баъд (Кант) мегӯяд: оё ҳаргиз талхии пушаймониро чашидаед? Ҳеч кас нест, ки як кори ғайри ахлоқӣ карда бошад ва баъд худаш талхии он корро начашида бошад. Одам ғайбат мекунад ва дар ҳоле, ки ғайбат мекунад гарм аст, мисли он одаме, ки даъво мекунад ва дар ҳоли даъво онҷунон гарм аст, ки ҷарроҳоте ба баданаш ворид мешавад, ҳиссе намекунад, вале вақте, ки даъво тамом мешавад ва ба ҳоли оддӣ бармегардад, тоза дардро эҳсос мекунад.

[11] *Албатта мақсуд таклифҳои ғайри виҷдонӣ нест, порае аз таклифот аст. Ӯ фақат таклифҳои ахлоқиро мегӯяд*.

Инсон дар ҳоле, ки гарми як ҳаяҷоне ҳаст; ғайбат мекунад, лаззат мебарад мисли лаззати одами гуруснае, ки — ба таъбири Қуръон — гӯшти мурдаи бародарашро бихӯрад. Аммо ҳамин ки ин ҳолат рафъ бишавад, як ҳолати танаффури аз худаш дар худаш пайдо мешавад; эҳсос мекунад, ки аз худаш танаффур пайдо карда, дилаш мехоҳад худаш аз худаш ҷудо бишавад, худашро маломат ва сарзаниш мекунад.

Имрӯз ин ҳолатро “азоби виҷдон” мегӯянд ва ин воқеан ҳақиқате аст. Аксари ҷониҳои дунё — ҳарчанд барои чанд лаҳза — азоби виҷдонро эҳсос мекунанд.[12] Аксари ҷониҳои дунё мӯътод ба як силсила саргармиҳои хеле шадиданд; мӯътод ба як силсила мухаддирҳо аз қабили тарёк, героин, мускирот ва қимор, ё саргармиҳои бисёр шадид ва мунсарифкунандаи дигар. Ин барои он аст, ки мехоҳад аз худаш фирор кунад. Худаш инро ҳисс мекунад, ки агар худаш бошад ва худаш, аз худаш ранҷ мебарад ва гӯё дарунаш пур аз мору ақраб аст ва доиман доранд ӯро мегазанд. Ҳамон тавр, ки ба шахсе, ки аз дарди шадиде менолад морфин тазриқ мекунанд, то он дардро ҳисс накунад, ин саргармиҳо ва мухаддирот ва мускирот ва қиморҳо — ки бештар дар афроди ҷинояткор ва фосидуламал пайдо мешавад — барои фирор аз худ аст. Мехоҳад аз худаш фирор кунад ва ин чӣ бадбахтӣ аст ва чаро бояд инсон худашро ончунон бисозад, ки натавонад бо худаш хилват кунад?! Баръакс, чаро аҳли салоҳ, аҳли тақво, аҳли ахлоқ; онҳо, ки ҳамеша нидои виҷдонашонро шунида ва итоат кардаанд, аз ҳар чи ки онҳоро аз худашон мунсариф кунад, фирорӣ ҳастанд; дилашон мехоҳад худашон бошанд ва худашон ва фикр кунанд? Чун олами дарунашон аз олами берун воқеан солимтар аст. Он ки олами дарунаш мисли боғи ваҳшӣ аст, ки сабуъҳо ва дарандаҳо ва газандаҳояшро раҳо карда бошанд, аз худаш фирор мекунад меравад ба тарафи мухаддирот, вале ин баръакс аст. Муллои Румӣ мегӯяд:

Як замон танҳо бимонӣ ту зи халқ,

Дар ғаму андеша монӣ то ба ҳалқ.

Хулоса, мегӯяд, ин ки инсон наметавонад бо худаш хилват кунад, барои ин аст, ки худи воқеияшро аз даст додааст ва ба қавли инҳо, барои ин аст, ки наметавонад як лаҳза бо виҷдони худаш ба сар бибарад. Виҷдон мегӯяд: чаро чунин кардӣ?! Мебоист чунин намекардӣ.

Кант мегӯяд: ин талхиҳои пушаймониҳо, ин азоби виҷдонҳо аз куҷост? Агар чунин фармондеҳе дар даруни инсон намебуд, инсон худаш аз кори худаш розӣ буд ва лоақал

[12] *Ин ки намегӯям ҳама, чун ман чунин оморе надорам, вале ғайрашро ҳам суроғе надорам*.

дар дарунаш нороҳатӣ надошт, аз берун нороҳатӣ дошт. Вале инсон ҳамеша аз дарунаш эҳсоси нороҳатӣ мекунад. Мегӯяд: ин амр барои он аст, ки он нерӯ як нерӯи қаблӣ аст, яъне таҷрибӣ нест, мутлақ аст ва мисли ҳукми ақл машрут ба маслиҳат нест, ом аст ва дар ҳама ҷо як ҷур содиқ аст; барои ман ҳамон андоза содиқ аст, ки барои шумо ва барои шумо ҳамон қадр содиқ аст, ки барои ашхоси дигар. Ҳамчунин зарурӣ ва ҷабрӣ ба маънии ғайриқобили таслим аст. Инсон метавонад худашро таслими дигарон кунад, вале ҳаргиз наметавонад виҷдонашро таслим кунад. Инсон мумкин аст худаш таслими як ҷаббор ё таслими як амали зишт бишавад, вале виҷдон ба гунае аст, ки ҳаргиз таслим намешавад. Виҷдони он ҷиноятқортарини ҷиноятқорони дунё ҳам ҳозир нест таслими он ҷиноятқор бишавад, яъне ба ӯ бигӯяд, бисёр хуб, кори хубе кардӣ; рӯйи ҳукми худаш истода, мисли як омир ба маъруф ва ноҳӣ аз мункари Абӯзармаоб, ки ҳеч нерӯе наметавонад ӯро таслим кунад. Аз дарун, инсонро амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар мекунад. Сирри девонгиҳои бисёре аз ҷиноятқорон, ки ҷиноятҳои фаҷеъ муртакиб мешаванд ва вақте ба худ бармегарданд, ончунон нороҳат мешаванд, ки девона мешаванд — ва таърих аз мисли инҳо зиёд суроғ дорад — ҳамин аст. Пас талхии пушаймонӣ, худаш далел бар ин матлаб аст, ки воқеан инсон аз чунин виҷдоне баҳраманд аст.

Виҷдони ахлоқӣ ва саодат

(Кант) мегӯяд: ин виҷдон (яъне виҷдони ахлоқӣ) инсонро даъват ба камол мекунад, на саодат. Саодат як матлаб аст, камол матлаби дигар. Кант як хубие бештар намешиносад, мегӯяд: **дар ҳамаи дунё як хубӣ вуҷуд дорад ва он, иродаи нек аст. Иродаи нек ҳам яъне дар муқобили фармонҳои виҷдон мутеъи мутлақ будан**. Ҳоло, ки инсон бояд дар муқобили фармони виҷдон мутеъи мутлақ бошад, пас бояд амри ӯро итоат кунад ва таслими мутлақи ӯ бошад; ва чун виҷдони ахлоқӣ ба натоиҷи кор таваҷҷӯҳ надорад ва мегӯяд, хоҳ барои ту муфиди фоида ё лаззате бошад ё набошад, хушӣ ба дунбол биёварад ё ранҷ, онро анҷом бидеҳ, пас бо саодати инсон кор надорад, чун саодат дар ниҳояти амр яъне хушӣ, мунтаҳо ҳар лаззате хушӣ нест; лаззате, ки ба дунболи худаш ранҷ биёварад хушӣ нест.

Саодат яъне хушии ҳар чи бештар, ки дар он ҳеч гуна ранҷу аламе (аъам аз руҳӣ, ҷисмӣ, дунявӣ ва ухравӣ) вуҷуд надошта бошад ва шақоват яъне дарду ранҷ. Маҷмӯъи дарду ранҷҳо ва маҷмӯъи хушиҳо (аъам аз ҷисмӣ, руҳӣ, дунявӣ ва ухравӣ)-ро бояд ҳисоб кард. Он ки бештар аз ҳама хушӣ эҷод мекунад, саодат аст. Пас, мабнои саодат, хушӣ аст. Вале

ин вичдон ба хушӣ кор надорад, ба камол кор дорад; мегӯяд: ту ин корро бикун барои ин ки худаш фӣ ҳадди зотиҳ камол аст, саодати дигаронро бихоҳ, ки камоли туст.

Ин ҷост, ки оқои Кант миён камол ва саодат фарқ гузошта ва ин фикр аз замони ӯ то замони ҳозир ҳанӯз роиҷ аст, ки фарангиҳо мегӯянд, камол як матлаб аст, саодат матлаби дигар.

Оё камол ғайр аз саодат аст?

Дар фалсафаи исломӣ масъалаи камол ва саодат матраҳ аст. Бӯалӣ дар “Ишорот” ва баъзе дигар ин масъаларо тарҳ кардаанд. Онҳо мӯътақиданд, ки саодатро аз камол ва камолро аз саодат намешавад тафкик кард; ҳар камоле худ навъе саодат аст, ки тавзеҳи онро баъдан ба арзи шумо мерасонам. Вале Кант инҳоро аз якдигар тафкик мекунад ва баъд мегӯяд: ин, кори бисёр мушкиле аст, ки мо таклифро — ба қавли ӯ — аз зебоӣ ҷудо кунем, ахлоқро аз саодат ҷудо кунем ва ҳол он ки ҳамаи фалосифаи дунё ахлоқро мулозим бо саодат медонанд.

Масалан, Форобӣ — ки дар бораи саодат зиёд баҳс мекунад ва чанд китоб дар ин замина навишта ва исми як китобаш “Таҳсилус-саъода” — аслан ахлоқ ва саодатро бо якдигар тавъам мебинад. Ё аз назари ахлоқиюне мисли соҳиби “Ҷомеъус-саъодот” ва соҳиби “Меъроҷус-саъода”, ки китобҳояшон китобҳои ахлоқӣ аст, аслан мафҳуми саодат рукни ахлоқ аст. Вале Кант мегӯяд: ахлоқ сару кораш бо саодат нест, сару кораш бо камол аст. Баъд худаш ба худаш эътироз мекунад, ки агар бино бишавад ахлоқ аз саодат ҷудо гардад, кори ахлоқ хеле душвор мешавад; як одами ахлоқӣ бо итминон ба ин ки дорад аз саодат дур мешавад, бояд фармони ҳисси ахлоқии худашро бипазирад ва ин, кори бисёр душворе аст. Мегӯяд: қабул дорам душвор аст, вале танҳо роҳи суъуд ба малакут ҳамин аст, ки инсон роҳи камолро интихоб кунад, на роҳи саодатро.

Ин ҷо як эроди хеле возеҳе ҳаст ба ҷаноби Кант, ки ин ки сухан аз интиҳо ба малакут мегӯй, оё инсон вақте ба малакути аъло бирасад, саодатманд аст ё шақоватманд? Оё камол, ки инсонро ба малакут мерасонад, ба саодат мерасонад ё ба шақават? Ночор мегӯяд, ба саодат. Аз ин ҷо маълум мешавад, он саодате, ки ӯ мегӯяд, саодати ҳиссӣ аст, яъне хушии моддии дунявӣ, вагарна асосан намешавад саодатро аз камол ҷудо кард ва ҳамчунон, ки Бӯалӣ ва амсоли ӯ гуфтаанд, саодат ва камол ғайриқобили инфикоканд. Кант ҳам дар охири амр натавонист ин дуро аз ҳам ҷудо кунад.

Барои ин ки ҳарфашро тавҷеҳ кунем, бояд бигӯем, мақсуди ӯ аз саодат он чизе аст, ки қудамои мо онро саодати ҳиссӣ меноманд. Онҳо ҳам қоил ба ду саодатанд: саодати ҳиссӣ ва саодати ғайриҳиссӣ.

Виҷдон ва исботи ихтиёри инсон

Кант — ҳамон тавр, ки арз кардам — меҳвари фалсафааш виҷдони ахлоқӣ аст. Ӯ дар боби ақли назарӣ, яъне дар он чи ки мо “фалсафа ва ҳикмати илоҳӣ” меномем, ҳар чи ковиш карда, охираш ба шак расида, яъне ба ҷойе нарасида. Вале вақте омада ба олами ахлоқ, ба назараш расида, ки дар ин ҷо мифтоҳи ҳама чизро кашф кардааст: мифтоҳи мазҳабро кашф карда, мифтоҳи озодӣ ва ихтиёрро кашф карда, мифтоҳи бақо ва хулуди нафсро кашф карда, мифтоҳи маъодро кашф карда, мифтоҳи исботи вуҷуди Худоро кашф кардааст.

Мегӯяд: агар мо бихоҳем аз роҳи ақли назарӣ (яъне ҳамон, ки имрӯз мо ба он фалсафа мегӯем), исбот кунем, ки инсон мухтор ва озод аст, наметавонем. Ақли назарӣ охираш ба ҷойе мерасад, ки одам бигӯяд, инсон ихтиёр надорад ва як мавҷуди маҷбур аст. Вале аз роҳи ҳисси ахлоқӣ, ки амрест дарунӣ ва виҷдонӣ ва инсон бо илми ҳузурӣ онро кашф мекунад, ба ин ҷо мерасем, ки инсон озод ва мухтор аст.[13] Мегӯяд: агар мо аз роҳи фалсафа ворид бишавем, охираш мерасем ба ин ҷо, ки инсон як мавҷуди маҷбур аст, вале вақте ба ҳисси ахлоқӣ ва виҷдони худамон муроҷеа мекунем, дар виҷдони худамон инсонро озод ва мухтор меёбем. Озодӣ ва ихтиёрро бо ҳисси дарунӣ ва бо замир исбот мекунад.

Ин ҳам ҳарфи тозае нест. Хеле афроди дигар ҳам ихтиёрро аз роҳи ҳисси дарунӣ исбот мекунанд. Мавлавӣ мегӯяд:

Ин ки фардо ин кунам, ё он кунам?

Ин далели ихтиёр аст, эй санам![14]

Пас (аз назари Кант) инсон ба ҳукми виҷдонаш — на ба ҳукми далелҳои фалсафӣ — як мавҷуди мухтор ва озод аст.

Виҷдон ва исботи бақо ва хулуди нафс

Аз ҳамин ҷо масъалаи бақо ва хулуди нафсро исбот мекунад. Медонед, ки яке аз масоили муҳимми башарият ҳамеша ин будааст, ки оё руҳ ё нафси инсон баъд аз мурдан, боқӣ ва ҷовидон ва дар олами дигаре саодатманд ва ё шақоватманд аст? Ё на, нафс ё руҳи инсон бо мурдани инсон, тамом ва фонӣ мешавад? Ин яке аз муҳимтарин масоили фикрӣ ва фалсафии дунёст. Имрӯз ҳам агар шумо ба ҳамин дунёи ба истилоҳ мошинии Урупо

---

[13] *Илми ҳузурӣ яъне инсон даруни худашро мустақиман мебинад; идроки мустақими даруни худ.*

[14] *Яъне амри виҷдонӣ.*

биравед, боз фалосифаи бузурги Урупоро мебинед, ки баъзе аз онҳо моддӣ ҳастанд ва баъзе руҳӣ.

Кант мӯътақид аст, ки бо бароҳини фалсафа намешавад бақо ва хулуди нафсро исбот кард, вале виҷдони инсон мегӯяд, нафс боқӣ ва холид аст, ҳамеша ҳаст ва дар дунёи дигаре подош ё кайфар мебинад. Мегӯяд, далелаш ин аст:

Виҷдони инсон доим ба ӯ фармон медиҳад садоқатро, амонатро, дурустиро, адолатро. Инсон дар амал ҳамеша мебинад, ки садоқат ва амонат ва дурустӣ ва адолат ва ғайра лузуман дар ин дунё подош надорад ва низ инҳо аз назари расидан ба подошҳои дунявӣ барои инсон қайду банд аст. Агар одамӣ ин қайду бандҳо яъне садоқат ва амонат ва адолат ва ғайраро аз миён бардорад, монеъ аз ҷилави пояш бардошта шуда, раҳо мешавад.

Ин масалро ман зикр мекунам: Алӣ ибни Абӯтолиб ва Муовия рӯ дар рӯйи ҳамдигар қарор мегиранд. Алӣ мардест пойбанди адолат, мухолиф бо табъиз, ришва, дурӯғ гуфтан, фиреб додан. Тамоми сиёсаташ бар ин асос аст. Ва Муовия мардест, ки пойбанди ҳеч як аз ин ҳарфҳо нест. Ӯ мехоҳад ба ҳадаф ва мақсуд бирасад; агар бо адолат беҳтар мешавад расид, адолат; агар на, табъиз, ришва, моли мардум хӯрдан, аз ин гирифтан ба он додан, фиреб додан ва найранг задан, дурӯғ гуфтан. Қаҳран ӯ муваффақ мешавад ва Алӣ алайҳис салом шикаст мехӯрад.

Ҳамаи инсонҳо инро эҳсос мекунанд, ки инҳо барои инсон қайду маҳдудият эҷод мекунад. Бо ин ҳол, боз он андарун ва замири инсон фармон медиҳад ба садоқат, амонат, адолат ва ғайра. Ӯ даст аз фармони худаш барнамедорад. Ин барои чист?

(Кант) мегӯяд: маҳол аст, ки инсон дар даруни худаш ноогоҳона мутмаин набошад ба поёни неки ин умур, ки инҳо гум намешавад ва ҳадар намеравад. Дар умқи виҷдон ва замири инсон, ноогоҳона ин эътиқод ва имон ҳаст. Эй басо ба зоҳир инкор мекунад, мегӯяд, мо намедонем воқеан қиёмате ҳаст, маъоде ҳаст ва оё баъд аз мурдан хабаре ҳаст ё на, вале ноогоҳона дар даруни худаш ба ин ҳақоиқ имон дорад ва аз ин рӯ сад бор агар рост бигӯяд ва бадӣ бибинад, адолат кунад ва зулм бибинад, бори саду якум боз садоқат ва адолаташро раҳо намекунад. Ин барои он аст, ки дар умқи замир ва виҷдон ва ба илми ҳузурӣ ин матлабро эҳсос мекунад, ки зиндагӣ мунҳасир ба инҷо нест, давраи дунё назири давраи зиндагии як ҷанин аст, ки таваллуди дигар дар пеш рӯйи ӯ ҳаст. **Пас, эҳсоси таклиф мутазаммини имон ба подош аст, яъне мутазаммини имон ба хулуд ва бақои нафс аст. Имон ба хулуди нафс яъне эҳсоси ин ки ман боқӣ ҳастам ва подошамро аз ҷаҳон мегирам ва гум намешавад. Ин худаш мутазаммини имон ба холиқ аст. Имон ба хулуди “ман”, мусталзими имон ба холиқ аст**.

Ин аст, ки оқои Кант аз ҳамин виҷдони ахлоқӣ на фақат дастурҳои ахлоқиро истинбот мекунад, балки ин пояи фалсафаи ӯст дар ҳамаи мовароуттабиа ва аз ҳамин ҷо озодӣ ва ихтиёрро исбот мекунад, аз ҳамин ҷо бақо ва хулуди нафс ва олами охиратро исбот мекунад, аз ҳамин ҷо вуҷуди Худоро исбот мекунад ва ин аст, ки мегӯяд:

"*Ду чиз аст эъҷобовар ва ҳеч чизе ба андозаи онҳо барои инсон эъҷобовар нест: яке, осмони пурситорае, ки болои сари мо қарор гирифтааст ва дигар, виҷдоне, ки дар замири мо қарор дорад.*"

Ин барои он аст, ки ӯ дар замири инсон ба хеле чизҳо мӯътақид аст ва бисёре аз усулро аз замир ва ботини инсон кашф мекунад. Гоҳе уламо ва урафои мо ё уламои онҳо ба ҷойи "ақл" калимаи "дил"-ро ба кор мебаранд, ки дар ин маворид мақсуд аз дил ҳамин виҷдон аст. Кант гуфтааст, ки Руссо (яъне Жан Жак Руссои маъруф, соҳиби китоби "Эмил" ва китоби "Эътирофот" ва китоби "Қарордоди иҷтимоӣ") ҷумлае дорад дар мавриди Худо, гуфтааст: дил мантиқе дорад, ки сар он мантиқро дарк намекунад, яъне гоҳе инсон чизҳоеро ба ҳасби виҷдони худаш эҳсос мекунад, ки фикраш ба онҷо намерасад.

Ва баъд (Кант) мегӯяд: рост гуфта Руссо. Ва низ мегӯяд: рост гуфта Паскал[15], ки дил барои худ далелҳое дорад, ки сар (яъне ақл) асосан аз он далелҳо хабар надорад. Кант мегӯяд:

Ҳарфи инҳо дуруст аст. Мақсудаш ин аст, ки барои исботи вуҷуди Худо инсон набояд ҳамвора дунболи далели ақл биравад. Онҳо як силсила далелҳо аст, вале дил барои худаш далелҳое дорад ғайр аз далелҳои ақл. Роҳи дил ва замир як роҳ аст ба сӯйи Худо ва роҳи ақл роҳи дигаре аст ба сӯйи Худо. Яке мехоҳад аз он роҳ биравад ва яке аз роҳи дигар.

Ҳадисе аз Имом Содиқ

Шахсе омад хидмати Имом Содиқ алайҳис салом ва арз кард: ба чӣ далел ман ба вуҷуди Худо эътиқод пайдо кунам? Имом аз роҳи таҳлили виҷдонӣ ворид шуд, фармуд: ҳеч иттифоқ афтода, ки савори киштӣ шуда бошӣ? Гуфт: бале. Фармуд: ва ҳеч иттифоқ афтода, ки боди тунде бивазад ва дарё фавқулъода муталотим бишавад (ва шояд ин таъбир ҳам бошад, ки киштӣ шикаста бошад) ба тавре, ки аз ҳама чиз маъюс шуда бошӣ? Гуфт: иттифоқан пеш омада. Фармуд: дар ҳамон вақт ҳеч эҳсос кардӣ, ки қудрате вуҷуд дорад, ки агар бихоҳад, туро наҷот медиҳад? Гуфт: бале. Фармуд: ӯ ҳамон Худост. Он

[15] *Паскал яке аз нобиғаҳои риёзии Урупост ва мегӯянд, фавқулъода нобиға будааст.*

вақте, ки ту аз тамоми асбобу иллатҳо ва омилҳо бурида шавӣ, ин виҷдони туст, ки хоҳ нохоҳ намегузорад ту маъюс бошӣ.

Чун воқеан чунин чизе дар виҷдони ту ҳаст, ҳукм мекунад, ки ҳаст… вақте машиаташ бар анҷоми коре тааллуқ бигирад, силсилаи асбобу мусаббабот дар муқобили он чизе нест.

Ин назария, ки назарияи “виҷдон” буд, як назарияи хоссе аст ва такяаш бар отифа ё ирода ва ё ақл нест, такяаш танҳо бар виҷдон аст. Оё ин назария қобили интиқод ҳаст ё на?

Нақди ин назария:

а) Таҳқири фалсафа

Ин назария дар айни ин ки нукоти олӣ ва латифи зиёде дар он ҳаст, қобили интиқод аст ва як силсила интиқодҳо аз он шудааст; интиқодҳое, ки воқеан ҳам дуруст аст. Ҳоло филҷумлае арз мекунам, баъд мумкин аст бештар шарҳ бидиҳам.

Аввалан, дар ин назария, маҳсули ақли назарӣ ва ба қавли мо, “фалсафа”, беш аз ҳадд таҳқир шудааст. Назарияи Кант, ки мегӯяд, мо аз роҳи ақли назарӣ ҳеч як аз ин масоилро наметавонем исбот кунем, иштибоҳ аст. Иттифоқан аз роҳи ақли назарӣ — бидуни ин ки мо бихоҳем роҳи виҷдон ва ақли амалиро инкор карда бошем — ҳам озодӣ ва ихтиёри инсонро метавонем исбот бикунем, ҳам бақо ва хулуди нафсро, ҳам вуҷуди Худоро ва ҳам худи фармонҳои ахлоқиро. Ҳамин фармонҳое, ки инсон аз виҷдон илҳом мегирад, ақл ҳам лоақал ба унвони таъйидкунандае аз виҷдон, онҳоро таъйид мекунад. Албатта чун ин баҳс, баҳси доманадоре аст, вориди он намешавем.

б) Тафкик миёни камол ва саодат

Масъалаи дигар он буд, ки миёни камол ва саодат тафкик кард. Ин хеле иштибоҳ аст.

Камол аз саодат мунфак нест. Ҳар камоле худаш навъе саодат аст, мунтаҳо саодат яъне хушӣ, мунҳасир ба хушиҳои ҳиссӣ нест. Ба оқои Кант бояд гуфт: шумо мегӯед, вақте инсон бо виҷдонаш мухолифат мекунад, як талхии шадиде дар виҷдони худаш эҳсос мекунад. Ин рост аст, вале чӣ тавр вақте инсон аз виҷдон итоат намекунад эҳсоси талхӣ мекунад, аммо вақте итоат мекунад, навъе масаррат ва лаззат, мунтаҳо масаррат ва лаззате дар сатҳи хеле болотар, амиқтар, решадортар, латифтар, боқитар ва ҷовидонтар эҳсос намекунад?!

Бинобар ин, ба қавли оқои Кант, инсон агар фармони виҷдонро итоат кунад низ эҳсоси талхӣ мекунад, чун худаш гуфт, мо онро аз саодат ҷудо мекунем, пас кори сахт ва душворе аст. Фармони виҷдонро агар итоат бикунем, эҳсоси ранҷ мекунем, эҳсоси таклиф ба маънии кулфат ва машаққат мекунем, мухолифат ҳам бикунем, боз бадтар

эҳсоси ранҷ мекунем. Пас чӣ итоат кунем ва чӣ накунем, дар ҳар ду ҳол, эҳсоси ранҷ мекунем. Ин маънӣ надорад ва чунин чизе маҳол аст, ба далели ин ки инсон он ҷо, ки фармони вичдонро мухолифат мекунад, ранҷ мебарад ва дард мекашад. Ба ҳамин далел, вақте инсон нидои вичдонро итоат мекунад, ғарқ дар навъе хосс аз масаррат ва шодӣ мешавад, як навъ масаррат ва шодие, ки қобили тавсиф нест. Он ки эсор мекунад, баъд аз эсораш дарунаш ба навъе гулшан мешавад. Он ки ранҷи худ ва роҳати ёрон металабад, баъд аз ин ки барои роҳати дигарон ранҷе мутаҳаммил мешавад, дар вуҷуди худ навъе масаррат ва ризоят эҳсос мекунад, ки назири онро инсон дар ҳеч лаззати ҳиссӣ дарк намекунад.

Бӯалӣ барои ҳамин матлаб дар хотимаи “Ишорот” баҳсе боз кардааст таҳти унвони ин ки иштибоҳ аст агар мо лаззатро мунҳасир ба лаззати ҳиссӣ бидонем. Баъд мисолҳо зикр мекунад барои лаззатҳои маънавии ғайри ҳиссӣ. Ва дар равоншиносии имрӯз ҳам ин як мавзӯъи хеле мушаххасе аст, ки лаззат барои инсон мунҳасир ба лаззати ҳиссӣ нест. Лаззати ҳиссӣ лаззате аст маъмулан узвӣ, марбут ба як муҳаррики хориҷӣ, масалан ғизое тамос пайдо мекунад бо сатҳи забони инсон ва аъсоби он таассур пайдо мекунанд ва лаззате пайдо мешавад, ё лаззатҳои дигаре, ки шомма ё ломиса ва ё сомеъа дарк мекунанд. Вале як силсила лаҳзатҳо ҳаст, ки марбут ба ҳавосс нест, мисли лаззати қаҳрамонӣ. Як нафар қаҳрамон, баъд, ки эҳсос кард қаҳрамон аст ва болодасти ҳама қарор гирифта, эҳсоси лаззат мекунад, вале ин лаззат мӯҷиби ҳиссии хориҷӣ надорад, яъне аз як омили хориҷӣ нест. Инсон аз ин ки маҳбуби мардум бошад, эҳсоси лаззат мекунад. Он касе, ки эҳсос мекунад ҷомеа ӯро дӯст дорад ва маҳбуби мардум аст, аз эҳсоси маҳбубият эҳсоси лаззат мекунад.

Ҳамчунин як олим аз кашфи як ҳақиқати илмӣ эҳсоси лаззат мекунад. Дар бораи Хоҷа Насируддини Тӯсӣ навиштаанд, ки вақте масоил барояш мушкил мешуд, шурӯъ мекард ба фикр кардан, то масъаларо ҳал мекард. Гоҳе он охири шаб, вақте, ки масъала барояш ҳал мешуд, чунон ҳолати вачде ба ӯ даст медод, ки мегуфт:

أَيْنَ الْمُلوكُ وَأَبْناءُ الْمُلوكِ مِنْ هذِهِ اللَّذَّةِ

Подшоҳон ва шоҳзодагон куҷоянд, ки биёянд бибинанд лаззате, ки алъон ман эҳсос мекунам бештар аст ё лаззатҳое, ки онҳо аз умури ҳиссӣ бурдаанд?!

Сайид Муҳаммадбоқири Ҳуҷҷатул-ислом шаби зифофаш буд. То мавқеъе, ки бояд пеши арӯс мерафт, миқдоре фосила буд. Рафт пардохт ба мутолеа. Чунон дар мутолеа ғарқ шуд, ки ёдаш рафт шаби зифофаш аст. Як вақт садои азонро шунид. Арӯси бечора ҳам нороҳат шуд, хаёл кард оқо ӯро намехоҳад, дида ва написандида. Нороҳат шуд. Омад ва

қасам хӯрд, ки валлоҳ, ман чунон ғарқ дар мутолеа шудам, ки ёдам рафт имшаб шаби арӯсии мост. Ин лаззат, лаззати илм аст. Инҳо лаззати ҳиссӣ нест.

Бинобар ин, намешавад масъалаи лаззатро аз умури виҷдонӣ чудо кард. Албатта баёни илмӣ ва фалсафиаш, ки Бӯалӣ ва дигарон кардаанд, чури дигар аст. Ба ҳар ҳол, вақте инсон аз чизе лаззат мебарад, далел бар ин аст, ки дарунаш мехоста ба чизе бирасад ва ба он расида. Ҳамеша лаззат, аз расидан пайдо мешавад ва аламу дард, аз нарасидан ба камоле, ки инсон бояд бирасад. Бинобар ин тафкики камол аз лаззат — ки кам-кам дар фалсафаи Урупо як сухани роиҷе шуда, ки оё инсон бояд толиби камол бошад ё толиби саодат ва лаззат — ҳарфи дурусте нест. Ҳар камоле хоҳ нохоҳ навъе лаззат ба дунболи худ меоварад, ҳарчанд ин ки толиби камол дар вақте, ки дунболи камол меравад, фикр намекунад, ки дунболи лаззат меравад ва дунболи лаззат ҳам намеравад. Ӯ камолро барои худи камол ҷустуҷӯ мекунад, вале расидан ба камол, худ ба худ барои инсон лаззат меофаринад. Ин аст, ки ин қисмат назарияаш ҳам то ҳадди зиёде махдуш аст.

в) Ҳамаи аҳкоми виҷдон, мутлақ нест

Масъалаи мутлақ будани аҳкоми виҷдон ҳам, ки зикр мекунад, худи фарангиҳо низ ба он эрод гирифтаанд, ки аҳкоми виҷдон ин қадрҳо ҳам, ки ту мегӯӣ, мутлақ нест. Ва чӣ қадр ин баҳс ва баҳсе, ки мутакаллимон ва усулийини мо дар боби аҳкоми ақл ва ҳусну қубҳи ақлӣ доранд, наздик ба якдигаранд! Онҳо мӯътақиданд, ки баъзе аз аҳком мутлақ аст ва ҳарфи онҳо дуруст аст. Масалан, мегӯянд, адолат як ҳукми мутлақ аст дар руҳи инсон, ки хуб аст ва зулм як ҳукми мутлақ аст дар руҳи инсон, ки бад аст. Аммо ростӣ як ҳукми мутлақ нест, балки тобеъи фалсафаи худаш аст ва гоҳе ростӣ фалсафаи худашро аз даст медиҳад. Ба оқои Кант ин эродро гирифтаанд, ки ту, ки ин қадр тобеъи ҳукми мутлақ ҳастӣ ва масалан мегӯӣ, ростӣ фармони мутлақи виҷдон аст ва маслиҳат сараш намешавад, фарз кунем як девонаи золиме корде ба даст гирифта ва суроғи бечораеро мегирад, ки шикамашро пора кунад ва аз ту мепурсад: оё иттилоъ дорӣ ӯ куҷост? Дар инҷо ту бояд ҷавоб бидиҳӣ. Агар бихоҳӣ сукут бикунӣ, шиками худатро пора мекунад. Чӣ ҷавоб медиҳӣ? Оё мегӯӣ иттилоъ дорам ё мегӯӣ иттилоъ надорам? Агар бигӯӣ иттилоъ надорам, ки дурӯғ гуфтаӣ, дар ҳоле, ки виҷдон гуфта бояд рост бигӯӣ; ва агар бигӯӣ иттилоъ дорам, аз ту мепурсад: куҷост? Оё нишон медиҳӣ куҷост ё на? Агар нишон бидиҳӣ, меравад ба ноҳақ шиками ӯро пора мекунад. Оё воқеан виҷдони инсон ин қадр мутлақ аст ва мегӯяд, ту бояд рост бигӯӣ мутлақан ва ба натиҷа кор надошта бошӣ?!

Дурӯғи маслиҳатомез

Масъалаи дурӯғи маслиҳатомез аст, ки Саъдии мо ҳам оварда ва дар фиқҳи мо омадааст. Оё дурӯғи маслиҳатомез беҳ аз рости фитнаангез аст ё на? Саъдӣ мегӯяд: дурӯғи маслиҳатомез беҳ аз рости фитнаангез аст ва он достоне ҳам, ки зикр карда нишон медиҳад, ки дарки Саъдӣ аз ин масъала, дарки хубе будааст. Мегӯяд: шахсеро пеш подшоҳе оварда буданд. Подшоҳ фармон дод, ки бираванд гарданашро бизананд. Ӯ вақте маъюс шуд аз ин ки зинда бимонад, шурӯъ кард ба фуҳш додан, вале подшоҳ намешунид.

Пурсид: чӣ мегӯяд? Вазир гуфт: мегӯяд:

وَالْكَاظِمِينَ الْغَيْظَ وَالْعَافِينَ عَنِ النَّاسِ

(*“Фурӯбарандагони хашм ва афвкунандагони мардум….” (Оли Имрон/134)*) Як касе, ки онҷо дунболи ин буд, ки нуқтаи заъфе дар ин вазир пайдо кунад ва ӯро муаллақ намояд ва худаш ба ҷойи ӯ вазир бишавад, гуфт: дар ҳазрати подшоҳон нашояд амсоли моро дурӯғ гуфтан. Ӯ дорад ба подшоҳ фуҳш медиҳад, ту мегӯӣ, дорад ояти Қуръон мехонад?! Шоҳ гуфт: дурӯғи ӯ аз рости ту беҳтар аст,[16] дурӯғи маслиҳатомез беҳ аз рости фитнаангез аст. Яъне ӯ бо як дурӯғ ҷонеро наҷот дод ва ту бо як рост ҷонеро бештар ба хатар меандозӣ.

Асосан оё ин дуруст аст, ки дурӯғи маслиҳатомез беҳ аз рости фитнаангез аст? Дар инҷо ибтидо бояд матлаберо бароятон арз бикунам ва он ин аст, ки фарқ аст миёни дурӯғи маслиҳатомез ва дурӯғи манфиатхез. Хеле афрод дурӯғи манфиатхезро бо дурӯғи маслиҳатомез иштибоҳ мекунанд ё мехоҳанд иштибоҳ кунанд. Дурӯғи маслиҳатомез яъне дурӯғе, ки фалсафаи худашро аз даст дода ва фалсафаи ростиро пайдо кардааст, яъне дурӯғе, ки бо он, инсон ҳақиқатеро наҷот медиҳад. Вале дурӯғи манфиатхез яъне инсон дурӯғ мегӯяд, ки худаш суде бурда бошад. Масъалаи маслиҳат бо масъалаи манфиат набояд иштибоҳ бишавад. Маслиҳат доир мадори ҳақиқат аст. Маслиҳат ва ҳақиқат ду бародар ҳастанд, ки аз якдигар ҷудо намешаванд. Маслиҳат яъне риояти ҳақиқатро кардан, на риояти суди худро кардан, ки ин манфиат аст. Афроде дурӯғ мегӯянд, дурӯғе ба манфиати худашон. Мегӯед: чаро дурӯғ гуфтӣ? Мегӯяд: дурӯғи маслиҳатӣ гуфтам. Барои ин ки шиндирғоз бештар суд бибарад дурӯғ мегӯяд ва мегӯяд: дурӯғи ба маслиҳат гуфтам. Ин маслиҳат нест, дурӯғе аст мисли ҳамаи дурӯғҳои дигар. Пас, ин матлаб иштибоҳ нашавад: дурӯғи маслиҳатомез ғайр аз дурӯғи манфиатхез аст.

[16] *Албатта инҳо достон аст, ки ӯ сохта барои ин ки ҳақиқатеро гуфта бошад*.

Масъалаи дигар ин аст, ки ҳамин тавр, ки Кант ин суханашро ҷуре гуфтааст, ки лозимааш ин аст, ки ростро ҳамеша бояд гуфт бидуни таваҷҷӯҳ ба натиҷааш ва дурӯғро ҳаргиз набояд гуфт бидуни таваҷҷӯҳ ба натиҷааш. (Чун ба қавли ӯ, фармони виҷдон мутлақ аст ва он фармони ақл аст, ки машрут аст; фармони виҷдон, агару магару маслиҳату аз ин ҳарфҳо сараш намешавад.) Ҳамин тавр иддае (ва бештар зардуштиҳо) инро бар Саъдӣ айб гирифтаанд, ки Саъдӣ бадомӯзӣ кардааст. Дар мақолае, ки яке аз фузалои худамон навишта буд, омада буд: дар Ҳиндустон баъд аз он ки Англистон онҷоро ишғол кард ва мадориси онҷо зери назари онҳо идора мешуд, гуфта буданд, Саъдиро дарс надиҳед барои ин ки ӯ бадомӯзӣ карда; гуфтааст, дурӯғи маслиҳатомез беҳ аз рости фитнаангез аст ва ин, баччаҳоро аз ҳоло дар ростгӯй суст мекунад. Бибинед чӣ мардуми хубе ҳастанд! Ин қадр дилашон ба ҳоли мардуми Ҳинд сӯхтааст, ки намехоҳанд баччаҳояшон он гуна тарбият бишаванд, балки мехоҳанд ростгӯ бошанд ва ҳатто дурӯғи маслиҳатомез ҳам нагӯянд. Вале риндон зуд фаҳмиданд, ки инҳо, ки ҷилави тадриси Саъдиро дар мадрасаҳо гирифтанд, на барои ин аст, балки барои он аст, ки Саъдӣ дар дебочаи китоби “Гулистон” мегӯяд:

Эй кариме, ки аз хизонаи ғайб,

Габру[17] *тарсо вазифахӯр дорӣ.*

Дӯстонро куҷо кунӣ маҳрум,

Ту, ки бо душманон назар дорӣ?!

Аз аввал дар каллаи баччаҳо мекунад, ки тарсоҳо душмани Худо ҳастанд. Инҳо намегуфтанд, ки ба баччаҳои форсизабон дар Ҳиндустон Саъдиро дарс надиҳед, барои ин шеъраш мегуфтанд Саъдиро дарс надиҳед, чун бадомӯзӣ карда, гуфта, дурӯғи маслиҳатомез беҳ аз рости фитнаангез аст ва ин, баччаҳоятонро фосид мекунад; аслан таълимоти Саъдӣ ба дард намехӯрад! Зардуштиҳо ҳам барои ҳамин калимаи Саъдӣ, гуфтаанд, суханони ӯ ба дард намехӯрад.

Саъдии сад дар сад Эронии ифтихори эронӣ, дар камоли сароҳат мегӯяд: габру маҷус душмани Худост. Ба ин далел, Пурдовуд мегуфт: Саъдӣ ба дард намехӯрад, ӯ бадомӯзӣ мекунад, чун гуфта, дурӯғи маслиҳатомез беҳ аз рости фитнаангез аст. Инҷо ҳам риндон зуд фаҳмиданд, ки айби Саъдӣ ин набуда, айби ӯ он буда, ки гуфтааст: “*Габру тарсо вазифахӯр дорӣ*” ва габрро душмани Худо донистааст. Мунтаҳо аз ин, сухан намегӯянд, онҷо мехоҳанд диққи дилашонро сари Саъдӣ берун биёваранд.

---

[17] *“Габр” яъне маҷуси зардуштӣ ва “тарсо” яъне масеҳӣ.*

Ба илова, асосан хеле аҷиб аст ин ҳарф аз ҷаноби Кант ва аз ҳар кас, ки чунин ҳарфе зада бошад. Чӣ тавр мумкин аст инсон мӯътақид бошад ба ин матлаб, ки ростро бояд гуфт ҳарчанд ин ки фалсафаи худашро ба куллӣ аз даст бидиҳад?! Ростиро, ки маншаи ҷиноятҳо дар дунё мешавад бояд гуфт, дурӯғеро, ки ҷилави ҷиноятҳоро дар олам мегирад ва ҷонҳо ва ҳақиқатҳоеро наҷот медиҳад набояд гуфт?! Оё виҷдон чунин ҳукме мекунад?! Агар касе дар бораи росту дурӯғ таҷриба дошта бошад, ин ҳарфро намезанад. Гоҳе баъзе аз ҳарфҳоро як одамҳое мезананд, ки дар он замина таҷриба надоранд. Масалан, одаме, ки дар умраш пойбанди ростгӯй набуда ва ҳамеша дурӯғ гуфтааст, агар аз ӯ бипурсед: оё чунончи маслиҳат эҷоб кунад, метавон дурӯғ гуфт? Мегӯяд: ҳеч вақт набояд дурӯғ гуфт, аслан набояд дурӯғ гуфт; чун ба умраш рост нагуфта, ки баъд бибинад дар мавориде воқеан аз ростӣ мафсада бармехезад. Чун ин ҷур нест, ҳарфаш ҳам бо воқеият татбиқ намекунад. Як одаме, ки таҷриба дорад яъне дар умраш ростгӯ будааст, як ростгӯи воқеӣ мефаҳмад, ки дар мавориде ростӣ фалсафаи худашро аз даст медиҳад.

Дар фиқҳи исломӣ ҳам ғайбат ва дурӯғ ҳар кадом мавориди истисноӣ доранд ва ҳақ ҳам ин аст.

Як тамсил

Масале меоваранд, ки шахсе аз дӯкони мурғфурӯшӣ хурӯсе харид — ба қиматҳои қадим — ба ду қирон; хурӯси хеле хубе, ки бештар аз ин ҳам меарзид. Рафт хонааш. То ворид шуд, занаш гуфт: ин чист, ки овардай? Гуфт: хурӯс. Гуфт: як одами боғайрат ҳам хурӯс меоварад дар хона; одаме, ки занаш дар хонааш аст?! Зуд сураташро пӯшид ва худашро махфӣ кард, гуфт: ман ҳаргиз ҳозир нестам дар хонае, ки ҷинси нар вуҷуд дошта бошад, зиндагӣ кунам; ё ин бояд бошад ё ман, дигар аз кунҷи хона берун намеойем. Мард гуфт: хурӯс, ки айбе надорад, инсонро гуфтаанд. Гуфт: на, одами боғайрат хурӯс ҳам дар хона намеоварад. Хеле хушҳол шуд, гуфт: алҳамдулиллоҳ, чӣ қадр зани мо бо иффату исмат аст! Хурӯсро назди мурғфурӯш бурд ва гуфт: агар мумкин аст инро бигиред, ду қирони моро пас бидиҳед. Гуфт: чаро? Иттифоқан ин хурӯс бештар меарзад, ду қирону даҳ шоҳӣ меарзад, мо даҳ шоҳӣ ҳам ба шумо тахфиф додем. Гуфт: ба ҳар ҳол, ман намехоҳам. Гуфт: агар хаёл мекунӣ мумкин аст ба ту дурӯғ гуфта бошам, бидон, ки ҳатман бештар меарзад. Гуфт: на, ба он иллат нест, медонам беҳтар аст, вале намехоҳам. Гуфт: чаро намехоҳи? Гуфт: ҳоло чӣ кор дорӣ, ки ман чаро намехоҳам? Ин ҳам лаҷ кард, гуфт: то иллаташро нагӯй, ман хурӯсро аз ту паснамегирам. Гуфт: ба ҷойи ду қирон, 30 шоҳӣ ба ман бидеҳ. Гуфт: то рост нагӯй, намедиҳам. Гуфт: пас як қирон ба ман бидеҳ. Гуфт: то

росташро нагӯй, дах шоҳӣ ҳам бигӯй, ман аз ту қабул намекунам; бояд ҳақиқатро бигӯй. Гуфт: ҳақиқат ин аст, ки зани ман хеле бо иффату исмат аст ва ҳозир нест як хурӯсро дар хона роҳ бидиҳад. Мурғфурӯш зуд хурӯсро гирифт ва ду қиронро ба ӯ дод ва гуфт: ин ду қиронро бигир, вале яқин дошта бош, ки занат зани бадамале аст, агар зани бо иффату исмате буд, ин чур ҳарф намезад. Ин ҳарф, ҳарфи як зане аст, ки аслан иффату исмат надорад, ки ин чур гизоф ва гоз накарда ба истилоҳ пора мекунад. Зане, ки воқеан бо иффату исмат бошад, ҳеч вақт аз хурӯс рӯ намегирад.

Таврия

Ин ки инсон онҷо ҳам, ки ростӣ воқеан фалсафаи худашро сад дар сад аз даст медиҳад ва аз ростии инсон дарёи хун ҷорӣ мешавад, бигӯяд, дар инҷо ҳам бояд рост гуфт, ҳамон рӯ гирифтан аз хурӯс аст. Мунтаҳо ислом дар инҷо сухани дигаре низ гуфтааст, ки нуктаи хеле бузурге аст. Мегӯяд: барои ин ки руҳат ба дурӯғ гуфтан одат накунад, дар онҷо, ки иҷбор пайдо мекунӣ (чизе ба зеҳнат хутур бидеҳ ва ба забонат чизи дигаре биёвар.) Ва то иҷбор набошад, наметавонӣ чунин кунӣ. Ҳамон тавр, ки арз кардам, дурӯғи манфиатхезро бо дурӯғи маслиҳатомез иштибоҳ накунед. Фиқҳи исломӣ мегӯяд, онҷо, ки воқеан маслиҳат аст ва аз як ростӣ мафсадаҳо барои ҷомеа бапо мешавад (масалан ҷосусҳои душман дар пайи афроди мазлуме доранд хона ба хона мегарданд. Аз ту мепурсанд. Мегӯй, ман одами ростгӯе ҳастам, бояд ба онҳо иттилоъ бидиҳам куҷо ҳастанд. Ту ҷонӣ ҳастӣ, на ростгӯ.) Онҷо, ки маҷбур ҳастӣ ба хотири як маслиҳат ва на ба хотири манфиат, дурӯғ бигӯй, барои ин ки зеҳнат каҷ нашавад ва ба инҳироф одат накунад, як чизе ба зеҳнат хутур бидеҳ ва ба забонат чизи дигаре биёвар. Масалан, вақте мегӯяд: надидӣ? Бигӯ: на, вале мақсудат аз “на” (чизи дигаре бошад), дар зеҳнат як чизи дигареро хутур бидеҳ.

Мустақим зеҳнатро бо дурӯғ мувоҷеҳ накун, ки зеҳнат ба дурӯғ гуфтан одат накунад. Исми ин “таврия” аст. Амирулмӯъминин алайҳис салом аз пайғамбар Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи нақл мекунад, ки фармуд:

لا يستقيم إيمان عبد حتى يستقيم قلبه ولا يستقيم قلبه حتى يستقيم لسانه

(*“Имони банда устувор намешавад магар ин ки қалбаш устувор гардад ва қалбаш устувор намешавад магар ин ки забонаш устувор гардад.” (Сафинатул-биҳор, ҷ.2, с.510; “Наҳҷул-балоға”, хутбаи 174)*)

Ҳоло баъзе ҳам доиман дурӯғ мегӯянд ва исмашро таврия мегузоранд ва дидаам ин чур ашхосро. Ман ба онҳо кор надорам. Ҳақиқатро дорам мегӯям.

Инҳо як силсила интиқодҳое аст, ки бар назарияи ҷаноби Кант ворид аст, дар айни ин ки дар назарияи ӯ аносури бисёр саҳеҳе ҳам вуҷуд дорад.

Фардошаб иншоаллоҳ роҷеъ ба назарияи “зебоӣ” баҳс мекунам; назарияи касоне, ки ахлоқро аз мақулаи ҷамол ва зебоӣ медонанд.

ولا حول ولا قوة الاّ بالله العلي العظيم، باسمك العظيم الأعظم الأجلّ الأكرم يا الله

Худоё! Дилҳои моро ба нури имон мунаввар бигардон!

Моро бо ҳақоиқи дини муқаддаси ислом ошно бифармо!

Моро қадрдони ислому Қуръон қарор бидеҳ!

Қадрдони пайғамбар ва ол қарор бидеҳ!

Амвоти мо машмули раҳмати худат бифармо!

وعجّل في فرج مولانا صاحب الزمان

Назарияи зебоӣ

إِنَّ اللَّهَ يَأْمُرُ بِالْعَدْلِ وَالْإِحْسَانِ وَإِيتَاءِ ذِي الْقُرْبَى وَيَنْهَى عَنِ الْفَحْشَاءِ وَالْمُنْكَرِ وَالْبَغْيِ يَعِظُكُمْ لَعَلَّكُمْ تَذَكَّرُونَ

(*Наҳл/90*)

Ваъда додем, ки дар атрофи назарияе, ки ахлоқро аз мақулаи зебоӣ медонад баҳс кунем. Нуктаи кучакеро дар муқаддимаи ароизам бояд ёдоварӣ кунам ва он ин ки мумкин аст баъзе чунин хаёл кунанд, ки донистани ин назарияҳо, ки оё ахлоқ аз мақулаи отифа ва муҳаббат аст, аз мақулаи илму дониш аст, аз мақулаи ирода аст, аз мақулаи виҷдон аст, аз мақулаи зебоӣ аст?, чӣ фоидае аз назари амалӣ ва аз назари тарбияти иҷтимоъ дорад? Он чи лозим ва муфид аст ин аст, ки мардум амалан мутахаллиқ ба ахлоқи фозила бошанд, чӣ мо бидонем, ки ахлоқ аз чӣ мақулае аст ва чӣ надонем. Инҳо ҷуз як силсила баҳсҳои илмӣ, ки натиҷаи амалӣ надорад чизи дигаре нест. Пас, фоидаи ин баҳсҳо чист? Назири ҳарфи он касе, ки аз ӯ суол карданд: қурма бо “ғайн” аст ё бо “қоф”? Гуфт: на бо ғайн аст ва на бо қоф, бо гӯшт аст ва равған. Ҳоло, баҳси ин ки ахлоқ аз чӣ мақулае аст, мумкин аст баъзе хаёл кунанд, сирфан як баҳси назарии ғайриамалӣ аст.

Вале ин тавр нест. Шинохтани ин ки ахлоқ аз чӣ мақулае аст ва ин ки аз як мақула аст ё аз чанд мақула, таъсири фаровоне дорад дар ин ки мо бидонем агар бихоҳем ахлоқро дар ҷомеа такмилу татмим кунем, аз куҷо бояд шурӯъ кунем ва иттифоқан чунин саргаштаге вуҷуд дорад. Афроде, ки тарзи тафаккурашон ҳамон тарзи тафаккури ҳиндӣ ва масеҳӣ аст, мегӯянд: ахлоқ яъне муҳаббат доштан, душман надоштан, кудурат надоштан; агар мехоҳед ахлоқ дар ҷомеа биёваред, ҳисси муҳаббатро дар ҷомеа зиёд кунед ва коре кунед, ки кудуратҳо, нафратҳо ва душманиҳо аз миён биравад; Душманиро дар ҷомеа аз миён бибаред ва муҳаббатро дар дилҳо барқарор кунед, ин ахлоқ аст.

Вале он касе, ки ахлоқро аз мақулаи илм медонад монанди Сукрот, ҳарфаш чизи дигар аст. Ӯ мегӯяд: мардумро биёмӯзонед, таълим кунед, доно кунед; вақте мардум доно шуданд, ҳамон дониш барои онҳо ахлоқ аст. Тибқи ин ақида, ҳар одами фосидулахлоқе ба он далел фосидулахлоқ аст, ки нодон аст. Маншаъи фасоди ахлоқ, нодонӣ аст. Пас, илм барқарор кунед кофӣ аст:

عَلِّموهُمْ وَكَفى

Таълим кунед, ки таълим, тарбият ҳам ҳаст. Таълим аз тарбият ва тарбият аз таълим ҷудо нест. Дигар намегӯяд, кудуратҳоро аз миён бибаред, муҳаббатҳоро зиёд кунед. Мегӯяд: донишҳоро зиёд кунед.

Пас, мо бояд бидонем, ки барои тарбияти ҷомеа, оё бояд дониши ҷомеаро афзоиш бидиҳем ё кӯшиш кунем душманиҳоро аз миён бибарем, аз дониш коре сохта нест?

Он ки монанди Арасту мегӯяд: аз дониш ба танҳоӣ коре сохта нест, иродаро бояд тақвият кард, ӯ роҳи дигареро пешниҳод мекунад. Он касе, ки дар ахлоқ такяаш рӯйи виҷдони фитарии инсонӣ аст мегӯяд: дар даруни ҳар инсоне як мунодии муқаддаси ахлоқ ҳаст, ки инсонро ба корҳои нек фармон медиҳад ва аз корҳои зишт бозмедорад. Ин нидо, ки рост бигӯ ва дурӯғ нагӯ; ин нидо, ки амонат биварз ва хиёнат накун; ин нидо, ки эсор кун; ин нидо, ки инсоф дошта бош дар бораи худат нисбат ба дигарон, дар даруни ҳар касе ҳаст; фақат вақте, ки нидоҳо ва ғавғоҳои дигар баланд аст, инсон нидои виҷдони худашро намешунавад. Масалан, дар ин фазо, ки алъон мо ҳастем, агар як нафар воиз бихоҳад калимоти Худоро барои мо баён кунад, чунончи ин ҷавв сокиту сокин бошад, мо ҳарфи ӯро дуруст мефаҳмем ва мешунавем, аммо ҳамин қадр, ки як садои дигар мисли садои баландгӯи дигар ё садои автомобилҳо ҳам баланд бошад ва ё он ки паҳлӯи мо нишастааст ҳарф бизанад, дигар наметавонем садои ӯро бишинавем. Барои ин ки як нидо хуб шунида бишавад, бояд нидоҳои мухолифро хомӯш кард. Дар дидан ҳам ин ҷур аст.

Мо ба ин шарт хуб мебинем, ки гарде, ғуборе, дуде дар кор набошад, вагарна ҳар миқдор ҳам чашми мо бино бошад, агар гарду ғубор зиёд шуд, ашёро дуруст намебинем. Дар воқеъ мо мебинем, вале гарду ғубор намегузорад. Барои ин ки бибинем, бояд гарду ғуборро фурӯ биншонем. Ба қавли Саъдӣ:

Туро то даҳан бошад аз ҳирс боз,
Наёяд ба гӯши дил аз ғайб роз.
Ҳақиқат саройест ороста,
Ҳавову ҳавас гарди бархоста.
Набинӣ, ки ҷойе ки бархост гард,
Набинад назар, гарчӣ биност мард.

Пас, он ки мегӯяд, ахлоқ яъне нидои виҷдон, чунончи аз ӯ бипурсем: агар мо бихоҳем ҷомеаро ба сӯйи ахлоқ савқ бидиҳем, чӣ бояд бикунем, мегӯяд: коре бикунед, ки фард нидои виҷдонашро бишнавад. Чӣ кор кунем? Сару садоҳои дигарро кам кунед. Он нидо ҳамеша ҳаст ва хомӯш шуданӣ нест, сару садоҳои мухолиф намегузорад ба гӯши шумо бирасад. Мегӯяд: ахлоқ яъне нидои қалби худатро бишнав.

Он касе, ки мӯътақид аст, ахлоқ аз мақулаи зебоӣ аст, мегӯяд, ҳисси зебоиро дар башар парвариш бидиҳед (ба баёне, ки баъд тавзеҳ хоҳам дод), башар агар зебоии макорими ахлоқро, зебоии ахлоқи карима ва бузургворонаро ҳисс кунад, муртакиби аъмоли зишт

намешавад. Иллати ин ки афрод дурӯғ мегӯянд ин аст, ки зебоии ростиро дарк намекунанд. Иллати ин ки хиёнат мекунанд ин аст, ки зебоии амонатро дарк намекунанд. Пас, завқи фардро парвариш бидиҳед. Завқ, марбут ба зебоӣ аст. Коре бикунед, ки ӯ танҳо зебоиҳои маҳсусро зебоӣ надонад, ба зебоиҳои маъқул ҳам таваҷҷӯҳе дошта бошад, по дар доираи зебоиҳои маъқул ҳам бигузорад.

Онҳо, ки назарияҳои дигаре доранд низ ҳар кадом барои такмили ахлоқ дар ҷомеа роҳеро пешниҳод мекунанд.

Пас ин баҳс сирфан як баҳс назарӣ ва фалсафӣ, ки ҳеч асари амалӣ надошта бошад нест; баҳсе аст, ки фавқулъода асари амалӣ дорад. Ва ба илова, мо то ҳамаи инҳоро дақиқан ва мӯшикофона ва машруҳан тарҳ накунем, дуруст наметавонем мактаби ахлоқии исломи худамонро бишносем, бибинем, исломи мо ахлоқро рӯйи чӣ поя ё пояҳое қарор додааст.

Оё зебоӣ қобили таъриф аст?

Гуфтем, як назария дар боби ахлоқ ин аст, ки ахлоқ аз мақулаи зебоӣ аст. Дар инҷо суолҳое матраҳ аст. Ибтидо бояд ин суолотро ҷавоб бидиҳем, то баъд ба асли матлаб, ки мегӯянд, ахлоқ аз мақулаи зебоӣ аст, бирасем. Аввалин суол ин аст, ки ҷамол ё зебоӣ чист? Яъне ҷамол ва зебоиро чӣ гуна метавонем таъриф кунем ва ба истилоҳи мантиқийин, ҷинсу фасли зебоӣ чист? Зебоӣ дохил дар кадом мақула аст? Оё дохил дар мақулаи каммият ва ҷузъи каммиёт аст? Оё ҷузъи кайфиёт аст? Оё дохил дар мақулаи изофа ва як изофа аст? Оё як инфиъол аст? Оё як ҷавҳар аст? Ва ё сарфи назар аз аҷзоъи таҳлилии он, аз назари қолиб, зебоӣ аз чӣ сохта мешавад? Оё мешавад қолибе барои зебоӣ ба даст овард? Оё ҳамон тавр, ки дар химия барои умури моддӣ формулае (қолибе) муайян мекунанд ва масалан мегӯянд, об мураккабе аст дорои формулаи H_2O, зебоӣ низ дар табиат формулае дорад? Ва билохира зебоӣ чист?

Ин суоле аст, ки ҳанӯз аҳаде ба он ҷавоб надодааст, ки зебоӣ чист? Ва балки ба ақидаи баъзе, на танҳо касе ҷавоби онро дарк накарда, балки ин суол ҷавоб надорад, ба эътибори ин ки дар миёни ҳақоиқи олам олитарин ҳақоиқ ҳақоиқе аст, ки дар бораи онҳо чистӣ гуфтан саҳеҳ нест.

Пас, оё зебоиро метавон таъриф кард, ки чист? На, наметавон. Дар боби фасоҳат, ки аз мақулаи зебоӣ аст, уламо мегӯянд, фасоҳатро дар ҳақиқат намешавад таърифи воқеӣ кард,

ممّا يُدْرَكُ وَلا يوصَفُ

— аст, яъне дарк мешавад, тавсиф намешавад. Ва мо дорем дар дунё хеле чизҳо, ки инсон вуҷудашро дарк мекунад, вале наметавонад онро таъриф кунад. Зебоӣ аз ҳамин қабил аст.

Афлотун таърифе аз зебоӣ кардааст. Таърифи ӯ аввалан дар ҳаддаш маълум нест таърифи дурусте бошад ва сониян, таърифи комиле нест. Гуфтааст: зебоӣ ҳамоҳангӣ миёни аҷзоъ аст бо кулл, яъне агар як кулл дошта бошем монанди як сохтмон, чунончи ҳамаи аҷзояш (дар, девор, поя, сақф ва ғайра) бо як таносуби муайяне дар он ба кор рафта бошад, он кулл зебост. Зебоии як сохтмон ба ин иллат аст, ки миёни аҷзояш таносуб аст. Ҳоло гирам ин ҳарф дуруст бошад ва таносуб яъне як нисбати хосс вуҷуд дошта бошад, вале оё мешавад дар зебоиҳо баён кард, ки нисбат чист? Оё ҳамон тавр, ки масалан дар об мегӯянд аз Н чӣ қадр аст ва аз О чӣ қадр, дар инҷо мешавад чунин чизе гуфт? На. Оё лозим аст мо битавонем таъриф кунем? На, лузуме надорад. Барои ин ки ба вуҷуди ҳақиқате эътироф кунем, ҳеч зарурате надорад, ки аввал битавонем онро таъриф кунем. Агар битавонем, таъриф мекунем; натавонистем, мегӯем аз назари кунҳ ва моҳият бар мо маҷҳул аст, вале вуҷуд дорад. Зебоӣ вуҷуд дорад гӯ ин ки башар наметавонад онро таъриф кунад. Ҳатто башар ҳамин нерӯи баркро наметавонад таъриф кунад, аммо шак надорад, ки вуҷуд дорад.

Зебоӣ, мутлақ аст ё нисбӣ?

Суоли дуввум, ки дар инҷо матраҳ аст ин аст, ки оё зебоӣ мутлақ аст ё нисбӣ? Яъне оё он чизе, ки зебост, ба худии худ зебост қатъи назар аз ин ки инсоне зебоии онро дарк кунад ё дарк накунад, мисли хеле чизҳо, ки дар олам вуҷуд дорад? Масалан, қуллаи Дамованд вуҷуд дорад ва муртафеътарин қуллаҳо дар ин минтақа аст, хоҳ инсоне дар олам бошад, ки онро дарк кунад ё набошад. Он фӣ ҳадди зотиҳ барои худаш вуҷуд дорад. Оё зебоӣ дар зебо воқеан ҳақиқате аст, ки вуҷуд дорад ё як робитаи мармуз аст миёни идроккунанда ва идрокшуда? Шумо мебинед, инсоне, шайъ ё инсони дигаре (маъшуқаш) дар назараш фавқулъода зебост ва ҳол он ки як инсони дигар ӯро зебо намебинад. Пас, маълум мешавад ба қавли ин ашхос, зебоӣ ҳақиқати мутлақе нест, яъне мумкин аст як инсон дар назари инсоне дар ниҳояти зебоӣ бошад ва ҳамон инсон дар назари инсонҳои дигар аслан зебоӣ надошта бошад. Достони маъруфи Маҷнун ҳамин аст. Маҷнун, ки дар васфи Лайлои худаш ин ҳама шеъру ғазал гуфт, Ҳорунуррашид хаёл кард, Лайло лӯъбате аст, ки назири ӯ дар дунё пайдо намешавад. Вақте он Лайлои бадавии ваҳширо аз биёбон оварданд, дид, як зани оддии сиёҳсӯхтае аст, ки аслан ҳеч қобили таваҷҷӯҳ нест.

Ба Маҷнун гуфт рӯзе айбҷӯе,
Ки пайдо кун беҳ аз Лайлӣ накӯе.
Ки Лайлӣ гарчӣ дар чашми ту ҳурест,
Ба ҳар ҷузъе зи ҳусни ӯ қусурест.
Зи ҳарфи айбҷӯ Маҷнун барошуфт,
Дар он ошуфтагӣ хандон шуду гуфт:
Агар дар дидаи Маҷнун нишинӣ,
Ба ғайр аз хубии Лайлӣ набинӣ…
Ту мӯ биниву Маҷнун печиши мӯ,
Ту абрӯ, ӯ ишоратҳои абрӯ.
(Ваҳши Бофқӣ)

Ҳамон нисбият дар зебоиро баён мекунад, яъне барои ӯ зебост, барои каси дигар зебо нест. Ин ҳам худаш масъалае аст, ки мегӯянд, бар хилофи он чи инсонҳо хаёл мекунанд, ки зебоӣ ишқ меофаринад, баръакс аст: ишқ, зебоӣ меофаринад, яъне аввал зебоӣ вуҷуд надорад, ки баъд дар асари зебоӣ, ишқ эҷод бишавад; аввал ишқ вуҷуд пайдо мекунад ва баъд ишқ зебоиро халқ мекунад. Албатта ин як назари ифротӣ аст.

Намешавад вуҷуди зебоиро дар хориҷ ба куллӣ инкор кард.

Ҳол оё зебоӣ, мутлақ аст ё нисбӣ? Боз ҳам барои баҳси мо зарурате надорад, ки мо ин матлабро ҳатман таҳқиқ кунем, ки оё зебоӣ як ҳақиқати мутлақ аст ё як ҳақиқати нисбӣ. Қадри мусаллам ин аст, ки дар хориҷ, чизе ба номи зебоӣ вуҷуд дорад.

Ин ҷур нест, ки зебоӣ сад дар сад махлуқи ишқ ва ишқ ҳақиқате гизоф бошад, ки ҳамин ҷур як ҷо пайдо мешавад, балки зебоӣ ҳақиқате аст. Гирам ҳақиқати нисбӣ ҳам бошад, боз худаш ҳақиқате аст.

Робитаи зебоӣ бо ишқ ва ҳаракат

Матлаби севвум ба унвони муқаддима барои ин баҳс ин аст, ки ҷамолу зебоӣ аз як тараф ва ҷозиба аз тарафи дигар, ишқу талаб аз тарафи дигар, ҳаракат аз тарафи дигар, ситоиш аз тарафи дигар, инҳо ҳақоиқе ҳастанд, ки бо якдигар тавъаманд, яъне он ҷо, ки зебоӣ вуҷуд пайдо мекунад, як нерӯи ҷозибае ҳам ҳаст. Зебо ҷозиба дорад. Он ҷо, ки зебоӣ вуҷуд дорад, ишқу талаб дар як мавҷуди дигар вуҷуд дорад, ҳаракату ҷунбиш вуҷуд дорад, яъне худи зебоӣ мӯҷиби ҳаракат ва ҷунбиш аст. Ҳатто ба ақидаи фалосифаи илоҳӣ, тамоми ҳаракатҳое, ки дар ин олам аст ҳатто ҳаракати ҷавҳария ва асосе, ки тамоми қофилаи олами табиатро ба сурати як воҳиди ба ҷунбиш ва ҳаракат даровардааст, мавлуди ишқ аст:

كَتَحْرِيكِ الْمَعْشُوقِ لِلْعاشِقِ وَتَحْرِيكِ الْمُعَلِّلِ لِلْمُتَعَلِّلِ

(“*Монанди ба ҳаракат даровардани маъшуқ ошиқро ва ба ҳаракат даровардани иллат маълулро*.”) Чунин чизе мегӯянд. Дар ин замина сухан бисёр аст. Ваҳшии Бофқӣ шеърҳое дорад роҷеъ ба “майл”, ки майлу ҷозиба дар тамоми зарраҳои олам вуҷуд дорад. Баъд мегӯяд, файласуфон инро ишқ меноманд. Ба ҳар ҳол, ҳар ҷо, ки зебоӣ ҳаст, ҷозиба вуҷуд дорад, ишқу талаб вуҷуд дорад, ҳаракату ҷунбиш вуҷуд дорад, ситоишу тақдис вуҷуд дорад. Зебоӣ ба дунболи худаш ситоиш ва тақдис меоварад.

Зебоӣ мунҳасир ба зебоии марбут ба ғаризаи ҷинсӣ нест

Ҳол, оё зебоӣ мунҳасир аст ба зебоии як инсон, он ҳам зебоиҳое, ки ду ҷинси мухолифи инсон аз якдигар дарк мекунанд, хусусан дар ҷинси зан? Ва вақте мегӯянд “зебо” яъне масалан андом ва чеҳраи як зани зебо? Ва дигар ғайр аз ин дар олам, зебоӣ вуҷуд надорад? Афроде, ки аз зебоӣ чизи дурусте дарк намекунанд, ин ҷур хаёл мекунанд. Вале дар табиат ҳазорон навъ зебоӣ вуҷуд дорад; дар ҷамодот, наботот ва ҳайвонот, дар осмон, замин ва дарёҳо. Кист, ки зебоиро дар гулҳо дарк накунад?! Хеле афрод шояд аз гул фақат бӯйи хушро дарк мекунанд, дар сурате, ки онҳое, ки чашмашон зебоиро дарк мекунад, дар гул зебоиро беш аз бӯйи хуш дарк мекунанд, яъне барояш бештар аҳаммият қоил ҳастанд. Зебоии гулҳо, зебоии дарахтҳо, зебоии ҷангалҳо, зебоии дарёҳо, зебоии кӯҳҳо, зебоии осмоне, ки болои сари инсон аст, зебоии уфуқ, зебоии сапедадам, зебоии тулӯи офтоб, зебоии ғуруби офтоб, зебоии шафақ. Ҳазорон навъ зебоӣ ва ҷамоли маҳсус дар олами табиат вуҷуд дорад.

Тамоми зебоиҳо, ки мунҳасир ба он зебоие, ки бо шаҳвати ҷинсии инсон сару кор дорад нест. Он касе, ки зебоиро мунҳасиран дар шаҳвати ҷинсӣ дарк мекунад, дар ҳақиқат аслан зебоиро дарк намекунад. Зебоӣ танҳо марбут ба ғаризаи ҷинсии инсон нест, ки то мегӯянд “зебоӣ”, баъзе ашхос фавран фикр мекунанд яъне масоили марбут ба ғаризаи ҷинсӣ. Ин ҷур нест. Дар худи табиат ҳазорон навъ зебоӣ вуҷуд дорад. Тоза, инҳое, ки мо гуфтем, зебоиҳои марбут ба қувваи босира ва чашм буд. Сомеа, ломиса, шомма ва зоиқа низ ҳар як зебоиҳоеро дарк мекунанд.

Ва асосан “хуб” дар ҳар ҳиссе яъне зебо. “Хуб” дар чашм, зебоии чашм аст; “хуб” дар гӯш, зебоии гӯш аст ва ҳамин тавр “хуб” дар ломиса, зоиқа ва шомма. Пас, ин иштибоҳ пайдо нашавад, ки то мегӯянд “зебоӣ”, афроде, ки даркашон аз зебоӣ бисёр заъиф аст, фавран таваҷҷӯҳашон ба масоили ҷинсӣ маътуф мешавад.

Зебоии ғайри маҳсус

Аз ин болотар, оё зебоии ғайри маҳсус ҳам дорем? Зебоиҳои мутлақан маҳсусро аксарияти қариб ба иттифоқи мардум дарк мекунанд. Оё зебоии ғайри маҳсус ва зебоии маънавӣ ҳам дорем? Бале, он ҳам зиёд аст. Ҳадди ақаллаш он зебоиҳое аст, ки ба қувваи хаёли инсон яъне ба суратҳои зеҳнии инсон марбут аст. Зебоии фасоҳат ва балоғат дар чист? Як иборати фасеҳ ва балиғ чаро инсонро ба сӯйи худаш мекашад ва ҷазб мекунад? Наср ва шеъри Саъдӣ чаро инсонро ҷазб мекунад? Ҳудуди 700 сол аз замони Саъдӣ мегузарад. Чаро он ҷумлаҳои кӯтоҳи Саъдӣ ҳанӯз ҳам дар забонҳо такрор мешавад ва инсон вақте, ки мешунавад, маҷзуби он мешавад? Зебоӣ аст, ки чунин мекунад. Он зебоӣ чист? Оё зебоии лафз аст? На, танҳо лафз нест, бештар маъонии ин алфоз аст. Албатта худи лафз ҳам дар фасоҳат дахолати дорад, вале танҳо лафз нест.

Маъонии ин алфоз ва маъонии зеҳнӣ ончунон зебо канори якдигар қарор гирифтааст, ки руҳи инсонро ба сӯйи худаш мекашад ва ҷазб мекунад. Ва ҳамчунин шеъри Ҳофиз ва Мавлавӣ.

Онҳое, ки зебоиҳои хаёлро дарк мекунанд, гоҳе ончунон маҷзубу масҳури ин шеърҳо мешаванд, ки аслан аз худ бехуд мешаванд.

Марҳуми Адиби Пешоварӣ яке аз удабои бисёр мубарраз ва аз боқимондаҳои ҳавзаҳои илмияи қадим будааст, ки албатта мо эшонро дарк накардем, акси эшонро дидем. Сайид будааст ва ба истилоҳ хеле қиёфаи уламоро дорад ва воқеан ҳам дар адабиёт марди фавқулъода фозил ва камназире будааст. Худаш ҳам гоҳе шеър мегуфта. Дар китобе хондам, ки марҳуми Адиб гуфта буд: ду бор дар умрам хондани як шеър маро аз ҳуш бурд ва беҳуш шудам. Як бор ғазале аз Ҳофизро хондам, ончунон таҳти таъсираш қарор гирифтам, ки беҳуш шудам. Ғазали маъруфе аст:

З-он ёри дилнавозам шукрест бо шикоят,
Гар нуктадони ишқӣ, бишнав ту ин ҳикоят.
Бе музд буду миннат, ҳар хидмате, ки кардам,
Ё Раб, мабод касро махдуми беиноят.
Риндони ташналабро обе намедиҳад кас,
Гӯйӣ валишиносон рафтанд аз ин вилоят.
Дар зулфи чун камандаш, эй дил, мапеч, к-он ҷо
Сарҳо бурида бинӣ бе ҷурму бе ҷиноят.
Чашмат ба ғамза моро хун хӯрду меписандӣ,
Ҷоно, раво набошад хунрезро ҳимоят…

Дар ин шаби сиёҳам гум гашт роҳи мақсуд,
Аз гӯшае бурун ой, эй кавкаби ҳидоят.
Аз ҳар тараф, ки рафтам, ҷуз ваҳшатам наяфзуд,
Зинҳор аз ин биёбон в-ин роҳи бениҳоят!
Эй офтоби хубон, месӯзад андарунам,
Як соатам бигунҷон дар сояи иноят.
Ин роҳро ниҳоят сурат кучо тавон баст,
К-аз сад ҳазор манзил беш аст дар бидоят.
Ҳарчанд бурдӣ обам, рӯй аз дарат натобам,
Ҷавр аз ҳабиб хуштар, к-аз муддаӣ риоят.
Ишқат расад ба фарёд, ар худ ба сони Ҳофиз,
Қуръон зи бар бихонӣ дар чордаҳ ривоят.

Гуфтааст, ман як дафъа ин шеърҳоро хондам, ончунон маҷзуб шудам, ки беҳуш шудам ва афтодам. Ин зебоии шеър аст, ки як адибро дар ин ҳадд маҷзуби худаш мекунад. Тоза, ин як адиб аст. Як ориф агар шеърҳои Ҳофизро бихонад, қатъан ин ғазалро интихоб нахоҳад кард. Ӯ ғазалҳои орифонаро интихоб мекунад ва камтар касе аст, ки завқи ирфонӣ дошта бошад ва ғазалҳои ирфонии Ҳофиз мисли ғазали зерро бихонад ва таҳти таъсири шадид қарор нагирад:

Солҳо дил талаби ҷоми Ҷам аз мо мекард,
В-он чи худ дошт, зи бегона таманно мекард.
Гавҳаре, к-аз садафи кавну макон берун аст,
Талаб аз гумшудагони лаби дарё мекард.
Мушкили хеш бари пири муғон бурдам дӯш,
К-ӯ ба таъйиди назар ҳалли муаммо мекард.
Дидамаш хурраму хандон, қадаҳи бода ба даст,
В-андар он ойина садгуна тамошо мекард.
Гуфтам: ин ҷоми ҷаҳонбин ба ту кай дод ҳаким?
Гуфт: он рӯз, ки ин гунбади мино мекард.
Бедиле дар ҳама аҳвол Худо бо ӯ буд,
Ӯ намедидашу аз дур, Худоё, мекард.
Ин ҳама шӯъбадаи хеш, ки мекард ин чо,
Сомирӣ пеши асову яди байзо мекард.
Гуфт он ёр к-аз ӯ гашт сари дор баланд,
Ҷурмаш ин буд, ки асрор ҳувайдо мекард.

Файзи Руҳулкудус ар боз мадад фармояд,

Дигарон ҳам бикунанд он чи Масеҳо мекард.

Гуфтамаш: силсилаи зулфи бутон аз пайи чист?

Гуфт: Ҳофиз гилае аз дили шайдо мекард.

Фасоҳати Қуръон

Чаро ҷойи дур меравем; Қуръон нуфузи хориқулъодаи худашро аз чӣ дорад? Аз зебоӣ ва фасоҳаташ. Қуръон метавонист он маъониро, ки бо аъмоқи руҳи инсон сару кор дорад — дар ҳоле, ки Қуръон ба таъбири худаш “музаккир” аст яъне онҳоро аз даруни инсон берун мекашад — бо як иборатҳои хеле маъмулӣ ва содда баён кунад, вале Худои ислом ва пайғамбар чун ин китоб мӯъҷизаи боқии пайғамбар аст, ҳақоиқашро бо зебоии хориқулъода баён кардааст. Ба назари шумо, фасоҳати Қуръон то кунун чӣ қадр ашк аз мардум гирифта?! Ба таъбири худи Қуръон:

يَخِرُّونَ لِلْأَذْقَانِ سُجَّدًا

(*Исро/107*)

وَيَخِرُّونَ لِلْأَذْقَانِ يَبْكُونَ

(*Исро/109*) Афроде, ки вақте (оёти Қуръонро) мешунаванд, дар ҳоли гиря меафтанд ва саҷда мекунанд.

Дар дилҳои шаб, оятҳои Қуръон чӣ қадр ашк аз мардум гирифтааст! Дар асари ин аст, ки он маъонӣ дар ин либоси бисёр зебо, он ҳисси ҷамолдӯстии маънавии инсонро дар ихтиёр мегирад ва мусаххари худаш мекунад.

وَإِذَا سَمِعُوا مَا أُنْزِلَ إِلَى الرَّسُولِ تَرَى أَعْيُنَهُمْ تَفِيضُ مِنَ الدَّمْعِ مِمَّا عَرَفُوا مِنَ الْحَقِّ

(“*Ва чун оётеро, ки ба паёмбар фиристода шудааст бишнаванд, мебинӣ, ки ашк аз дидагонашон ҷорӣ мешавад, зеро ҳаққоният онро шинохтаанд…” (Моида/83*))

Зебоии сухани Алӣ

Банӣ Умайя — ба таъбири ҳазрати Зайнаб — тамоми ақтори замин ва офоқи саморо ончунон гирифта буданд, ки номе аз Алӣ дар дунё вуҷуд надошта бошад ва ҳарфе аз ӯ набошад. Як омили асосӣ барои ин ки Алӣ алайҳис салом дар дунё намирад — омилҳои зоҳирии табииро мегӯем — ин буд, ки Алӣ суханоне дорад дар ниҳояти зебоӣ. “Наҳҷул-балоға” воқеан “Наҳҷул-балоға” аст. Душман ҳам дилаш мехоҳад суханони Алиро забту ҳифз кунад. Чӣ қадр мо дорем аз фусаҳо ва булғои араб; онҳое, ки бо Алӣ ҳам миёнаи хубе надоранд, ки вақте аз онон мепурсанд: ту аз куҷо ба ин мақом аз фасоҳат расидӣ?

Яке мегӯяд: сад хутба аз Алӣ ҳифз доштам, баъд зеҳнам ҷӯшид, ки ҷӯшид, дигаре мегӯяд: ҳафтод хутба ҳифз доштам ва севвуме мегӯяд:

حِفْظُ كَلامِ الْأَصْلَعِ

Абдулҳамиди Котиб хеле маъруф аст, як нависандаи эронӣ аст дар дарбори охирин халифаи умавӣ маъруф ба Марвони Ҳимор. Нависандаи хеле фавқулъодае аст, ки гуфтаанд:

بُدِئَتِ الْكِتابَةُ بِعَبْدِ الْحَمِيدِ وَخُتِمَتْ بِابْنِ الْعَمِيدِ

(*"Нависандагӣ ба Абдулҳамид шурӯъ шуд ва ба Ибни Амд хотима ёфт."*) Ӯ ё ба хотири тақия ва ё воқеан бо Алӣ алайҳис салом миёнаи хубе надорад. Ба ӯ гуфтанд: ту фанни нависандагиро аз куҷо омӯхтӣ? Гуфт:

حِفْظُ كَلامِ الْأَصْلَعِ

Ҳифз кардани суханони он, ки ҷилави сараш мӯ надошт, яъне Алӣ алайҳис салом. Душман ҳам наметавонист каломи Алиро ҳифзу забт накунад.

Инҳое, ки мегӯянд "Наҳҷул-балоға" сохтаи Сайиди Разӣ аст ва ин ҳарфҳои муфтро мезананд, бояд таваҷҷӯҳ дошта бошанд, ки Масъудӣ дуруст сад сол қабл аз Сайиди Разӣ буда. Ӯ як муаррихе аст, ки ҳама қабулаш доранд ва маълум ҳам нест шиъа аст ё суннӣ. Мусаллам агар шиъа бошад ин ҷур шиъае, ки мо имрӯз ҳастем нест, андак тамоюле ба Алӣ алайҳис салом дорад ва лоақал душмани Алӣ нест. Намешавад ӯро шиъаи ҳисобӣ донист. Ӯ дар китоби "Муруҷуз-заҳаб", ки онро сад сол қабл аз Сайиди Разӣ навишта, дар бобе таҳти унвони:

ذكر لمع من كلامه وأخباره وزهده

(*"Муруҷуз-заҳаб", ҷ.2, с.419*), ки дар он ҷумлаҳое аз калимоти Алӣ алайҳис саломро нақл мекунад, мегӯяд: алъон чаҳор саду ҳаштоду бизъ (яъне чаҳор саду ҳаштоду анде) хутба аз Алӣ назди мардум маҳфуз аст; дар сурате, ки он чи дар "Наҳҷул-балоға" ҳаст, 239 хутба аст, яъне Сайиди Разӣ камтар аз нисфи он чиро, ки Масъудӣ сурат медиҳад овардааст.

Бинобар ин, он фасоҳати хориқулъодаи Алӣ алайҳис салом яъне он зебоии фавқулъодаи суханаш, ки дар бораи он гуфтаанд:

دونَ كَلامِ الْخالِقِ وَفَوْقَ كَلامِ الْمَخْلوقِ

(*"Аз каломи холиқ фурӯтар ва аз каломи махлуқ фаротар."*) — нагузошт ин калимот аз байн биравад ва ҳанӯз ҳам нагузоштааст ва омили фавқулъода муассире аст. Пас шеър,

фасоҳат, балоғат, насри олӣ, тамомии инҳо аз мақулаи зебоӣ аст, вале инҳо зебоии фикрӣ аст, на зебоии ҳиссӣ, яъне марбут ба чашму гӯшу ломисаву зоиқаву шомма нест, фақат ва фақат марбут ба фикри инсон аст.

Зебоии маъқул

Ҳоло, ки расидем ба ин ҳадд, ки зебоӣ мунҳасир ба зебоиҳои марбут ба ғаризаи ҷинсӣ нест, дар ҳамаи маҳсусоти ин олам ҳаст ва мунҳасир ба маҳсусоти ин олам низ нест, марбут ба маъонии фикрӣ ҳам ҳаст, як қадам биравем болотар, аз ин болотар ҳам вуҷуд дорад: зебоии маъқул, яъне зебоие, ки фақат ақли инсон онро дарк мекунад, на ҳисси инсон онро дарк мекунад ва на қувваи хаёли инсон; дар як авҷ ва мартибае болотар аст ва ба он мегӯянд зебоии ақлӣ ё ҳусни ақлӣ. Нуқтаи муқобил, зиштии ақлӣ ё нозебоии ақлӣ аст.

Ин ҷост, ки мутакаллимони исломӣ (албатта мутакаллимони шиъа ва мутакаллимони мӯътазила, на ашоира) ва ҳамчунин фуқаҳои исломӣ (боз фуқаҳои шиъа ва он гурӯҳ аз фуқаҳои аҳли тасаннун, ки аз назари каломӣ мӯътазилӣ будаанд) мӯътақиданд ба ҳусни ақлии баъзе аз корҳо ва қубҳ ва зиштии ақлии баъзе аз корҳо. Яъне муддаӣ ҳастанд, корҳои башар ду гуна аст: баъзе корҳо ба худии худ (яъне) худи кор зебо ва ҷамил аст, бо азамат аст, ҷозиба ва кашиш дорад, ҳаракат эҷод мекунад, ишқу алоқа эҷод мекунад, ситоишофарин аст ва баъзе корҳо чунин нест.

Аслан, баҳси мо аз ҳамин ҷо шурӯъ шуд, ки мо порае аз корҳои башарро мебинем, ки бо корҳои оддӣ ва табиии ӯ мутафовит аст. Корҳои табиӣ ва оддии башар корҳое аст, ки ситоишҳо ва офаринҳо ва таҳсинҳоро барнамеангезад. Вале порае аз корҳост, ки шукӯҳ ва азамат ва ҷалол дорад, ҷамол ва зебоӣ дорад, дар муқобили худаш тавозӯъ ва хушӯъ ва таҳсин меофаринад ва воқеан ҳам ин ҷур аст. Кист, ки бибинад инсоне худро фидои наҷоти ҷомеаи худаш мекунад, барои худ машаққат мехарад, ки ба дигарон осоиш бирасонад ва таҳсинаш накунад?! Қуръони Карим дар бораи Пайғамбари Акрам мефармояд:

لَقَدْ جَاءَكُمْ رَسُولٌ مِنْ أَنْفُسِكُمْ عَزِيزٌ عَلَيْهِ مَا عَنِتُّمْ حَرِيصٌ عَلَيْكُمْ بِالْمُؤْمِنِينَ رَءُوفٌ رَحِيمٌ

(*Тавба/128*) Паёмбаре аз ҷинси худи шумо барои шумо омадааст; як хусусияти ӯ ин аст, ки бадбахтиҳо ва “ъанат”-ҳои шумо, машаққатҳо ва нороҳатиҳое, ки шумо гирифтораш ҳастед ва худатон дар асари ҷаҳолат ва нодонӣ ва ё чизи дигар дарк намекунед ва нороҳат нестед, бар ӯ ногувор аст. Дар ниҳояти бадбахтӣ ҳастед ва худатон дарк намекунед, вале –

— бар ӯ ногувор аст, ӯ нороҳатиашро таҳаммул мекунад, ӯ ранҷашро мебарад, ранҷи нороҳатии туро. Бадеҳӣ аст ин амр тақдис ва азамат ва шукӯҳ дорад.

Бинобар ин (ин назария мегӯяд), дар мактаби ахлоқ коре бикунед, ки башар битавонад зебоиҳои маънавии корҳои ахлоқиро дарк кунад; зебоии фидокорӣ, зебоии истиқомат, зебоии инсоф додан дар бораи худ нисбат ба дигарон, зебоии гузашт, зебоии ҳилм, зебоии таҳаммул, зебоии ҷуд, зебоии сахоро дарк кунад. Агар ин зебоиҳоро дарк кунад ҳамон тавр, ки зебоиҳои ҳиссиро дарк мекунад, дар ин сурат, ба сӯйи ин аъмол ҷазб мешавад. Масалан, вақте як қолии зеборо мебинад, ошиқ ва шефтааш мешавад ва онро ба қимати гаронтар аз қимати аслӣ мехарад, чаро? Чун зебоиашро дарк мекунад.

Коре бикунед, ки мардум зебоиҳои макорими ахлоқиро дарк кунанд, фикрашон дар зебоӣ, маҳдуд набошад ба масоиле, ки марбут ба умури ҷинсӣ аст; ҳазорон зебоии дигарро, ки дар табиат вуҷуд дорад; зебоиҳое, ки хаёл дарк мекунад эҳсос намояд ва баъд биравад болотар ва авҷ бигирад, зебоиҳои корҳои некро, зебоии неккирдориро дарк кунад ва дар муқобил, зиштӣ ва бадӣ ва манфурияти корҳои бадро ҳисс кунад. Коре бикунед, ки аслан дурӯғ дар назараш зишт ва як шайъи мутаъаффин ва ганданок бошад; шайъе, ки асосан завқи ӯ аз он танаффур дорад. Аслан, зоиқаашро ислоҳ кунед, ки зоиқаи ӯ аз ғайбат кардан танаффур дошта бошад. Оё бовар мекунед, ки ахлоқиюн яъне онҳое, ки филҷумла худашонро тарбият кардаанд, воқеан зоиқаашон аз ғайбат кардан танаффур дорад, зоиқаашон аз дурӯғ гуфтан танаффур дорад, зоиқаашон аз хиёнат кардан танаффур дорад, зоиқаашон аз зулм ва таҷовуз ба ҳуқуқи мардум танаффур дорад?! Аслан, зоиқаи онҳо ин аъмолро намеписандад, намехоҳад ва дур меандозад.

Зоиқаро дуруст кунед, вале зоиқаи ақлӣ, зоиқаи фикрӣ, зоиқаи маънавӣ. Зоиқа, ки дуруст бишавад, инсон худ ба худ ҳамин ҷур мешавад. Роҳаш чист? Албатта роҳ дорад.

Ҳар ҳисси фитриро бо тарбият хеле хуб мешавад парвариш дод. Мо дар умри худамон воқеан дидаем афродеро, ки зоиқаи онҳо ин ҷур шукуфта шуда буд. Зоиқаи онҳо аз зикру ёди Худо лаззат мебурд, ки аз ҳеч ғизои матбӯъе ва аз ҳеч лаззати ҷисмӣ он қадр лаззат ва ҳазз намебурд. Зоиқаи чунин инсоне ба гунае аст, ки аз ибодат лаззат мебарад, аз ҳидоят ва иршоди мардум лаззат мебарад, аз хиёнат кардан ба мардум танаффур дорад, аз ғайбат танаффур дорад. Агар Худо ҳам ба ӯ бигӯяд, ман туро ба хотири ғайбатҳоят азоб намекунам ва ба хотири ростгӯият подош намедиҳам, аз ин соат таклифи мо аз дӯши ту бардошта шуда, худат мухтор ва озодӣ, мехоҳӣ ғайбат бикун, мехоҳӣ ғайбат накун, боз ҳам ғайбат намекунад, чун зоиқааш расида ба ҳадде, ки аз ғайбат кардан ва тӯҳмат

задан ва фаҳшо ва аз ҳар кори зиште танаффур дорад, зебоии адолатро дарк мекунад, зебоии эҳсонро дарк мекунад, зиштии фаҳшоро дарк мекунад, зишти бағй (ба таъбири Қуръон)-ро дарк мекунад.

Аҷиб таъбире дорад Қуръон; мегӯяд, маъруф ва мункар (мункар яъне зишт):

إِنَّ اللَّهَ يَأْمُرُ بِالْعَدْلِ وَالْإِحْسَانِ وَإِيتَاءِ ذِي الْقُرْبَى وَيَنْهَى عَنِ الْفَحْشَاءِ وَالْمُنْكَرِ وَالْبَغْيِ يَعِظُكُمْ لَعَلَّكُمْ تَذَكَّرُونَ

(“*Ҳамоно Худо фармон ба адлу эҳсон медиҳад ва ба базлу атои хешовандон амр мекунад ва аз корҳои зишт ва мункар ва зулм наҳй мекунад ва ба шумо аз рӯйи меҳрубонӣ панд медиҳад, бошад, ки мавъизаи Худоро ба ёд оваред.” (Наҳл/90)*)

Ин матлаби буд, ки мутакаллимони исломӣ ва ба дунболи онҳо фуқаҳои исломӣ дар боби ҳусну қубҳ гуфтаанд.

Назари Афлотун

Як сухани дигар ҳам ҳаст ва он ин аст, ки асосан ахлоқ марбут ба руҳи зебост, на ин ки кор ба худии худ зебост. Ахлоқ яъне он ҷо, ки руҳи инсон ҳолате пайдо мекунад, ки худи руҳ зебо мешавад. Агар кор зебост, ба табаъи руҳ зебост. Дар он назари аввал, кор ба худии худ зебост ва руҳ зебоии худро аз кораш касб мекунад, вале тибқи ин назар, руҳ зебост ва кор зебоии худашро аз руҳ касб мекунад. Ин назар марбут ба Афлотун аст.

Афлотун пояи ахлоқро бар адолат қарор додааст, яъне ахлоқро мусовӣ бо адолат медонад ва адолатро мусовӣ бо зебоӣ. Мегӯяд: бо ин ки башар адолат, зебоӣ ва ҳақиқатро мешиносад, ҳеч кадом қобили таъриф нест. Вале боз кӯшиш карда як таърифи ноқисе барои адолат ба даст бидиҳад; гуфта: адолат иборат аст аз ҳамоҳангии аҷзоъ бо кулл. Ҳатто адолати иҷтимоиро ҳам, ки таъриф мекунад, мегӯяд: адолати иҷтимоӣ яъне ин ки ҳар фарде ҳар миқдор, ки истеъдод дорад, кор бикунад ва ба андоза кори худаш подош бигирад. Агар ҷомеа аз чунин афроде ташкил шуд, он вақт аҷзоъи ин ҷомеа ҳама ҳамоҳанг ҳастанд, на ин ки яке зиёд кор бикунад ва дигаре кам кор бикунад ва маҳсули кор аввалиро ба дуввумӣ бидиҳанд, ё яке асосан кор накунад ва баъд маҳсули кори дигаронро ба худаш ихтисос бидиҳад. Дар ин сурат, илова бар ин ки афрод одил нестанд, ҷомеа ҳам одил нест. Ҷомеа, ки одил набуд зебо нест ва ҷомеае, ки одил ва зебо набуд, қобили бақо нест.

Ӯ дар боби адолат чунин ҳарфе дорад ва мегӯяд, ахлоқ яъне дастгоҳи руҳии инсон, ки маҷмӯае аст аз андешаҳо, тамоюлот ва хостаҳо, иродаҳо ва тасмимҳо аҷзояш мисли як автомобил бо ҳамдигар таносуб дошта бошад. Вале гуфтем, худи таносубро касе наметавонад баён кунад, ки формулаш чист; ҳамин қадр мегӯяд, таносуб ва тавозун ва ҳамоҳангии комил миёни аносури руҳии инсон. Дар назари ӯ, инсоне, ки дигарон ӯро

дар ҳадди аъло ситоиш мекунанд (инсони комил) яъне инсоне, ки дар ноҳияи руҳ дар ниҳояти дараҷа зебост. Ва ҳамон тавр, ки гуфтем, зебоӣ ба ҳамроҳи худаш ҷозиба ва кашиш дорад, ишқу талаб меофаринад, ҳаракат меофаринад, ситоиш меофаринад, чунонки мо мебинем яке аз хусусиёти Алӣ алайҳис салом он адл ва тавозун ва ҳамоҳангии комиле аст, ки дар руҳи ин инсони малакутӣ ҳаст; инсоне аст, ки аз қадим ӯро инсони комилуссифот ва ҷомеъулаздод мешиносанд. Сафиюддини Ҳиллӣ мегӯяд:

جُمِعَتْ في صِفاتِكَ الْأَضْدادُ

وَلِهذا عَزَّتْ لَكَ الْأَنْدادُ

Дар вуҷуди ту аздод якҷо ҷамъ шудаанд ва ба ҳамин далел барои ту монандҳо наметавон пайдо кард. Ва Сайиди Разӣ роҷеъ ба сухани Алӣ алайҳис салом мегӯяд: сухане чандҷониба аст ва дар ҳамаи ҷавониб зебост. Дар ҳамаи ҷавониб Алӣ сухан гуфта ва зебо гуфта, чун руҳаш як руҳи ҳамаҷониба ва ба истилоҳи имрӯз, як руҳи чандбуъдӣ аст; на танҳо чандбуъдӣ аст, балки дар айни чандбуъдӣ будан, навъе тавозун ва таносуб миён абъоди мухталифи он баркарор аст. Ин аст, ки дар руҳҳо ва ақлҳо ҷой дорад. Ин дигар марбут ба чашм ё гӯш ё шомма ва ё зоиқа ва ба таври куллӣ марбут ба ҳисс нест, марбут ба руҳи инсон аст. Инсонҳо бидуни ин ки битавонанд зебоии Алиро таъриф кунанд, онро дарк мекунанд ва чун зебоӣ кашиш дорад, маҷзуби Алӣ мешаванд.

Чаҳордаҳ қарн мегузарад, қарне нагузаштааст, ки дар он Алӣ ҳазорҳо ва балки миллионҳо маҷзуб ва муҳиб надошта бошад. Ҳубби Алӣ чаро имон аст? Зеро ҳубби Алӣ яъне ишқ ба як руҳи мутаъодили мутавозин, ишқ ба инсони комил, ишқ ба камоли инсоният, ишқ ба он чи Худо ва пайғамбар ба он даъват мекунанд ва ин шахспарастӣ нест, ҳатто шахсдӯстӣ ҳам нест, болотар аз ин аст. Он ки воқеан Алиро дӯст дорад, худашро дорад ситоиш мекунад, ки ман дарк мекунам он зебоии хориқулъодаи он руҳи бузургро, ман дарк мекунам он таъодул ва тавозуни комилро, ман дарк мекунам маънии инсони комилро. Марде, ки таърихи замони худаш ӯро ба куллӣ матруд ва манкуб ва мазлум кардааст, боз мебинем бонги ситоиши ӯст, ки аз аъмоқи таърихи ин чаҳордаҳ қарн бармехезад, на танҳо аз забони онҳое, ки номашон шиъа аст, балки аз забони аҳли тасаннун ва на фақат аз забони мусалмонон, балки аз забони кофир, масеҳӣ ва яҳудӣ. Ҳар кас, ки як виҷдоне дорад, ситоишгари Алӣ воқеъ мешавад.

Ибни Шаҳрошӯб вақте, ки “Маноқиб”-ро менависад, муддаӣ аст, алъон, ки ман “Маноқиб”-ро менависам, ҳазор китоби “Маноқиб” (маноқиби Алӣ алайҳис салом) вуҷуд дорад. Ҳоло ман намедонам он китобҳоро ҳам дар китобхонааш дошта ё лоақал феҳристи онҳоро доштааст. Ин ношӣ аз фитрати башар аст. Ҳамин тавр, ки фитрати

башар дар муқобили як зебоӣ назири зебоии Юсуф маҷзуб мешавад — ки Қуръони Маҷид достони Юсуфро дар ниҳояти зебоӣ ва фасоҳат ва балоғат баён карда, ки воқеан ҳайратовар аст:

فَلَمَّا رَأَيْنَهُ أَكْبَرْنَهُ وَقَطَّعْنَ أَيْدِيَهُنَّ وَقُلْنَ حَاشَ لِلَّهِ مَا هَذَا بَشَرًا إِنْ هَذَا إِلَّا مَلَكٌ كَرِيمٌ

(“*Чун занони мисрӣ Юсуфро диданд, ӯро бузург ёфтанд ва дастҳояшонро ба ҷойи туранҷ буриданд ва гуфтанд: таборакаллоҳ, ки ин писар на одамӣ аст, балки фариштаи бузурги ҳасан ва зебое аст!” (Юсуф/31)*) — оре, ҳамин тавр, ки чеҳраи Юсуф фитрати башарро маҷзуби худ мекунад, чеҳраи маънавии як инсони комил ҳам башарҳоро аз умқи фитраташон маҷзуби хеш менамояд.

Ё Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом. Пайғамбар фармуд:

إِنَّ لِلْحُسَيْنِ مَحَبَّةً مَكْنونَةً في قُلوبِ الْمُؤْمِنينَ

Як муҳаббати пинҳон ва махфӣ нисбат ба Ҳусайн алайҳис салом дар дили мӯъминин вуҷуд дорад. Ин калимаи “макнуна” хеле маънӣ дорад, яъне дар дилҳои мӯъминин вуҷуд дорад ва аҳёнан худашон таваҷҷӯҳ надоранд, ҳарчанд ноогоҳона, муҳаббати Ҳусайн дар дили ҳар мӯъмине вуҷуд дорад. Шояд баъзе хаёл кунанд, ки ин яъне Худованд як муҳаббатеро аз берун ба таври қасрӣ ва ҷабрӣ оварда дар дилҳои мӯъминин қарор додааст. На, дар умқи фитрати ҳар мӯъмине тақдиси монанди Ҳусайне ҳаст. Агар Ҳусайн алайҳис салом ҳам набуд ва Ҳусайни дигаре ба ҷойи ӯ мебуд ҳамонанди ӯ, ки кори ӯро карда буд, магар дилҳои поки мӯъминин метавонистанд ситоишгари ӯ набошанд ва ӯро дӯст надошта бошанд?! Як зан, ки фақат як бачча дорад ва он як дона бачааш мемирад, чӣ гуна мегиряд? Барои Ҳусайн инчунин бояд гирист.

ولا حول ولا قوة الاّ بالله العليّ العظيم وصلّى الله على محمّد وآله الطاهرين

Назарияи парастиш

وَمَا خَلَقْتُ الْجِنَّ وَالْإِنْسَ إِلَّا لِيَعْبُدُونِ

(*Зориёт/56*)

Яке аз назариёт дар мавриди аъмоли ахлоқии башар, назарияи “парастиш” аст. Мегӯянд, он силсила аз аъмоли башар, ки бо афъоли табиӣ мутафовит аст ва ҳамаи афроди башар он корҳоро тақдис ва ситоиш мекунанд ва шарофатмандона ва инсонӣ ва мофавқи корҳои табиӣ мехонанд, аз мақулаи парастиш ҳастанд.

Дар назариёти собиқ, ки қаблан арз кардем, равшан шуд, ки баъзе ин гуна афъолро аз навъи отифа ва муҳаббат медонанд ва баъзе аз навъи ақлу донишу фаҳм ва баъзе аз навъи иродаи қавӣ ва баъзе нидои виҷдонии инсон ва баъзе аз мақулаи зебоӣ.

Ҳол арз мекунам, як назарияи дигар ҳам дар бораи табиати ин гуна корҳои муқаддаси башарӣ ҳаст ва он ин аст, ки **ин корҳо аз мақулаи парастиш аст; аз мақулаи ибодати Худост, вале ибодати ноогоҳона**. Масалан, он касе, ки аъмоли ахлоқиро аз навъи зебоӣ медонист, мегуфт, чун зебоӣ мунҳасир ба зебоии маҳсус нест ва зебоии маъқул ҳам зебоӣ аст, он ки кори ахлоқӣ мекунад, ҷамол ва зебоии ақлии кори ахлоқиро эҳсос мекунад ва ин ҷамол ва зебоӣ ӯро ба сӯйи худ мекашад, ҳамчунон, ки зиштии кори ғайри ахлоқӣ ва зидди ахлоқӣ ӯро аз он мутанаффир мекунад; дар корҳои ахлоқӣ ҷозибае аст аз навъи ҷозибаи зебоӣ ва дар корҳои зидди ахлоқӣ дофеъае аст аз навъи дофеъаҳои зидди зебоӣ.

Вале ин назария, назарияи аҷибе аст ва он ин аст: **касе, ки кори ахлоқӣ мекунад,** ҳатто он кас, ки дар шуъури огоҳи худаш Худоро намешиносад ва ба вуҷуди Худо эътироф надорад ва ё фаразан эътироф дорад, вале дар шуъури огоҳи худаш ин корро барои ризои Худо анҷом намедиҳад ва бо ин кор Худопарастӣ намекунад**, кори ахлоқии ӯ як навъ Худопарастӣ ва парастиши ноогоҳона аст**.

Шуъури зоҳир ва шуъури мағфулун ъанҳу

Мумкин аст суол шавад: магар мумкин аст Худопарастӣ ноогоҳона бошад? Ҷавоб ин аст: бале, ҳатто мо Худошиносии ноогоҳона ҳам дорем, яъне ҳамаи мардум дар умқи фитраташон ва дар истилоҳи имрӯз “ноогоҳона” Худои худашонро мешиносанд. Тафовути афроди мардум дар Худошиносӣ дар марҳилаи огоҳона аст. Ин матлаб агар дирӯз яъне дар қуруни гузашта бовар карданаш андаке мушкил буд, имрӯз бовар кардани он хеле осон аст.

Яъне имрӯз ин матлаб ба исбот расида, ки инсон дорои ду навъ шуъур аст: шуъури зоҳир ва шуъури мағфулун ъанҳу. Яъне, шуъуре, ки худи инсон аз он иттилоъ ва огоҳӣ дорад ва шуъуре, ки он ҳам худаш навъе огоҳӣ аст, вале шуъури зоҳири инсон аз он бехабар аст. Ҳатто уламои равонкови имрӯз мӯътақиданд, ки бештарин қисмати шуъури инсон, шуъури мағфулун ъанҳу инсон аст ва камтарин бахши шуъури инсон он шуъуре аст, ки инсон аз вуҷуди он огоҳ аст. Масалан, агар мо ба даруни худамон муроҷеа кунем ва мӯҳтавиёти замири худамонро тафтиш намоем, миқдоре эҳсосот, маълумот ва иттилоот, тамоюлот, буғзҳо ва ҳуббҳо ва ин ҷур чизҳо пайдо мекунем ва хаёл мекунем ғайр аз ин чизе нест. Ва ҳол он ки иттилоот ва маълумот ва мудракот ва низ эҳсосот ва тамоюлоти зиёде дар аъмоқи руҳи мо русуб карда, ки мо аз онҳо бехабар ҳастем, яъне қисмати умдаи руҳи ман аз ин мане, ки алъон бо шумо ҳарф мезанад махфӣ аст ва қисмати умдаи руҳи шумо аз ин шумое, ки алъон доред ба ҳарфи ман гӯш мекунед махфӣ аст.

Дар мақоми мисол мегӯянд: агар шумо ҳиндувонаеро дар як ҳавзи об биандозед, чӣ қадр аз он аз об берун аст? Миқдори каме. Шояд нӯҳ ушрашро об фаро гирифта ва як ушраш берун аст. Ё агар қитъаи яхи бузургеро дар ҳавзи об биандозед, чӣ қадраш аз об берун аст ва чӣ қадраш зери об? Айнан шуъури инсон ҳам он қисмате, ки ошкор аст, нисбат ба он қисмате, ки махфӣ аст, ин гуна аст.

Олам ҳам ҳамин тавр аст. Ин олами табиат — ки ба таъбири Қуръон, олами шаҳодат аст — дар муқобили олами ғайб ва ҳақоиқи махфӣ, нисбаташ ҳамин нисбат аст агар хеле бештар аз ин набошад. Олами табиат бо тамоми каҳкашонҳо ва ситорагон ва ин ҷавве, ки башар чун намедонад охираш ба куҷо мунтаҳӣ мешавад, мегӯяд, ҷавви лоятаноҳӣ — ва шояд ҳам лоятаноҳӣ аст — нисбат ба оламе, ки бар ин олам иҳота дорад, яъне нисбат ба он қисмате аз олам, ки пинҳон аст бисёр кучак аст ва ба таъбири ҳадис, мисли ин аст, ки ҳалқаеро дар як саҳро биандозанд. Он ҳалқа нисбат ба саҳро чӣ нисбате дорад? Ҳеч.

Ҳоло ин матлаб, ки мегӯем, парастиши ноогоҳона, мӯҷиби тааҷҷуб нашавад, ки магар мешавад парастиш, ноогоҳона бошад? Одами зинда, ки вакилу васӣ намехоҳад, ман, ки худам мефаҳмам, ки Худоро парастиш намекунам, аслан ман Худоро қабул надорам, дар айни ҳол шумо мегӯед, он кори ахлоқии ман як парастиши ноогоҳона аст?! Ҷавоб ин аст: Бале, ту хеле чизҳоро намедонӣ, анҷом медиҳӣ ва худат намедонӣ. Худат, худатро намешиносӣ.

Феълан мо асли фарзияро дорем мегӯем, ки тибқи ин назария тамоми корҳои ахлоқии инсон, ноогоҳона Худопарастӣ аст. Барои тавзеҳи ин матлаб, бояд як силсила муқаддамот арз бикунам.

Парастиш чист?

Ҳамон тавр, ки дар боби зебоӣ гуфтем, аввалин суол ин аст: парастиш чист? Парастишро таъриф кунед, ҷинсу фаслашро бигӯед, таҳлил кунед, аҷзоъ ва аносури ташкилдиҳандаи онро бигӯед. Агар мақсуд аз парастиш, аъмоли парастишонаи инсон бошад, яъне он корҳое, ки инсон ба унвони парастиш анҷом медиҳад, масалан намоз мехонад, рӯза мегирад, ҳаҷ мекунад, дуо мехонад, силаи раҳм мекунад барои Худо; агар мақсуд аъмоли ибодии инсон бошад, тавзеҳаш хеле равшан аст. Ибодат масалан як навъаш намоз аст, намоз ҳам як силсила суханҳо ва аъмол ва ниятҳост: рукӯъ аст, суҷуд аст, қиём аст, зикр ва ғайра аст. Вале агар парастиш, як ҳақиқате бошад, ки ин аъмол, ки аз тарафи Худои Мутаъол барои мо муайян шуда, дар воқеъ шакл додан ва қолаб сохтан барои он ҳақиқат ва он таҷаллии фитрӣ аст, ки дар мо вуҷуд дорад ва ба иборати дигар, шакл ва қолаб ва андоме аст, ки барои мо таъйин карда ва сохтаанд барои як ҳақиқат, ки дар мо вуҷуд дорад, ҳақиқате, ки мо чӣ бифаҳмем ва чӣ нафаҳмем, чӣ таваҷҷӯҳ дошта бошем ва чӣ таваҷҷӯҳ надошта бошем, дар умқи фитрати мо вуҷуд дорад, оре агар парастиш ин бошад — ки ҳамин ҳам ҳаст — таърифаш як таърифи соддае нест.

Ҳамон тавр, ки қаблан арз кардем, файласуфон аз таърифи адолат изҳори аҷз мекунанд, аз таърифи зебоӣ — ки ба қавли онҳо, ғаризае аст аз ғароизи башар — изҳори аҷз мекунанд, ҳатто аз таърифи илм изҳори аҷз мекунанд. Шумо агар сурӯғи китобҳои фалосифа биравед, мебинед, сад ҷур илмро таъриф кардаанд. Яке мегӯяд: илм аз мақулаи кайф аст, дигаре мегӯяд: аз мақулаи изофа аст, севвуме мегӯяд: аслан дохил дар ҳеч мақулае нест ва… Таъриф кардан кори осоне нест, зарурате ҳам надорад. Мо вақте бихоҳем вуҷуди як ҳақиқатеро дарк бикунем, тавонистем таъриф кунем, таъриф мекунем, натавонистем, на. Вале ҳамин тавр, ки дар айни ин ки наметавонем зебоиро таъриф кунем, як чизҳоеро ташхис медиҳем, дар парастиш ҳам умуреро ташхис медиҳем.

Дар парастиш, таваҷҷӯҳ ҳаст, тақдис ҳаст.[18] Дар ибодат, ҳамду ситоиш ба камолот ҳаст. Ҳамон тавр, ки як булбул вақте дар муқобили гул қарор мегирад, ҳолати ситоишгарӣ ба худ мегирад, инсон он ҳақиқати маъбудро дар ибодат ситоиш мекунад.

[18] *Тақдис яъне ҳақиқатеро муназзаҳ донистан аз ҳар гуна нақсе ва шоибаи нақсе, ки вақте мехоҳем он ҳақиқатро бо таъбирот шаклу қолаб бидиҳем, бо лафзи "Субҳоналлоҳ" ё "Субҳона раббиял азим ва биҳамдиҳ" ё "Субҳона раббиял аъло ва*

Дар ибодат, хориҷ шудан аз маҳдудаи кучаки худӣ, хориҷ шудан аз маҳдудаи омол ва таманниёти кучак, маҳдуд ва муваққат ҳаст; ва ба иборати дигар, дар ибодат, инсон аз доираи таманниёт ва омоли кучак хориҷ мешавад.

Дар ибодат, илтиҷоъ ҳаст, инқитоъ ҳаст. Дар ибодат, истионат ва нерӯ гирифтан ва кӯмак хостан ҳаст. Дар ибодат, воқеан инсон аз маҳдудаи худхоҳиҳо, худпарастиҳо, орзуҳо, тамнниҳо ва умури кучак парвоз мекунад ва берун меравад. Маънии тақарруб ҳам ҳамин аст. Вақте мегӯем, намоз мехонем қурбатан илаллоҳ, ин лафз як таъоруф нест, балки яъне воқеан инсон дар ҳоли намоз аз ин маҳдудаи кучак парвоз мекунад ба сӯйи Ҳақ.

Пас зарурате надорад, ки мо худамонро хаста кунем ва бихоҳем ибодатро яъне он таҷаллии хости руҳии башарро таъриф кунем, вале ҳамаи инҳо дар ибодат вуҷуд дорад. Бузургтарин, шарифтарин, бошукӯҳтарин ва боазаматтарин ҳолати инсон он ҳолати парастишонае аст, ки ба худ мегирад.

Оё парастиш мунҳасир ба парастиши огоҳонаи инсон аст?

Матлаби дигар: дар боби зебоӣ гуфтем оё зебоӣ — ҳамчунон, ки афроди камиттилоъ фикр мекунанд — амре аст вобаста ба ғаризаи ҷинсии ҳайвонот ва фақат нисбат ба ҷинси мухолиф эҳсос мешавад? Ё тавсиа дорад, ҳамаи табиатро фаро мегирад; аз табиат болотар, маъонии зеҳниро фаро мегирад мисли он чи ки дар фасоҳат ва балоғат ва шеър ва ғайра мисол задем. Ва аз ин ҳам болотар, зебоии маъқулро фаро мегирад; зебоиҳое, ки болотар аз ҳадди ҳисс ва ҳадди хаёл ва ғайра аст. Гуфтем, албатта болотар аст. Мебинед, дар дуо мехонем:

اللّهُمَّ إِنّي أَسْأَلُكَ مِنْ جَمالِكَ بِأَجْمَلِهِ وَكُلُّ جَمالِكَ جَميلٌ

Парвардигоро! Мо аз ту масъалат мекунем, аз зебоӣ ва ҷамолат. Мутакаллимони исломӣ дар боби сифоти Худованд истилоҳ кардаанд сифоти субутия ва сифоти салбия. Вале дигарон — махсусан урафо — истилоҳашон сифоти ҷамолия ва сифоти ҷалолия аст. Ба ҷойи сифоти субутия, мегӯянд сифоти ҷамолия ва ба ҷойи сифоти салбия, мегӯянд сифоти ҷалолия. Ин барои он аст, ки ҷамол ва зебоӣ ҳақиқаташ он ҷост, он чи дар инҷо ҳаст, ҷилвае аст аз он чи дар онҷо ҳаст.

Айни ин матлаб дар боби парастиш ҳаст. Оё парастиш мунҳасир ба инсон аст ва фақат инсон аст, ки Худоро парастиш мекунад, он ҳам баъзе аз инсонҳо? Гуфтем, на, аввалан он парастиши огоҳона аст, ки баъзе инсонҳо парастиш мекунанд ва баъзе намекунанд;

биҳамдиҳ” ва ҳатто бо лафзи “Аллоҳу Акбар” онро қолаб ва шакл медиҳем; бартар ва муназзаҳ аз ҳар гуна нақсе ва шоибаи ҳар нақсе ва ҳар нестӣ.

ноогоҳона ҳама парастиш мекунанд, балки парастиш ҳақиқате аст, ки дар ҳамаи мавҷудоти олам вуҷуд дорад ва мавҷуде дар олам нест, ки парастандаи Ҳақ набошад. Ин сухани Қуръон аст, ки заррае аз зарраҳои олам нест, ки парастандаи Ҳақ набошад, ҳамчунон, ки инсоне нест — ҳарчанд ноогоҳ — ки парастандаи Ҳақ набошад. Танҳо шумо Худоро тасбеҳ намекунед ва ҳамду сано намегӯед, ҳамаи ашё Худоро тасбеҳ мекунанд ва ҳамду сано мегӯянд. Дар ин замина оятҳое дорем:

سَبَّحَ لِلَّهِ مَا فِي السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ وَهُوَ الْعَزِيزُ الْحَكِيمُ (19)

سَبَّحَ لِلَّهِ مَا فِي السَّمَاوَاتِ وَمَا فِي الْأَرْضِ وَهُوَ الْعَزِيزُ الْحَكِيمُ (20)

يُسَبِّحُ لَهُ مَا فِي السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ وَهُوَ الْعَزِيزُ الْحَكِيمُ (21)

يُسَبِّحُ لِلَّهِ مَا فِي السَّمَاوَاتِ وَمَا فِي الْأَرْضِ لَهُ الْمُلْكُ وَلَهُ الْحَمْدُ (22)

وَإِنْ مِنْ شَيْءٍ إِلَّا يُسَبِّحُ بِحَمْدِهِ وَلَكِنْ لَا تَفْقَهُونَ تَسْبِيحَهُمْ (23)

Ҳеч чизе дар олам нест, заррае дар олам нест магар ин ки мусаббеҳ ва ҳомиди Парвардигор аст. Шумо инсонҳо тасбеҳу ибодату парастиши онҳоро дарку фаҳм намекунед, вагарна ҳеч мавҷуде дар олам нест, ки парастандаи зоти Ҳақ набошад.

Албатта қабул дорам, ки сатҳи матлаб хеле болост, вале хостам арз бикунам, ки мантиқи Қуръон ин аст. Пас, парастиш дар мантиқи Қуръон мунҳасир нест ба парастиши огоҳонаи инсон, ки шояд дар бисёре аз инсонҳо ноқистарин ақсоми парастишҳост, ки масалан биистем рӯ ба қибла, ду ракъат намоз бихонем дар ҳоле, ки руҳамон дар намоз аслан вуҷуд надорад, балки ҷойи дигар машғули кори дигар аст, як хаму рости зоҳирӣ мешавем.

Форобӣ, файласуфи маъруфи исломӣ — ки дар ҳазору сад сол пеш мезиста ва ахиран ба муносибати ҳазорумин соли вилодаташ, Эрон ва ғайри Эрон доранд аз ӯ бисёр таҷлил мекунанд — ҷумлае дорад; мегӯяд:

---

[19] *Ҳадид/1*

[20] *Ҳашр/1*

[21] *Ҳашр/24*

[22] *Тағобун/1*

[23] *Исро/44*

صَلَّتِ السَّماءُ بِدَوَرانِها وَالأَرْضُ بِرَجَجانِها وَالْمَطَرُ بِهَطَلانِهِ وَالْماءُ بِسَيَلانِهِ

Мегӯяд: осмон, ки гардиш мекунад он гардиш намоз ва ибодат ва парастиши осмон аст ва замин, ки такон мехӯрад ҳамин чур, борон, ки резиш мекунад он резиш парастиши ӯст, об, ки ҷараён пайдо мекунад он ҷараён парастиш ва ибодати ӯст.

Аз ин матлаб ҳам сарфи назар мекунем барои ин ки қабул дорам, ки матлабе аст дар сатҳи хеле болотар. Ҳамин қадр хостам арз карда бошам, то вақте мегӯем, ҳар кори ахлоқӣ худаш як амали парастишона аст, фикри мо фавран мутаваҷҷеҳи парастишҳои огоҳонае, ки мо худамон ба ҳасби таклиф анҷом медиҳем нашавад. Ба ҳар ҳол, ин худаш як ҳақиқате аст ва аҳли ботин, аҳли дил муддаӣ ҳастанд, ки агар инсон дар маротиби камолоти маънавӣ пеш биравад ва ба қавли онҳо, агар гӯши дилаш боз бишавад, тасбеҳу таҳмиди мавҷудотро дарк мекунад ва мешунавад.

Мо самеъему басирему хушем,

Бо шумо номаҳрамон мо хомушем.

Чун шумо сӯйи ҷамодӣ меравед,

Маҳрами ҷони ҷамодон чун шавед?

(Мавлоно)

Ин масъала, ки шуъур аз мухтассоти инсону ҳайвон нест, дар гиёҳҳо ҳам ҳаст ва ҳатто мунҳасир ба гиёҳҳо ҳам нест, дар ҷамодот ҳам мартибае аз шуъур вуҷуд дорад, чузъи масоиле аст, ки дар илми имрӯз матраҳ аст ва тарафдороне дорад, ки мӯътақиданд, ҳар заррае аз зарраҳои олам дар ҳадди худаш аз дараҷае аз шуъур баҳраманд аст.

Ҳисси ахлоқӣ, чудо аз ҳисси Худошиносӣ нест

Гуфтем, мегӯянд: ахлоқ аз мақулаи парастиш аст, вале парастиши ноогоҳона. Маънии ин чумла ин аст, ки қалби инсон ба ҳасби фитрат ва ғариза, Худои худашро мешиносад. Барои ин ки мисоле барои огоҳона ва ноогоҳона зикр карда бошам, мегӯям: масалаш масали тифл аст аз назари ғариза:

Ҳамчу майли кӯдакон бо модарон,

Сирри майли худ надонад дар лабон.

(Мавлоно)

Баччае, ки тоза аз модар мутаваллид мешавад, ҳамон рӯзҳои аввал ва дуввум, ки ҳанӯз чашмҳояшро наметавонад боз кунад ва қатъан аз вуҷуди модар огоҳона иттилоъ надорад, яъне ҳанӯз дар замир ва зеҳнаш аз модар тасвире надорад ва намедонад модаре ҳам дорад, гурусна, ки мешавад, доим сарашро хам мекунад, лабҳояшро кач мекунад ин тарафу он тараф, ин лабҳо ноогоҳона дар чустуҷӯи пистони модар аст. Яъне агар аз ин

кӯдак касе тавзеҳ бихоҳад дунболи чӣ мегардӣ? Қодир ба тавзеҳ нест, аслан фоқиди зеҳн аст, ҳанӯз зеҳнаш аз тасвирҳо ва нақшҳо музайян нашуда, ки агар ҳам битавонад ҳарф бизанад, боз наметавонад ин матлабро баён кунад, аммо ноогоҳона ба сӯйи чизе, ки вуҷуд дорад меравад, ноогоҳона дар ҷустуҷӯи пистони модар аст. Тоза, инҳо дар инсон хеле заъиф аст, дар ҳайвонот қавитар аст. Дар ҳайвонот ва ба хусус дар ҳашарот, ин ғароиз бисёр зиёд аст. Дар инсон ҳам дар бисёре аз масоил ин миқдор ғариза аст.

Ҳол, маънои ин ки корҳои ахлоқӣ аз мақулаи парастиш аст чист?

Гуфтем, инсон ба ҳасби фитрат корҳои ахлоқиро шариф ва шарофатмандона медонад бо ин ки аз худгузаштагӣ аст ва бо мантиқи табиӣ созгор нест ва ҳатто бо мантиқи ақли амалӣ ба ин маъно (яъне ақле, ки ба инсон мегӯяд, худат ва манофеи худро бояд ҳифз бикунӣ) созгор нест. Бо вуҷуди ин, инсон ин корҳоро анҷом медиҳад ва дар ин корҳо як навъ шарофат ва азамате ташхис медиҳад, улувв ва бузургворӣ ташхис медиҳад, ҳисс мекунад, ки бо анҷоми ин корҳо худашро бузургвор мекунад; мисли эсор, аз худгузаштагӣ ва инсоф додан.

Инсоф додан масъалаи аҷибе аст. Инсон бо рақибе рӯ бар ӯ мешавад, масалан пизишке бо пизишки дигар. Пизишки собиқадор, маъруфу машҳур. Роҷеъ ба ташхиси як беморӣ изҳори назар мекунад. Як пизишки ҷавони камисму расме пайдо мешавад, ӯ ҳам изҳори назар мекунад. Мардуме, ки онҷо ҳузур доранд, вақте диданд, ду назари мухолиф аст, ҳаргиз назари як табиби дараҷаи аввали маъруфи машҳури дарсхондаи таҷрибакардаро намегузоранд, назари як табиби ҷавонро бигиранд. Аммо худи он табиб мефаҳмад, ки назари он пизишки ҷавон дуруст аст ва вақте ӯ тавзеҳ дод, аввал касе, ки матлабро дарк мекунад, худи он табиби собиқадор аст. Ин ҷост, ки инсон худашро сари дуроҳӣ мебинад: оё ман по рӯйи шахсият ва шӯҳрати худам бигузорам, онро лагадкӯб кунам, бигӯям: ин оқо аз ман беҳтар мефаҳмад ва нусхае, ки ман додам ғалат аст, нусха нусхае аст, ки ин оқо мегӯяд? Инро мегӯянд инсоф. Як вақт ҳам по рӯйи инсофи худаш мегузорад, мегӯяд: ин ҳарфҳо чист?! Бирав дунболи корат. Мумкин аст дар амал нусхаи худашро иваз кунад барои ин ки бемор намирад, вале иқрор намекунад, балки ба гунае кори худашро тавҷеҳ мекунад.

Инсон ин ду ҳолатро дорад. Гоҳе инсоф медиҳад ва ин чӣ қадр дар дунё иттифоқ меафтад. Дар ҳадис ҳам ҳаст, ки яке аз макорими ахлоқи инсон, инсоф додан ба рақибҳост.

Ин ҳолат, ки дар инсон ҳаст, ноогоҳона, бад-ин ҷиҳат аст, ки инсон Худоро мешиносад ва як силсила масоил аст, ки билфитра ва ноогоҳона онҳо ҳам исломи Худо, яъне қонуни Худост. Ислом яъне таслим ба қонуни Худо. Худо ду навъ қонун дорад: як навъ

қонунҳое, ки он қонунҳоро дар фитрати инсон сабт кардааст ва навъи дигар, қонунҳое, ки дар фитрати инсон нест, балки аз ҳамон қонунҳои фитрӣ муншаъиб мешавад ва танҳо ба василаи анбиё баён шудааст. Анбиё илова бар ин ки қонунҳои фитриро таъйид мекунанд, як қонунҳои изофа ҳам барои инсон меоваранд. Он умқи руҳи инсон, он фитрати инсон, он умқи қалби инсон, бо як шоммаи махсус, ноогоҳона ҳамин тавр, ки Худоро мешиносад, ин қонунҳои Худоро мешиносад; ризои Худоро мешиносад ва корро билфитра дар роҳи ризои Худо анҷом медиҳад, вале худаш намедонад, ки дорад қадам дар роҳи ризои Худо бармедорад.

Ва аз ин рӯ ин масъала матраҳ аст, ки оё ин ҷур корҳо, ки ноогоҳона дар тариқи ризои Худост, вале огоҳона чунин нест, аҷр дорад ё на? Масалан, як бутпараст мумкин аст чунин коре бикунад, чунонки Ҳотами Тоӣ кард ва амсоли ӯ мекарданд. Мо аҳодиси зиёде дар ин замина дорем дар бораи кофироне, ки чунин корҳое кардаанд. Аз пайғамбар ё имомон суол кардаанд, оё ин гуна корҳо назди Худо бе аҷр аст? Ҷавоб додаанд: на, бе аҷр ҳам нест. Дуруст аст, ки умдаи аҷрҳо моли корҳои огоҳонаи инсон аст, вале ин ки инсон ба ҳисси ахлоқии худаш посух медиҳад, ҳисси ахлоқӣ ҳисси ҷудо аз ҳисси Худошиносӣ нест. Баръакси он чи ки иддае хаёл кардаанд, ҳисси Худошиносӣ як ҳисс аст ва ҳисси ахлоқӣ ҳиссе дигар, ҳисси ахлоқӣ ҳамон ҳисси Худошиносӣ аст, вале ҳисси таклифи Худошиносӣ; ҳисси Худошиносӣ ва ҳисси таклифи Худошиносӣ аст, яъне ҳиссе аст, ки ба мӯҷиби он, инсон исломи фитриро мешиносад, билфитра мешиносад, ки афв мавриди ризои Маъбуд аст, билфитра мешиносад, ки хидмат ба халқи Худо ва фидокорӣ барои халқи Худо маврид ризои Маъбуд аст, билфитра мешиносад, ки инсоф мавриди ризои Маъбуд аст, билфитра мешиносад, ки тан ба зиллат ва хорӣ надодан мавриди ризои Маъбуд аст.

Тавҷеҳи саҳеҳи ахлоқ

Бинобар ин, он ки мегӯяд, решаи ахлоқ дар виҷдони инсон аст, ҳарфаш, ҳам рост аст ва ҳам рост нест. Рост аст ба ин маънӣ, ки воқеан қалби инсон инҳоро ба ӯ илҳом мекунад. Аммо рост нест, ба ин маънӣ, ки инсон хаёл кунад виҷдон ҳиссе аст мустақил аз ҳисси Худошиносӣ ва кораш ин аст, ки барои мо таклиф муайян мекунад бидуни ин ки мукаллиферо ба мо шиносонда бошад; мукаллиф ҳам худаш аст, худаш мустақиллан барои мо таклиф муайян мекунад ва мо бояд таклифм ӯро бишносем.

Баёни Кант айбаш фақат дар ҳамин ҷиҳат буд, ки мехост нидои виҷдонро ба унвони як таклиф, ки “таклиф муайянкун” аз худи замири инсон сарчашма мегирад ва моварои замири инсон нест, муаррифӣ кунад. На, замири инсон дарк мекунад таклифро он чунон,

ки дарк мекунад таклифкунандаро. Виҷдон ва илҳомоти виҷдонӣ, ҳама ношӣ аз фитрати Худошиносии инсон аст. Мантиқи Қуръон ин аст. Қуръон мегӯяд:

وَنَفْسٍ وَمَا سَوَّاهَا. فَأَلْهَمَهَا فُجُورَهَا وَتَقْوَاهَا

(*Шамс/7 ва 8*) Тақво ҳамон тақваллоҳ аст, на чизи дигаре. Фуҷур,

خروج عَن حُكْمِ الله

— аст, на чизи дигаре.

Бинобар ин, назарияи виҷдон бисёр назарияи дурусте аст, вале айбаш ин аст, ки як қадам он тарафтар нарафтааст, ки бигӯяд: намешавад, ки якдафъа инсон офарида шуда бошад ва як нерӯи мустақил аз ҳама чиз дар ӯ падид омада бошад, ки фақат мегӯяд, таклифи ту ин аст. На, виҷдони инсон иттисол дорад ба реша ва тамоми олами ҳастӣ. Ӯ таклифи туро аз ҷойи дигар гирифта ва ба ту медиҳад; шоммаи дил аст. Дил шомма дорад ва бо он Худоро мешиносад ва ба таври фитрӣ таклифи Худоро мешиносад, ки мо ин илҳомотро “исломи фитрӣ” меномем.

وَأَوْحَيْنَا إِلَيْهِمْ فِعْلَ الْخَيْرَاتِ

(*Анбиё/73*) Ҳамон тавр, ки дар тафсири “Алмизон” истинбот фармудаанд, намегӯяд:

وَأَوْحَيْنا إِلَيْهِمْ أَنِ افْعَلُوا الْخَيْراتِ

— ки бишавад таклифи ташреъӣ ба истилоҳ, балки мегӯяд:

وَأَوْحَيْنَا إِلَيْهِمْ فِعْلَ الْخَيْرَاتِ

Мо худи кори хайрро дар қалби мардум илҳом ва ваҳӣ кардем. Қуръон мегӯяд: мо ба ҳар башаре ваҳӣ фиристодем. Иттифоқан яке дигар аз умуре, ки умумият дорад, ваҳӣ аст. Ҳамон тавр, ки зебоӣ ва парастиш умумият доранд, дар мантиқи Қуръон ваҳӣ ҳам умумият дорад. Оё ваҳӣ мунҳасир аст ба он шакли хосс аз ваҳӣ, ки бар анбиёи ъизом мешавад? Он, комилтарин дараҷаи ваҳӣ аст.

Қуръон мегӯяд, мо ба ҳар инсоне ваҳӣ фиристодаем, аммо дар ҳамин ҳудуд:

فَأَلْهَمَهَا فُجُورَهَا وَتَقْوَاهَا

وَأَوْحَيْنَا إِلَيْهِمْ فِعْلَ الْخَيْرَاتِ

На танҳо ба ҳар инсоне, балки мегӯяд, мо ба занбӯри асал ҳам ваҳӣ фиристодем:

وَأَوْحَى رَبُّكَ إِلَى النَّحْلِ

(*Наҳл/68*) На танҳо ба занбӯри асал ва ҳайвонот, балки ба наботот ва ҷамодот ҳам ваҳӣ фиристодем:

وَأَوْحَى فِي كُلِّ سَمَاءٍ أَمْرَهَا

(*Фуссилат/12*) Мунтаҳо ваҳйе, ки ба як инсони оддӣ мешавад, дигар тавассути Ҷабраил анҷом намешавад, шакли дигаре дорад. Мисли нур аст: нури панҷшамъӣ ҳам нур аст, нури хуршеди оламтоб ҳам нур аст, вале нур билохира нур аст. Ваҳйе, ки бар Пайғамбари Акрам нозил мешавад, мисли нури хуршеди оламтоб аст ва илҳоме, ки ба ҳамаи афроди инсон шудааст, мисли як чароғи чандшамъӣ, як чунин чизе.

Аммо он назарияе, ки мегӯяд, ахлоқ аз мақулаи зебоӣ аст оё дуруст аст ё дуруст нест? Ҳам дуруст аст ва ҳам нодуруст. Нодуруст аст, зеро хаёл карда зебоии маънавӣ дар ҳамин ҷо хотима пайдо мекунад, яъне руҳи инсон сохта шуда, ки фақат зебоии маънавии як силсила корҳо мисли ростӣ, амонат, эсор, иффат, шуҷоат, истиқомат, инсоф ва ҳилмро дарк кунад. Иштибоҳ ин ҷост. Ӯ ноогоҳона он кулли зебоӣ, манбаъ ва асли зебоиро, ки зоти муқаддаси парвардигор аст дарк мекунад ва дар натиҷа хостаҳо ва тариқи ризои ӯро, ки тариқи саодати мост, чун ӯ мехоҳад ва билфитра аз ноҳияи ӯ мебинад, зебо мебинад. **Аслан, зебоии ақлӣ, ҳусну қубҳи ақлӣ дар воқеъ бармегардад ба ҳусну қубҳи қалбӣ**. Ақл аз мақулаи идрок аст, на аз мақулаи эҳсос.

Ҳамаи ҳусну қубҳҳое, ки ҳусну қубҳи ақлӣ номида мешаванд, дар воқеъ ҳусну қубҳи қалбӣ аст, чун ҳусн зебоӣ аст ва қубҳ зиштӣ ва инҳо аз мақулаи эҳсос аст, на аз мақулаи идрок, ки кори ақл бошад ва эҳсос дар воқеъ кори қалб аст. Инсон дар фитрати ноогоҳи худаш зебоии он чиро, ки Худо аз ӯ хостааст дарк мекунад, чун ин таклифро дар умқи ботинаш аз Худо мебинад ва ҳар чи аз Худо мебинад, зебо мебинад. Ҳамчунин мо дар шуъури зоҳири худамон вақте, ки Худоро бишносем, ҳар чи аз ноҳияи Худо дарк бикунем, зебо мебинем. Гуфт:

Ба ҷаҳон хуррам аз онам, ки ҷаҳон хуррам аз Ӯст,

Ошиқам бар ҳама олам, ки ҳама олам аз Ӯст.

Он касе, ки ахлоқро аз мақулаи муҳаббат медонад, каме бояд ҷилавтар биравад. Охир чӣ гуна аст, ки инсон шайъ ё фарди дигареро, ки ба куллӣ муғойир бо худаш аст ва ҳеч иртибот ва иттисоле байни ӯ ва он шайъ ё фард нест, дӯст медорад? Ин дӯстӣ бо ҳеч мантиқе ҷур дарнамеояд. Вале инсон дӯст дорад инсонҳои дигарро, дӯст дорад ҳайвонҳоро, дӯст дорад хеле ашёи дигарро, на он ҷури дӯстӣ, ки барои худаш дӯст дорад. Он ки аз ҳисоб хориҷ аст. Дӯст дорад ба тавре, ки гӯӣ ҷузъи шахсияти худаш аст, яъне ҳамон тавр, ки мехоҳад ба худаш хидмат кунад, мехоҳад ба онҳо хидмат кунад. На дӯст дорад, ки онҳоро ба нафъи худаш ба кор бибарад, балки дӯст дорад дар ҳадде, ки худашро дар хидмати онҳо қарор медиҳад, чаро? Оё ин як амри бе мантиқ аст, ки дар

инсон пайдо шуда ё на? Албатта мантиқ дорад. Мантиқи ин ҳам Худост, ҳамон исломи фитрӣ аст, таклифи илоҳӣ аст. Инсон бо шоммаи қалбии худаш ҳисс мекунад, ки маҳбуби воқеияш онро аз ӯ мехоҳад. Аз ин ҷиҳат аст, ки онро дӯст дорад. Бинобар ин, тавҷеҳи саҳеҳи ахлоқ ҳамин назарияи парастиш аст.

Ахлоқ аз мақулаи ибодат ва парастиш аст

Ҳар кадом аз ин назариёт — ҳамон тавр, ки дидед — қисмате аз ҳақиқатро дорад, на тамоми ҳақиқатро. **Тамоми ҳақиқат ин аст, ки ахлоқ аз мақулаи ибодат ва парастиш аст**. Инсон ба ҳамон мизон, ки Худоро ноогоҳона парастиш мекунад, ноогоҳона ҳам як силсила дастурҳои илоҳиро пайравӣ мекунад. Вақте, ки шуъури ноогоҳаш табдил ба шуъури огоҳ бишавад — ки пайғамбарон барои ҳамин омадаанд[24] — он вақт дигар тамоми корҳои ӯ мешавад ахлоқӣ, на фақат ҳамон як идда корҳои муайян; хобидани ӯ ҳам мешавад як кори ахлоқӣ, ғизо хӯрдани ӯ ҳам мешавад як кори ахлоқӣ. Яъне вақте барномаи зиндагии мо бар асоси таклиф ва ризои Ҳақ танзим шуд, он вақт хӯрдани мо, хобидани мо, роҳ рафтани мо, ҳарф задани мо ва хулоса зиндагӣ ва мурдани мо якпорча мешавад ахлоқ, яъне якпорча мешавад корҳои муқаддас:

قُلْ إِنَّ صَلَاتِي وَنُسُكِي وَمَحْيَايَ وَمَمَاتِي لِلَّهِ رَبِّ الْعَالَمِينَ

(*Бигӯ: ҳамоно намозу тоату куллияи аъмоли ман ва ҳаёту мамоти ман ҳама барои Худост, ки парвардигори ҷаҳонҳост*.” (Анъом/162) Аз забони Иброҳим алайҳис салом.) Ҳама чиз мешавад лиллоҳ ва ҳама чиз мешавад ахлоқ.

Дар боби ахлоқ, як силсила назариёти дигар ҳам ҳаст ва аввал қасд доштам онҳоро ҳам зикр бикунам, баъд ба назарияи парастиш бипардозам, вале дидам инҳо баҳси моро аз меҳвари худаш хориҷ мекунад, чун он назариёт дар воқеъ мехоҳанд шарифтарини шарофатҳоро аз инсон бигиранд ва аслан мехоҳанд мӯътақид набошанд, ки воқеан як силсила корҳои ахлоқӣ ва шарофатмандонае ҳам дар олам вуҷуд дорад ва инсонҳо бидуни он ки бихоҳанд манофеъи моддӣ дошта бошанд, он корҳоро ба хотири хислати шарофат ва қадосташон анҷом медиҳанд. Дар воқеъ мункири ахлоқ ба ин маънӣ ҳастанд. Он назариётро баъд интиқод мекунем. Масалан, назария Бертран Рассел, ки ахлоқро аз мақулаи ҳушёрӣ медонад, ё ахлоқи марксистӣ ва ё ахлоқи экзистентсиалистиро иншоаллоҳ хоҳем гуфт. Вале инҳо ахлоқро аз авҷи худаш пойин

[24] *Пайғамбарон омадаанд барои ин ки моро ба фитрати худамон савқ бидиҳанд ва он шуъури ноогоҳ ва он амри фитриро табдил кунанд ба як амри огоҳона*.

овардаанд, дар ҳоле, ки барои инсон шарофате қоил ҳастанд ва ба инсоният эътиқод доранд.

Ахлоқ фақат дар мактаби Худопарастӣ қобили тавҷеҳ аст

Албатта инро ҳам арз бикунам: тамоми касоне, ки (ахлоқ ба ин маъниро) мункир мешаванд, дар як ҷо маҷбуранд қабул кунанд. Масалан, ҳамон Бертран Рассел ҷойи дигар, ки мерасад, дам аз инсоният ва шарофати инсонӣ мезанад. Вале фалсафаҳои онҳо ба ҳеч ваҷҳ наметавонад шарофати инсониро таъйид ва тавҷеҳ кунад. Масъалаи ахлоқ ва шарофатҳои инсонӣ ва ахлоқӣ ҷуз дар мактаби Худопарастӣ дар ҳеч мактаби дигаре қобили тавҷеҳ ва таъйид нест. Танҳо ин мактаб аст, ки метавонад онро тавҷеҳ кунад. Ва асосан худи ҳамин ахлоқ ва шарофати ахлоқӣ дар вуҷуди инсон, яке аз дарвозаҳои маънавият аст, яъне яке аз дарвозаҳое аст, ки инсонро бо олами маъно ошно мекунад ва ба олами мазҳаб мӯътақид менамояд.

Маротиби ибодат

Чун дар бораи ибодат дар ин замина баҳс кардем, як матлаби дигарро бояд арз бикунам ва он ин аст, ки иддае дар китобҳояшон навиштаанд, ки асосан мазҳаб бо ахлоқ ба он маънои шарофати ахлоқӣ ҷур дарнамеояд, зеро мазҳаб маънояш ин аст, ки инсон Худоро ибодат кунад ва ибодати Худо фақат барои тарс аз ҷаҳаннам ва ё тамаъи биҳишт аст, пас бармегардад ба матомеъи моддии инсон ва ҳол он ки кори ахлоқӣ як кори шарофатмандона аст, яъне фақат ба хотири шарофат ва қадосати он кор аст. Ин матлабро тавзеҳ бидиҳам.

Аз назари дини муқаддаси ислом, ибодат маротиб дорад. Олитарин ибодат ибодате аст, ки аз ҳамаи ин умур холӣ аст, яъне дар он на тамаъи биҳиште ҳаст ва на тарс аз ҷаҳаннаме. Вале дар айни ҳол ибодатҳое ҳам, ки ба тамаъи биҳишт ва ё ба хотири тарс аз ҷаҳаннам аст, ибодат аст.

Филҷумла тавзеҳ медиҳам: дар “Наҳҷул-балоға” ва дар аҳодиси зиёде мо ин матлабро дорем. Амирулмӯъминин Алӣ алайҳис салом мефармояд: ибодатҳое, ки мардум мекунанд, се гуна аст. Баъзе Худоро ибодат мекунанд ба тамаъи савоб –

فَتِلْكَ عِبادَةُ التُّجّارِ

Ин ибодат, ибодати тоҷирона аст. Яъне инҳо мехоҳанд бо Худо тиҷорат кунанд; чизе бидиҳанд ва чизи бештаре бигиранд. Як бозаргон дар мубодилоти худаш ҳамеша колоеро медиҳад барои ин ки чизе бештар аз сармояи аслиаш (яъне асли сармояро бо як миқдор суд) бигирад. Фармуд: ин ибодат, ибодати тоҷирона аст. Ва баъзе Худоро парастиш мекунанд аз тарс. Фармуд: ин ибодат, ибодати ғуломона аст, ибодати бардагон

аст; мисли амали бардагон аст, ки дар зери шаллоқи арбобҳо қарор мегиранд, дар ҳоле, ки ба онҳо таклиф мекунанд ва онон аз тарси ин ки агар таклифро анҷом надиҳанд, шаллоқ мехӯранд, таклифро анҷом медиҳанд. Вале баъзе Худоро ибодат мекунанд –

شكرا

— яъне сипосгузорона, ё дар баъзе аҳодис:

حبا

— аз рӯйи дӯстӣ, яъне Худоро парастиш мекунад фақат ба далели ин ки ӯро дӯст дорад. Ӯ дар воқеъ фитрататаш дар шуъури огоҳаш ҳам мунъакис аст, Худоро он гуна ибодат мекунад, ки фитрати Худопарастӣ иқтизо менамояд. Чун Худоро дӯст дорад, парастиш мекунад. Агар Худо биҳишту ҷаҳаннаме ҳам халқ накарда буд, ӯ Худоро парастиш мекард.

إلهي ما عَبَدْتُكَ خَوْفا مِنْ نارِكَ وَلا طَمَعا في جَنَّتِكَ بَلْ وَجَدْتُكَ أَهْلاً لِلْعِبادَةِ فَعَبَدْتُكَ

Худоё! Ман туро парастиш накардам аз тарси оташи ҷаҳаннамат ва парастиш накардам ба тамаъи биҳиштт, балки фақат туро шоистаи парастиш мебинам.
Ин калимаи:

أَهْلاً لِلْعِبادَةِ

— хеле маънӣ дорад. Фақат ба далели ин ки ту, ту ҳастӣ ва ман, ман ҳастам, туро ибодат мекунам. Табиитарини чизҳо дар олам ин аст, ки ту маъбуд бошӣ ва ман обид ва парастанда. Намедонам ба мазомини дуои Кумайл — ин дуои олиятулмазомин ҳеч таваҷҷӯҳ доред? Мазомини ин дуоро аз аввал он:

اللّهُمَّ إِنّي أَسْأَلُكَ بِرَحْمَتِكَ الَّتي وَسِعَتْ كُلَّ شَيْءٍ

то охир:

وَسَلَّمَ تَسْليما كَثيرا

— бо диққат мутолеа кунед, бибинед Алӣ чӣ мегӯяд ва маънии парастиши ошиқона ва сипосгузорона ва маънии аз худ хориҷ шудан чист. Бо таваҷҷӯҳ ба ин ки дар мантиқи Алӣ кучактарин иғроқ ва муболиға нест, хусусан он ҷо, ки бо Худои худаш сухан мегӯяд, ба ҷумлаҳои мерасем, ки барои мо аслан қобили тасаввур нест. Роҷеъ ба оташи ҷаҳаннам мегӯяд:

وَهذا ما لا تَقومُ لَهُ السَّمواتُ وَالأرْضُ

Оташи ҷаҳаннам аз навъи оташҳои дунё нест; оташе аст, ки тамоми осмонҳо ва замин дар муқобили он муқовамат надоранд. Дар айни ҳол дар ҳамон ҷо мегӯяд:

هَبْني صَبَرْتُ عَلى عَذابِكَ فَكَيْفَ أَصْبِرُ عَلى فِراقِكَ، هَبْني صَبَرْتُ عَلى حَرِّ نارِكَ فَكَيْفَ اَصْبِرُ عَنِ النَّظَرِ اِلى كَرامَتِكَ

Фаразан тоқати сабр бар чунин азоберо дошта бошам, сабр бар ҷудоӣ аз туро надорам! (Ибодати ошиқона яъне ин). Фаразан сабри муқовамат дар муқобили он ҳароратҳоро дошта бошам, чӣ гуна метавонам дар муқобили ин ки карoматат аз ман гирифта шуда ва лутфат аз ман боздошта шудааст сабр намоем?! Сабри инро ҳаргиз Алӣ надорад. Ибодати парастишона ин аст. Мақоми инсон хеле болотар аз ин аст. Мунҳасир ба Алӣ алайҳис салом нест; дар дунё зиёд ҳастанд инсонҳое, ки воқеан мерасанд ба ҳадде, ки Ҳофиз мегӯяд:

Дар замири мо намегунҷад ба ғайр аз Дӯст кас,
Ҳар ду оламро ба душман деҳ, ки моро Дӯст бас.

ولا حول ولا قوة الاّ بالله العليّ العظيم وصلّى الله على محمّد وآله الطاهرين .باسمك العظيم الأعظم الأعزّ الأجلّ الأكرم يا الله

Худоё! Дилҳои моро ба нури имон мунаввар бигардон!
Қалбҳо ва руҳҳои моро музайян ба ахлоқи фозила бифармо!
Амвоти моро машмули иноятӣ худ бифармо!

وعجّل في فرج مولانا صاحب الزمان

Ахлоқи исломӣ

وَلِلَّهِ الْعِزَّةُ وَلِرَسُولِهِ وَلِلْمُؤْمِنِينَ

(*Мунофиқун/8*)

Баҳс дар атрофи ин матлаб буд, ки қадосатҳои ахлоқӣ ва ба иборати дигар, гароишҳои инсон ба хулқҳои муқаддас, аз мақулаи парастиш аст ва тавзеҳоте додем. Акнун мехоҳем баҳсе дар бораи хусуси ахлоқи исломӣ бо таваҷҷӯҳ ба китобу суннат ва калимоти пешвоёни дин эрод бикунем. Қаблан ин матлабро арз кардам, ки ин баҳс, ки оё ахлоқ аз чӣ мақулае аст, сирфан як баҳси назарӣ нест. Ҳар соҳиби назарияе ночор мӯътақид аст, ки дар таълиму тарбиятҳои ахлоқӣ бояд даст рӯйи нуқтае гузошт. Он ки масалан ахлоқро аз мақулаи отифа медонад, ночор такяаш рӯйи отифа асту бас ва он ки аз мақулаи ирода медонад, даст рӯйи нуқтаи дигаре мегузорад ва он ки аз мақулаи виҷдон медонад, даст рӯйи нуқтаи дигаре ва ҳамин ҷур. Ҳоло мехоҳем бифаҳмем, ки дар ахлоқи исломӣ бештар даст рӯйи чӣ нуқтае гузошта шудааст?!

Мо агар ба Қуръони Карим ва калимоти пешвоёни дин, ба “Наҳҷул-балоға” ва соири манобеъ ва мадорики исломӣ муроҷеа кунем, дармеёбем, ки дар ахлоқи исломӣ бештар ангушт рӯйи чӣ нуқтае дар руҳи инсон гузошта шудааст.

Дунёи руҳи инсон

Руҳи инсон як дунёи аҷибе аст. Аҷибтарин дунёҳои олам, дунёи руҳу равони инсонӣ аст. Гоҳе ман пеши худам дастгоҳи руҳи инсониро ташбеҳ мекунам ба як дастгоҳи забти савт, аммо на дастгоҳи забти савте, ки фақат як навор бишавад рӯйи он гузошт ва ҳамон як наворро битавон ба садо даровард. Забти савтеро фарз кунед — ва шояд чунин забти савтҳое ҳам бошад — ки дар он даҳҳо ва балки садҳо навор ҳаст ва дар ҳар наворе садое забт шудааст. Шумо даст рӯйи ҳар дугмае бигузоред, яке аз он наворҳо ба гардиш дармеояд ва як овози махсусро мешунавед. Масалан, даст рӯйи яке аз дугмаҳо мегузоред, Қуръони Абдулбосит мехонад; даст рӯйи дугмаи дигаре мегузоред, як навори дигар ба ҳаракат дармеояд ва масалан як суханрон суханронии мазҳабӣ мекунад; Даст рӯйи як дугмаи дигар мегузоред, навори дигаре ба ҳаракат дармеояд ва масалан як овозахон овозахонӣ мекунад. Бастагӣ дорад, ки шумо даст рӯйи кадом нуқта бигузоред. Ҳақиқатан руҳи инсон ҳамин гуна аст. Яъне Худои Мутаъол истеъдодҳои гуногуне дар вуҷуди инсонӣ гузоштааст. Мураббиёни башар, ҳар гурӯҳе ангушт рӯйи яке аз он истеъдодҳо гузоштаанд. Дар натиҷа як вақт шумо мебинед, миллате ба вуҷуд меояд, ки тамоми ин миллат яксадо ҳарфашон масалан ҳамосаҳои сиёсӣ ва таассубҳои миллӣ аст

ва ғайр аз ин чизи дигаре нест ва гӯё фақат ин як навор дар вуҷуди инҳо ба садо даромада. Миллати дигареро мебинед, ки дар асари ин ки ангушт рӯйи нуқтаи дигаре аз руҳи онҳо гузошта шудааст, ҳама дам аз зуҳду риёзат мезананд. Миллати дигар дам аз чизи дигар. Ҳамчунин ҳар фарде дам аз чизе мезанад. Дар вуҷуди ҳар фарде ҳамаи ин истеъдодҳо вуҷуд дорад, вале ангушт рӯйи яке ё дуто аз ин истеъдодҳо гузошта ва онро ба садо даровардаанд, боқӣ дигар хомӯш аст. Ҳар мактаби ахлоқӣ ангушт рӯйи яке аз хислатҳои руҳи башар гузоштааст.

Ҳол, оё дар миёни тамоми ин дугмаҳо як дугма вуҷуд дорад, ки агар даст рӯйи он бигузорем, тамоми ин наворҳо ба ҳаракат дармеоянд ва ба таври ҳамоҳанг кори худашонро анҷом медиҳанд ё на? Ин ҳам худаш суоле аст.

Ҳар мактабе, ки битавонад даст рӯйи нуқтае бигузорад, ки бо даст гузоштан рӯйи он нуқта тамоми истеъдодҳои вуҷудии инсон ҳамоҳанг бо якдигар ва бидуни ифроту тафрит ба ҳаракат дароянд, он мактаб, мактаб ҷомеъе аст. Ин матлабро феълан ба унвони муқаддима дар назар дошта бошед, то вориди матлаби дигаре бишавем, баъд бибинед чӣ гуна натиҷагирӣ мекунем.

Таҳқир ва таҷлили нафс

Дар Қуръон ва дар мутуни исломӣ, мо ба мантиқе бармехӯрем, ки агар ворид набошем, шояд хаёл кунем танокузе дар кор аст. Масалан, дар Қуръон вақте сухан аз нафси инсон яъне “худ”-и инсон ба миён меояд, гоҳе ба ин сурат ба миён меояд: бо ҳавоҳои нафс бояд мубориза кард, бо нафс бояд муҷоҳада кард, нафс

أمّارةٌ بالسّوء

— аст:

وَأَمَّا مَنْ خَافَ مَقَامَ رَبِّهِ وَنَهَى النَّفْسَ عَنِ الْهَوَى. فَإِنَّ الْجَنَّةَ هِيَ الْمَأْوَى

(*Нозиъот/40 ва 41*) Ҳар кас, ки аз мақоми парвардигораш бим дошта бошад ва ҷилави нафсро аз ҳавопарастӣ бигирад, маъво ва ҷойгоҳи ӯ биҳишт аст.

فَأَمَّا مَنْ طَغَى. وَآثَرَ الْحَيَاةَ الدُّنْيَا. فَإِنَّ الْجَحِيمَ هِيَ الْمَأْوَى

(“*Он кас, ки туғён кард ва зиндагии дунёро баргузид, дӯзах ҷойгоҳи ӯст.” (Нозиъот/37-39*))

أَفَرَأَيْتَ مَنِ اتَّخَذَ إِلَهَهُ هَوَاهُ

(*Ҷосия/23*) Оё дидӣ он касеро, ки ҳавои нафси худашро маъбуди хеш қарор додааст? Ҳамчунин аз забони Юсуфи Сиддиқ нақл мекунад, ки ба як шакли бадбинонае ба нафси худаш менигарад, мегӯяд:

وَمَا أُبَرِّئُ نَفْسِي إِنَّ النَّفْسَ لَأَمَّارَةٌ بِالسُّوءِ

(*Юсуф/53*) Дар иртибот бо ҳодисае, ки мавриди тӯҳмат қарор гирифтааст, бо ин ки сад дар сад ба истилоҳ бароати зимма дорад ва ҳеч гуна гуноҳу тақсире надорад, дар айни ҳол мегӯяд, ман намехоҳам худамро танзеҳ кунам ва бигӯям, ки ман биззот чунин нестам, ман намехоҳам худамро табриа кунам, чун медонам, ки нафс инсонро ба бадӣ фармон медиҳад.

Пас (тибқи ин оятҳо) он чизе, ки дар Қуръон ба номи “нафс” ва “худ” аз ӯ исм бурда шуда, чизе аст, ки инсон бояд бо чашми бадбинӣ ва ба чашми як душман ба ӯ нигоҳ кунад, нагузорад ӯ мусаллат бишавад ва ӯро ҳамеша мутеъу забун нигаҳ дорад.

Дар муқобил, мо ба оятҳои дигаре бармехӯрем, ки аз нафс — ки боз маъноияш “худ” аст — таҷлил мешавад:

وَلَا تَكُونُوا كَالَّذِينَ نَسُوا اللَّهَ فَأَنْسَاهُمْ أَنْفُسَهُمْ

(*Ҳашр/19*) Аз он гурӯҳ мабошед, ки Худои худро фаромӯш карданд, Худо ҳам худашонро, нафсашонро аз онҳо фаромӯшонад.

Хуб, агар ин нафс ҳамон нафс аст, чӣ беҳтар, ки ҳамеша дар фаромӯшӣ бошад!

قُلْ إِنَّ الْخَاسِرِينَ الَّذِينَ خَسِرُوا أَنْفُسَهُمْ

(*Зумар/15*) Бигӯ: бохтагон, зиёнкардагон, онҳое нестанд, ки сарватеро бохта ва аз даст дода бошанд (яъне он як бохтани кучак аст), бохтани бузург ин аст, ки инсон нафси худро бибозад, “худи” худро бибозад ва ба истилоҳи экзистенсиалистҳои имрӯз, хештани худро бибозад. Сарват, сармояи муҳимме нест; бузургтарин сармояҳои олам барои як инсон, нафси худи инсон аст. Агар касе худро бохт, дигар ҳар чи дошта бошад, гӯё ҳеч надорад, ки ба ин таъбир боз ҳам мо дар Қуръон дорем. Таъбироте аз қабили фаромӯш кардан худ, бохтани худ, фурӯхтани худ, ба шакли фавқулъодаи шадиде накӯҳиш шуда, ки инсон набояд худашро фаромӯш кунад, набояд худашро бибозад, набояд худашро бифурӯшад ва аз тарафи дигар, инсон бояд бо ҳавои худаш мубориза кунад, ки ин “худ” фармон ба бадӣ медиҳад. Аз ҷумла Қуръон мегӯяд: оё дидӣ он касеро, ки хостаҳои худро маъбуди хеш қарор дод?

“Нафс” дар суннат ва ҳадис

Ҳол меравем сурағи суннат ва ҳадис. Масалан меравем сурағи “Наҳҷул-балоға”. Дар як ҷо мебинем, нафс ва ҳавои нафс бо шиддат ва кӯбандагии аҷибе кӯбида мешавад ва ин маворид зиёд аст:

اَلْمُؤْمِنُ لا يُمْسي وَلا يُصْبِحُ إِلاّ وَنَفْسُهُ ظَنونٌ عِنْدَهُ

(*“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 175, с.566*) Мӯъмин хислаташ ин аст: субҳеро ба шом намебарад ва шаберо ба субҳ намеоварад магар ин ки нафсаш мавриди бадгумонии ӯст, ҳамеша бо як навъ бадгумонӣ ба нафси худ нигоҳ мекунад, мисли одаме, ки ҳамсояи хоине дошта бошад, ки ба ӯ эътимод надорад ва доиман дар фикри ин аст, ки ин ҳамсоя хиёнате накунад. Алӣ алайҳис салом мегӯяд: мӯъмин бояд ҳамеша ба нафси худаш ба чашми як хоин ва касе, ки намешавад ба ӯ эътимод кард ва мавриди бадгумонӣ ва бадбинӣ аст, нигоҳ кунад. Дар ин замина дар адабиёти исломӣ — чӣ арабӣ ва чӣ форсӣ — бисёр аст:

Маро пири донои муршид Шаҳоб,
Ду андарз фармуд дар рӯи об:
Яке ин ки дар нафс хушбин мабош,
Дигар ин ки бар ғайр бадбин мабош.

Ба мардум бадбин набошед, ба худатон хушбин набошед.

Аз тарафи дигар дар “Наҳҷул-балоға” ба ҷумлаҳое бармехӯрем, ки дар онҳо нафс ва “худ” таҷлилу такрим шудааст то бениҳоят.

Алӣ алайҳис салом дар васиятномае, ки ба фарзанди бузургвораш Имом Муҷтабо (Саломуллоҳи алайҳи!) менависад, мефармояд:

أَكْرِمْ نَفْسَكَ عَنْ كُلِّ دَنِيَّةٍ وَإِنْ ساقَتْكَ إِلَى الرَّغائِبِ فَإِنَّكَ لَنْ تَعْتاضَ بِما تَبْذُلُ مِنْ نَفْسِكَ عِوَضا

(*“Наҳҷул-балоға”, китоби 31, қисмати 46, с.929*) Писаракам! Нафси худро гиромӣ ва мӯҳтарам бидор аз ин ки ба як пастӣ дучор бишавад, зеро агар аз нафси худ чизеро бохтӣ ва аз даст додӣ, дигар ҳеч чиз наметавонад ҷойи онро пур кунад. Агар баданатро аз даст бидиҳӣ, ҷояш пуршуданӣ ҳаст, то чӣ расад, ки молу сарвататро аз даст бидиҳӣ. Ҳар чиро аз даст бидиҳӣ, чизи дигаре метавонад ҷойи онро пур кунад. Аммо як чиз аст, ки агар онро аз даст бидиҳӣ, дигар ҷопуркун надорад ва он, нафси худат аст.

فَإِنَّكَ لَنْ تَعْتاضَ بِما تَبْذُلُ مِنْ نَفْسِكَ عِوَضا

Агар аз худи худ, аз хештани худ чизеро аз даст бидиҳӣ, иваз барояш пайдо намекунӣ. Назири ин мазмун аст шеъре аз Имом Содиқ (Саломуллоҳи алайҳи!). Дар “Биҳор” дар аҳволи Имом Содиқ нақл мекунад, ки эшон ин шеърро мехонданд:

أُثامِنُ بِالنَّفْسِ النَّفيسَةِ رَبَّها

وَلَيْسَ لَها فِي الْخَلْقِ كُلِّهِمْ ثَمَنٌ

Ман бо нафси худам ҳеч мавҷудеро баробар намекунам. Агар бихоҳӣ бо нафси худам муомила бикунӣ, ҳеч чизеро бо он баробар намекунам ҷуз парвардигорам; дар иваз, фақат ӯро мегирам. Аз он ки бигузарад, ҳозир нестам ин сармояи худам ва ин хештани худамро бидиҳам. Тамоми дунё ва мофиҳоро, тамоми мосиваллоҳро ман бо ин гавҳари нафис баробар намекунам.

Ва ба ин мазмун зиёд дорем. Аз Имом Саҷҷод (Саломуллоҳи алайҳи!) суол мекунанд, ки:

مَنْ أَعْظَمُ النّاسِ خَطَرا

Аз ҳамаи мардум боаҳаммияттар кист? Фармуд:

مَنْ لَمْ يَرَ الدُّنْيا خَطَرا لِنَفْسِهِ

Он касе, ки тамоми дунёро бо худаш баробар намекунад.

Боз амирулмӯъминин дар “Наҳҷул-балоға” мефармояд:

مَنْ كَرُمَتْ عَلَيْهِ نَفْسُهُ هانَتْ عَلَيْهِ شَهَواتُهُ

(*“Наҳҷул-балоға”, ҳикмати 441*) Он кас, ки нафсаш, ҷонаш, худаш дар назди худаш гиромӣ бошад, он кас, ки каромат ва азамати нафси худашро ва дар воқеъ худашро дарк бикунад, барои ӯ шаҳавот хеле кучак аст ва мухолифат бо шаҳавот кори кучаке аст.

Ба ин мазмун ва таъбирҳое аз қабили каромати нафс, иззати нафс, нафосати нафс ва эҳтироми нафс ило мошоаллоҳ дар ахбор ва ривоятҳо ҳаст, ки ҳатман қисмате аз инҳоро бояд хонд.

Каромат ва иззати нафс, меҳвари ахлоқи исломӣ

Ҳудуди сездаҳ сол пеш ба муносибати севвуми шаъбон аз тарафи донишсарои олӣ як ҷаласаи суханронӣ аз ман хостанд роҷеъ ба ҳазрати Имом Ҳусайн алайҳис салом. Ёдам ҳаст дар онҷо таҳти унвони “Масъалаи худӣ дар ахлоқ” суханронӣ кардам.

Аз ҳамон вақт ин фикр барои ман пайдо шуд ва ҳар чи бештар мутолеа кардам, бештар ба ин фикр эътиқод пайдо кардам, ки **дар ахлоқи исломӣ, меҳвар ва он чизе, ки ҳаҷми ахлоқӣ ба даври он мегардад ё — ба таъбире, ки имшаб гуфтам — он нуқтае аз руҳи инсон, ки ислом рӯйи он даст гузоштааст барои эҳёи ахлоқи инсонӣ ва барои ин ки инсонро ба сӯйи ахлоқ савқ бидиҳад, каромат ва иззати нафс аст**. Ночор бояд лоақал қисмате аз оятҳо ва аҳодис дар ин заминаро барои шумо бихонам ва то инҳоро нахонем, дуруст ошно намешавем.

Иззати нафс:

وَلِلَّهِ الْعِزَّةُ وَلِرَسُولِهِ وَلِلْمُؤْمِنِينَ

(*Мунофиқун/8*) Иззат мунҳасиран аз они Худост ва паёмбари Худо ва мӯъминин. Мӯъмин бояд ҳамеша азиз бошад ва азиз аст.

Пайғамбари Акрам фармуд:

أُطْلُبُوا الْحَوائِجَ بِعِزَّةِ الأَنْفُسِ

(*"Наҳҷул-фасоҳа", ҳадиси 325*) Инсон эҳтиёҷ пайдо мекунад ба инсонҳои дигар. Оё арзи эҳтиёҷ ба инсонҳои дигар, хуб аст ё бад? Бархе мактабҳо мегӯянд, хуб аст, махсусан аз ин ҷиҳат, ки ҳар чи инсон бештар изҳори эҳтиёҷ ва тазаллул ва хосторӣ бикунад, нафси худашро бештар хору залил карда; барои таҳзиби нафс хуб аст.

Калбийюн ва маломатия

Гурӯҳе будаанд дар Юнони қадим, ки инҳоро калбийюн мегӯянд. Инҳо дар ахлоқ тавсия мекарданд ба даноат ва пастӣ. Ва ҳар чи инсон худашро бештар паст мекард, аз назари инҳо ахлоқитар буд. Ва дар ғайри калбийюн ҳам чунин афроде дар дунё будаанд. Дар ахлоқи сӯфиёнаи мо низ чунин калимоте ҳаст, вале на зиёд, чун инҳо мутаассир аз ахлоқи исломӣ ҳастанд ва аз иззату каромати нафс ҳам зиёд гуфтаанд. Ҳар чи бошад, инҳо ҳам гурӯҳе аз башар ҳастанд, иштибоҳоте дар ҳарфҳояшон ҳаст.

(Бале) гоҳе дар ахлоқи сӯфиёнаи мо зидди ин таъбири исломӣ дида мешавад. Асосан гурӯҳе аз мутасаввифа пайдо шуданд, ки инҳоро маломатиён ё маломатия мегуфтанд. Маломатия равишашон ин буд, ки мегуфтанд, барои ин ки нафси аммораро залил кунем, бояд ҳар чи метавонем худамонро дар назарҳо хоксор бикунем, касе барои мо арзише қоил набошад ва дар воқеъ иззати нафсро аз даст бидиҳем.

Иштибоҳи Саъдӣ ва бархе аз мутасаввифа

Ман мукаррар гуфтаам, ки ин шеъри Саъдӣ таъбири саҳеҳе нест. Алорағми ин ки Саъдӣ насоеҳи бисёр судманде дорад, ки аз матни ислом гирифта шудааст, вале дар суханонаш ин чизҳо ҳам ҳаст:

Ман он мӯрам, ки дар поям бимоланд,

На занбӯрам, ки аз дастам биноланд.

Ман ифтихор мекунам, ки як мӯрчаам, ки зери дасту поҳо помол мешавам, занбӯр нестам, ки мардум аз неши ман нола кунанд. Ин дуруст нест. Забони ҳоли як мусалмон ин аст:

На он мӯрам, ки дар поям бимоланд,

На занбӯрам, ки аз нешам биноланд.

Магар амр доир аст, ки инсон ё мӯр бошад ва ё занбӯр?! На мӯр бош ва на занбӯр. Баъд мегӯяд:

Куҷо худ шукри ин неъмат гузорам,

Ки зӯри мардумозорӣ надорам.

Ман Худоро шукр мекунам, ки зӯр надорам касеро биёзорам. Хуб, зӯр надорӣ биёзорӣ, ки ҳунаре нест, ҳунар ин аст, ки зӯр дошта бошӣ ва наёзорӣ. Забони ҳоли як мусалмон ин аст:

Куҷо худ шукри ин неъмат гузорам,

Ки дорам зӯру озоре надорам.

Инҳо ҳамон ифрот дар ахлоқи баъзе аз равишҳои маломатия ва сӯфиёна аст, ки ислом чунин чизеро намепазирад.

Ё дар баъзе аз китобҳо нақл кардаанд, ки фалон дарвеши маъруф гуфт, ки ман дар се вақт аз ҳар вақти дигар бештар хурсанд шудам. Яке ин ки як вақте дар яке аз масоҷид сахт бемор будам (инҳо касеро ҳам надоштанд, ағлаб мисли сайёҳҳо буданд), дар масҷид хобида будам ва аз шиддати табу нороҳатӣ қудрати ҳаракат кардан надоштам. Ходими масҷид омад ва ҳамаи афродеро, ки дар масҷид хобида буданд, баланд кард. Аз ҷумла бо по зад ба ман, ки баланд шав! Вале ман қудрати баланд шудан надоштам. Баъд аз чанд бор, ки ин корро такрор кард ва ман баланд нашудам, омад поямро гирифт, кашид ва маро андохт дар кӯча. Он қадр дар назари ӯ хор будам, ки ин ҷур маро мисли як ҷасади мурда кашид ва бурд онҷо. Хеле хурсанд шудам, ки нафсам кӯбида шуд.

Як вақти дигар зимистон буд. Пӯстинамро мегаштам. Он қадр шупуш дар он ёфтам, ки нафаҳмидам пашми ин пӯстин бештар аст ё шупуши он. Ин ҳам яке аз ҷоҳое буд, ки хеле хурсанд шудам аз ин ки нафси худамро поймол кардам.

Дигар ин ки як вақте савори киштӣ будам. Як одами баттол барои саргармии дигарон бозӣ дармеовард. Ҳамаро даври худаш ҷамъ карда буд ва афсона мегуфт. Аз ҷумла мегуфт: бале, як вақте рафта будем ба ҷанг бо куффор. Рӯзе асире гирифтам.

Мехост нишон бидиҳад, ки чӣ гуна он асирро мебурдам; ба атроф нигоҳ кард, аз ман бе дасту потар ва бешахсияттар пайдо накард. Ногаҳон омад ҷилав, риши маро гирифт ва кашид ба тарафи ҷилав ва гуфт: ин тавр мебурдам. Мардум ҳам хандиданд. Хеле хушҳол шудам.

Инҳо саҳеҳ нест. Баъзе ҳам мумкин аст дар ҳадди ифрот бошанд, ки ҳатто агар ниёзе ҳам дошта бошанд, ба аҳаде намегӯянд. Пайғамбар фармуд:

أُطْلُبُوا الْحَوائِجَ بِعِزَّةِ الأَنْفُسِ

Ҳоҷатҳоятонро бихоҳед, вале

بِعِزَّةِ الأَنْفُسِ

— аммо иззати нафсро аз даст надиҳед. Он ҷо, ки ҳоҷататонро бо дӯст ва рафиқе баён мекунед, то он ҷо, ки шарофататон, иззат ва каромати нафсатон поймол нашуда, ҷилав биравед. Он ҷо, ки дорад бар каромат ва иззати нафсатон хадша ворид меояд, таваққуф кунед, ниёзмандӣ ва надоштан беҳтар аст. Ҳамон тавр, ки боз дар “Наҳҷул-балоға” аст:

الْمَنِيَّةُ وَلاَ الدَّنِيَّةُ

Марг ва на пастӣ.

التَّقَلُّلُ وَلاَ التَّوَسُّلُ

Ба кам сохтан ва даст пеши касу нокас дароз накардан.

Алӣ алайҳис салом дар яке аз хитобаҳое, ки дар Сиффин хонда ва дар “Наҳҷул-балоға” ҳаст, дам аз пирӯзӣ ва ғалаба мезанад ва мегӯяд: аслан зиндагие, ки бо тусарихӯрӣ ва зердастӣ бошад, мурдан аз он беҳтар аст ва мурдане, ки бо пирӯзӣ бошад, бар чунин зиндагӣ ҳазорон бор тарҷеҳ дорад. Охирин ҷумлаи он ҳамосааш ин аст:

فَالْمَوْتُ في حَيوتِكُمْ مَقْهورينَ وَالْحَيوةُ في مَوْتِكُمْ قاهِرينَ

(*Наҳҷул-балоға”, хутбаи 51*) Мурдан ин аст, ки мағлубу мақҳуру тусарихӯри дигарон бошед ҳарчанд рӯйи замин роҳ биравед ва зиндагӣ ин аст, ки пирӯз бошед ҳарчанд зери хок бошед. Худ Қуръон мефармояд:

وَأَنْتُمُ الْأَعْلَوْنَ إِنْ كُنْتُمْ مُؤْمِنِينَ

(*“Шумо бартар ҳастед агар мӯъмин бошед.” (Оли Имрон/139)*)

Каромат ва иззати нафс дар суханони Имом Ҳусайн

Бо ин ки аз Имом Ҳусайн алайҳис салом каломи зиёде нақл нашуда, агар ба нисбат ҳисоб кунем, дар миёни имомон аз эшон бештар аз ҳама дар масъалаи каромат ва иззати нафс маъсур аст. Аз ҷумлаи калимоти қисори эшон аст, ки дар “Биҳор” нақл мекунад:

مَوْتٌ في عِزٍّ خَيْرٌ مِنْ حَيوةٍ في ذُلٍّ

Мурдани бо иззат, аз зиндагии дар зиллат беҳтар аст ва бар он тарҷеҳ дорад.

Ҷумлаи маъруфи эшон:

هَيْهاتَ مِنَّا الذِّلَّةُ

— аҷиб аст ва аз он ҷумлаҳое аст, ки то доманаи қиёмат аз он ҳарорат ва нур метобад, ҳамоса ва каромат ва иззат ва шарофати нафс меборад:

أَلا وَإِنَّ الدَّعِيَّ بْنَ الدَّعِيِّ قَدْ رَكَزَ بَيْنَ اثْنَتَيْنِ بَيْنَ السَّلَّةِ وَالذِّلَّةِ وَهَيْهاتَ مِنَّا الذِّلَّةُ! يَأْبَى اللهُ ذلِكَ لَنا وَرَسولُهُ وَالْمُؤْمِنونَ وَحُجورٌ طابَتْ وَطَهُرَتْ وَأُنوفٌ حَمِيَّةٌ وَنُفوسٌ أَبِيَّةٌ مِنْ أَنْ نُؤْثِرَ طاعَةَ اللِّئامِ عَلى مَصارِعِ الْكِرامِ

(Дар рӯзи Ошӯро Имом Ҳусайн) гоҳе савори асп мешуд ва бо мардум сӯҳбат мекард. Як навбат, ки мехост садояшро ҳама бишнаванд, савори шутур шуд, ки баланд бошад (мисли касе, ки рӯйи минбар аст ва аз дигарон болотар аст, чун дигарон савори асп буданд) ва дар васати майдон ҳама ӯро бибинанд. Он гоҳ ҷумалоти фавкро фармуд:

هَيْهاتَ مِنَّا الذِّلَّةُ

Мо куҷо ва тан ба хорӣ додан куҷо?! Тафовут аз замин то осмон аст. Худои мо барои мо зиллатро намеписандад, паёмбар намеписандад; он доманҳое, ки мо дар он доманҳо парвариш ёфтаем, домани Алӣ ва пистони Заҳро ба мо иҷоза намедиҳад. Агар аз мӯъминини ҷаҳон то доманаи қиёмат бипурсанд, референдум кунанд, ки шумо барои Ҳусайн зиллатро меписандед ё шамшерро, тамоми мӯъминини олам хоҳанд гуфт, мо шамшерро меписандем, на зиллатро.

مِنْ أَنْ نُؤْثِرَ طاعَةَ اللِّئامِ عَلى مَصارِعِ الْكِرامِ

Онҳо намеписанданд, ки мо итоати лаимон ва пастфитратонро тарҷеҳ бидиҳем бар хобгоҳи мардумони бузургвор, яъне бар мақотил ва куштангоҳҳо.

Аз суханони Имом дар рӯзи Ошӯрост:

لا وَاللهِ لا أُعْطيهِمْ بِيَدي إِعْطاءَ الذَّليلِ وَلا أَفِرُّ فِرارَ الْعَبيدِ

(“*На, ба Худо қасам, монанди як инсони залил бо онҳо байъат намекунам ва низ монанди як барда фирор намекунам*.”)

Ҳамчунин аз суханони он ҳазрат аст:

الصِّدْقُ عِزٌّ وَالْكِذْبُ عَجْزٌ

(Назири ин чумлаҳо дар калимоти имомон зиёд дорем.) Ростӣ иззат аст ва дурӯғ аз нотавонӣ аст.

Нуктаҳо ҳама дар ин маворид аст, ки тадричан шарҳ медиҳам. Ин гуна таъбирот хеле маънӣ дорад: ба ин далел бояд дунболи ростӣ буд, ки ростӣ иззат аст ва як инсон дунболи иззат ва шараф аст ва ба ин далел аз дурӯғ бояд парҳез кард, ки дурӯғ аҷзу нотавонӣ аст. Одами дурӯғгӯ ба далели эҳсоси аҷзу нотавонӣ ва забуние, ки дар руҳи худаш мекунад дурӯғ мегӯяд. Яъне маҳол аст як инсон дар руҳи худаш эҳсоси иззат ва нерӯ ва шараф бикунад ва ҳозир бошад як калима дурӯғ ба забони худаш биёварад.

Аз Алӣ алайҳис салом аст:

الْغيبَةُ جُهْدُ الْعاجِزِ

Ғайбат ҳадди аксари кӯшиши одамҳои нотавон аст. Яъне як одами шариф, як одами қавӣ, як одаме, ки дар руҳи худаш эҳсоси иззат ва қудрату қувват ва шараф мекунад, ҳамон иззат ва шарафаш иҷоза намедиҳад коре чунин пастро, ки пушти сари мардум бадгӯӣ бикунад. Одамҳои хок бар сар, заъиф, забун, залил, оҷиз ва нотавон ҳастанд, ки вақти худашонро ба ғайбат кардан мегузаронанд ва пушти сари ину он бад мегӯянд. Ғайбат ношӣ аз аҷз аст.

Иззати нафс дар каломи Имом Содиқ ва Имом Алӣ

Имом Содиқ фармуд (дар “Туҳафул-уқул” аст):

وَلا تَكُنْ فَظّا غَليظا يَكْرَهُ النّاسُ قُرْبَكَ وَلا تَكُنْ واهِنا يُحَقِّرُكَ مَنْ عَرَفَكَ

(*“Туҳафул-уқул”, с.316*) Дар муошират бо мардум миёнарав бош; на он чур хашину тундхӯ ва бадахлоқу бадбархӯрд бош, ки мардум аз наздик шудан ба ту хушашон наёяд ва на он қадр воҳин яъне заъиф бош, ки ҳар кас бо ту бархӯрд мекунад, туро таҳқир кунад. Мӯъмин набояд коре бикунад, ки дар назари дигарон таҳқир бишавад.

Дар “Васоил” аз Алӣ алайҳис салом нақл мекунад:

لِيَجْتَمِعْ في قَلْبِكَ الاْفْتِقارُ اِلَى النّاسِ وَالاْسْتِغْناءُ عَنْهُمْ

Дар они воҳид дар қалби худат бояд ду ҳисси мутазоддро дошта бошӣ: ман ба мардум мӯҳтоҷам, ман аз мардум бениёзам.

Дар чӣ худамро мӯҳтоҷ фарз кунам ва дар чӣ бениёз? Фармуд: он вақт, ки бо мардум бархӯрд мекунӣ, сухан мегӯӣ, ба рӯйи беэътиноӣ набош, ҳарфҳои тунду хашин ва захмдору хордор ба мардум нагӯ; нагӯ, гӯри падари мардум, ҳар ки ҳар чи мехоҳад бигӯяд; сухант нарму мулоим бошад. Инҷо фарз кун ман мӯҳтоҷи онҳоям:

يَكونُ افْتِقارُكَ إِلَيْهِمْ في لينِ كَلامِكَ وَحُسْنِ بِشْرِكَ، وَيَكونُ اسْتِغْناؤُكَ عَنْهُمْ في نَزاهَةِ عِرْضِكَ وَبَقاءِ عِزِّكَ

Аммо он ҷо, ки пойи ъирзу ҳайсият ва обрӯву иззат дар миён аст, бигӯ: ман ба фалак ҳам эҳтиёҷ надорам. Он ҷо, ки иззатат мехоҳад хадшадор бишавад, бояд фарзат бар ин бошад, ки ман ба фалак ҳам эҳтиёҷе надорам.

Дар “Наҳҷул-балоға” аст:

ما أَحْسَنَ تَواضُعَ الأَغْنِياءِ لِلْفُقَراءِ طَلَبا لِما عِنْدَ اللهِ، وَأَحْسَنُ مِنْهُ تيهُ الْفُقَراءِ عَلَي الأَغْنِياءِ اتِّكالاً عَلَى اللهِ

Чӣ қадр зебост, ки сарватаманд дар муқобили фақир мутавозеъ ва фурӯтан бошад ва худашро кучак кунад ба хотири ризои Ҳақ! Ва аз он зеботар беэътиноии фуқарост нисбат ба ағниё ба хотири эътимод ба Ҳақ. (Чӣ қадр зебост, ки ғанӣ дар муқобили фақир мутавозеъ бошад ва чӣ қадр зеботар аст, ки фақир ба ғанӣ беэътино ва таваккулаш ба Худо бошад!)

Дар дуои Абӯҳамза мехонем:

الْحَمْدُ لِلّهِ الَّذي وَكَلَني اِلَيْهِ فَأَكْرَمَني وَلَمْ يَكِلْني اِلَى النّاسِ فَيُهينوني

Чӣ қадр ман бояд Худоро шукр кунам, ки маро ба худаш вогузор кард ва худаш маро мӯҳтарам кард ва мӯҳтоҷи мардум накард, ки хорам кунанд!

Боз дар “Наҳҷул-балоға” аст (ҷумлаҳои хеле аҷиб ва пурмаъное аст):

قَدْرُ الرَّجُلِ عَلى قَدْرِ هِمَّتِهِ

Қадру андозаи ҳар касе, ҳамон қадру андозаи ҳимматаш аст, ҳар чи ҳиммат дорад, андозааш ҳамон аст.

وَشُجاعَتُهُ عَلى قَدْرِ أَنَفَتِهِ

Ва шуҷоати ҳар касе, ба андоза ҳисси мардонагии ӯст.

Шуҷоат ғайр аз зӯри бозӯст. Шуҷоат қуввати қалб аст, на зӯри бозу, нуқтаи муқобили ҷубн ва таҳаввур аст, яъне натарс будан ва дар айни ҳол беэҳтиёт набудан. Шуҷоати ҳар кас ба он андоза аст, ки руҳи мардонагӣ дар руҳаш бошад.

وَعِفَّتُهُ عَلى قَدْرِ غيرَتِهِ

(Ин ҷумла хеле аҷиб аст!): Покдомании ҳар кас ба андозаи ғайрataш аст. Яъне одамҳое, ки иффат надоранд, мардоне, ки беиффатанд, беғайратанд. Одами беиффат, ки нисбат ба номуси дигарон иффат надорад, агар худаш нисбат ба номуси худаш ғайрат медошт, маҳол буд, ки иффат надошта бошад. Ҳар ҷо, ки шумо одами нопоку беиффате пайдо кардед, бидонед, ки ҳисси ғайрат нисбат ба номуси худаш ҳам дар ӯ мурдааст.

Ва аз ин рӯ дар ҷойи дигар мефармояд:

ما زَنى غَيورٌ قَطُّ

Ҳаргиз як одами боғайрат зино намекунад. Ҳар ки зино карда, беғайрат буда ва дар воқеъ худаш ҳам чандон аҳаммияте намедода, ки дигаре бо номусаш зино кунад.

Боз каломи эшон аст дар ҳамон номае, ки ба Имом Ҳасан навиштаанд:

لا تَكُنْ عَبْدَ غَيْرِكَ وَقَدْ جَعَلَكَ اللهُ حُرّا

Писарам! Ҳаргиз дар дунё бандаи касе мабош, зеро Худо туро озод офаридааст. Дар Эъломияи ҳуқуқи башар, ки фаронсавиҳо мунташир карданд, он ҷумлаи тиллоияш, ки ин эъломия бо он шурӯъ мешавад ин аст:

“Худо инсонҳоро озод офаридааст.”

Амирулмӯъминин дар ҳазору дивист сол қабл аз онҳо фармуд:

لا تَكُنْ عَبْدَ غَيْرِكَ وَقَدْ جَعَلَكَ اللهُ حُرّا

Ҳаргиз бандаи касе мабош, зеро Худои Мутаъол туро озод офаридааст.

Ҳол кам-кам ба шарҳу тафсири инҳо бипардозем.

Оё инсон дорои ду нафс аст?

Гуфтем, ки дар ислом аз як тараф тавсия шуда ба ҷиҳод ва мубориза бо нафс, балки ба мирондани нафс:

موتوا قَبْلَ أَنْ تَموتوا

Пеш аз он ки бимиред, бимиред, нафси аммораро бимиронед. Ва аз тарафи дигар, тавсияҳое аст саросар каромати нафс, иззати нафс, нафосати нафс, ҳуррияти нафс ва ғайра. Оё инсон дорои ду нафс яъне дорои ду “худ” аст? Дорои ду хештан аст? Ду худ дорад, ки як худро вазифа дорад бимиронад ва худи дигарро вазифа дорад мӯҳтарам ва

мукаррам бишуморад ва азиз бидорад? Агар ин тавр бошад, пас бояд он чиро, ки равоншиносӣ мегӯяд “таъаддуди шахсият” ба маънии воқеии он бипазирем. Яъне қабул кунем, ки ҳар кас дар воқеъ ду “худ” аст, ду “ман” аст, ду “шахс” аст.

Қатъан мақсуд ин нест. Дар воқеъ дар як колбуд ду “ман” муҷаззо вуҷуд надорад, ду шахс вуҷуд надорад.

Як фарз ин аст, ки дар инсон ду шахс вуҷуд дорад, ду ман вуҷуд дорад, ду хештан дар муқобили якдигар вуҷуд дорад. Аз ин ду якеро бояд заъиф кард ва миронд, дигареро бояд мӯҳтарам шумурд. Ин ҷур, ки нест.

Фарзи дигар ин аст, ки инсон дорои ду “худ” аст, аммо на ба ин маънӣ, ки ду худи асил, ду “ман” дар канори якдигаранд, балки як “худ”-и воқеӣ ва як “худ”-и пиндорӣ, ки он нохуд аст, вале инсон нохудро худ хаёл мекунад. Магар чунин чизе имкон дорад? Мегӯянд бале, он ҷо, ки гуфтаанд, бо “худ” бояд мубориза кард, он худ, “худ”-и хаёлӣ ва пиндорӣ аст; он чизе аст, ки хаёл мекунӣ, ту он ҳастӣ, вале ту он нестӣ. Як “худ”-и воқеӣ ва асил аст, ки худи ҳақиқӣ ӯст. Худи пиндориро бояд миронд, то худи ҳақиқӣ ва асил дар инсон аз пушти пардаҳо зоҳир бишавад.

Оё ин ҷур аст? Хайр.

Ҳаминро ба таъбири дигаре ҳам метавонем бигӯем: як худ, худи аслӣ аст ва худи дигар худи фаръӣ ва туфайлӣ.

Назарияи мансуб ба Ҳайдеггер

Назарияи дигаре дар инҷо ҳаст ва он назарияе аст, ки баъзе хостаанд онро аз назариёти Ҳайдеггер, файласуфи моддии олмонӣ истинтоҷ кунанд.[25] Ӯ хеле рӯйи ин матлаб такя

[25] *Воқеан аҷиб аст; ҳақоиқе дар ҳазору чаҳорсад сол пеш гуфта шудааст, мо мебинем башар ин ҳама кӯшишҳои илмӣ ва фалсафӣ мекунад, тоза дар масоили равонӣ мерасад ба бахше аз он ҳақоиқ. Масалан, акнун то ин андоза лоақал ташхис медиҳанд, ки дар инсон гӯё ду навъ “худ” вуҷуд дорад. Ҳол, ин ду навъ “худ”-ро чӣ гуна бояд таъбир кард, таъбирҳое кардаанд. Вале иҷмолан метавон гуфт, ки асри мо асре аст, ки дар ҳоли гаштан дунболи “худ” аст. Албатта ин ҳарф собиқа дорад, вале имрӯз андаке авҷ гирифтааст. Масъалаи бегона шудан бо худ, ҷудо шудан аз худ, масъалае аст, ки дар фалсафаи имрӯз шадидан матраҳ аст ва зоҳиран аввал касе, ки онро тарҳ карда Гегел будааст. Аз Гегел ба ин тараф ин масъала матраҳ шуда ва ҳоло шадидан матраҳ аст. Қуръон ҳазору чаҳорсад сол пеш гуфт: “фаромӯш кардани худ”. Магар инсон метавонад худаш худашро фаромӯш кунад? Инсон фикр мекунад ҳар чиро битавонад*

кардааст, ки инсон дорои ду “худ” аст: худи фардӣ ва шахсӣ ва ҷузъӣ ва худи куллӣ. Яъне масалан ман як худ дорам, ки ба он худ ин фард ва ин шахс ҳастам ва шумо як худ доред, ки ба он худ он фард ва он шахс ҳастед бо он абъоди хосс ва бо он изофати хосс, ки масалан падару модаратон кист, сифот ва аҳвол ва иттилоотатон чист. Ва як “худ”-и дигар дар даруни ҳамаи инсонҳо вуҷуд дорад, ки он худи куллӣ аст, на худи шахсӣ ва фардӣ, худи инсонӣ аст. Масалан, дар ман алъон ду “худ” вуҷуд дорад. Як худ, мани масалан Х фарзанди Ү аст ва худи дигар, инсон аст, ки дар ман вуҷуд дорад. Шумо ҳам дорои ду худ ҳастед. Як худи фардии шумост, яке ҳам инсон аст, ки дар шумо вуҷуд дорад. Афроди дигар низ ҳамин тавр. Ин ҳам як фарзия аст.

Гуфтем, Қуръон мегӯяд, бо як “худ” бояд мубориза кард ва “худ”-и дигарро бояд мӯҳтарам ва азиз ва мукаррам дошт ва бо мукаррам доштани ин худ аст, ки тамоми ахлоқи муқаддаса дар инсон зинда мешавад ва тамоми ахлоқи разила аз инсон дур мегардад ва агар ин “худ” каромат пайдо кард, шахсияти худашро бозёфт ва дар инсон зинда шуд, дигар ба инсон иҷоза намедиҳад, ки ростиро раҳо кунад, дунболи дурӯғ биравад, амонатро раҳо кунад, дунболи хиёнат биравад, иззатро раҳо кунад, дунболи тан ба зиллат додан биравад, иффати каломро раҳо кунад, дунболи ғайбат кардан биравад ва амсоли инҳо.

Ҳол, оё ин “худ”, ҳамон “худ”-и (куллӣ ва инсонӣ) аст ё чизи дигаре аст? Ин суоле аст, ки мо имшаб роҷеъ ба ин ки он ду “худ” чист ва чӣ гуна мешавад онҳоро тавҷеҳ кард, тарҳ кардем ва ҷавобашро фардошаб иншоаллоҳ барои шумо арз мекунем.

Суханони дигаре аз Имом Ҳусайн дар боби каромати нафс

Арз кардам, дар калимоте, ки аз Имом Ҳусайн алайҳис салом расидааст, иззат ва шарофат ва каромати инсони мавҷ мезанад ва рози ин ки ин гуна калимот аз эшон ба нисбат бештар аз соири имомон расида ин аст, ки достони Карбало заминае буд барои ин ки руҳи Имом Ҳусайн дар ин қисмат таҷаллии худашро ба сурати ин калимот зоҳир кунад. Навиштаанд, дар вақте, ки ҳазрати Сайидушшуҳадо ба тарафи Карбало меомаданд, мукаррар афрод ба эшон бархӯрд мекарданд ва ҳар кас бархӯрд мекард,

---

фаромӯш кунад, худашро наметавонад фаромӯш кунад. Худи фаромӯш кардан мусовӣ аст бо мурдан. Магар мешавад инсон худашро фаромӯш кунад?! Вале Қуръон мегӯяд: бале, инсон худашро фаромӯш мекунад. Ҳол чӣ гуна мешавад, баъд арз мекунам.

Ба ҳар ҳол, имрӯз ин масъала матраҳ аст, ки инсон худашро гум мекунад, худашро фаромӯш мекунад, худашро мефурӯшад, худашро бо худаш иштибоҳ мекунад.

мегуфт: оқо, нарав, хатари қонӣ дорад. Ҳазрат ҳам ба ҳар як аз инҳо қавобе медод ва албатта қавобҳо ҳама дар ҳамин ҳудуд буд, ки на, ман бояд биравам. Яке аз онҳо вақте, ки бо ҳазрат мулоқот кард, гуфт: маслиҳат нест, наравед.

Фармуд: ман ба ту ҳамон қавоберо медиҳам, ки яке аз саҳобаи Расули Худо ба шахсе, ки мехост ӯро аз ширкат дар қиҳоди исломӣ манъ кунад, дод. Он вақт ҳазрати Сайидушшуҳадо ин шеърҳоро барои ӯ хонданд:

سَأَمْضي وَ ما بِالْمَوْتِ عارٌ عَلَى الْفَتى

اِذا ما نَوى حَقّا وَجاهَدَ مُسْلِما

وَواسَى الرِّجالَ الصّالِحينَ بِنَفْسِهِ

وَفارَقَ مَثْبورا وَخالَفَ مُجْرِما

Хоҳам рафт. Марг барои инсони қавонмард нанг нест агар дар роҳи Ҳақ қиҳод кунад ва дар ҳоле, ки мусаллам аст кӯшиш ба харҷ бидиҳад (нияташ ҳақ бошад ва дар ҳоле, ки мусаллам аст муҷоҳида ва қиҳод кунад) ва бо мардони солеҳ мувосот ва ҳамгомӣ ва ҳамдардӣ намояд ва баръакс роҳи худашро аз мардуми бадбахти ҳалокшуда ва муҷрим ва гуноҳкор қудо кунад.

فَإِنْ عِشْتُ لَمْ أَنْدَمْ وَإِنْ مِتُّ لَمْ أُلَمْ

كَفى بِكَ ذُلاًّ أَنْ تَعيشَ وَتُرْغَما

Ман ё зинда мемонам ё мемирам, аз ин ду хориҷ нест. Ин роҳе, ки ман меравам, ҳар ду тарафаш барои ман хайру саодат аст. Агар зинда бимонам, маврида мазаммат нестам, чун ман аз марг фирор накардам ва аз ин озмоиш муваффақ берун омадам, аз марг натарсидам ва зинда мондам. Чунин зиндагӣ барои ман нанг ва мазмум нест. Агар ҳам бимирам, мавриди маломат нестам.

كَفى بِكَ ذُلاًّ أَنْ تَعيشَ وَتُرْغَما

(Ҳамаи ин се шеър барои ин мисроъи охир аст.) Барои ту ин зиллат ва бадбахтӣ бас ки зинда бимонӣ ва димоғат ба хок молида бошад. Дигар бадбахтӣ ва зиллате болотар аз ин зиндагӣ нест.

Ашъори дигаре ҳаст, ки ё аз худи эшон аст ва ё аз падари бузургворашон Алӣ алайҳис салом ва дар девони мансуб ба амирулмӯъминин ҳаст, вале ба ҳар ҳол нақл шуда, ки эшон ин шеърҳоро бо худашон замзама мекарданд. Мефармояд:

فَإِنْ تَكُنِ الدُّنْيا تُعَدُّ نَفيسَةً

فَدارُ ثَوابِ اللهِ أَعْلى وَأَنْبَلُ

Агарчӣ дунё хеле зебо ва дӯст доштанӣ шумурда мешавад, ки инсон намехоҳад аз он дил биканад, аммо хонаи охират ҳазорон дараҷа болотар ва азимтар аст. Касе асири дунё мешавад, ки бо оламҳои дигар ошноӣ надошта бошад.

وَإِنْ تَكُنِ الْأَمْوالُ لِلتَّرْكِ جَمْعُها

فَما بالُ مَتْروكٍ بِهِ الْمَرْءُ يَبْخَلُ

Агар молу сарвати дунё охираш барои гузоштан ва рафтан аст, чаро инсон то зинда аст, бухл ва имсок дошта бошад?! Чаро то зинда аст, ҷуду бахшиш накунад, кӯмак ва дастгирӣ накунад?!

وَإِنْ تَكُنِ الْأَبْدانُ لِلْمَوْتِ أُنْشِئَتْ

فَقَتْلُ امْرِئٍ بِالسَّيْفِ فِي اللهِ أَفْضَلُ

Агар ин баданҳои мо оқибат мемиранд ва ҳар чи ҳам худамонро аз шамшерҳо дур нигаҳ дорем, охираш як таб, як микроб моро аз байн мебарад, оре агар ин бадан барои мурдан аст, пас чӣ аз ин зеботар, ки ин бадан дар роҳи Худои Мутаъол қитъа-қитъа бишавад.

Ҳоло шумо ҳолати руҳии ин касеро, ки ин шеърҳоро бо худаш замзама мекунад муҷассам бикунед он вақте, ки амалан дорад дар Карбало баданаш қитъа-қитъа мешавад. Дуруст ҳолати инсоне аст, ки худашро дар ихтиёри як ороишгар қарор додааст ва ороишгар дорад ӯро зебо мекунад. Ӯ вақте, ки мебинад ин хун, ки оқибат рӯйи замин мерезад, акнун дорад дар роҳи Худо мерезад, ин пешонӣ дар роҳи Худо шикоф мехӯрад, ин сина дар роҳи Худо тири захролуд дар он фурӯ меравад, (эҳсоси зебоӣ мекунад.) Дар қисмати муқаддами баданаш, шумурданд садҳо асари захм аз тиру найза ва ғайри инҳо буд. Яъне садҳо ифтихор, садҳо зинат, садҳо медал бар синаи Ҳусайн часпида буд. Барои ӯ зинат аст, ифтихор ва медал аст. Аз назари он дигаре ҷиноят аст. Ӯ ҷиноят мекунад, ҷинояти ӯ барои ин шахс, ки бародарӣ мекунад ифтихор ва медал аст.

Он лаҳазоти охирро Абӯабдиллоҳ дорад тай мекунад. Он ҷо, ки ҳазрат афтода буданд, чун замини пойине буд, онро “гудоли қатлгоҳ” номидаанд; нуқтае буд, ки вақте ҳазрат андаке аз он дур мешуданд, (аҳли байт) эшонро намедиданд ва аз ҳолашон огоҳ набуданд.

Лаҳазоти охир аст. Ончунон захмҳои зиёд, рафтани хун ва ташнагӣ бар ҳазрат ғалаба кардааст, ки дигар қудрати бапо хостан надорад. Осмон дар назараш торик ва тира аст.

Душман мехоҳад ба хаймаҳои ҳарамаш бирезад, ҷуръат намекунад, мегӯяд, накунад Ҳусайн ҳилаи ҷангӣ ба кор бурда, чун медонистанд, ки агар нерӯ дар бадани ӯ бошад, аҳаде наметавонад дар муқобили ӯ муқовамат кунад. Як касе мехоҳад биравад сари муқаддасашро аз баданаш ҷудо кунад, ҷуръат намекунад наздик бишавад. Нақша чунин кашиданд, ки гуфтанд, Ҳусайн марде аст ғаюр, ғайратуллоҳ аст, маҳол аст, ки ҷон дар баданаш бошад ва битавонад таҳаммул кунад, ки дар зиндагии ӯ ба хаймаҳои ҳарамаш рехтаанд. Озмоиши зинда будан ё набудани Ҳусайн ин буд, ки ногоҳ лашкар ба тарафи хаймаҳои ҳарами Абӯабдиллоҳ ҳуҷум овард. Ҳазрат эҳсос кард. Бо заҳмат рӯйи зону бапо истод, зоҳиран бо такя додан ба шамшери худаш. Фарёди мардонааш дар он водӣ баланд шуд:

وَيْلَكُمْ يا شيعَةَ آلِ أَبي سُفْيانَ! أَنَا أُقاتِلُكُمْ وَأَنْتُمْ تُقاتِلونَني وَالنِّساءُ لَيْسَ عَلَيْهِنَّ جُناحٌ

Эй худфрухтагон ба оли Абӯсуфён! Бо ман меҷангед ва ман бо шумо меҷангам, зану бачча чӣ тақсире доранд?!

كونوا أَحْرارا في دُنْياكُمْ

Агар Худоро намешиносед, агар ба маъод имон надоред, он шарафе, ки як инсон бояд дошта бошад, куҷо рафт?! Ҳуррият ва озодиатон куҷо рафт?!

ولا حول ولا قوة الاّ بالله العليّ العظيم وصلّى الله على محمّد وآله الطاهرين .باسمك العظيم الأعظم الأعزّ الأجلّ الأكرم يا الله...

Парвардигоро! Дилҳои моро ба нури имон мунаввар бигардон!

Нафасҳои моро ба зевари каромат ва иззат музайян бифармо!

Ҳар гуна ҳақорат ва ваҳнеро аз мо дур бифармо!

Муҳаббат ва маърифати худатро ба дилҳои мо битобон!

Моро қадрдони ислом ва Қуръон қарор бидеҳ! Қадрдони Пайғамбари Акрам ва ол қарор бидеҳ!

Амвоти мо машмули иноят ва раҳмати худат бифармо!

وعجّل في فرج مولانا صاحب الزمان

Худ ва ноҳуд

وَفِي الْأَرْضِ آيَاتٌ لِلْمُوقِنِينَ. وَفِي أَنْفُسِكُمْ أَفَلَا تُبْصِرُونَ

(*Зориёт/20 ва 21*)

Баҳс дар атрофи ин матлаб буд, ки дар ахлоқи исломӣ як мавзӯъ аст, ки метавон онро поя ва меҳвари ҳамаи таълимоти ахлоқии исломӣ қарор дод ва то он ҷо, ки мо тафаҳҳус кардаем, дар ривоёт ва ахбори исломӣ рӯйи ҳеч мавзӯе ба унвони поя ва меҳвар ба андозаи ин мавзӯъ такя нашудааст ва он асл, каромати нафс аст. Дар шаби гузашта аз оятҳо ва ривоятҳо ба қадри кофӣ барои шумо хондам. Арз шуд, дар ислом ба каромат ва иззати нафс, ба мӯҳтарам шумурдани нафс бисёр аҳаммият дода мешавад, он ҳам бо калимаи “нафс” мисли:

اَكْرِمْ نَفْسَكَ عَنْ كُلِّ دَنِيَّةٍ

Ё:

مَنْ كَرُمَت عَلَيْهِ نَفْسُهُ هانَتْ عَلَيْهِ شَهَواتُهُ

— ки каломи амирулмӯъминин Алӣ алайҳис салом аст: он ки дар худ эҳсоси каромат ва бузургворӣ бикунад, дар ҷони худ эҳсоси бузургворӣ бикунад, мухолифат бо шаҳавоти ҳайвонӣ барои ӯ осон аст. Нуқтаи муқобил, ҳадисе аст аз Имом Ҳодӣ (Саломуллоҳи алайҳи!), мефармояд:

مَنْ هانَتْ عَلَيْهِ نَفْسُهُ فَلا تَأْمَنْ شَرَّهُ

Агар касе худаш дар назди худаш хор бишавад, агар касе эҳсоси бузургвориро дар худаш аз даст бидиҳад, яъне худро ба унвони як мавҷуди бузургвор ҳисс накунад — ва ба таъбири имрӯзӣ, наздик ба ин таъбир — касе, ки дар руҳи худаш эҳсоси шахсияти ахлоқӣ ва маънавӣ накунад, аз шарри ӯ битарс, аз шарри ӯ эмин мабош!

Бар ҳасби каломи амирулмӯъминин, агар касе дар руҳи худ эҳсоси шарофат ва бузургворӣ бикунад, барои ӯ шаҳватронӣ ва дунболи ҳавои нафс рафтан, кори манфуре аст ва нарафтанаш коре осон (ва бар ҳасби каломи Имом Ҳодӣ алайҳис салом), баръакс, он касе, ки ин эҳсос дар ӯ нест ва дар худ эҳсос намекунад, ки ман касе ҳастам, шахсияте ҳастам, шарофате дорам, бузургворие дорам; он касе, ки ин эҳсосро бохт, ҳама чизро бохтааст,

Оё “худ”-ро бояд хор кард ё мӯҳтарам шумурд?

Баъд ин суол матраҳ шуд, ки ин чӣ гуна аст, ки дар ислом аз назари ахлоқӣ аз як тараф тавсия ва таъкид мешавад ба мубориза ва муҷоҳида бо нафс ва ҳавои нафс ва аз тарафи дигар тамоми такяҳо рӯйи бузургвории нафс аст, ки кӯшиш кунед эҳсоси бузургвориро дар нафси худ аз даст надиҳед, эҳтироми зот ва нафсро аз даст надиҳед; инҳо чӣ гуна бо якдигар ҷур дармеояд?

Ва гуфтем, “нафс” дар асли маънӣ яъне “худ”. “Нафс” он худи инсон аст. Оё “худ”-ро бояд шикаст, забуну хор кард ё “худ”-ро бояд мукаррам дошт ва мӯҳтарам шумурд ва иззаташро ҳифз кард? Оё ин ҳар ду як “худ” аст? Ин ки намешавад. Оё дар инсон ду “худ” вуҷуд дорад, ки аз назари ахлоқӣ бо яке аз инҳо бояд мубориза кард, бояд ӯро дар занҷир кард, ҷилави озодиашро гирифт, забунаш кард, миронд ва ба таъбири шуарои мо — агарчӣ ин таъбир дар ривоятҳо ва аҳодис наомадааст — бояд ӯро кушт ва нафскушӣ кард ва “худ”-и дигарро бояд эҳё кард ва зинда нигаҳ дошт? Ин ҳам ба ин сурат, ки қобили қабул нест.

Бадеҳӣ аст, ҳар кас ду “ман”, ду “худ”-и муҷаззо аз якдигар надорад. Оё дар қолаб ва тани ҳар кадоми мо ду “ман” ё ду “нафс” вуҷуд дорад?! Чунин чизе ҳам қатъан нест.

Баъд арз кардем, ки ин масъалае аст, ки танҳо дар ислом ва ахлоқи исломӣ матраҳ нест, барои дигарон ҳам матраҳ аст, ки барои инсон ду “худ” суроғ доранд ва ду “худ” нишон медиҳанд, ки бо як “худ”-и инсон бояд мубориза кунад ва инсонияташ ба он “худ” нест ва “худ”-и дигаре дорад, ки “худ”-и шариф ва асосӣ ва асили инсон он “худ” аст. Мунтаҳо тавзеҳ ва тавҷеҳи ин матлаб, ки чӣ гуна инсон ду гуна худ дорад, гуфтем ба он сурат имкон надорад. Пас ночор ба сурати дигаре бояд гуфт. Мо аввал ҳамон назари исломиро зикр мекунем, баъд назарҳои дигаронро ҳам тавзеҳ медиҳем.

Назари исломӣ

Аз назари исломӣ, ин масъала ҳал шудааст. Аз назари исломӣ, дар айни ин ки инсон як ҳайвон аст монанд ҳар ҳайвони дигар, дар айни ҳол ба таъбири Қуръон, нафхае аз руҳи илоҳӣ дар ӯ ҳаст, ламъае аз малакути илоҳӣ ва нури малакутӣ дар вуҷуди инсон ҳаст. “Ман”-и воқеии як инсон, он “ман” аст. Инсон “ман”-и ҳайвонӣ ҳам дорад, вале мани ҳайвонӣ дар инсон мани туфайлӣ аст, мани асил нест. Мани асил дар инсон, ҳамон мани

малакутии инсон аст.[26] Яъне он чи дар як ҳайвон, мани воқеӣ ва ҳақиқии он ҳайвонро ташкил медиҳад, дар инсон мани туфайлии ӯст. Ман мехӯрам, ман меошомам, ман мехобам, ҳатто ман меравам, инҳо ҳама ба як "ман" вобаста аст, аммо инҳо дараҷоти пойини ин ман аст. Ҳамин ман: ман мехӯрам, ман меошомам, ман ташна мешавам, ман гурусна мешавам ва ғайра дар айни ҳол: ман фикр мекунам, ман Худоро ёд мекунам, ман дӯст дорам, ки дигаронро бар худ муқаддам бидорам; ҳамаи инҳо як "ман" аст. Аммо ин "ман" дараҷоте дорад. Он ҷо, ки "ман" аз он ҳарфҳои хеле олӣ мегӯяд, он дараҷаи олии "ман"-и инсон аст, ки дорад ҳарф мезанад. Ва он ҷо, ки аз ин масоили ҳайвонӣ сӯҳбат мекунад, дараҷоти пойини он аст.

Ҷидоли дарунӣ

Мисоле арз мекунам. Аз хусусиёти инсон ин аст, ки миёни "ман"-ҳои ӯ гоҳе ҷидолу кашмакаш рух медиҳад, ки ин ҷидолро гоҳе ба ҷидоли ақлу нафс ё масалан ҷидоли иродаи ахлоқӣ ва ҳавои нафсонӣ таъбир мекунанд. Ба ҳар ҳол, чунин ҷидоле дар инсон ҳаст ва дар ҳайвон ҷидоли дарунӣ маънӣ надорад. Ин озмоиш дар ҳар касе каму беш вуҷуд дорад, дар баъзе бештар ва дар баъзе камтар: инсон тасмим мегирад бар хилофи майли табиии худаш кореро анҷом бидиҳад, яъне майлаш дар як ҷиҳат аст, тасмим мегирад бар зидди майли худаш кореро анҷом бидиҳад. Мисоли хеле соддае арз мекунам:

Табиб ба инсон режим медиҳад ва ӯро аз баъзе ғизоҳо ё меваҳо манъ мекунад, ё хӯрдан аз як миқдори бештарро мегӯяд музир аст. Масалан мегӯяд: шумо марази қанд ё фишори хун дорӣ, фалон чиз ва фалон чизро нахӯр. Инсон тасмим мегирад ин дастурро иҷро кунад, вале майл сари ҷойи худаш ҳаст. Сари суфра, майли нафсонӣ шурӯъ мекунад ба фаъолият кардан, мехоҳад инсон аз ҳамин ғизое, ки мамнӯъ аст бихӯрад. Гоҳе инсон амалан бар зидди майли худаш қиём мекунад, яъне иродаи ахлоқиаш ва ба таъбири дигар, ақлаш бар нафсаш ғолиб мешавад, ҳар чи дилаш мехоҳад, гӯш намекунад. Гоҳе ҳам иттифоқ меафтад баръакс, майлаш бар иродаи ахлоқиаш ва ба таъбири дигар, нафсаш бар ақлаш фоиқ меояд. Ин ду ҳолат барои инсон пеш меояд.

[26] *Фалосифа баҳсе доранд дар боби "модда ва сурат", ки мегӯянд: ҳақиқати ҳар мавҷуде ҳамон феълияти ахири он мавҷуд аст ва ғайр аз он ҳар чи ҳаст, ҷузъи ҳақиқаташ нест ва дар феълияташ дахолат надорад. Баҳсе фалсафӣ аст ва феълан онро тарҳ намекунам.*

Ё инсон тасмим мегирад саҳархез бошад, ҷиддӣ ҳам тасмим мегирад. Вале як шаб бедор мешавад, мехоҳад аз рахти хоби гарм берун биёяд, иродаи ахлоқӣ мегӯяд ҳаракат кун, табиат ва майл мегӯяд берун наё. Як вақт инсон ҳаракат мекунад ва бар зидди табиат, корро анҷом медиҳад. Як вақт ҳам бо табиат мувофиқат мекунад. Ин ҷидолҳо дар ҳайвонот вуҷуд надорад. Ҳайвон аст ва ҳамон табиаташ, ҳайвон аст ва ҳамон майлҳо. Ҳар наҳв, ки майл ҳукм кард, ҳайвон амал мекунад. Дар ҳайвон мабдаи дигаре ғайр аз мабдаи майлҳо, ки фармоне бар зидди майлҳо бидиҳад, вуҷуд надорад.

Ҳол, он чи мехоҳам натиҷа бигирам чизи дигар аст; ҳолате аст, ки равоншиносон мегӯянд ва вақте инсон дар худаш мутолеа мекунад мебинад, ҳарфи ҳисобе ҳам ҳаст. Ин ҷидоли дарунӣ байни чӣ ва чӣ аст? Бадеҳӣ аст байни “худ” ва “худ” аст, дар хориҷ аз “худ”-и инсон нест.

Инсон бо як бегонае ҷидол надорад, дар даруни инсон ду нерӯ аз “худ”-и инсон ҳастанд, ки бо якдигар дар ҷидоланд; яке мегӯяд, ин ғизоро нахӯр, яке мехоҳад бихӯрад; ҳангом саҳар яке мегӯяд баланд шав, дигаре намехоҳад баланд шавад; яке мегӯяд, фалон ҳарфро назан, дигаре мехоҳад (майлаш иқтизо мекунад) он ҳарфро бизанад. Ин ҷидол дар даруни инсон аст. Мусаллам бегонае дар инҷо дахолат надорад, ҷидоли худи инсон бо худи инсон аст.

Вале матлаб ин аст: дар вақте, ки майли табиии инсон бар иродаи ахлоқии ӯ пирӯз мешавад ва коре, ки тасмим гирифта буд накунад мекунад, чӣ ҳолате ба инсон даст медиҳад? Ҳолати шармандагӣ ва ҳолати шикаст. Пеши худаш эҳсос мекунад ман шикаст хӯрдам, дуруст мисли қаҳрамоне, ки ӯро ба майдони ҷанг фиристодаанд ва бо қаҳрамони дигаре мубориза карда ва аз ӯ шикаст хӯрдааст. Воқеан инсон эҳсоси шикаст мекунад. Баръакс, он вақте, ки иродаи ахлоқӣ бар майли табиӣ пирӯз мешавад, он замон, ки аз сари суфра баланд мешавад ва мебинад як зарра режимро тахаттӣ накарда; он рӯзе, ки субҳ мекунад ва мебинад ҳангоми саҳар, алорағми фармони табиат, ки бистари гармро раҳо накун, бистари гармро раҳо карда ва ба барномаи ибодати худаш масалан пардохта, эҳсоси масаррат ва пирӯзӣ мекунад. Ин дар ҳар касе ҳаст. Хаёл намекунам касе бошад, ки чунин озмоише дар худ накарда бошад ва фаразан чунин касе бошад, барояш қобили озмоиш аст.

“Ман”-и асил ва “ман”-и туфайлӣ (худ ва ноҳуд)

Ин эҳсос чист дар инсон? Дар ҳар ду ҳолат инсон худаш аз худаш шикаст хӯрда ва дар ҳар ду ҳолат инсон худаш бар худаш пирӯз шуда. Бинобар ин, ӯ на бояд эҳсоси шикаст кунад ва на бояд эҳсоси пирӯзӣ кунад ё лоақал бояд дар ҳоле, ки аз як ҷиҳат эҳсоси

шикаст мекунад, аз ҷиҳати дигар эҳсоси пирӯзӣ кунад ва ҳол он ки ин ҷур нест; инсон он гоҳ, ки майлҳо бар иродаи ахлоқӣ ғолиб мешавад, воқеан эҳсос мекунад, ки шикаст хӯрда, худашро маломат мекунад, мегӯяд: хок бар сарат, ҳоло фаҳмидам, ки ман чизе нестам. Вале вақте, ки иродаи ахлоқӣ бар майли табиӣ пирӯз мешавад, эҳсоси муваффақият ва пирӯзӣ мекунад ва ба худаш умедвор мешавад.

Ин ҳамон ҷост, ки инсон дарк мекунад, ки "худ"-и аслӣ, "худ"-и воқеӣ, "ман"-и ҳақиқӣ, он иродаи ахлоқӣ аст, ки таҳти фармони ақл мебошад ва ин майл дар "ман" як абзор аст, "ман"-и воқеӣ он нест, "ман"-и воқеӣ "ман"-и ин майл ва ин табиат нест, ин бегона аст, ки дорад "ман"-ро шикаст медиҳад. Ин эҳсос эҳсосе аст, ки инсон дар даруни худаш дорад ва ҳамон эҳсосе аст, ки инсон бо он дарк мекунад, ки "ман"-и воқеӣ "ман"-и ин майлҳо ва ин табиат нест; "ман", ин табиат бо ин ҳама майлҳо нестам; табиат бо ҳамаи майлҳо абзорҳо ва васоиле аст, ки ба ин "ман" дода шудааст, ки аз ин абзорҳо ва васоил истифода кунад. "Ман" ҳамон мақоме аст, ки тасмимро мегирад, ҳамон ақл ва дарк аст, он мақоме аст, ки инҳоро мефаҳмад. Аммо он мақоме, ки фармони табиатро ба ман медиҳад, ӯ бегона ва ғайр аст, ӯ ман нестам.

Ҳол, бо таваҷҷӯҳ ба ин матлаб, он ҷо, ки бо нафс бояд муҷоҳида кард, бо кадом нафс бояд муҷоҳида кард? Бо "худ" бояд муҷоҳида кард, бо кадом "худ" бояд муҷоҳида кард? Кадом "худ"-ро набояд гузошт мутлақъинон (раҳо) бошад ва майдон ба дасташ биафтад? Он ҳамин худ аст, худи ҳайвонӣ аст, ки дар воқеъ ноҳуд аст, на худ. Яъне **тамоми ҷангҳои дарунии инсон; муборизҳое, ки инсон дар даруни руҳи худаш дорад, аз назари ахлоқӣ ва зидди ахлоқӣ, дар воқеъ муборизаи "худ" бо "ноҳуд" аст, на муборизаи "худ" бо "худ". Он ҷо, ки майлҳои ҳайвонӣ пирӯзанд ва ҳукумати мутлақа бо онҳост ва рӯйи ақлу ирода ва фитрати инсонӣ пӯшидааст ва яккатоз, шаҳавот ва ғазабҳост, яъне ҳамон ғароизе, ки ҳайвонот доранд, он ҷо "худ"-и аслии инсон мағлуб шуда, фаромӯш шуда, гум шуда, бояд рафт пайдояш кард**. Он инсоне, ки дар вуҷуди ӯ ҷуз ҳайвониёт, умуре, ки муштаракоти ҳайвонӣ аст, чизе ҳукумат надорад, дар воқеъ "худ"-и воқеиро, "ман"-и ҳақиқиро бохта –

قُلْ إِنَّ الْخَاسِرِينَ الَّذِينَ خَسِرُوا أَنْفُسَهُمْ

("*Бигӯ: зиёнкардагон касоне ҳастанд, ки худашонро бохтаанд." (Зумар/15*)), худашро дар ин қимор бохта, болотарини бохтанҳо. Ӯ худашро фаромӯш карда. Он чи ки ҳамеша дар ёд дорад ва дар назараш муҷассам аст, чист? Чӣ чизе бар фикраш ҳукумат мекунад? Пул, шаҳавот, маъкулот, машрубот, малбусот; ҷуз инҳо чизи дигаре бар вуҷудаш

ҳукумат намекунад. Пас **он “худ” куҷо рафт? Фаромӯш шуд. Ба ҷойи “худ”, “нохуд”-ро “худ” мепиндорад**.

Худаш фикр намекунад, ки худамро фаромӯш кардаам. Инсон ҳеч гоҳ бовар надорад, ки худашро фаромӯш карда. (Мегӯяд) ман худамро фаромӯш кардаам?! Ман ҳамеша дам аз худам мезанам: ин худам ҳастам, ки ин қадр пул дорам, ин худам ҳастам, ки имрӯз чунин ғизое хӯрдам. **Қуръон мегӯяд, худатро гум кардай, ӯ худи ту нест, ӯ як чизи дигар аст, ӯ туфайлии худи туст, ӯ худи туфайлии туст, на худии асили ту**.

وَلَا تَكُونُوا كَالَّذِينَ نَسُوا اللَّهَ فَأَنْسَاهُمْ أَنْفُسَهُمْ

(*Ҳашр/19*) Аз он касон мабошед, ки Худоро фаромӯш карданд ва Худо ба аксуламали ин фаромӯшӣ — ки қонуни Ҳақ, қонуни амал ва аксуламал аст – “худ”-и онҳоро аз ёдашон бурда, худашонро фаромӯш кардаанд.

Худёдоварӣ (худёбӣ)

Ин аст, ки дар Қуръон масъалае ба номи “худфаромӯшӣ”, он ҳам худфаромӯшии мазмум матраҳ аст. Дар муқобил, худёдоварӣ аст: эй инсон! Худро ёд биёвар.

Худёдоварӣ ҳам ҷуз бо Худоёдоварӣ имкон надорад, яъне дар мантиқи Қуръон ин ду аз якдигар ҷудо нест; Худоро дар ёд доштан, худро дар ёд доштан низ ҳаст. Ин ҳақиқате аст, ки ҳақиқати ибодат бозёфтан ва пайдо кардани “худ” аст, аммо на ин “худ”-и ҳайвонӣ, балки он “худ”-и ҳақиқӣ, “худ”-и малакутӣ. Дар ибодат ва ёди Худост, ки инсон худро пайдо мекунад, худро воқеан бозмеёбад. Таъбире бисёр олӣ дорад амирулмӯъминин Алӣ алайҳис салом, дар “Ғурар ва Дурар”-и Омудӣ аст, мефармояд:

عَجِبْتُ لِمَنْ يُنْشِدُ ضالَّتَهُ وَقَدْ أَضَلَّ نَفْسَهُ فَلا يَطْلُ بُها

Ман тааҷҷуб мекунам аз мардуме, ки вақте чизеро гум мекунанд, дастпоча дунболи гумшудаашон ҳастанд (ангуштарашро гум мекунад, мегардад онро пайдо кунад, куташро гум мекунад, мегардад пайдо кунад, улоғашро гум мекунад, мегардад пайдо кунад), чӣ тавр инҳо худашонро гум кардаанд, вале дунболи ин нестанд, ки худашонро пайдо кунанд?! Эй бечора, ки вақте кутатро гум мекунӣ, ин ҳама дунболи ин ҳастӣ, ки аз куҷо биравам пайдояш кунам ва аз ину он суроғ мегирӣ, бибин оё худатро пайдо кардай? Агар худатро гум карда бошӣ аз кӣ мехоҳӣ суроғ бигирӣ? Чаро дунболи пайдо кардани худат нестӣ?! Мефармояд, ҷойи шигифтӣ аст.

Сухани Мавлавӣ

Арз кардем, агарчӣ дар таълимоти ифротии сӯфиёна таъбироти норасое дар ин заминаҳо ҳаст; ифротҳое, ки таҳти унвони мубориза бо нафс гуфтаанд, то ҳадде, ки каромати

нафсро ҳам лагадмол мекунад, вале хеле фаҳмидаҳояшон ин маъониро дарк кардаанд. Мавлавӣ мегӯяд: “*Эй ту дар бегор худро бохта!*” Мақсуд ҳамон пайкор ва ҷадалу кашмакаши дарунӣ аст. Эй касе, ки дар пайкори дарунӣ, дар асари пирӯзии майлҳо ва табиат, “худ”-и воқеиро бохтаӣ “*Дигаронро ту зи худ нашнохта*”, бегонаро бо худат иштибоҳ мекунӣ, бегонаро “ман” мепиндорӣ ва намедонӣ, ки “ман” ӯ нест, ӯ ту нестӣ. Ин ки хаёл мекунӣ он “ман” ту ҳастӣ, худатро бо ғайри худат иштибоҳ кардаӣ.

Ту ба ҳар сурат, ки ойӣ, бистӣ,

Ки “манам ин”, валлаҳ он ту нестӣ.

Гоҳе инсон меояд дар муқобили ойина меистад, хаёл мекунад худашро дорад мебинад…

Як замон танҳо бимонӣ ту зи халқ,

Дар ғаму андеша монӣ то ба ҳалқ.

Мегӯяд, агар мехоҳӣ имтиҳон кунӣ, ки оё худатро кашф кардаӣ ё худатро гум кардаӣ, дар хилватҳо дарк мекунӣ. Агар чанд рӯз инсонҳои дигарро набинӣ, ваҳшат туро аз по дармеоварад. Ҳамеша мехоҳӣ инсонҳои дигар, ашёи дигарро бибинӣ, чун гумшуда дар онҳо ҳастӣ ва худатро дар онҳо ҷустуҷӯ мекунӣ. Ту агар “худ”-и воқеиро пайдо карда будӣ, агар сад сол ҳам дар хилват мебудӣ, ки бо “худ”-и воқеияат мебудӣ, як зарра дилтангӣ бароят пайдо намешуд.

Ин ту кай бошӣ? Ки ту он авҳадӣ,

Ки хушу зебову сармасти х(в)адӣ.

Масъалаи “худ” ва “нохуд” худаш як масъалаи муҳимме аст. Дар калимоти пешвоёни дини мо ин матлаб зиёд ва ба таъбироти мухталифе омадааст.

Бахил “худ”-ашро гум карда

Амирулмӯъминин Алӣ алайҳис салом ҷумлае дорад роҷеъ ба бахил. Бахил яке аз он одамҳое аст, ки “худ”-и воқеияшро гум карда, яъне “худ”-аш шуда пулу сарват. Одаме, ки пулу сарват барои ӯ асолат пайдо мекунад ва ҳадаф мешавад ва ба таъбири равоншиносии имрӯз, дар пул тасбит ва таҳким мешавад, яъне дар пул ғарқ мешавад ва нақш мебандад, чунин одаме “ман”-и воқеии ӯ шуда пул ва ғайр аз пул “ман”-и дигаре надорад, чун “ман”-и аслиро гум карда ва аз дасташ рафтааст. Натиҷа ин аст, ки худашро барои пул мехоҳад, на пулро барои худаш, яъне аз ҷон, ҳаёт, саломат ва умри худаш моя мегузорад барои пул, вале аз пул ҳозир нест моя бигузорад барои саломат, саодат ва ҳатто умри худаш. (Ҳазрати Алӣ) мефармояд:

عَجِبْتُ لِلْبَخِيلِ يَسْتَعْجِلُ الْفَقْرَ الَّذى مِنْهُ هَرَبَ وَ يَفوتُهُ الْغِنَى الَّذى اِيّاهُ طَلَبَ

Тааҷҷуб мекунам аз одами бахил, ки дар ҳоле, ки дунболи сарват ва ғино ва бениёзе аст ва аз фақр фирор мекунад, амалан дар ҳамон фақр гирифтор аст ва аз ҳамон ғино дур мешавад.

Тавзеҳи матлаб дар “Наҳҷул-балоға” аст, мефармояд:

يَعيشُ فِي الدُّنْيا عَيْشَ الْفُقَراءِ وَيُحاسَبُ فِي الْأخِرَةِ حِسابَ الْأغْنِياءِ

Дар дунё мисли як одами фақир ва бадбахт ва мафлук зиндагӣ мекунад, чун худашро сарфи пул мекунад ва ҳозир нест пулро сарфи худаш бикунад; либоси кӯҳна мепӯшад, ғизои содда мисли нону панир мехӯрад. Аз ин одам бояд пурсид: барои чӣ ту чунин коре мекунӣ? Эсор, ки намехоҳад бикунад. Агар одаме буд, ки (сарватро) сарфи худаш намекард, вале сарфи дигарон мекард, ӯ аҳли эсор буд, аммо сӯҳбат дар бахил аст, ки фақат мехоҳад ҷамъ кунад. Амирулмӯъминин мегӯяд, аслан фақр яъне чӣ? Яъне надоштан. Одам вақте, ки надошта бошад, ғизои хуб, маскани хуб, маркаби хуб, либоси хуб гираш намеояд. Ту бадбахт, ки алъон ҳам гирифтори ҳамон ҳастӣ. Ту як умр нону панир мехӯрӣ барои ин ки мабодо фақир бишавӣ ва маҷбур бошӣ нону панир бихӯрӣ. Ту ҳоло ҳам ба нону панир афтодаӣ. Як умр нону панир мехӯрад, ки мабодо фақир бишавад бихоҳад нону панир бихӯрад! Ин ҳамин аст, ки инсон худашро гум карда, яъне “худ”-и воқеияшро аз даст додааст.

Тамсили Мавлавӣ

Тамсили хеле хубе Мавлавӣ дорад: фарз кунед, инсон замине ҷиҳати сохтмон барои худаш таҳия карда. Ба ҳар иллате, рӯзҳо намеравад онҷо сохтмон кунад. Ҳангоми шаб, амала ва банно ва муҳандис ва масолеҳ мефиристад онҷо, то як сохтмон бисозанд барои ин ки дар он сукунат кунад. Пулҳо харҷ мекунад. Хонае месозад мукаммал ва муҷаҳҳаз ва ӯ ҳам хотираш ҷамъ, ки хонаи хеле хубе барои худаш сохтааст. Он рӯзе, ки ҳаракат мекунад биравад дохили хона, вақте нигоҳ мекунад, мебинад, хонаро дар замини дигарон сохта.

Хонаро сохта, вале на дар замини худаш, дар замини дигарон. Замини худаш чӣ тавр? Лухту урён онҷо монда. Чӣ ҳолате ба инсон даст медиҳад? Мегӯяд, ин, ҳолати ҳамон одаме аст, ки вориди қиёмат мешавад, худашро мебинад мисли як замини лухт, он ки барояш кор накарда худаш аст ва он ки барояш кор карда ӯ набуда.

Дар замини мардумон хона макун,

Кори худ кун, кори бегона макун.

Кист бегона? Тани хокии ту,

К-аз барои ӯст ғамнокии ту.

То ту танро чарбу ширин медиҳӣ,

Ҷавҳари худро набинӣ фарбеҳӣ.

Гар миёни мушк танро ҷо шавад,

Рӯзи мурдан ганди ӯ пайдо шавад.

Агар ин баданро ҳамеша дар мушк бигузорӣ, ҳамин қадр, ки мурд, ду рӯз, ки бигузарад уфунат мегирад ва мардум маҷбуранд барои фирор аз уфунаташ, онро ду метр зери хок махфӣ кунанд.

Мушкро бар тан мазан, бар дил бимол,

Мушк чӣ бвад? Номи поки Зулҷалол.

وَلَا تَكُونُوا كَالَّذِينَ نَسُوا اللَّهَ فَأَنْسَاهُمْ أَنْفُسَهُمْ

(*Ҳашр/19*)

Руҳи инсон маншаъи эҳсосҳои ахлоқӣ ва дарвозае ба сӯйи маънавият

Аз назари исломӣ, “ман”-и воқеии инсон ҳамон нафхаи илоҳӣ аст, ки дар ҳар касе ҳаст ва эҳсоси ахлоқии инсон аз ин “ман” сарчашма мегирад. Агар чунин мане — ки ӯ лаҷан нест, балки руҳи илоҳӣ аст ва аз оламе болотар аз олами табиат ва модда аст — дар инсон намебуд ва агар “ман”-и воқеӣ ва “худ”-и воқеии инсон ӯ набуд, ҳеч як аз ин эҳсосҳои ахлоқӣ, ки бо судҳои баданӣ ҷур дарнамеояд, дар инсон вуҷуд надошт. Аҷиб ин аст, ки дунёи Урупо ба иллатҳое, ки ҷудогона бояд баҳс бишавад (ва гароишҳои шаҳавонӣ ва ҳавоҳои нафсонӣ хеле дар он дахолат дорад) дилаш намехоҳад вуҷуди руҳи малакутиро дар инсон бипазирад.[27] Аз тарафи дигар мебинанд дар инсон гароишҳое ҳаст, ки бо табиати моддии ӯ ҷур дарнамеояд; гароишҳое бар зидди табиати моддии инсон.

Ин хеле возеҳ ва равшан аст: ҳамеша руҳи инсон дарвозае буда барои маънавияти башар, ки аз инҷо бифаҳмад ман як ҳақиқати маънавӣ ҳастам, ман қобили бақо ҳастам, “ман” ҳақиқате ҷовидон аст ва бо мурдан кори “ман” поён намепазирад, вале намехоҳад ин ҳарфро бипазирад. Аз тарафи дигар, инро наметавонад инкор бикунад, ки дар инсон ду гуна гароиш вуҷуд дорад: гароишҳои табиӣ ва моддӣ ва гароишҳои маънавӣ, яъне ҳисобҳое, ки бо ҳисобҳои моддӣ ҷур дарнамеояд.

Уилям Ҷеймс (*William James*) мардест илоҳӣ ва китобҳое, ки то кунун аз ӯ тарҷима шуда, дар ҳадди зиёде хуб аст, махсусан китоби “Дин ва равон”. Ӯ равоншинос ва файласуфи

[27] *Албатта куллӣ намегӯям, дар миёни онҳо ҳам “руҳӣ” зиёд аст.*

бисёр боризе будааст ва аз донишмандони бузурги ҷаҳон шумурда мешавад. Аз замони фавташ шояд 60 сол бештар нагузарад. Дар он китоб, ин марди мунсиф, ҳарфи хубе мезанад, мегӯяд: дар инсон як силсила ғароиз вуҷуд дорад, ки бо ҳисобҳои моддӣ ҷур дарнамеояд (бо камоли сароҳат эътироф мекунад). Ғароизи моддӣ моро бо ҷаҳони модда пайванд медиҳад ва бояд бошад. Инҳо конолҳое аст миёни мо ва ҷаҳони модда. Масалан, агар дар мо ҳисси гуруснагӣ ҳаст, ин як коноли иртиботӣ аст байни мо ва табиат, чун агар ин ҳисс намебуд, мо дунболи тағзия намерафтем. Баъд мегӯяд: ба далели ин ки ғароизе дар мо вуҷуд дорад, ки моро бо табиат пайванд медиҳад, ба ҳамин далел ғароизе дар мо вуҷуд дорад, ки бо табиати моддии мо ҷур дарнамеояд ва ин ғароиз аст, ки моро бо ҷаҳони дигар пайванд медиҳад. Мо аз вуҷуди худамон далел ва роҳ дорем ба олами дигаре ғайр аз олами табиат.

Инсон бо ғароизи табиии худаш як силсила ниёзҳоеро, ки бо табиаташ созгор аст бароварда месозад ва бо ғароизи моварои моддӣ (ба қавли Уилям Ҷеймс) як силсила ниёзҳои дигареро, ки моварои табиати моддии инсон аст ва бо ҳақиқати ғайри моддии ӯ созгор аст рафъ менамояд ва ба иборати дигар, ин ғароиз инсонро ба моварои табиати моддии ӯ пайванд медиҳад барои ин ки як силсила ниёзҳои маънавӣ, ки дар вай ҳаст бартараф бишавад.

Ин ҳарф ҳарфи ҳисобе аст, вале бибинем онҳояшон, ки намехоҳанд инро қабул кунанд, гароишҳои ғайри моддии инсонро чӣ гуна тавҷеҳ мекунанд.

Тавҷеҳи гароишҳои ғайри моддии инсон дар дунёи Урупо

Мегӯянд, инсон толиби ду чиз аст: ё толиби суд аст ё толиби арзиш. Гароишҳои моддиро суд номидаанд ва гароишҳои маънавиро арзиш. Хаёл мекунанд, бо тағйир исм ҳақиқатро мешавад иваз кард. Мегӯянд, инсон гоҳе дунболи суд меравад ва гоҳе дунболи арзиш. Мепурсем, арзиш чист? Мегӯянд, арзиш чизе аст, ки ба ҳоли инсон муфид нест, ба дарди одам намехӯрад, ҳеч ниёзеро аз инсон рафъ намекунад, бо мантиқ ҳам ҷур дарнамеояд, зидди мантиқ ва лоақал ғайримантиқӣ аст, вале вуҷуд дорад, мисли эсор. Ин ки инсон эсор бикунад, мантиқӣ нест; мантиқӣ ин аст, ки инсон дунболи судаш биравад, ақли одам ҳам ҳаминро ба ӯ мегӯяд, ки бояд дунболи суд рафт. Вале аз тарафе ҳам наметавонанд инкор бикунанд, ки чунин гароишҳое низ дар инсон ҳаст: гароиш ба аз худ гузаштагӣ, гароиш ба фидокорӣ, гароиш ба адолат, гароиш ба озодӣ, гароиш ба инсоф, гароиш ба ҳилм, гароиш ба бурдборӣ, ки аксари инҳо асосан бо манофеъи моддии инсон ҷур дарнамеояд. Мегӯянд, бале, ҷур дарнамеояд, вале инҳо суд нест, арзиш аст, инсон толиби як силсила арзишҳост.

Мегӯем, арзиш яъне чӣ? Яъне қимат. Қимат, ки худаш чизе нест. Инсон барои чизе арзиш ва қимат қоил аст, он чиз чист? То як чиз иртиботе бо ҳақиқати инсон надошта бошад, ки инсон наметавонад барои он арзиш қоил бошад; чунин чизе маҳол аст.

Ислом мегӯяд, як шайъи боарзиш, ки боарзиштарини чизҳост, дар шумо ҳаст ва он ҳамон руҳи малакутии шумост. Қаблан дар аҳодис дидем, ки ҳатто таъбир ба “нафис” шудааст. Имом Содиқ мефармояд:

أُثامِنُ بِالنَّفْسِ النَّفيسَةِ رَبَّها

“*Баҳои нафси гаронбаҳоро парвардигораш қарор медиҳам*.” Ё вақте аз Имом Саҷҷод мепурсанд: аз ҳамаи мардум бузургтар кист? Мефармояд: “Касе, ки дар муқобили нафси худаш барои ҳеч чизе аҳаммият қоил набошад.” Нафистарини ҳақоиқро инсон дар даруни худаш эҳсос мекунад ва он, “худ”-и воқеияш аст. Қимат моли ӯст. Барои ӯ арзиш қоил аст, чун “худ”-аш аст.

Ҳамин тавр, ки барои тани худаш арзиш қоил аст, барои руҳи худаш арзиш қоил аст. Эҳсосҳои олии ахлоқӣ ба қавли онҳо барои башар арзишанд. Дилашон намехоҳад бигӯянд, инҳо хайри маънавианд ва моддиёт, хайри моддӣ. Фалосифаи мо моддиётро мегӯянд, хайри моддии башар ва маънавиётро мегӯянд, хайри маънавӣ. Ба ин тартиб матлаб ҳал мешавад ва ҳарф ҳам ҳамин аст. Намехоҳанд бигӯянд, хайри моддӣ ва хайри маънавӣ, чун исми маъно ва ҳақиқат дар кор меояд ва намехоҳанд инро бипазиранд. Мегӯянд, “хайр” ҳамон аст, ки моддӣ аст, исмаш ҳам суд аст. Маънавиёт чист? Он хайр нест, суд ҳам нест, фақат арзиш ва қимат аст ва ҳақиқате нест. Ислом мегӯяд, он ҳам хайр аст; кори ахлоқӣ ҳам, ки мекунӣ, дунболи хайр ҳастӣ, вале он хайр, хайре аст, ки табиати ҳайвонии ту дунболи он хайр намеравад, ҳақиқати малакутии туст, ки дунболи он хайр меравад.

Ин ҷост, ки **ахлоқ ва эҳсоси ахлоқӣ, худаш як дарвозае аст ба ин ки инсон руҳи муҷарради худашро бишносад ва бо шинохти руҳи муҷаррад, олами ғайб ва малакутро огоҳ бишавад, чун инсон партаве аст аз олами ғайб ва малакут**. Аз ҳамин ҷо решаи эҳсосоти ахлоқӣ пайдо мешавад. Инсон чун руҳи малакутӣ аст, ҷинсаш ҷинси азамат аст, (зеро) ҷинси малакут азамат аст. Вақте инсон худи малакутиро эҳсос кунад, тан ба ҳақорат намедиҳад:

مَنْ كَرُمَتْ عَلَيْهِ نَفْسُهُ هانَتْ عَلَيْهِ شَهَواتُهُ

(*Усули кофӣ, 3/426*) Ин ки мукаррар доштем, ки ҳар кас каромати нафси худашро эҳсос кунад, тан ба зиллат намедиҳад — ки қаблан ривоятҳошро хондем — ба ҳамин ҷиҳат аст. Инсон вақте, ки он “худ”-ашро, ки аз олами азамат ва айни азамат аст эҳсос мекунад,

тан ба ҳақорат намедиҳад, мисли одаме, ки як тоблуи бисёр олӣ масалан тоблуи Рафаэлро мебинад, арзишашро дарк мекунад ва маҳол аст, ки битавонад иҷоза бидиҳад, ки як олудагӣ ва касофате дар он қарор бигирад, чун азамати онро эҳсос мекунад. Инсон чун “худ”-ашро ба илми ҳузурӣ дарк мекунад, ки аз олами қудрат аст, аз заъфу нотавонӣ танаффур дорад, яъне вақте каромати нафси худашро эҳсос мекунад, тан ба заъфу забунӣ ва аҷз намедиҳад. Ғайбат намекунад, зеро — мутобиқи ҳадисе, ки қаблан хондам — ҳисс мекунад, ки ғайбат аҷзу нотавонӣ аст. Ҳасодат намеварзад, чун ҳисс мекунад ҳасодат аз аҷзу нотавонӣ аст. Такаббур намекунад, чун мефаҳмад такаббур ношӣ аз ҳақорати нафс аст. Инсон то ҳақорати нафс надошта бошад, такаббур намекунад:

ما مِنْ رَجُلٍ تَكَبَّرَ أَوْ تَجَبَّرَ اِلاّ لِذُلَّةٍ وَجَدَها في نَفْسِهِ

Яъне аҳаде дар дунё такаббур намекунад ва аҳаде дар дунё таҷаббур ва зулму ситам намекунад, магар ин ки дар худаш эҳсоси ҳақорат мекунад. Одами мутакаббир “худ”-и воқеиро пайдо накарда. Агар инсон “худ”-и воқеиро пайдо кунад, дигар эҳсоси ҳақорат намекунад, эҳсоси қудрат ва азамат мекунад, такаббур ё таҷаббур намекунад, чун бо руҳаш носозгор аст.

Чаро инсон аз илм хушаш меояд ва аз ҷаҳл танаффур дорад? Чун ҳақиқаташ, “худ”-и воқеияш аз олами илм аст, айни илм аст ва аз ҷаҳл танаффур дорад. Чаро ҷуд барои инсон ба қавли инҳо як арзиш ва ба таъбири мо як хайри маънавӣ аст, бо ин ки ҷуд аз худ моя гузоштан аст барои дигарон? Барои ин ки ҷуд раҳмат ва ифоза аст ва инсон худаш ҳисс мекунад, ки ман аз олами раҳматам ва лозимаи аз олам раҳмат будан, файз додан ва файз расондан аст.

Ин аст, ки дар мактаби ислом тамоми эҳсосҳои ахлоқӣ, аз пайдо кардани “худ” ва эҳсоси воқеияти “худ” пайдо мешавад. Агар инсон “худ”-и воқеияшро пайдо кунад, мебинад, тамоми — ба қавли инҳо — арзишҳои ахлоқӣ ва низ зидди ахлоқиҳо маънӣ пайдо мекунад. Баъд аз ин аст, ки инсон мебинад, тамоми ахбори исломӣ (дар боби ахлоқ) як фалсафаи хосс дорад ва ахлоқ дар ислом бар меҳвари худшиносӣ ва эҳсоси каромат дар “худ”-и воқеӣ аст ва ахлоқи исломӣ бар асоси ин поя бино шудааст.

Пас маълум шуд, ки аз назари ислом, дар инсон воқеан ду “худ” вуҷуд дорад, вале ин тавр нест, ки дар инсон ду “ман” вуҷуд дошта бошад ҷудо ва мустақил аз якдигар. (Он ду “худ” иборатанд аз) “худ”-и воқеӣ ва “худ”-и туфайлӣ ва пиндорӣ, яъне он чизе, ки воқеан нохуд аст ва инсон “худ” мепиндорад.

Он “худ”-е, ки бояд бо ӯ мубориза кард ва уҷбҳо, ҳасодатҳо, такаббурҳо, шаҳватрониҳо ва зулмҳо аз онҷо бармехезад, “худ”-и ҳақиқии инсон нест. “Худ”-и ҳақиқӣ илҳомбахши исломи фитрӣ аст:

وَنَفْسٍ وَمَا سَوَّاهَا. فَأَلْهَمَهَا فُجُورَهَا وَتَقْوَاهَا

(*Шамс/7 ва 8*)

Ин буд тақрири матлаб аз назари исломӣ.

Сайре дар назароти моддигароён

Арз кардем, ки дигарон ҳам — ҳатто моддигароён — расидаанд ба ин ҷо, ки намешавад “худ”-и одамиро мунҳасир кард ба ҳамин “худ”-и ба истилоҳ шиносномаӣ. Аслан шахсияти инсон чизе аст, ки ҳатто моддитарини моддиҳо барои инсон шахсият қоил ҳастанд моварои шахс. Ночор инҳо ҳам бояд дар фикри тавҷеҳе бароянд, ки инсон як “худ”-и олитар ва бузургтаре дорад. Мунтаҳо дар посух ба ин суол, ки ин “худ”-и бузургтар чист, дунболи ҳарфҳое дигар мераванд.

Яке аз ин мактабҳо сухане гуфта, ки чун хеле ба масоили муҳимми фалсафӣ марбут аст, ночорам ба иҷмол ва ишора рад бишавам.

Гуфтааст, дар инсон ду “ман” вуҷуд дорад: як “ман”-и фардӣ ва як “ман”-и куллӣ. “Ман”-и фардӣ ин аст, ки худатро ба сурати як фард эҳсос мекунӣ ва мани куллӣ ҳамон куллии табиӣ аст — ба истилоҳ — ки дар ҳамаи афрод вуҷуд дорад, яъне “инсон”. Аз ин ҷиҳат аст, ки одамӣ инсондӯст аст. Яъне, ин ки одамӣ инсондӯст аст, ба хотири ин аст, ки дар ӯ ду “худ” вуҷуд дорад: яке худи фард, ки ҷузъӣ ва маҳдуд аст ва дигар худи инсон, ки куллӣ аст.

Ин ҳарф, бисёр ҳарфи нодурусте аст. Маънои куллиро нафаҳмидаанд. Фалосифаи хеле бузург, махсусан фалосифаи исломӣ, дар боби куллӣ ва ҳақиқати куллии табиӣ таҳқиқоти бисёр гаронбаҳое кардаанд, аз Бӯалӣ гирифта то Садрулмутааллиҳин, ки дигар вориди ин матлаб намешавам. Инҳо ин ҷур хаёл мекунанд, ки он мане, ки дар инсон шариф аст ва эҳсоси шарофат мекунад, мани инсонҳои дигар аст, ки боз аз табиат берун нест; ҳамин инсонҳои моддӣ. Мегӯяд, он ҷо, ки ман худамро эҳсос мекунам, ин ҳамон худи палид аст, ки бояд раҳояш кард ва он ҷо, ки инсонро эҳсос мекунам, боз худро эҳсос мекунам, аммо худро дар зимни инсони куллӣ эҳсос мекунам ва ӯ “худ”-и муқаддас аст. Мегӯем, он инсони куллӣ ҳам айни ҳамин инсонҳои дигар аст, чизе ғайр аз онҳо нест. Ва ба илова, инсони куллӣ дар фард, айни фард аст, на чизе ҷуз фард, ки ин достон муфассал аст.

Сухани Сартр

Баъзе мисли Жан-Пол Сартр ҳарфи дигаре гуфтаанд. Мегӯянд: худи инсон, худ надоштан аст. Инсон як худи ҳақиқӣ дорад ва як худи маҷозӣ, ки нохуд аст. Худи ҳақиқии инсон ин аст, ки ҳеч худ надошта бошад. Ҳар худе, ки шумо барои инсон фарз кунед, барои ӯ табиат ва моҳият ва сиришт фарз кардаед. Аслан инсон яъне он мавҷуди бе сиришту моҳият; он мавҷуде, ки фоқиди худ ва озоди мутлақ аст. Ҷавҳари инсон озодии мутлақ аз ҳама чиз ҳатто худ доштан аст. Худи ҳақиқии ту худ, надоштан аст.

Ҳамин қадр, ки як худ пайдо кардӣ, худи ҳақиқиатро аз даст додаӣ.

Ин ҳам ҳарфи номарбуте аст, вале қобили ташреҳ ва тавзеҳ ҳаст. Баъдан иншоаллоҳ ба шарҳу тавзеҳи он мепардозам.

Назарияи марксистҳо

Як назарияи дигар ҳам инҷо ҳаст, ки назарияи марксистҳост. Инҳо ҳам билохира чорае надоранд ҷуз ин ки дар инсон ду “худ” ташхис бидиҳанд, чун дар инсон ин ду гароишро намешавад инкор кард. Инҳо муддаӣ ҳастанд, ки худи палид дар инсон, ки бояд бо ӯ мубориза кард яъне худи ихтисосӣ. Ва худи шариф дар инсон яъне худи иштирокӣ. Чунин изҳор медоранд: давроне бар башар гузаштааст, ки дар он даврон моликият набудааст ва ба ҳамин ҷиҳат ману мое дар кор набуда, деворе дар байн набуда, ҳамаи худҳо як худ будаанд ва он худи башарӣ будааст, мисли афроди як хонавода, ки як “худ” ҳамаи онҳоро ташкил медиҳад ва мо ба он “худи хонаводагӣ” мегӯем. Ин худи маҳдуд: “ман”, ки мегӯем, моли ман, либоси ман, хонаи ман, санади моликияти ман ва ғайра. Яъне девор кашидан миёни афрод. Бо ҳамин моликиятҳо афроди башар аз якдигар ҷудо мешаванд. Ин афрод, ки қаблан гӯӣ ҳукми оберо доштанд, ки дар як дарё ҷамъ буд ва ба қавли Мавлавӣ, ҳама бо ҳамдигар муттаҳид буданд, дар асари моликиятҳо ба сурати обҳои кучак даромаданд. Албатта Мавлавӣ мақсуди олитари дигаре дорад:

Мунбасит будему як ҷавҳар ҳама,

Бесару бепо будем он сар ҳама.

Як гуҳар будем ҳамчун офтоб,

Бегиреҳ будему софӣ ҳамчу об.

Ӯ дар ҳақиқати ирфонӣ мегӯяд, инҳо дар як амри иҷтимоӣ. Мегӯянд, ибтидо башар зиндагии иштирокӣ дошт, ҳамаи афроди башар мисли обҳои як дарё буданд. Ин моликият омад ва ин обро қитъа-қитъа кард, пай дар пайи девор кашид ва тикка-тикка кард. Аз инҷо “худ”-и фардӣ ба вуҷуд омад. Он худе, ки бояд бо ӯ мубориза кард, худи

фардӣ ва ихтисосӣ аст. Шумо бо моликият мубориза кунед, фасоди ахлоқро решакан кардаед.

Тамоми фасоди ахлоққо решааш моликият аст. Иштирокиятро барқарор кунед, як худи ҷамъӣ барқарор мешавад ва ба дунболи он, тамоми маҳосини ахлоқӣ, ки марбут ба худи ҷамъӣ будааст барқарор мешавад.

Нақди ин назария

Ин ҳам як ҳарфе аст, ки ба шеър шабеҳтар аст. Акнун фақат як ҷиҳаташро бароятон арз мекунам. Агар фурсат шуд, баъдан ба тафсил баҳс мекунем.

Аз инҳо як суол мекунем: оё он чизе, ки миёни афроди инсон девор мекашад ва “ман”-ҳоро аз якдигар ҷудо мекунад, мунҳасир ба моликият аст? Оё тамоми мавҳибатҳо дар зиндагӣ мунҳасир ба мавҳибатҳое аст, ки аз сарват ношӣ мешавад? Ё дар зиндагии башар мавҳибатҳои дигаре ҳам ҳаст? Оё воқеан афроди як хонавода, ки бо якдигар зиндагӣ мекунанд, агар фарз кунем аз назари моликият ҳам иштирок дошта бошанд, дигар “ману мо” аз миёни бародарҳо ва хоҳарҳо ба куллӣ аз байн меравад? Ё боз чизҳои дигаре ҳаст, ки онҳо ҳам “ману мо” эҷод мекунад? Оё дар як ҷомеа, ҳатто ҷомеаи иштирокӣ, ҳамон тавр, ки молу сарватро билиштирок ва биттасовӣ тақсим мекунанд — ки намекунанд, ҳарфаш ҳаст ва амалан намекунанд — умуре аз қабили ҷоҳ, мақом, шӯҳрат, маҳбубият ва қудрат ҳам биттасовӣ тақсим мешавад? Оё воқеан фалон коргаре, ки дар фалон корхонаи пӯлодсозӣ кор мекунад ва фақат як нони бихӯру намире ба ӯ медиҳанд, ҳамон қудратро дорад, ки масалан оқои Брежнев дорад? Ва оё барои башар қудрат асос нест? Инсон сарватро фидои қудрат мекунад. Зан чӣ тавр? Оё тавонистанд иштирок дар зан ҳам барқарор кунанд? На, мехостанд бикунанд, вале диданд чунин чизе имкон надорад. Оё ӯ мавҳибат нест? Ва ҳазорон мавҳибати дигар. Ва ба илова, арзишҳои ахлоқии инсон як силсила арзишҳост, ки бо иштироки ҷамъӣ ҷур дарнамеояд. Иштироки ҷамъӣ ҳадди аксар ин аст, ки ҳама дар сарват бо ҳамдигар баробар бошанд. Ин чӣ рабте дорад ба ин ки инсоне масалан дар ҷангҳо худашро фидои инсонҳои дигар бикунад, ё ин ки дар муқобили ҳақиқат, нисбат ба инсонҳои дигар инсоф бидиҳад? Дар бораи ин матлаб ҳам иншоаллоҳ баъдан ароизе арз хоҳам кард.

Пас, аз назари исломӣ, модари ҳама эҳсосҳои ахлоқии инсон эҳсоси каромат ва шараф ва иззат ва қудрат ва азамат дар даруни худ ва дар “худ”-и воқеии хеш аст, он ҳам иззат ва шараф ва каромат ва қудрат ва азамати воқеӣ ва худи воқеии инсон ҳамон –

نَنَفَخْتُ فِيهِ مِنْ رُوحِي

(*“Аз руҳи худ дар он дамидам.” (Ҳичр/29)*) аст, ки Худои Мутаъол дар Қуръон баён кардааст. Инсонҳои комили ислом аз назари ахлоқ, яъне инсонҳое, ки худро беҳтар аз дигарон шинохтаанд, шараф ва кароматро дар зоти худашон бештар аз дигарон эҳсос кардаанд.

Қаблан арз кардам, ки ҳамосаҳои Имом Ҳусайн, ҳама дар атрофи каромат ва иззат ва шарофат ва нафосати нафс давр мезанад. Амр ба маъруф ва наҳй аз мункари ӯ ҳам эҳсосе аст аз ин гуна эҳсосҳо. Мефармуд:

أَلا تَرَوْنَ أَنَّ الْحَقَّ لا يُعْمَلُ بِهِ وَأَنَّ الْباطِلَ لا يُتَناهى عَنْهُ لِيَرْغَبِ الْمُؤْمِنُ في لِقاءِ اللهِ مُحِقّا

Мардум! Чашмҳоятон намебинад? Оё намебинед, некиҳо чӣ гуна дорад маҳҷуру матрук мешавад ва ба онҳо амал намешавад? Намебинед, зиштиҳо чӣ гуна роиҷ шудааст? Як мӯъмини ислом, як инсони шариф, маргро бар зиндагие, ки дар он ҳамвора бо чунин тоблуҳои зишт мувоҷеҳ бошад ва аз тоблуҳои олии инсоният ҳаргиз ба чашмаш нахӯрад, тарҷеҳ медиҳад:

لِيَرْغَبِ الْمُؤْمِنُ في لِقاءِ اللهِ مُحِقّا

Бояд чунин бошад, ки мӯъмин дар чунин шароите ба лиқои парвардигори худаш рағбат кунад, яъне аслан аз ин дунё безор бишавад. Ё таъбири дигари ҳазрат:

إِنّي لا أَرَى الْمَوْتَ اِلاّ سَعادَةً وَالْحَياةَ مَعَ الظّالِمينَ اِلاّ بَرَما

Ин чӣ эҳсосе аст дар инсон: зиндагӣ бо ситамкорон, зиндагие, ки бихоҳад чашмам фақат ба ситамкорон биафтад ва ман бо инҳо ҳамроҳ бошам ва ҳамроҳӣ кунам, ин зиндагӣ барои ман зиндагӣ нест, марг аст, малолат аст. Барои ман саодат ин аст, ки дар чунин шароите бимирам. Мурдан барои ман дар чунин шароите, саодат аст.

Дар рӯзи Ошӯро меояд бар дари хайма меистад, хитоб мекунад ба хоҳари бузургвораш:

يا أُختاه! ايتيني بِوَلَدِيَ الرَّضيع

Тифли ширхори маро биёвар,

حَتّى أُوَدِّعَهُ

Барои ин ки мехоҳам бо ӯ ҳам видоъ ва худоҳофизӣ кунам. Бо ин ки модари ин тифл дар онҷо ҳаёт дорад, вале Абӯабдиллоҳ мехоҳад собит кунад, ки қофиласолор баъд аз ман, Зайнаб аст, аз ин рӯ ба хоҳараш хитоб мекунад. Зайнаб меравад тифли ширхори Абӯабдиллоҳро меоварад. Ҳусайн ба чеҳраи ин тифл нигоҳе мекунад. Чанд рӯз аст, ки модараш (сероб набудааст) ва зан тибқи маъмул вақте як нороҳатӣ пайдо кунад, дигар

пистонаш шир намедиҳад, чӣ расад ба ин ки чанд шабонарӯз ҳам сероб набудааст. Худ ба худ дар ин тифли Абӯабдиллоҳ осори гуруснагӣ ва ташнагӣ пайдост. Ҳусайн, ки конуни муҳаббат аст, ин тифлро мегирад барои ин ки бибӯсад. Душман ба яке аз афроди аскари худаш фармон медиҳад, ки бибин, чӣ ҳадафи хубе пайдо кардӣ, агар битавонӣ маҳорат ба харҷ бидиҳӣ нишона кунӣ.

Мегӯяд: чиро нишона кунам? Мегӯяд: кӯдакро. Ҳамон тавр, ки тифл дар дасти Абӯабдиллоҳ аст, як вақт мебинанд мисли мурғи сарбурида дорад дасту по мезанад. Вале Ҳусайн, он кӯҳи виқор, коре, ки мекунад ин аст, ки муштҳояшро пур аз хун мекунад ва ба тарафи осмон мепошад:

هَوْنٌ عَلَيَّ أَنَّهُ بِعَيْنِ اللهِ

Дар роҳи ризои Ҳақ аст ва чашми Ҳақ дорад мебинад, дигар бар Ҳусайн ногувор нест.

ولا حول ولا قوّة الاّ بالله العليّ العظيم وصلى الله على محمّد وآله الطاهرين، باسمك العظيم الأعظم الأعزّ الأجلّ الأكرم يا الله

Худоё! Дилҳои моро ба нури имон мунаввар бигардон!

Моро мукаррам ба макорими ахлоқи исломӣ бифармо!

Моро аз разоили ахлоқӣ дур бигардон!

Иззати фардӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоӣ ба ҳамаи мусалмонон иноят бифармо!

Онҳоро бар душмононашон пирӯз бигардон!

Ҳоҷоти машрӯъаи ин ҷамъро баровар!

Амвоти мо машмули иноят ва раҳмати худат бифармо!

وعجّل في فرج مولانا صاحب الزمان

Худшиносӣ

وَفِي الْأَرْضِ آيَاتٌ لِلْمُوقِنِينَ. وَفِي أَنْفُسِكُمْ أَفَلَا تُبْصِرُونَ

(*Зориёт/20 ва 21*)

Яке аз қадимтарин дастурҳои ҳакимонаи ҷаҳон, ки ҳам ба василаи анбиё ба башар иблоғ шудааст ва ҳам ҳакимони бузурги ҷаҳон онро ба забон овардаанд ва эътибори худашро ҳамеша ҳифз карда ва балки тадриҷан арзиши он бештар кашф шудааст, ин ҷумлаи маъруф аст, ки: эй инсон! Худатро бишнос.

Дар ахбор ва аҳодиси мо ин таъбир мукаррар омадааст, ҳам аз Расули Акрам ривоят шуда ва ҳам ба таъбироти мухталиф дар калимоти амирулмӯъминин Алӣ алайҳис салом омадааст, ки:

مَنْ عَرَفَ نَفْسَهُ فَقَدْ عَرَفَ رَبَّهُ

Ҳар кас худро бишносад, парвардигори худро шинохтааст ё мешиносад ва ё таъбироте шабеҳ ва назири ин таъбир. Масалан, эй инсон! Худ табиби худ бош, ки албатта мақсуд тибби ҷисмонӣ ва пизишкии маъмулӣ нест, вале ин дастур ҳаст. Масалан, Имом Содиқ алайҳис салом дар ҳадисе — ки дар “Туҳафул-уқул” ва бисёр муфассал аст ва ҷумлаҳои бисёр ҳакимонае дар он ҳаст ва зоҳиран ривояти Абдуллоҳ ибни Ҷундаб аст — мефармояд:

إِنَّكَ قَدْ جُعِلْتَ طَبِيبَ نَفْسِكَ (وَعُرِّفْتَ آيَةَ الصِّحَّةِ) وَيُبَيَّنُ لَكَ الدّاءُ وَدُلِلْتَ عَلَى الدَّواءِ

Эй инсон! Ту табиби хештан қарор дода шудаӣ (ва нишонаи саломат ба ту шиносонда шудааст) ва дардҳо барои ту баён шудааст ва ба давоҳои он дардҳо ҳам раҳнамоӣ шудаӣ. Ғараз ин ҷиҳат аст, ки ин таъбир ва шабеҳи ин таъбир дар калимоти акобири башарият зиёд омадааст. Суқрот, ки дар ҳудуди ду ҳазору понсад сол пеш мезиста, сухани муҳимме, ки аз ӯ боқӣ монда ҳамин аст, ки: худатро бишнос! Масъалаи худшиносӣ чӣ аҳаммият ва арзише дорад ва барои чӣ манзуре тавсия шудааст?

Барои ду манзур тавсия шудааст. Як манзур ҳамон аст, ки худатро бишнос, то битавонӣ Худоро бишносӣ. Қаблан аз Гондӣ, муосири худамон, ҷумлае нақл кардам, ки гуфт: ман аз мутолеаи *Упонишодҳо* яъне қадимтарини китобҳои мазҳабӣ ва ирфонии Ҳинд, се дастур фаро гирифтам ва онҳо дастуруламали ман дар зиндагӣ шуд. Яке ин ки дар ҷаҳон фақат як шиносоӣ вуҷуд дорад ва он шиносоии “худ” аст. Дуввум ин ки ҳар кас худро шинохт, Худоро шинохтааст ва ҷаҳонро. (Ва севвум ин ки дар ҳамаи дунё як нерӯ, нерӯи тасаллут бар хештан ва як некӣ (дӯст доштани дигарон) вуҷуд дорад.) Пас дар

Упонишодҳои марбут ба чандин ҳазорсол пеш низ мебинем, яке аз куҳантарин масоил ва андарзҳое, ки аз башар ба мерос мондааст, худшиносӣ аст ва имрӯз ҳам — махсусан дар як қарни ахир ва дар замонии ҳозир — масъалаи инсон ва инсоншиносӣ ва улуми марбут ба инсон, муҳимтарин ва боарзиштарини улуми башарӣ шумурда мешавад.

Худшиносӣ, муқаддимаи Худошиносӣ ва ахлоқ

Ҳол, барои чӣ гуфтаанд, худро бишнос? Аз худшиносӣ ба куҷо мерасӣ? Ба иборати дигар, худшиносӣ муқаддимаи чист? Гуфтем, инро барои ду манзур гуфтаанд. Як манзур ҳамин аст, ки агар худро бишносӣ, ба муҳимтарин масъалае, ки барои башар матраҳ аст ва рози аслии ҷаҳон мебошад (яъне Худо) пай мебарӣ. Дуввум ин ки худро бишнос, то бидонӣ, дар зиндагӣ ва дар ҷаҳон чӣ бояд бикунӣ ва чӣ гуна бояд рафтор кунӣ, яъне ахлоқ ва амал.

Агар худро нашиносӣ, нахоҳӣ донист, ки рафтор ва ахлоқат дар ҷаҳон чӣ гуна бояд бошад, яъне худат чӣ гуна бояд бошӣ, чун ахлоқ аз он назар, ки як силсила малакоте аст, бармегардад ба чӣ гуна будан ва ин ки худат чӣ гуна бошӣ ва чӣ гуна рафтор кунӣ. Пас барои пай бурдан ба бузургтарин розҳои ҷаҳон ва муҳимтарин масъалае, ки дар фикри башар матраҳ аст (яъне Худо), худро бишнос ва барои муҳимтарин масъала аз назари ибтилои амалии башар, ки ман чӣ гуна бояд бошам ва чӣ гуна бояд рафтор кунам (яъне ахлоқ) низ, худатро бишнос. Дар қисмати аввал мехоҳам миқдоре тавзеҳ бидиҳам, ки чӣ гуна инсон агар худро бишносад, Худоро мешиносад.

Қуръон ҳам барои худшиносӣ ҳисоби ҷудогонае боз кардааст, ба ин маънӣ, ки дар Қуръон — ва фақат дар Қуръон — саросари олами хилқат, оят ва дарс аст барои Худошиносӣ. Яъне ихтисос ба инсон надорад, ки инсон фақат худашро бояд бишносад, то Худоро бишносад. Аз назари Қуръон, тамоми ҷараёнҳои хилқат, тамоми воҳидҳои офариниш аъамм аз осмонӣ ва заминӣ, ҳар чи ки дар олам ҳаст, оётанд, яъне аломатҳо ва нишонаҳои вуҷуди муқаддаси парвардигоранд:

إِنَّ فِي خَلْقِ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ وَاخْتِلَافِ اللَّيْلِ وَالنَّهَارِ لَآيَاتٍ لِأُولِي الْأَلْبَابِ

(“*Ҳамоно дар офариниши осмонҳо ва замин ва рафту омади шабу рӯз, нишонаҳое аст барои соҳибони ақл.” (Оли Имрон/190)*) Ин гуна оятҳо дар Қуръон зиёд аст. Вале Қуръон дар айни ҳол, ки саросари оламро китоби Ҳақ Таъоло медонад, ки ҳар сатре аз сатрҳои ин китоб бар илм ва ҳикмат ва доноии муаллифи он далолат мекунад, барои нафси инсон ҳисоби ҷудогонае боз карда. Яъне аз назари Қуръон, ин фасл аз фусули китоби офариниш, ки номаш инсон аст, барои инсон омӯзандагиҳое дорад болотар ва бештар аз он чи ки масалан дарахтон доранд. Дуруст аст, ки:

Барги дарахтони сабз дар назари ҳушёр,

Ҳар варақаш дафтарест маърифати Кирдгор.

(Саъдӣ)

Вале нафс ё “худ”-и инсон — ки аз ҳар чизе ба инсон наздиктар аст — омӯзишҳое дорад, ки ғайри ӯ надорад. Ин омӯзишҳо, ки аз мухтассоти нафси инсон ва барои инсон аст, чист? Албатта инсон ҳам дорои ташкилоте аст, ки дар ҳар табиате ҳаст ва аз ҷанбаи вазоифулаъзоӣ, физиулогия ва ташреҳӣ, ҳамин тавр, ки барги дарахтон (бар маърифати Кирдгор) далолат мекунад, ангушт ё нохуни инсон ҳам далолат мекунад, балки дар ҳар мӯйе аз мӯйҳои бадани инсон ё дар ҳар раге аз рагҳои бадани инсон, як далолате ҳаст. Аз ин ҷиҳат инсон шабеҳи ашёи дигар аст. Аммо омӯзишҳое ҳаст, ки аз мухтассоти нафси инсон аст, ки гуфтем, Қуръон ҳам (барои нафси инсон аз назари шинохти Худо) ҳисоби ҷудогона боз карда. Ин ки мегӯям “ҳисоби ҷудогона” барои ин аст, ки масалан мегӯяд:

وَفِي الْأَرْضِ آيَاتٌ لِلْمُوقِنِينَ

Дар замин нишонаҳоест барои аҳли яқин; касоне, ки бихоҳанд ба мақоми яқин бирасанд. Бадеҳӣ аст инсон ҳам дар замин аст ва берун аз замин нест, вале роҷеъ ба инсон мефармояд:

وَفِي أَنْفُسِكُمْ

(*Зориёт/20 ва 21*) Ва дар худи шумо. Ихтисос медиҳад. Ё дар ояти дигар мефармояд:

سَنُرِيهِمْ آيَاتِنَا فِي الْآفَاقِ وَفِي أَنْفُسِهِمْ حَتَّى يَتَبَيَّنَ لَهُمْ أَنَّهُ الْحَقُّ

(“*Мо нишонаҳои худро дар ҷаҳон ва дар нафсҳояшон ба онҳо менамоёнем, то бар онон равшан гардад, ки ӯ ҳақ аст.” (Фуссилат/53*)) Ҳисоби офоқ (олами берун)-ро як ҳисоби ҷудогона зикр мекунад. Метавонист инсонро ҳам ҷузъи офоқ зикр кунад, вале барои “худ”-и инсон, ҷудо ҳисоб боз карда:

وَفِي أَنْفُسِهِمْ

Омӯзишҳои нафси инсон дар Худошиносӣ

Он дарсҳо ва омӯзишҳои хосс чист? Ин омӯзишҳо хеле зиёд аст. Ман ба он омӯзишҳои ирфонӣ, ки як нафар солик пас аз муроқабаҳои хеле зиёд — ки гӯши қалб ва чашми дилаш боз мешавад ва бо даруни худаш олами моваройро мушоҳида мекунад — лоақал ба мақоми Марям духтари Имрон мерасад, ки дар ҳоли ибодат фариштагон бо ӯ сӯҳбат мекунанд, ё Закариё мешавад ва ғайри инҳо, чӣ аз анбиё ва чӣ аз ғайри анбиё, ба он

омӯзишҳо кор надорам, чун инҳо марбут ба афроде аст, ки лоақал миқдоре сайру сулук ва муроқаба кардаанд ва пардаҳоро ақиб задаанд. Агар инҳоро бигӯем, мегӯед, мо, ки ин ҷур нестем, онҳо як иддаи хоссанд. На, масоилеро мегӯем, ки дар ҳамаи афрод ҳаст.

Олами табиат як ҷараёни мудовим ва як воҳиди ҳаракат аст

Аз ҷумла ин масъала аст, ки илм рӯз ба рӯз ин матлабро бештар собит карда, ки олами табиат як ҷараёни мудовим аст, яъне ҳеч чизе дар олам дар ду лаҳза ба як ҳол нест. Мумкин аст бигӯед, ин сафсата аст; мо дишаб омадем ин масҷидро дидем, айни ҳамин ҳол буд, ки имшаб дорем мебинем, чӣ тағйире карда? Ҷавоб хеле возеҳ аст. Агар ҳамаи тағйирот, тағйироти маҳсус мебуд, матлаб ҳал шуда буд, вале ҳавосси мо аз тағйироти олам, дар як ҳадди муайян дарк мекунад. Чашм ё гӯш ва ё ломисаи мо фақат миёни ду ҳаддро метавонад дарк кунад; пойинтар бошад наметавонад, болотар ҳам бошад наметавонад.

Масалан, агар касе ба мо бигӯяд, алъон як овозҳое дар ин фазо вуҷуд дорад, оё мо қабул мекунем? Мегӯем, ин ҳарфҳо чист?! Ту хилофи бадеҳӣ мегӯӣ; ман ҳам гӯш дорам, ҳеч садое намешунавам. На, гӯши мо инсонҳо дар миёни амвоҷе, ки дар фазо пахш мешавад, амвоҷи муайянеро дарк мекунад. Зоҳиран мегӯянд, агар теъдоди навасони як мавҷ аз 16 ҳазор дар сония камтар бошад, гӯши мо онро дарк намекунад (мисли радиои гирандае, ки он мавҷро намегирад. Он мавҷ вуҷуд дорад, вале мо дарк намекунем, як ҳайвони дигар мумкин аст бишнавад) ва агар аз 32 ҳазор болотар биравад, мумкин аст садое бошад каркунанда, аммо мо аслан намешнуем ва дар камоли роҳатӣ масалан мутолеа мекунем, вале як ҳайвон он садоро мешунавад. Мегӯянд, муш амвоҷи савтӣ бо навасони то 400 ҳазор дар сонияро мешунавад. Ҳамчунин чашми мо ҳаракотро дар олам дар як ҳадди муайян дарк мекунад. Ҳамин ҳаракатҳои маконии хеле соддаро дар назар мегирем. Чашми инсон ҳаракати аҷсомро то як суръати муайян фаразан 1/10 милиметр дар сония дарк мекунад, вале агар ҳаракат аз ин кундтар бошад, ҳаракат аст, аммо чашми инсон дарк намекунад. Масалан, ҳаракати сонияшумори соатро чашми инсон дарк мекунад. Ҳаракати дақиқашуморро ҳам, ки дар ҳар соате як давр мечархад, агар инсон хеле дақиқ бишавад, шояд баъзе чашмҳо битавонанд дарк кунанд, дар сурате, ки он ҳам доиман ҳаракат мекунад.

Вале хори соатшумор, шумо як соат ҳам ба он нигоҳ кунед, як зарра эҳсос намекунед, ки ҳаракат мекунад, аммо ин қадр медонед, ки як соат пеш рӯйи адади масалан 7 буд ва ҳоло рӯйи адади 8 аст, тадриҷан ҳаракат кардааст. Аз назари чашми шумо сокин аст яъне чашми шумо ҳаракати онро намебинад, вале ақли шумо мегӯяд, ин ҳаракат мекунад ба

далели ин ки як соат пеш рӯйи адади 7 буд ва акнун рӯйи адади 8 аст ва медонед, ки ин ҷур нест, ки чашми шуморо ғофил карда ва якдафъа рӯйи адади 8 паридааст.

Олам дар як ҷараёни доим аст. Он ки ҳаракати ҷавҳарияро собит карда ва онҳо, ки ҳаракатҳои дигарро собит намудаанд, собит кардаанд, ки чизҳое, ки мову шумо онҳоро ба сурати ашё сокин мебинем, айнан мисли оби рӯдхона аст, ки ба суръат дар ҳаракат мебошад, вале мо, ки аз дур нигоҳ мекунем, хаёл мекунем истода аст. Маънои ин ки як шайъ дар ҳаракат аст ин аст, ки ҳар миқдор аз он шайъ дар як лаҳза аз замон ҳаст, дар лаҳзаи баъд нест. Аҷзоъи ҳаракат аз якдигар махфӣ ҳастанд. Дар айни ҳол ҳамин ҳаракатҳои олам бо як низоми мушаххас аст.

Оё “ман” иваз мешавад?

Меойем суроғи бадани худамон. Бадани мо ҳам як ҷараёни доим аст, аз селлулҳо гирифта то атомҳо ва он зарраҳое, ки атомро ташкил медиҳад. Баъзе аз селлулҳои бадан доиман мемиранд ва ба ҷойи онҳо селлулҳои нав меояд. Онҳое ҳам, ки намемиранд, баданашон доиман дар ҳоли иваз шудан аст. Яъне ба назари дақиқ, ҳатто бадани як соат пеш, бо бадани ҳоло фарқ дорад.

Қудамо мегуфтанд, бадан ҳафт сол як бор иваз мешавад. Вале бо назари дақиқ, ҳатто бадани як соат пеш, айни бадани ин соат нест, то чӣ расад ба бадани як сол пеш. Дар як одами масалан 80-сола, бадани 80 сол пеш то ҳол ба як маънӣ лаҳза ба лаҳза иваз шуда ва агар хеле мусомеҳа бикунем, бояд бигӯем, чандин бор иваз шудааст. Вале “ман” чӣ тавр? Оё “ман” иваз шудааст? Агар синни ман 50 сол бошад, оё “ман”-и имрӯз ҳамон “ман”-и панҷоҳ сол пеш аст воқеан ва ҳақиқатан? Ё ин ки ман хаёл мекунам, ман он “ман” ҳастам, он “ман” рафта ва як “ман”-и дигар омада?

Посух ин аст: бадан, ки табиат аст, доиман дар ҳоли иваз шудан аст, вале “ман” такомул ва афзунӣ пайдо мекунад, аммо иваз намешавад ва “ман”-и дигаре ба ҷойи ӯ намеояд.

Достони Баҳманёр ва Ибни Сино

Ин қазия маъруф аст ва дар китобҳои худамон навиштаанд: Бӯалӣ Сино шогирди боризе дорад ба номи Баҳманёри Озарбойҷонӣ, ки Озарбойҷонӣ ҳам ҳаст. Ӯ ибтидо зардуштӣ буд (аз хонадонҳои зардуштӣ буда), вале охирҳо мусалмон шуд. Мегӯянд, Бӯалӣ ин шогирдро кашф кард. Рӯзе Бӯалӣ дар дӯкони нонвоӣ буд. Баҳманёр, ки баччаи кучаке буд омад ба нонво гуфт: каме оташ эҳтиёҷ дорем барои оташгира. Як зарра оташ бидеҳ, мехоҳам бибарам хонаамон. Нонво гуфт: оташро, ки ин ҷур намешавад бурд, бирав зарфе биёвар. Фавран ин бачча мушташро пур аз хокистар кард ва гуфт: оташро инҷо бигузор. Бӯалӣ кашф кард, ки ин баччаи боҳуше аст. Рафт суроғи падару модараш, гуфт:

ҳайф аст, ки ин бачча аз байн биравад, ӯро дар ихтиёри ман қарор бидиҳед, дар оянда марди фозиле хоҳад шуд.

Баҳманёр шогирде аст, ки бисёре аз афкори Бӯалиро ӯ арза кардааст.

Худаш ҳам китобе навиштааст ба номи “Алтаҳсил”, ки ин китобро шояд аввалин бор ман чоп кардам (дар Эрон, ки аввал бор мо чоп кардем) ва китоби бузурге аст. Ӯ мабоҳисе дорад бо устодаш Бӯалӣ. Баҳманёр мӯътақид буд, ки ҳама чиз иваз мешавад; на танҳо бадани инсон, балки равони инсон ҳам иваз мешавад. Ҳамин тавр, ки бадан дар як лаҳза ғайр аз бадани лаҳзаи баъд аст, мани ин лаҳза ҳам, ғайр аз мани лаҳзаи баъд аст. Рӯзе бо устодаш Бӯалӣ дар бораи ҳамин масъала мубоҳаса мекард. Бӯалӣ мегуфт, ин ҷур нест, бадан иваз мешавад, вале “ман” иваз намешавад, “худ” собит аст. Ӯ пофишорӣ дошт.

Як дафъа, ки суол кард, Бӯалӣ сукут кард ва ҷавоб надод. Гуфт: чаро ҷавоб намедиҳӣ? Гуфт: он Бӯалӣ, ки ту дар он лаҳза аз ӯ суол кардӣ, ки дар лаҳзаи баъд нест. Он суолкунанда лаҳзаи қабл ҳам дар лаҳзаи баъд нест. Ту дар ҳар лаҳза, ки суол мекунӣ, як одам ҳастӣ ва бо як мухотаб ҳарф мезанӣ, дар лаҳзаи баъд ту одами дигаре ҳастӣ ва ӯ низ аслан вуҷуд надорад. Пас, на ту дар лаҳзаи баъд ҳастӣ, ки ҷавоб бигирӣ ва на ман дар лаҳзаи баъд ҳастам, ки ҷавоб бидиҳам. Дар ҳамин ҷо Баҳманёр дигар сукут кард.

Шинохти “худ” ба унвони як ҳақиқати собит, муқаддимаи шинохти Худо

Агар инсон “ман”-и воқеии худашро бишносад, ба сурати як шахс ва як ваҳдат воқеӣ[28], агар инсон “худ”-ашро бишносад, онро ба сурати як ҳақиқати собит дар ин табиат сайёл мебинад ва баъд мебинад, олам ҳам, ки як ҷараёни доим аст, як ҳақиқат ҳаст, ки ваҳдат онро ҳифз карда. Хуршед, моҳ, ситорагон ва замин, агар ба табиати худи инҳо нигоҳ кунем, доиман дар ҳоли иваз шудан ҳастанд. Вале як ҳақиқат ҳаст, ки он ҳақиқат аст, ки ҳофизи олам аст. Ҳамин тавр, ки ин “ман” ҳофизи бадан аст ва бадан ваҳдати худашро ба хотири ӯ ҳифз карда ва шахсияти бадан ба шахсияти воқеии руҳу равони инсон аст,

[28] *На ин ҳарфи мӯҳмале, ки мегӯянд: “ман” яъне як силсила тасаввуроте, ки пушти сари якдигар ҳастанд; ман хаёл мекунам, ки як чиз ҳастам, ман миллионҳо чиз ҳастам; аслан мани ин соат ғайр аз мани он соат аст; “ман” яъне як маҷмӯаи тасаввуроти пушти сар ҳамдигар; мисли як гулӯла нах, ки онро боз кунанд, ки ғайр аз гулӯла нах чизе нест; инсон яъне ин маҷмӯаи тасаввурот. Касе, ки чунин сухане мегӯяд, “худ”-ашро нашинохтааст*.

шахсияти олам ҳам ба шахсияти он ҳақиқати моваруттабиии тағайюрнопазир аст. Муллои Румӣ мегӯяд:

Халқро чун об дон софу зулол,

Андар он тобон сифоти Зулҷалол…

Об мубдал шуд дар ин ҷӯ чанд бор,

Акси моҳу акси ахтар барқарор.

Вуҷуди гароишҳои маънавӣ дар инсон, ояте барои шинохти Худо

Ҷиҳати дигаре, ки ба мӯҷиби он, нафси инсон оят аст барои Худошиносӣ, масъалаи гароишҳои маънавии инсон аст:

مَنْ عَرَفَ نَفْسَهُ فَقَدْ عَرَفَ رَبَّهُ

Сухани бисёр олии Уилям Ҷеймсро қаблан бароятон нақл кардам. Албатта ҳарфе аст, ки дигарон ҳам гуфтаанд, вале ӯ бо иборате бисёр зебо гуфтааст. Ӯ як равоншиноси таҷрибӣ ва касе аст, ки равоншиносиро, махсусан равоншиносии диниро, вориди марҳилаи таҷрибӣ ва озмоишӣ кард. Ин мард ҳудуди чиҳил сол рӯйи таҷаллиёти равонии мазҳабии равонҳо озмоиш карда, яъне равонҳоро аз назари мазҳабӣ мавриди муойина ва мутолеа қарор дода, он ҳам на ба сабки истидлолӣ ва қиёсӣ, балки ба сабки таҷрибӣ ва озмоишӣ. Натиҷае, ки ин равоншиноси бузурги ҷаҳон аз ҳудуди чиҳил соли озмоиш дар равони инсон аз назари гароишҳои маънавӣ гирифта ин аст, ки мегӯяд: дар вуҷуди инсон ҳамчунон, ки як силсила гароишҳо ба табиат ва модда вуҷуд дорад ва инҳо инсонро бо табиат пайванд мезананд ва милоки пайванд ва иртиботи инсон бо табиатанд, як силсила гароишҳои дигар вуҷуд дорад, ки бо ҳисобҳои моддӣ ҷур дарнамеояд, балки зидди ҳисобҳои марбут ба пайванди инсон бо табиат аст, зеро пайванди инсон бо табиат барои ин аст, ки инсон аз табиат ва хориҷи вуҷуди худаш баҳракашӣ кунад ва нафъ бибарад, вале ин гароишҳо бо ин ҳарфҳо ҷур дарнамеояд.

Инсон як силсила хостҳо дар ин олам дорад, ки бо ҷанбаи табиӣ ва моддии вуҷуди ӯ созгор нест. Ва мегӯяд: инҳо далел аст бар ин ки олами дигар вуҷуд дорад ва ин эҳсосҳо моро бо олами дигар пайванд медиҳад. Илҳомҳои маънавӣ ва худоӣ, худоҷӯиҳо, некиҷӯиҳо, хайрҷӯиҳо ва маънавиятҷӯиҳо ҳамеша дар башар вуҷуд дошта ва дорад ва қобили мубориза ва ҷойгузинӣ нест.

Дар назар дорам иншоаллоҳ фардошаб, ки шаби охири ин ҷаласа ҳам ҳаст, дар бораи “халаъҳои маънавӣ ва ахлоқӣ дар асри ҳозир” барои шумо баҳсе бикунам, ки он миқдор халаъи маънавӣ ва ахлоқӣ, ки ин мавҷҳои материалистии дунё ба вуҷуд овардаанд ва ин

муборизае, ки бо фитрати башар шудааст, имрӯз чӣ мушкилае барои башар ба вуҷуд оварда?

Пас як роҳи дигар барои –

مَنْ عَرَفَ نَفْسَهُ فَقَدْ عَرَفَ رَبَّهُ

— ҳамин гароишҳо, тамоюлот ва вобастагиҳои маънавии инсон аст.

Таассуб нисбат ба материализм

Ин мавҷи материализм, ки дар дунё пайдо шуд ва ба дунболи худ некбатҳо барои башар ба вуҷуд овард, дар дунёи ғарб бештар аксуламали бисёр шадиде аст дар муқобили нодониҳо, хушунатҳо ва каҷрафториҳои калисо ва мо алъон дорем ҷаримаҳои калисоро мепардозем.

Дар китоби “Иллатҳои гароиш ба моддигарӣ” то андозае ин мавзӯъ ташреҳ шудааст. Ҷаҳолатҳо ва нодониҳои калисо — тафсирҳои ғалати калисо аз Худо, қиёмат ва руҳ, хушунатҳо ва ихтиноқҳои калисо, тафтиши ақоиди калисо, он равиши зидди озодии калисо — дунёро бурд ба ин ҳол, ки ман ё бояд илмро бипазирам ё Худоро (чун калисо миёни илм ва Худо тазодд барқарор карда) ё бояд Худоро бипазирам ё як зиндагии хуб ва мураффаҳро, ё бояд Худоро бипазирам ё озодиро, ё бояд Худоро бипазирам ё демократияро. Бадеҳӣ аст вақте Худоро дар як тараф қарор бидиҳанд ва сад ниёзи фитрии дигари башарро дар тарафи дигар, албатта мумкин аст иддае тарафи Худоро бигиранд, вале қаҳран аксарияти мардум тарафи дигарро хоҳанд гирифт. Ба ҳар ҳол ин мавҷи шадиди материализм ба иллатҳои мухталиф дунёи ғарбро фаро гирифт ва аз дунёи ғарб ҳам каму беш ба дунёи шарқ сарозер шудааст ва шарқиҳо фикр намекунанд, ки шароите, ки ғарбиҳо доштанд, ғайр аз шароите аст, ки мо дорем.

Кам-кам таассубе ба нафъи материализм ба вуҷуд омад назири таассубе, ки калисо нисбат ба мазҳаб дошт. Яъне ҳамон тавр, ки калисо ба ҳар зӯре, ки буд мехост бидуни мантиқу далел мазҳабро тавҷеҳ кунад, инҳо ҳам ба ҳар зӯре, ки ҳаст мехоҳанд материализмро тавҷеҳ кунанд. Метарсанд мабодо материализм аз дасташон гирифта шавад ва — ба қавли худашон — ба қуруни вусто баргарданд. Мегӯянд: агар материализм аз дасти мо гирифта шавад, яъне мо бояд ба қуруни вусто баргардем. Ин аст, ки ин ҳама роҳе, ки аз табиат ва аз нафси инсон ба сӯйи Худо барои башар боз аст, кӯшиш мекунанд ба зӯр ҳам шуда, бо тавҷеҳу таъвил бигӯянд, ин роҳҳо қобили эътимод нест. Аз ҷумла ҳамин роҳи гароишҳои маънавӣ аст.

Сухани Морис Метерлинк

Ҳоло ман ду мисол барои шумо зикр мекунам:

Морис Метерлинк китобҳои зиёде дорад. Китобе роҷеъ ба занбӯри асал ва китобе роҷеъ ба мӯриёна навишта ва шояд ҳамаи китобҳояш дар Эрон тарҷима шуда, чун нависандаи забардасте будааст. Ӯ дар Эрони мо ба унвони як файласуфи бузург қолаб зада шуда ва муаррифӣ гардида, вале ба ҳар сурат марде донишманд ва нависандаи бисёр муқтадире будааст. Дар дунёи Урупо адабиёт ва фалсафа бо якдигар омехта шуда. Аз он ҷо, ки омехтани адаб ва фалсафа адабиётро — ки бештар бар асоси завқиёт ва тахайюлот аст, яъне бештар ба завқи инсон иртибот дорад, то ба фикр — ғанӣ мекунад ва фалсафаро фақир, ин омехтан адаби урупоиро ғанӣ кардааст ва фалсафаи урупоиро фақир. Ин мард он чи ҳаст ин аст, ки як нависанда имуқтадир аст. Ман ҳамеша гуфтаам, ки Муҳаммади Масъуди эронии мо агар дар Урупо мебуд, ҳатман ба номи як файласуф маъруф мешуд, чун ӯ барои худаш нависандае буд, ки монанди Метерлинк метавонист ба ҳамдигар бибофад. Вале дар Эрони мо ҳеч вақт инҳоро ба унвони файласуф намешиносанд ва наметавонанд бишносанд.

Зиндагии занбӯри асал як зиндагии эъҷобовар ва ғайриқобили тавҷеҳ аз назари моддӣ аст, ки ин ҳайвон ин огоҳиҳои аҷибро чӣ гуна дорад? Ҳеч нашуда, ки ин матлаб тавҷеҳ бишавад. Қуръон ҳам сареҳан мегӯяд:

وَأَوْحَى رَبُّكَ إِلَى النَّحْلِ

(*Наҳл/68*) Парвардигори ту ба занбӯри асал ваҳй карда, яъне ин навъе илҳоми моворо ӣ аст дар даруни ин ҳайвон.

Қуръон, ҳам дар бораи занбӯри асал ва ҳам дар бораи мӯрча ҳарфҳои шигифте гуфтааст ва ин ду ҳашара имрӯз шинохта шудаанд ва фавқулъода аҷиб шинохта шудаанд. Дар бораи мӯрча аз ин ҳам болотар гуфтааст, ки вақте Сулаймон ба водии мӯрчагон расид (мӯрчае чунин гуфт) ва мерасонад, ки асосан мӯрча дорои фаҳму дарке болотар аз занбӯри асал аст ва ҳатто миёни мӯрчагон табодули сухан ва муколама ва эълом ва ихбор ҳаст. Ва имрӯз тоза панҷоҳ сол аст, ки илм ин матлабро кашф карда.

حَتَّى إِذَا أَتَوْا عَلَى وَادِ النَّمْلِ قَالَتْ نَمْلَةٌ يَا أَيُّهَا النَّمْلُ ادْخُلُوا مَسَاكِنَكُمْ لَا يَحْطِمَنَّكُمْ سُلَيْمَانُ وَجُنُودُهُ وَهُمْ لَا يَشْعُرُونَ

(*Намл/18*) Сулаймон бо ҷунудаш доранд ҳаракат мекунанд. Ин мӯрча ҳиссе мекунад, ба мӯрчагон фармон медиҳад, ки: эй мӯрчагон! Дар лонаҳои худатон пинҳон бишавед, ки Сулаймон ва касонаш шуъурашон намерасад, шуморо поймол мекунанд. Вале Сулаймон, ки Худои Мутаъол ба ӯ мантиқи тайр ва мантиқи ғайри тайр дода буд, инро дарк мекунад ва бо он мӯрча муколама мекунад. Илми имрӯз собит карда, ки мӯрчаҳо

бо шохакҳои худашон мавҷҳое мефиристанд ва таҳвил мегиранд ва мофиззамири худашонро ба якдигар ҳоле мекунанд.

Қуръон ин матлабро бо тавоҷҷӯҳ ба ин ки ин ҳайвон ҳеч мактабе надида ва (дарсе) нахонда (баён мекунад.) Ҳазорон таҳқиқ шуда; дар миёни онҳо таълиму таъаллум нест ва масалан муҳандисин аз занбӯрони асал як донишкадаи фаннӣ таъсис накардаанд, ки шогирдҳои худашонро биёмӯзанд, балки баччамуҳандисашон муҳандис ба дунё меояд. Қуръон дар камоли сароҳат мегӯяд:

وَأَوْحَى رَبُّكَ إِلَى النَّحْلِ

— ваҳй ва илҳоми илоҳӣ аст. Ҷавоби дигаре ҳам башар натавониста ба ин матлаб бидиҳад, ки ҷуз ваҳйи илоҳӣ чизи дигаре метавонад бошад.

Оқои Морис Метерлинк инҳо ҳамаро мегӯяд, вале вақте мерасад ба ин эъҷобҳо, ки ин маълумот аз куҷост, мегӯяд: руҳи канду ваҳй мекунад. Шуморо ба Худо фикр кунед чӣ қадр ин ҳарф аҳмақона аст! Канду ҷуз ҳамин занбӯрҳои асал, ки чизе нест. Агар ин занбӯрҳои асалро бигирем, канду як идда ҷамодот бештар нест.

Руҳи канду яъне чӣ?! Мегӯяд: руҳи канду ба инҳо илҳом мекунад. Хуб руҳи канду худаш аз куҷо фаҳмид? Тоза руҳи канду, ки аз руҳи занбӯри асал болотар нест. Чаро инро мегӯяд? Барои ин ки Худой нохоста масъалаи Худо дар миён наёяд ва баъд нагӯянд, оқои Морис Метерлинк! Пас қатъан Худое дар олам вуҷуд дорад ва дар ин сурат қисса А аст ва дунболаш Б ва дунболаш В ва дунболаш Г ва дунболаш Д, ҳазорон масъулият ва дигар ту оқои Морис Метерлинк наметавонӣ озод ба он гуна, ки дили худат мехоҳад зиндагӣ кунӣ.

Достони кӯдаки зирак ва мадраса

Гуфт, баччаи боҳушеро ба мадраса бурданд. Муаллим ба ӯ гуфт: бигӯ А. Сукут кард. Муаллим мегуфт: ин ки содда аст, бигӯ А. Намегуфт. Ҳар чи муаллим гуфт бигӯ, нагуфт. Дигарон омаданд, падару модараш омаданд: баччаҷон! Ту, ки баччаи боҳуше ҳастӣ, бигӯ А. Намегуфт. Охири кор гуфтанд: чаро намегӯӣ? Гуфт: охир агар бигӯям А, инҷо, ки тамом намешавад, боз мегӯяд бигӯ Б. То бигӯям Б, мегӯяд бигӯ В. Бигӯям В, мегӯяд бигӯ Г. Аз ҳамон аввал А-ро намегӯям, ки то охираш роҳат бошам, зеро маро аз мадраса бармедоред ва хаёлам роҳат мешавад.

Ҳамин ки бигӯям А, дигар аз инҷо рафтаам то он ҷо, ки даврони ҷавонии ман бояд дар мадраса ва мактаб сарф бишавад.

Ҳоло ин оқо барои фирор аз ин ки фикри Худо дар миён биёяд, мегӯяд: руҳи кандуст, ки ба занбӯри асал ваҳй мекунад.

Тавба

Гароишҳои маънавии инсон бо ҳеч ҳисоби моддӣ ҷур дарнамеояд. Ҳамин гароишҳои ахлоқӣ, ки қаблан шарҳ медодем, аз назари фард мубтанӣ бар зиёну зарар аст: ҷони худро фидои ҷомеа кардан, инсоф додан ба нафъи дигаре, ки ҳақ бо ӯст, на бо ман, одил будан яъне таҷовуз накардан, алайҳи худ қиём кардан ва исён алайҳи худ, ки дар забони динӣ исмаш “тавба” аст (шӯридан бар зидди худ). Як вақте ман оятҳои Қуръонро дар ин замина ҷамъоварӣ кардам, дидам, мантиқи Қуръон дуруст ҳамин мантиқ аст: инқилоб алайҳи худ.

Аҷабо! Инсон алайҳи худаш шӯриш ва исён мекунад, алайҳи худаш инқилоб мекунад бо ҳамаи хусусиёте, ки дар як инқилоб вуҷуд дорад, худашро муҳокама мекунад, худашро муҷозот мекунад.

Чӣ ширин ва олӣ фармуд Алӣ алайҳис салом! Як касе омад хидматаш гуфт:

أَسْتَغْفِرُ اللهَ رَبّي وَأَتوبُ إِلَيْهِ

Хаёл кард, тавба яъне калимаи истиғфорро бар забон овардан. Алӣ алайҳис салом ба ӯ тӯпид, фармуд:

ثَكلَتْكَ أُمُّكَ

Бирав гум шав, модарат ба азоят биншинад! Бирав бимир.

أَتَدْري مَا الاْسْتِغْفارُ؟ إِنَّ الاْسْتِغْفارَ دَرَجَةُ الْعِلِّيِّينَ

Аслан мефаҳмӣ истиғфор яъне чӣ?

Баъд, ҳазрат истиғфорро ташреҳ мекунад: пушаймонии комил аз гузаштаи тираву сиёҳ, тасмими қавӣ бар барнагаштан ба гуноҳони собиқ, адои ҳуқуқи илоҳӣ, ки фавт шудааст, адои ҳуқуқи мардум, ки фавт шудааст.

Баъд, ду ҷумла мегӯяд, ки дуруст маънои инқилоб ва шӯриш алайҳи худ ва муҷозот кардани худро дорад. Мегӯяд:

“*Дигар ин ки ин гӯштҳои мубораке, ки дар ин баданат аз гуноҳ рӯйида, бояд инҳоро завб кунӣ. Ин гӯштҳо, ки аз ҳаром рӯйидааст, ин гӯштҳо, ки дар маҷолиси лаҳву лаъиб ва тавъам бо ҳарзагӣ рӯйидааст, бояд биравӣ ҳамаи инҳоро об кунӣ, аз нав гӯшти ҷадид бирӯяд. Дигар ин ки бояд ба ин баданат сахтии тоатро бичашонӣ ҳамчунон, ки лаззати маъсиятро чашондаӣ*.”

Ин мешавад “тавба”. Ва тоибҳои дунё ин ҷур будаанд ва ҳамеша будаанд ин гуна афрод. Марҳум Ҳоҷӣ Мирзо Ҷаводоқо Маликии Табрезӣ аз бузургони аҳли маърифати замони мо — ки 52 сол пеш аз дунё рафтааст ва қабри ӯ дар Қум аст ва ман ҳар вақт ба Қум

мушарраф мешавам, орзу дорам қабри ин марди бузургро зиёрат кунам — дар яке аз навиштаҳояшон дар бораи устоди бузургворашон марҳум Охунд Мулло Ҳусайнқулии Ҳамадонӣ, ки аз аъоҷиби аҳли маъно буда менависад, ки як оқое омад пеши марҳуми Охунд ва марҳуми Охунд ӯро тавба дод. 48 соат баъд вақте омад, мо ӯро нашинохтем. Онҷунон аз назари чеҳра ва қиёфа иваз шуда буд, ки мо бовар намекардем, ки ин ҳамон одами 48 соат пеш аст.

Ман инро аз назари хислати башарӣ мавриди мутолеа қарор медиҳам: ин дигаргунии он оқои тоиб дар маҳзари Охунд Мулло Ҳусайнқулии Ҳамадонӣ, ки роҳаш ба он тараф аст, якмартиба бармегардад ба ин тараф ва алайҳи худаш шӯриш ва исён ва инқилоб мекунад, чӣ тавҷеҳе дорад? Кӣ алайҳи кӣ қиём ва шӯриш ва инқилоб мекунад? Инҳост, ки барои башар дарс аст, дарси бузург.

مَنْ عَرَفَ نَفْسَهُ فَقَدْ عَرَفَ رَبَّهُ

Агар инсон худро бишносад, Худои худашро шинохтааст.

Ин гароишҳои шадид аз куҷо пайдо мешавад? Реша ва манбаъш куҷост? Дар боби гароишҳои ахлоқӣ — ки яке аз онҳо тавба буд — гароишҳои дигаре ҳаст, ки бо манфиати як фард аслан созгор нест ва фақат исмаш хидмат ба ҷомеа ва башарият аст, мисли худро фонӣ кардан барои боқӣ мондани ҷомеа, худро маҳрум кардан барои рифоҳи ҷомеа, худро дар ранҷ андохтан барои ба осоиш расидани ҷомеа, ки инҳо бо ҳеч ҳисоби моддӣ ҷур дарнамеояд.

Оё руҳи иҷтимоъ аст, ки гароишҳои ахлоқиро илҳом мекунад?

Ҳол, вақте мехоҳанд ин гароишҳоро тавҷеҳ кунанд, чӣ мегӯянд? Баъзе гуфтаанд, руҳи иҷтимоъ аст, ки ваҳй мекунад, руҳи иҷтимоъ илҳом мекунад ба инсон, ки чунин корро бикун.

“Руҳи иҷтимоъ илҳом мекунад” маъноаш ин аст, ки руҳи иҷтимоъ мефиребад ва ҷуз фиреб маънии дигаре надорад. Айни он ҳарфе, ки он шахс дар бораи занбӯри асал гуфт, ки руҳи кандуст, ки ба занбӯри асал ваҳй мефиристад ва ӯ ин корҳои шигифтро анҷом медиҳад. Ин оқо, ки дар гароишҳои маънавӣ пояш ланг аст, мегӯяд, руҳи ҷомеа аст, ки дорад ваҳй мефиристад.

Ҷомеа чист? Ҷомеа яъне маҷмӯъи афрод бо як таркиби махсус. Ҷомеа, ки вуҷуди мустақил аз афрод надорад, магар як вуҷуди эътиборӣ ва вуҷуди эътиборӣ, ки руҳ надорад. Гирам руҳ дошта бошад, руҳи ҷомеа аз куҷо инро гирифт ва илҳом кард? Чӣ касе ба худи руҳи ҷомеа илҳом кард?

Ва тоза илоҳиюн, ки мегӯянд, Худои Мутаъол аст, ки ба башар илҳом мекунад, мегӯянд, Худои одиле, ки ҳеч амалеро беподош намегузорад:

لِلَّذِينَ أَحْسَنُوا الْحُسْنَى وَزِيَادَةٌ

(“*Мардуми некӯкор ба некӯтарин подоши амали худ ва зиёдати лутфи Худо ноил шаванд.” (Юнус/26)*) Маҳол аст чунин чизе, ки Худо ба башар бигӯяд: эй башар! Ту саодати худатро, ҳастии худатро фидо кун барои ҳечу пуч; балки пушти сараш подош аст. Аз назари он ҳақиқате, ки ваҳй мефиристад яъне Худо, ин амал як амали ҳакимона аст ва беподош нест. Вале вақте бигӯем, моварое вуҷуд надорад, руҳи ҷомеа аст, ки ба башари бадбахт илҳом мекунад, ки худатро ба оташ биандоз, то дигарон наҷот пайдо кунанд ва баъд ҳам, ки худро ба оташ андохтӣ, рафтӣ, ки рафтӣ… Ин яъне руҳи ҷомеа дорад мефиребад.

Маншаи ибрози назариёти материалистӣ

Ҳамон тавр, ки арз кардам, тарс аз ин ки мабодо материализм аз байн биравад ва Худо ва мазҳаб биёяд, мӯҷиби изҳори ин назариёт шудааст. Баъзеашон мегӯянд: агар Худо ва мазҳаб биёяд, пас озодии амале, ки ман мехоҳам дошта бошам, чӣ мешавад? Як идда мегӯянд: мабодо давраи қуруни вусто баргардад; агар нагӯем “материализм”, маъноаш ин аст, ки қабул кардаем, ки қуруни вусто баргардад. Ҳоло ин сухан боз барои фарангиҳо хеле аҷиб нест, барои мардуми мо аҷиб аст. Аҷиб ин аст, ки мардуми мо ҳам гоҳе сӯҳбат аз қуруни вусто мекунанд. Дар Эрон сӯҳбат аз қуруни вусто мекунад! Қуруни вусто моли Урупост. Барои Урупо қуруни вусто яъне давраи инҳитот. Он даврае, ки барои ӯ қуруни вустост, барои ту давраи тамаддун ва фарҳанг аст ва ифтихори туст. Ҳазор сол пеш яъне давраи Абӯрайҳони Берунӣ, Абӯалӣ Ибни Сино, Форобӣ, Ибни Рушд, Ибни Ҳайсам ва ғайра яке аз мушаъшаътарин давраҳои тамаддун ва фарҳанги башарӣ аст, ки моли туст. Ту чаро таърихи ӯро ба худат мебандӣ?! Мегӯяд: мо мехоҳем қуруни вусто барнагардад! Барои ту агар қуруни вусто баргардад, ниҳояти ифтихор аст. Имрӯз ҳам агар дар дунё АБӯалӣ Синои вуҷуд дошта бошад, муҷассамаашро мерезанд, агар Абӯрайҳони Берунӣ вуҷуд дошта бошад, пояшро мебӯсанд. Онҳо мегӯянд, қуруни вусто, мо ҳам мегӯем, бале, қуруни вусто. Онҳо мегӯянд, қуруни вусто барнагардад, мо ҳам мегӯем, қуруни вусто барнагардад. Онҳо қуруни вусто доранд, вале мо асосан қуруни вусто надорем. Албатта мо давраи инҳитот дорем, вале давраи инҳитоти мо муқорин бо қуруни вустои онҳо нест. Барои мо қуруни вустои онҳо қуруни ҷадиди худамон аст, яъне ин панҷ-шаш қарни ахир, на он даврае, ки онҳо қуруни вусто мегӯянд. Давраи қуруни вустои онҳо давраи тамаддун ва фарҳанги мост, давраи ифтихори мост.

Аз ҷумла масоил, ки (аз тарси бозгашти Худо ва мазҳаб) аз он фирор мекунанд, масъалаи “худ” аст, ки чун вақт гузаштааст дар чанд калима хулоса ва мухтасар мекунам. Ин масъала ҳам имрӯз равшан шудааст. Он баёне, ки дар бораи “худ” арз кардем, дар Қуръон аст, каломи яке аз уламои исломӣ нест, ки бигӯем шояд имрӯз аз дигарон ёд гирифтааст. Дар Қуръон аст аз 1400 сол пеш; имрӯз тоза ба ин масъала пай бурдаанд. Агар бино бишавад бигӯем касе аз касе гирифта, бояд бигӯем инҳо аз Қуръон гирифтаанд. Қуръони 1400 сол пеш, ки наметавонад аз инҳо гирифта бошад. Он масъала ин аст, ки инсон худро гум мекунад, худро фаромӯш мекунад ва ғайри худро худ мепиндорад; ва ахлоқ, бозгашти инсон ба бозёфтани “худ”-и асил ва “худ”-и воқеии хеш аст. Роҷеъ ба ин ки “худ”-и воқеии инсон чист, қаблан миқдоре арз кардам.

Сухани Сартр дар бораи “худ”-и воқеӣ

Баъзе иддао кардаанд, ки “худ”-и воқеии инсон, худ надоштан ва озодӣ аст. Инсон дар ин ҷаҳон озод аст, балки айни озодӣ аст. На инсон як мавҷуди озод аст, балки мавҷуде аст, ки айни озодӣ аст. Ва аҷиб ин аст, ки ба ҷойи ин ки аз ҳуррият ва озодии инсон нардбоне бисозанд барои ин ки Худое дар олам ҳаст[29], оқои Сартр мегӯяд: ман ба далели ин ки инсон озод аст, мегӯям, пас Худое набояд вуҷуд дошта бошад, чун агар Худое вуҷуд дошта бошад, инсон дигар наметавонад озод бошад. Чӣ тавр? Як ҳарфе мезанад, ки аслан инсон тааҷҷуб мекунад, ки воқеан инҳо ин қадр бехабар ва ноогоҳанд?! Мегӯяд: агар Худое бошад, маънояш ин аст, ки Худо як зеҳне дорад ва қаблан табиат манро дар зеҳни худаш тасаввур карда ва агар ман дар зеҳни Худо тасаввур шуда бошам, наметавонам озод бошам, балки бояд маҷбур бошам, ҳамон ҷур бошам, ки дар зеҳни Худо будаам. Оё “зеҳн” барои Худо аслан маънӣ дорад?! Ӯ Худо нест, ӯ як мавҷуде аст мисли туи Сартр, ки исмашро Худо гузоштаӣ.

Робитаи озодии инсон ва вуҷуди Худо

Масъалаи “қазо ва қадар” масъалае аст, ки беш аз ҳазор сол аст, ки ҳал шуда, ки бо озодии башар кучактарин мунофоте надорад, балки танҳо бо фарзи Худо ва қазо ва қадар аст, ки метавон дам аз озодии инсон зад. Инсон ба далели ин, ки нафхае аст илоҳӣ,

---

[29] *Агар фақат табиат ва модда буд, озодӣ барои инсон маънӣ надошт ва ҷуз ҷабри модда ва табиат чизи дигаре наметавонист дар олам бошад. Худи озодӣ ва ихтиёри инсон яке аз мисдоқҳои*

مَنْ عَرَفَ نَفْسَهُ فَقَدْ عَرَفَ رَبَّهُ

— аст.

метавонад аз ҷабри табиат озод бошад, вагарна агар инсон ҳамин андом аст ва иродаи инсон қаҳран зоидаи ҳамин ҳаракоти атомҳо ва ғайра аст, инсон ҷуз “маҷбур” чизи дигаре наметавонад бошад.

Сартр мегӯяд: инсон як иродаи озод аст. Мепурсем: худи ирода аз куҷо пайдо шуда? Агар фикр ва иродаи инсон хоссиятҳои ҷабри табиат ва модда бошад, дигар озодӣ яъне чӣ?! Бигузор ин ҳарфро касе бигӯяд, ки барои инсон қудрати мофавқи табиат қоил аст, яъне инсонро маққури табиат намедонад, қоҳир бар табиат медонад ва табиатро асл ва руҳро фаръ намедонад. Балки сӯҳбати аслу фаръ нест, дар инсон ду нерӯ қоил аст (табиат ва моварои табиат) ва инсон ба ҳукми он ки шӯъла ва файзе аст моварои табиӣ, метавонад бар табиати худаш мусаллат бошад ва тасмимаш айни ҳаракоти атомҳо набошад, чизи дигаре бошад; метавонад табиатро тағйир бидиҳад ва бар табиат ғалаба кунад.

“Инсон ҳеч худе надорад ғайр аз озодӣ” яъне чӣ?! Албатта ин ки инсон ҳеч сиришт ва табиате надорад, як миқдор ҳарфи дурусте аст ва имшаб қасд доштам ин матлабро бо фалсафаи исломӣ баён кунам. Матлаберо, ки ӯ (Сартр) таҳти унвони асолати вуҷуд гуфтааст, уламои ислом ба номи асолати вуҷуд намешиносанд, вале ба номи дигаре бахше аз ҳарфҳое ӯро гуфтаанд, ки инсон худаш вуҷуди худро месозад ва интихоб мекунад. Яъне инсон монанди ашёи табиӣ нест. Он чи дар табиат аст ҳамон чизе аст, ки халқ шудааст, ҷуз инсон, ки ҳамон чизе аст, ки бихоҳад бошад. Вале ин маъноях он нест, ки инсон фоқиди сиришт ва фитрат ва табиат аст, балки ба ин маънӣ аст, ки сиришти инсон чунин сириште аст, на ин ки инсон сиришт ва худе надорад. “Худ”-и инсон худе аст, ки чунин иқтизое дорад, на ин ки инсон чун “худ” надорад, чунин аст.

Чун ин баҳсро дишаб ваъда додам, барои ин ки имшаб ба сукути мутлақ баргузор накунам, фақат ду қисматро хеле мухтасар сӯҳбат мекунам.

Инсон он чизе аст, ки бихоҳад бошад

Уламои мо дар боби ин ки инсон он чизе аст, ки меандешад ё инсон он чизе аст, ки бихоҳад бошад, хеле беҳтар аз оқои Сартр баҳс кардаанд. Дар миёни фалосифаи исломӣ, Садрулмутааллиҳин беҳтар аз ҳама баҳс карда. Ва ин матлаб решаи қуръонӣ дорад, ки ҳар мавҷуде худаш худаш аст ҷуз инсон, ки дар қиёмат ба суратҳои мухталиф маҳшур мешавад:

يَوْمَ يُنْفَخُ فِي الصُّورِ فَتَأْتُونَ أَفْوَاجًا

(*Набаъ/18*) ва фақат гурӯҳе аз мардум инсон маҳшур мешаванд, гурӯҳҳои дигари мардум ба суратҳои мухталиф аз ҳайвонот маҳшур мешаванд. Инсон маҷбур нест, ки инсон

бошад, балки метавонад худашро инсон бисозад ва метавонад худашро табдил ба як гург ё саг ё хук ва ё хирс кунад; то чӣ малакотеро барои худаш касб карда бошад. Роҷеъ ба ин ки инсон ҳамон аст, ки биандешад, Мулло (Мавлавӣ) хеле хуб мегӯяд:

Эй бародар, ту ҳамон андешаӣ,

Мобақӣ ту устухону решаӣ.

Гар гул аст андешаи ту, гулшанӣ

В-ар бувад хоре, ту ҳимай гулханӣ.

Агар аз Мулло (Мавлавӣ) бипурсем: инсон чист? Мегӯяд: он чизе аст, ки меандешад. Агар бипурсӣ: ман чистам? Мегӯяд: ту бигӯ дар бораи чӣ меандешӣ, то бигӯям чистӣ. Агар дар бораи ҳақиқат меандешӣ, ту ҳақиқатӣ, дар бораи Худо меандешӣ, ту мисоли Худо ҳастӣ, дар бораи Алӣ меандешӣ, Алӣ ҳастӣ, дар бораи он коре меандешӣ, ки кори як саг аст, ту саг ҳастӣ. Бигӯ, чӣ меандешӣ, то бигӯям чистӣ.

Дар бораи ин ки инсон ҳар чиро бихоҳад ва ҳар чиро дӯст дошта бошад, ҳамон аст, дар ахбори мо зиёд таъкид шудааст. Гуфтаанд:

مَنْ أَحَبَّ حَجَرا حَشَرَهُ اللهُ مَعَهُ

Агар инсон сангеро дӯст дошта бошад, бо санг маҳшур мешавад, чун худаш санг мешавад. Ҳар чиро инсон дӯст дошта бошад, ҳамон мешавад.

Шахсе, ки аҳли Хуросон буд, аз роҳи дур бо ранҷи фаровон омад хидмати Имом Боқир алайҳис салом (ишқ ба аҳли байт ӯро кашонда буд) дар ҳоле, ки чун пойи пиёда омада буд, кафшҳояш аз байн рафта ва пояш тарак хӯрда ва пошнаи он шикофи зиёде бардошта буд.

Омад хидмати Имом бо як ишқу валаъе. Худоро шукр кард, ки билохира ба мақсуди худаш расид. Баъд пояшро нишон дод бо он шикофҳо, ки хун омада буд ва арз кард: ё ибна Расулиллоҳ! Накашид маро ба инҷо ҷуз муҳаббати шумо аҳли байт, ки аз Хуросон то инҷо пиёда омадаам. Имом ин ҷумларо фармуд: ҳар кас ҳар чиро дӯст дошта бошад, бо ҳамӯст ва ҳақиқаташ ҳамон мешавад ва бо ҳамон маҳшур мешавад. Шоир (Мавлавӣ) мегӯяд:

То дар талаби гавҳари конӣ, конӣ,

То дар ҳаваси луқмаи нонӣ, нонӣ.

Ту агар дар ҷустуҷӯи як гавҳар, як маъдани заминӣ ва як ҷамод ҳастӣ, ҷамодӣ ва агар нон мехоҳӣ ва ба дунболи нонӣ, нонӣ.

Ин нуктаи рамз агар бидонӣ, донӣ,

Ҳар чиз, ки дар ҷустани онӣ, онӣ.

Ҳар чиро ҷустуҷӯ мекунӣ, ту ҳамон ҳастӣ. Пас агар аз ин шоир бипурсем: ман чистам? Мегӯяд: бигӯ ту чиро ҷустуҷӯ мекунӣ, то ман бигӯям чистӣ.

Ҳамон тавр, ки ваъда додам, фардо шаб иншоаллоҳ дар бораи “халаъи маънавӣ ва ахлоқӣ дар ҷаҳони муосир”, ки натиҷаи ин гароишҳои материалистӣ аст, ароизе ба арзи шумо мерасонам.

* * *

Аҳли байтро вориди маҷлиси писари Зиёд карданд. Навиштаанд, Зайнаб андоме рашид дошт ва баланд буд. Дар ҳоле вориди маҷлиси писари Зиёд шуд, ки занон даврашро гирифта ва монанди нигин ӯро иҳота карда буданд. Ибни Зиёд медонист, ин зани муҷаллала, ки дигарон даври ӯро гирифтаанд кист. Интизор дошт Зайнаб, ки ворид мешавад, ба ӯ салом кунад. Вале Зайнаб салом накард. Зайнаб хост собит кунад ва собит кард (баъдҳо бештар собит кард), ки писари Зиёд! Ту хаёл накун, ки агар бадани моро қитъа-қитъа кардӣ ё асир кардӣ ва ба занҷир кашидӣ, руҳи моро ҳам метавонӣ асир кунӣ. Руҳи мо руҳи солими башарӣ аст, руҳе аст, ки худашро набохтааст, нафхаи илоҳӣ аст. Руҳи мо тасхиршуданӣ нест, руҳи мо миронданӣ нест, руҳи мо занҷиркашиданӣ нест. Салом накард. Ӯ барошуфт, гуфт:

مَنْ هذِهِ الْمُتَكَبِّرَةُ

Ин зани мутакаббир кист? Касе ҷавоб надод. Ду се бор инро такрор кард. Охир касе ҷавоб дод:

هذِهِ زَيْنَبُ بِنْتُ عَلِيِّ بْنِ أَبي طالِبٍ

Дар онҷо Зайнаб чунон писари Зиёдро маҳкум кард, ки забонаш банд омад ва ҳамон тасмими ҷаллодмаобонаро гирифт, роҳи дигаре надошт. Гуфт: инҳо ҳанӯз забон доранд! Гарданашонро бизанед!

Дар маҷлиси Язид ҳам, ки Зайнаб ворид мешавад, ҳамин шукӯҳро меофаринад. Яъне ин чиҳил манзили асорат боз ҳам Зайнабро хурд намекунад, руҳи Зайнабро намешиканад, балки дар онҷо бештар таҷаллӣ мекунад. Хитобае, ки ҳазрати Зайнаб дар маҷлиси Язид хондааст, бовар кунед, ки аз хитобаҳои беназири дунёст. Фақат як ҷумлаашро мегӯям. Фармуд:

كِدْ كَيْدَكَ وَاسْعَ سَعْيَكَ إِنَّكَ لا تُميتُ وَحْيَنا

Писари Муовия!

كِدْ كَيْدَكَ وَاسْعَ سَعْيَكَ إِنَّكَ لا تُميتُ وَحْيَنا

Ҳар найранге метавонӣ, бизан, ҳар коре аз дастат меояд, кӯтоҳӣ накун, вале ман ба ту итминон медиҳам, ки ин нур хомӯш шуданӣ нест. Он ки мемирад дар ин ҷаҳон ту ҳастӣ ва дастгоҳи ту ва он чи мемонад, бародари ман аст. Он ки илҳомбахши ҳамаи муттақиёни олам хоҳад буд, бародари ман аст, он ки ҷаҳонро шефтаи худаш хоҳад кард, бародари ман аст.

Ин итминон, итминон ба фитрати башар аст. Худо башарро ҳақиқатхоҳ офаридааст. Язид бо ин ки аз фусаҳо ва булғо ва суханварони араб аст, дар муқобили мантиқи Зайнаб сахт дармонда шуд ва чун суфарои кишварҳои ғайри исломӣ ва сардорони сипоҳ ва бузургон дар онҷо ҳузур доштанд, хеле шарманда шуд. Мехост, Зайнаб сукут кунад, Зайнаб ҳам сукут намекард. Охир даст ба як тадбири ҷинояткорона зад, бо худ гуфт: бояд авотифи ин занро мунқалиб кунам, магар аз ноҳияи авотифи худаш забонашро бибандам.

Ман дигар исм намебарам, ки чӣ ҷиноятe кард, вале ҳамин қадр мегӯям, яке аз ҳошиянишинон ончунон мунқалиб шуд, ки фарёд кард:

Язид! Ин чӯбҳоро бардор, ба Худо қасам, ба чашми худ дидам пайғамбар ин лабҳоро мебӯсид.

ولا حول ولا قوّة الاّ بالله العليّ العظيم وصلّى الله على محمّد وآله الطّاهرين، باسمك العظيم الأعظم الأعزّ الأجلّ الأكرم يا الله

Худоё! Дилҳои моро ба нури имон мунаввар бигардон!

Қалбҳо ва руҳҳои моро ба макорими ахлоқи исломӣ музайян бифармо!

Руҳҳои моро аз зиштиҳо ва палидиҳо пок бигардон!

Анвори муҳаббат ва маърифати худат ва авлиёи худатро бар дилҳои мо битобон!

Амвоти мо машмули иноят ва раҳмати худ бифармо!

وعجّل في فرج مولانا صاحب الزمان

Бӯҳронҳои маънавӣ ва ахлоқӣ дар асри ҳозир

فَأَمَّا الزَّبَدُ فَيَذْهَبُ جُفَاءً وَأَمَّا مَا يَنْفَعُ النَّاسَ فَيَمْكُثُ فِي الْأَرْضِ

(*Раъд/17*)

Ваъда додам, ки имшаб дар бораи бӯҳронҳои маънавӣ ва ахлоқӣ дар асри ҳозир ароизе арз бикунам.

Арзиши назарӣ ва арзиши амалии як назария

Ибтидо муқаддимаи кӯтоҳе арз мекунам. Ва он ин аст, ки арзиши ҳар ақидае ду гуна аст: яке, арзиши назарӣ ва дигар, арзиши амалӣ. Арзиши назарии як ақида яъне мизони интибоқи он ақида бо ҳақиқат ва воқеият. Арзиши назарии як назарияи фалсафӣ ё иҷтимоӣ ё ҷаҳонӣ ва ғайра, яъне оё ин назария бо воқеият интибоқ дорад ё надорад?

Роҳи ин ки як назария бо воқеият интибоқ дорад ё надорад, дар маворидe таҷриба ва озмоиш ва мушоҳада аст ва дар маворидe истидлолҳои ақлонӣ. Масалан, Батламюс гуфта буд, ки замин маркази олам аст ва афлок бар якдигар муҳитанд ва гирди замин мечарханд. Баъд, донишмандон омаданд ин назарияро иваз карданд…

Арзиши амалӣ маъноаш ин аст, ки ҳоло кор надорем кадом як аз инҳо мутобиқ бо ҳақиқат ва воқеият аст, дар амал, кадом як аз инҳо барои башар муфидтар аст? Оё он ақида барои башар нофеътар ва муфидтар аст ё ин ақида ва ё аз ин ҷиҳат фарқе надоранд? Аз он ҷумла, эътиқодоти динӣ аст. Аввалин асли динӣ, вуҷуди Худованд ва яктоии ӯст. Ин, ду арзиш дорад: яке, “арзиши назарӣ” яъне ин ки воқеан ва ҳақиқатан ҳам матлаб аз ҳамин қарор аст? Яъне далел, бурҳон ва истидлол ҳам ҳамин матлабро таъйид мекунад ва ҳақиқат ҳамин аст? Ва дигар “арзиши амалӣ”, яъне ин ақида чӣ осоре дар зиндагии башар мегузорад? Оё чунин ақидае ба суди башар аст ё хайр?

Ба таври куллӣ, дар бораи дин аз ду назар бояд баҳс бишавад ва баҳс мешавад, аз ду роҳ сухан ҳаст: яке, арзиши назарии дин, яъне ҳамон ҳақиқат будан ва воқеӣ будани он. Илми калом ӯҳдадори ин матлаб аст. Илми калом — хусусан каломи қадим — ба арзиши амалӣ коре надорад, фақат дунболи арзиши назарӣ аст; дунболи роҳҳо ва истидлолҳое аст масалан бар ягонагии Худо, нубувват, адл, имомат ва маъод; далелҳое зикр мекунад бар ин ки инҳо ҳақиқат аст. Вале арзиши амалӣ ин аст, ки ҳоло аъамм аз ин ки мо ҳақиқат будanро ба даст овардаем ё ба даст наёвардаем, биравем дунболи ин ҷиҳат, ки ин фикр ва ақида, ин имон, ба инсон чӣ медиҳад, яъне дар зиндагии инсон чӣ асаре мегузорад?

Матлаби (муқаддимаи) дуввум ин аст, ки оё боқӣ мондани як фикр ва ақида, тобеъи арзиши назарии он аст ё арзиши амалӣ ва ё ҳар ду? Агар як ақида бихоҳад дар миёни

башар боқӣ бимонад, оё тобеъи ин аст, ки ҳар ду арзишро дошта бошад ё яке аз ин ду арзишро ҳам дошта бошад кофӣ аст барои боқӣ мондан ва ё ҳеч кадомро ҳам надошта бошад, метавонад боқӣ бимонад ва боқӣ мондан доир мадори ҳеч кадом аз арзиши назарӣ ва арзиши амалӣ нест, яъне мумкин аст як фикре, як ақидае ҳақиқат набошад, ба суди башар набошад, бо вуҷуди ин, барои ҳамеша ҳам боқӣ бимонад. Ҷавоби ин суолро баъд медиҳам.

Ҳақиқат будан мусовӣ бо муфид будан аст

Дигар ин ки оё мешавад миёни инҳо тафкик кард? Яъне оё мешавад як ақида ва имоне ҳақиқат бошад, вале ба зиёни башар бошад ва ақида ва имони дигаре пуч бошад, вале ба суди башар? На. (Хеле ба иҷмол мегӯям, то ба баҳсҳои худам бирасам.) Назари Қуръон ин аст, ки ҳақиқат будан ё арзиши назарӣ бо хайр будан яъне арзиши амалӣ мусовӣ аст. Ҳар чи ҳақиқат бошад, ҳар ақида ва имоне, ки бар ҳақиқат устувор бошад, ба зиёни башар нест. Чунин нест, ки як ақида ва имон, дуруст аст, ҳақиқат аст, воқеият ҳам он тавр аст, вале беҳтар ин аст, ки инсон ба он эътиқод надошта бошад, балки ба хилофаш, ки пуч аст, эътиқод дошта бошад ва хайри башар дар хилофи ӯст. Акси қазия: як ақидае, як имоне бепоя ва пуч аст, вале дар айни ин ки пуч аст, барои башар хуб аст ва агар ба он эътиқод дошта бошад, ин эътиқод ба суди ӯст. На, ин тавр нест. Мумкин аст як сухани пуче, як ҳарфи ботиле, дар як муддати муваққат ба суди бархе афрод — на ҳамаи башар — бошад, аммо ин ҳамон аст, ки Қуръон исмашро “ботил” мегузорад ва мегӯяд, ба суди инсон нест, давом ҳам пайдо намекунад. Вақте, ки фаҳмидем, ҳақ (яъне ҳақиқат ва воқеӣ будан) бо хайр (яъне муфид будан) мусовӣ аст, ҷавоби суоли дуввум ҳам равшан мешавад ва касе наметавонад бигӯяд, агар чизе воқеӣ буд, вале зиёнманд чӣ тавр? Ё агар чизе судманд буд ва ғайри воқеӣ чӣ тавр? На, мо ду шиққе бештар надорем: ё як ақида ва имон ҳақиқат аст ва хайр ҳам ҳаст, ё пуч аст ва барои башарият зиёнманд.

Пас, суол ба ин сурат бояд тарҳ бишавад: оё пуч ва зиёнманд, бо ҳақиқат ва хайр аз назари шонси боқӣ мондан, яксонанд ё дар ҷаҳон ҳамон тавр, ки дар як андом агар ба иллатҳое узви зоиде пайдо бишавад, дастгоҳи муназзами хилқат тадричан онро ҳазф мекунад, дар ақоид ва имон ҳам мумкин аст ҳазорҳо ақидаи пучу ботил дар миёни башар пайдо бишавад ва як муддати муваққат ҳам боқӣ бошад, вале дастгоҳи хилқат тадричан онҳоро ҳазф мекунад ва аз байн мебарад? Ин ҳамон ҷанги ҳаққу ботил аст, ки Қуръон мегӯяд, ботил як ҷавалоне дорад, вале баъд аз муддати муваққате аз байн меравад ва ҳақ яъне ҳақиқат ба далели ин ки мусовӣ бо судмандӣ ва хайр аст, барои ҳамеша боқӣ аст. Ояте, ки хондам, муфодаш ҳамин аст.

فَأَمَّا الزَّبَدُ فَيَذْهَبُ جُفَاءً وَأَمَّا مَا يَنْفَعُ النَّاسَ فَيَمْكُثُ فِي الْأَرْضِ

Ин оят аз мӯъҷизоти байини Қуръон аст, яъне аз назари муҳтаво онҷунон дар авҷи олӣ аст, ки имкон надорад як башар, он ҳам дарснахонда, бо фикри худаш битавонад ин гуна сухан бигӯяд. Мисол барои ҳаққу ботил зикр мекунад. Аз оби борон мисол меоварад, ки ба кӯҳҳо ва дараҳо мерезад ва баъд сел ташкил мешавад. Ҷараёни сел каф ба вуҷуд меоварад. Баъд каф рӯйи селро мепӯшонад ва як одами зоҳирбин обро, ки ҳақиқат аст, мағлуби каф, ки пӯку пучу ботил аст мепиндорад. Вале Қуръон мегӯяд: на, каф меравад ва об мемонад. Масали об масали ҳақ аст ва масали каф масали ботил. Ҳақ ба ин далел боқӣ мемонад, ки нофеъ аст. Яъне Қуръон дар инҷо ҳақро мусовӣ бо нофеъ дониста ва тафкик накарда. Ин матлабе буд, ки хостам муқаддамтан дар масъалаи “бӯҳронҳои маънавии асри ҳозир” арз бикунам ва баҳс дар бораи он эҳтиёҷ ба вақти бештаре дорад.

Бӯҳрони маънавӣ, бузургтарин бӯҳрони асри ҳозир

Вале акнун ба таври фишурда арз мекунам: имрӯз борикбинони ҷаҳон ба ин нукта таваҷҷӯҳ доранд, ки бузургтарин бӯҳроне, ки алъон бар ҷомеаи башарият — хусусан бар ҷомеаҳои ба истилоҳ пешрафта ва санъатӣ — ҳукумат мекунад, бӯҳрони маънавӣ аст, на масалан бӯҳрони сиёсӣ ё бӯҳрони иқтисодӣ. Албатта, дар ҷаҳон конунҳои бӯҳрони сиёсӣ вуҷуд дорад, мисли ҷараёни аъробу Исроил ё марзҳои Чину Шӯравӣ ва амсоли инҳо, ки зиёд аст. Бӯҳронҳои иқтисодӣ низ вуҷуд дорад, мисли масъалаи таварруми ҷаҳонӣ. Ин бӯҳронҳо акнун масоили ҳалношуданӣ талаққӣ намешавад. Ҳатто хатари ҷанги ҷаҳонӣ то даҳ сол пеш бештар аз ҳоло буд. Бӯҳронҳои ҳалношуданӣ, ки ҳанӯз роҳи ҳалле барояш пайдо нашудааст, бӯҳронҳои маънавӣ аст, яъне на марбут ба иқтисод аст, на марбут ба сиёсат ва на марбут ба масалан санъат, (балки) марбут ба ҷанбаҳои маънавии башар аст. Ҳол, инҳоро як-як барои шумо арз мекунам. Баъзе аз бӯҳронҳое, ки имрӯз ҳукумат мекунад, худи бӯҳрон моҳияти маънавӣ надорад, вале решааш амри маънавӣ аст.

Афзоиши худкушиҳо

Яке аз масоили муҳимми ҷаҳони имрӯз, афзоиши рӯзафзуни худкушиҳост. Таҳқиқот чӣ нишон медиҳад? Решаи худкушиҳо дар куҷост? Оё масалан дар фақрҳост? (Албатта худи фақрҳои имрӯз ҳам решаи маънавӣ дорад, на решаи иқтисодӣ). Худкушиҳо дар куҷо рушд мекунад? Дар хонаводаҳои фақир ва маҳрум? Агар ин тавр мебуд, масъала шакли дигаре дошт. Ё на, дар ҷоҳое рушд мекунад, ки аз ҷанбаҳои моддӣ халаъе вуҷуд надорад ё камтар вуҷуд дорад? Аз ҷанбаҳои маънавӣ аст, яъне эҳсоси беҳудагӣ дар зиндагӣ ва ба қавли худашон, раҳоӣ дар пучӣ ва ин ки ман барои чӣ зинда ҳастам? Барои чӣ ба ин дунё омадаам? Фоидаи ин зиндагӣ чист? Як навъ ҳолати зудранҷӣ ва адами қудрати

муқовамат дар муқобили мушкилоти зиндагӣ. Яъне як мушкилоти бисёр соддае, ки дар дунёи қадим аслан мушкил шумурда намешуд ва хоби як соати касеро ҳам намегирифт, барои башари имрӯз мунтаҳӣ мешавад ба онҷо, ки (мегӯяд) дигар роҳе барои зиндагӣ нест, бояд худамонро аз зиндагӣ халос кунем. Дар ин замина оморҳо ҳаст.

Ман худам аз ҳамин рӯзномаҳои худамон, ки аҳёнан оморҳоро мунъакис мекунанд, буридаам ва баъзе аз инҳоро дар бархе аз китобҳо мисли “Масъалаи ҳиҷоб” нақл кардаам. Ин оморҳо нишон медиҳад, ки дар кишварҳое, ки аз назари санъат бештар пеш рафтаанд ва дар рифоҳи моддии бештаре ҳастанд, худкушӣ бештар аст. Таҳлилҳо мерасонад, ки ҷуз халаъи маънавӣ ва адами ишбоъ шудани руҳӣ, масъалаи дигаре нест.

Холӣ мондани соатҳои фароғат

Масъалае, ки имрӯз зиёд матраҳ аст, масъалаи холӣ мондани соатҳои фароғат аст. Дар кишварҳои хеле пешрафта, дар асари пешрафти техника ва мошин, соатҳои кори коргар тақлил пайдо карда ва қаҳран музд ҳам нисбатан боло рафтааст. Албатта аз ин ҷиҳат бисёр ҷойи хушвақтӣ аст, ки музди коргар боло биравад ва соатҳои кораш, соатҳои ҷон канданаш камтар бишавад. Вале дар муқобил, барояш соатҳои фароғат ба вуҷуд омада. Ин соатҳоро бо чӣ пур кунад? Ин як мушкилае аст дар дунёи имрӯз, ки соатҳои фароғатро ба чӣ васила мешавад пур кард? Васоиле, ки ба вуҷуд овардаанд, ҷуз васоили худфаромӯшӣ чизи дигаре нест, ки то башар ба худаш меояд, боз эҳсоси пучӣ мекунад, мисли синамоҳо, театрҳо, васоили шаҳватронӣ ва амсоли инҳо.

Издиёди бемориҳои асабӣ ва ихтилолоти равонӣ

Масъалаи издиёди рӯзафзуни бемориҳои равонӣ ва ихтилолоти асабӣ; бемориҳое, ки ҳатто исмашро “бемориҳои тамаддун” гузоштаанд, омор дар бораи он чӣ нишон медиҳад? Оё бемори равонӣ дар гузашта бештар будааст ё ҳоло? Мумкин аст бигӯед, мо дар гузашта омор надоштаем. Вале кишварҳои пешрафта, аз ҳудуди 200 сол пеш оморҳое доранд. Оморҳо дар он ҷо бахусус нишон медиҳад, ки ҳар чи пешрафт ва рифоҳи моддии башар бештар мешавад, бар бемориҳои асабӣ ва ихтилолоти равонӣ афзуда мегардад. Бемориҳои асабӣ аъамм аст. Баъзе аз бемориҳои асабӣ ба ихтилоли равонӣ мунҷар намешавад, фақат ба бемории ҷисмӣ мунҷар мешавад мисли ағлаби захми рӯдаҳо, захми меъдаҳо, ки мегӯянд, бештар дар асари нороҳатиҳои асабӣ ба вуҷуд меояд ва инҳоро “бемориҳои тамаддун” номидаанд.

Иштибоҳ накунед, намехоҳам аз инҷо натиҷа бигирам, пас бояд рифоҳро кам кард. На, рифоҳ кам бишавад ё боло биравад, асаре надорад, маншаъаш набудии чизи дигар аст. Як вақт касе аз сухани ман ин гуна натиҷагирӣ накунад, ки ман мехоҳам бигӯям, чун

мардум дар рифоҳ будаанд, бемории равонӣ пайдо кардаанд, пас агар мардум дар фақр бираванд, беҳтар мешавад. На. Мехоҳам бигӯям, бо ин ки мардум дар рифоҳ ҳастанд ва намебоист ин бемориҳо ва нороҳатиҳои асабӣ пайдо бишавад, боз ҳам ҳаст ва бештар аз гузашта аст, дар сурате, ки дар гузашта мардум бештар дучори маҳрумиятҳои иқтисодӣ буданд.

Исёни ҷавонон, ҳиппигарӣ

Масъалаи дигар, масъалаи туғён ва исёни ҷавонон аст. Ҳанӯз ҳам хушбахтона дар миёни мо кам пайдо шуда (на ин ки пайдо нашуда), он миқдоре ҳам, ки пайдо шуда тақлиди маймунвор аз дигарон аст. Воқеан ҷавонони мо туғён надоранд, вале вақте мешунаванд онҳо чунин кардаанд, мегӯянд, мо ҳам чунин мекунем. *Ҳиппигарӣ*, пушт кардан ба тамаддуни имрӯз аст. Дар ҳоле, ки ҳамаи васоил ва имконот барояш фароҳам аст, ба ҳама чизи зиндагӣ пушт карда ҳатто ба назофат. Ба ҳамаи суннатҳо ва ба ҳамаи пешрафтҳо ва ҷилваҳои тамаддун пушт намудааст. Ҳозир нест як либоси оддӣ бипӯшад. Як шалвори нав ба ӯ бидиҳӣ, аввал парааш мекунад, баъд ба пояш мекунад. Як геваи кӯҳна ба по мекунад. Мераванд дар зерзаминҳо зиндагӣ мекунанд. Худашонро бо мухаддирот саргарм мекунанд.

Масъалаи ҳиппигарӣ ва таҳлилаш ва ин ки решаҳо ва роҳи илоҷаш чист, худаш як баҳсе аст, ки агар замоне маҷол бошад, ду се ҷаласа бояд рӯйи он баҳс кард ва аз масоили муҳимми дунёи имрӯз аст ва ношӣ аз як халаъи маънавӣ аст, ба ин маънӣ, ки ин насли ҳиппӣ як фикре барои худаш дорад ва як фикри асосӣ ҳам дорад ва он ин аст, ки мегӯяд, ин тамаддуни имрӯзи ғарб пуч аст. Шояд ҳам худаш натавонад дуруст ташреҳ кунад, ки пучии ин тамаддун дар куҷояш аст. Оё тақсири мошин аст ва мошин пуч аст? Чаро мошин пуч бошад?! Илм пуч аст? Илм, ки наметавонад пуч бошад. Вале ин қадр мефаҳмад, ки он чи имрӯз ба номи тамаддун вуҷуд дорад, пуч аст. Ҳиппигарӣ яъне пушт кардан ба тамаддуне, ки ин насл онро пуч ташхис додааст. Мебинед, ки ба Машриқзамин, хусусан Шарқи дур рӯ овардаанд; мегӯянд, дар Шарқи дур, дар миёни ҳиндиҳо як маънавияте, як ирфоне вуҷуд дорад. Мехоҳанд бираванд бибинанд метавонанд дар онҷо худашонро ишбоъ кунанд? Аз ин мошин ва санъат ва техник, ки чизе сохта нашуд, биравем бибинем дар онҷо чизе пайдо мешавад ё намешавад.

Камбуди авотиф

Масъалаи дигар, масъалаи камбуди авотиф аст. Одамҳо шакли аҷзои мошинро ба худ гирифтаанд. Ин як фақре аст дар башар, ваҳшатнок. Модарҳо нисбат ба фарзандҳо ончунон, ки бояд, эҳсоси муҳаббат намекунанд, ҳамчунин фарзандҳо нисбат ба модарҳо

ва падарҳо, бародарҳо нисбат ба якдигар, то чӣ расад ба ҳамсояҳо нисбат ба якдигар, ҳамшаҳриҳо нисбат ба якдигар ва то чӣ расад ба инсоне ба таври куллӣ нисбат ба инсони дигар. Ин масъала имрӯз як масъалаи бисёр муҳим аст ва достонҳо дар ин замина ҳаст.

Яке аз дӯстони фозил ва донишманди мо чанд сол пеш захми меъда дошт, ба яке аз кишварҳои урупоӣ (зоҳиран Утриш) рафт, чун писараш онҷо буд, ки ҳам писарашро дидан карда бошад ва ҳам дар онҷо амал кунад. Мегуфт: рӯзе ману писарам дар як рестурон будем ва ман тоза аз бемористон мураххас шуда будам. Нишаста будем пушти як миз ва писарам мураттаб баланд мешуд ва аз ман пазироӣ мекард; чой меовард, қаҳва меовард, даври ман мегашт. Як зану марде ҳам, ки 50-60 солашон нишон медод, он тараф нишаста буданд. Дидам, муроқиби мо ҳастанд ва нигоҳ мекунанд. Дар ин байн, писарам омад рад бишавад, дидам бо ӯ наҷво карданд, суолҳое карданд ва ӯ ҳам ҷавоб дод. Баъд писарам омад, гуфт: мепурсанд, ин кист, ки ту ин ҷур дорӣ хидмат мекунӣ? Шак надоштанд, ки ман бояд навкар бошам ва мехоҳам дар муқобили ин кори худам пул бигирам.

Гуфтанд: ту чӣ қадр пул мегирӣ, ки барои ин шахс ин ҷур хидмат мекунӣ? Гуфтам: ин падари ман аст. Гуфтанд: хуб, падарат бошад, магар одам барои падараш бояд муфт кор кунад?! Гуфтам: охир, ин падари ман аст. Ман инҷо таҳсил мекунам, пули таҳсил ва харҷи зиндагии маро ӯ аз Эрон мефиристад. Даҳонашон боз монд, гуфтанд: ин кор мекунад, мефиристад ту харҷ кунӣ?! Гуфтам: оре. Бовар намекарданд. Кам-кам ошно шуданд, гуфтанд: бале мо ҳам зану шавҳар ҳастем, духтару писаре дорем, духтарамон фалон ҷост ва писарамон фалон ҷо ва мо акнун ду нафарӣ танҳо инҷо ҳастем. Вале баъд, ки писарам таҳқиқ кард, онҳо иқрор карданд, ки мо 30 сол пеш бо ҳамдигар ба истилоҳ ошно шудем ва ишқи ҳамдигарро дар диламон эҳсос кардем, гуфтем як муддате бо ҳам муошират мекунем, агар ахлоқамон бо ҳамдигар ҷур даромад, издивоҷ мекунем. Ҳамин тавр 30 сол гузашта аст ва бачча ҳам надорем. Ин давраи номзадии мо 30 сол тӯл кашидааст ва ҳанӯз ба ҷойе нарасидааст!

Масъалаи камбуди авотиф, аҷиб масъалае аст дар дунё. Онҳо ҳам инсонанд ва ба ҳасби фитрат, мисли мо ҳастанд. Мо ҳам мумкин аст рӯзе Худой нахоста табдил ба чунин одамҳое бишавем. Ҳамин имшаб дар рӯзнома чашмам ба як титре афтод, воқеан ҳайрат кардам, ки инсон вақте инсонияти худашро аз даст медиҳад, мисли як ҷузъ аз мошин мешавад. Навишта буд, ки дар Миср як ҳавопаймо суқут кард ва 92 нафар кушта шуданд. Шахсе, ки симати ӯ дар фурудгоҳ масалан танзими трафики ҳавопаймоҳо буда на иттилоъ додан ба халабон, гуфтааст: бале, ман он вақте, ки ҳавопаймо меомад ва иртифоъаш дар ҳудуди ду ҳазор метр буд ва бояд аз се ҳазору понсад метр камтар

намебуд, чун тасодуф мекард, инро медидам ва мутаваҷҷеҳ ҳам будам, ки тӯле намекашад, ки ҳавопаймо тасодуф мекунад.

Гуфтаанд: чаро нагуфтӣ? Гуфтааст: ин вазифаи ман набуд, ман масъули ин кор набудам, маро барои кори дигар гузошта буданд, ман кори худамро анҷом додам. Бисёр хуб, ту масъули ин кор набудӣ, вале инсон, ки будӣ. Гуфта: ман медонистам, ки агар алъон иттилоъ бидиҳам — ва метавонистам иттилоъ бидиҳам — халабон худашро бо ҳамаи сарнишинҳо наҷот медиҳад, вале иттилоъ надодам. Бибинед, камбуди авотиф ба куҷоҳо мекашад ва чӣ бар сари инсон меоварад!

Бӯҳрони дигар масъалаи аз ҳам гусехтагии низоми хонаводагӣ аст, бегона шудани зану шавҳарҳо бо якдигар, издивоҷҳои зудгусал ва талоқҳои пушти сари якдигар. Ҳар як аз инҳо муфассал дар бораш мешавад баҳс кард.

Масъалаи гуруснагӣ

Арз кардам, баъзе аз инҳо гӯ ин ки маънавӣ нест, вале решае дар маънавиёт дорад, яъне решааш бӯҳрони маънавӣ аст, мисли масъалаи гуруснагӣ. Китоби “Инсони гурусна”, асари *Жозуэ Де Кастро*-ро шояд хонда бошед. Дар рӯзномаҳо ҳам гоҳе оморҳои аҷиб менависанд. Қадри мусаллам ин аст, ки имрӯз понсад миллион гурусна дар ҷаҳон вуҷуд дорад. Тоза, ин ки мегӯянд, яъне дар бархе минтақаҳо ин теъдод гурусна вуҷуд дорад; аз дохили минтақаҳои сер касе омор намедиҳад. Масалан, мегӯянд дар Офриқо ва Омрикои лотин ва қисмате аз Осиё ин теъдод гурусна вуҷуд дорад, дар сурате, ки дар он қисматҳои сер ҳам боз одами гурусна зиёд вуҷуд дорад.

Алъон понсад миллион гурусна дар ҷаҳон вуҷуд дорад, дар ҳоле, ки ҳисоб кардаанд агар дар ҳудуди як чаҳорум ва балки як панҷум ҳазинаҳое, ки харҷи таслиҳот мешавад, харҷи — ба қавли худашон — инқилоби сабз яъне тавсиаи кишоварзӣ дар дунё бишавад, тамоми ин понсад миллион наҷот пайдо мекунанд. Гуфтаанд, дар се чаҳор соли пеш ҳазинаҳои таслиҳотӣ 204 миллиард доллар будааст ва ҳол он ки 50 миллиард доллар кофӣ аст дунёро аз хатари гуруснагӣ наҷот бидиҳад. Мураттаб ҳам конфронс ташкил медиҳанд, вале бар асоси гузорише, ки рӯзномаҳо додаанд, дар он конфронсҳо боз рақобатҳои сиёсӣ ҳукмфармост. Рӯзномаи “Иттилоот” навишта буд, дар ҳафт рӯзе, ки онҷо будем, хабари муҳимме, ки хабаргузориҳо мухобара карданд — ва росттарини хабарҳо буд, дар ин конфронси як ҳафтаӣ, ки дар Рим ташкил шуда буд — ин буд, ки дар ин як ҳафта намояндагони кишварҳои мухталиф, ки омада буданд, барои гуруснагони ҷаҳон фикр бикунанд, пазироиашон беҳтарин пазироиҳо буд, яъне шикамро то ҳадди аъло сер карданд.

Дар Омрико дар сол дар ҳудуди ду миллиард доллар сарфи ғизои сагу гурба мешавад ва мозодаш дур рехта мешавад, вале гурусна пушти сари гурусна аст, ки дар дунё дорад мемирад ва аз байн меравад.

Масъалаи олудагии муҳити зист

Масъалаи дигар, масъалаи олудагии муҳити зист аст. Мо ҳам, акнун ин масъаларо дар шаҳрҳои бузурги худамон хусусан Теҳрон эҳсос мекунем, яъне он бузургтарин мояи зиндагии башар, ки ҳавост, имрӯз ончунон олуда шуда ва рӯз ба рӯз ҳам олудатар мешавад, ки меравад инсон аз бузургтарин мавҳибати зиндагӣ маҳрум гардад ва ин мушкилаи бузурге дар дунё шудааст. Решааш чист? Оё воқеан ҳамон тавр, ки гуфтаанд, ҷабри мошин аст ва чорае нест? Оё ин ҳама мошин (ба маънии аъамм) ва ин ҳама маҳсулоти мошинӣ, ки дар дунё тавлид мешавад, бар асоси эҳтиёҷи башар аст? Абадо! Ҳеч бо эҳтиёҷоти башар ҳамоҳанг нест, фақат ҳирсҳо ва озҳост, ки инҳоро ба ин шакл дароварда.

Масраф чӣ тавр? Имрӯз ҳазорон найранг дар дунё ба кор мебаранд барои ин ки масрафҳои маснуъӣ бисозанд. Тамоми васоили иртиботи ҷамъии дунё дар хидмати сармоядорҳои бузург аст барои эҷоди иштиҳои козиб дар масраф кардан. Яъне мошинҳо доим доранд тавлид мекунанд, вале чун башар ин миқдор ниёз надорад, онҳо ба васоили мухталиф (бо мусиқӣ, бо ҷозибаҳои занон, бо филмҳо, бо телевизионҳо ва васоили дигар) мехоҳанд колоҳои тавлидшударо ба хӯрди башар бидиҳанд, ки башар аз як тараф бидавад барои пул даровардан ва аз тарафи дигар ба суръат харҷ кунад барои ин ки чарххои мошинҳо битавонад бигардад.

Тамсили Тойнбӣ

Шояд як сол пеш буд, мақолае дар рӯзномаи “Иттилоот” хондам, хеле хушам омад. Тарҷимаи мақолае буд аз муаррихи ҷомеашиноси бузурги ҷаҳони муосир *Тойнбӣ*. Дар ин мақола ба сурати танз навишта буд: дар китоби муқаддас — ки мақсудаш Аҳди атиқ аст — омадааст, ки вақте Худо падарбузурги мо, Одамро халқ кард, ӯро дар биҳишт қарор дод ва тамоми неъматҳоро дар ихтиёри вай қарор дод ва ба ӯ гуфт: аз ин ҳама неъмат истифода кун; фақат як шаҷараи мамнӯъа буд, гуфт: ба он шаҷараи мамнӯъа наздик нашав, ки агар наздик шудӣ ҳама инҳо салб мешавад. Вале падари мо, Одам муртакиби он хатои маъруф шуд, ба он шаҷара наздик гардид ва аз он шаҷара хӯрд. Натиҷа ин шуд, ки гуфтанд: биҳишт дигар ҷойи ту нест, бояд аз инҷо берун биравӣ. Падари мо, Одамро аз биҳишт оварданд рӯйи ин замин. Ибтидо барои Одам ва фарзандони ӯ хеле сахт буд, ки рӯйи замин зиндагӣ кунанд, чун дар инҷо мукаллаф ва

муваззаф шуданд, ки бо кадди ямин ва арақи ҷабин зиндагӣ кунанд. Вале башар тадриҷан худашро бо зиндагии замин татбиқ дод ва ҳамин заминро амалан ба сурати ҳамон биҳишт барои худаш даровард. Аз дарёҳо истифода кард, аз ҳаво истифода кард, аз ҷангалҳо ва гиёҳҳо истифода кард, аз ҳайвонҳо истифода кард ва ғайра. Кам-кам барои фарзандони Одам биҳишт шуд инҷо.

Хатои дуввум дар биҳишти дуввум анҷом шуд, ки ҷабран башар маҳкум аст аз биҳишти дуввумш ҳам, ки замин аст берун биравад. Хатои дуввум чист?[30] Хатои дуввум мошин буд.

Оё аҷдод ва бузургони мо дар се чаҳор қарни пеш он гоҳ, ки барои аввалин бор мошинро ихтироъ карданд ва пеши худашон фикр мекарданд бузургтарин хидматҳоро ба башар кардаанд, медонистанд, ки василае эҷод кардаанд, ки ҳамин васила, василаи берун рондани башар аз рӯйи замин хоҳад шуд, яъне башар дигар наметавонад рӯйи замин зиндагӣ кунад ва маҳкум ба фаност? Мошин ҳам рӯз ба рӯз рушд мекунад ва инсон заъиф мешавад, мисли абрешим ва пиллааш. Инсон дар ин пилла худаш маҷбур аст, онро месозад ва месозад, то дар даруни он хафа бишавад. Ва мутаассифона агар падари мо, Одамро аз биҳишт берун карданд, замине вуҷуд дошт, ки биёяд инҷо зиндагиро аз сар бигирад, вале агар аз ин биҳишти дуввум бихоҳад берун биравад, маҳкум ба фанои мутлақ аст.

Баъд, ин марди муаррихи ҷомеашинос зиддиятеро, ки мошин бо табиат кардааст, шарҳ дода буд, ки ҳаворо чӣ карда, бо ҷангалҳо чӣ карда, дарёҳо ва рӯдхонаҳоро то чӣ ҳадд олуда карда, тухми чанд ҳазор навъ моҳӣ аз рӯйи замин нобуд шудааст, чӣ қадр аз анвоъи парандагон ба дасти мошини башар аз байн рафта ва чӣ гуна башар чеҳраи зидди табиат ба худ гирифтааст.

Афсонаи ҷодугар ва ҷинн

Дигаре масал оварда буд, ки дар афсонаҳои қадим омадааст, ки як ҷодугар ҷиннеро тасхир ва дар шиша карда буд ва дари шишаро ҳам баста буд. Ҳар вақт дилаш мехост, ин ҷиннро аз шиша берун меовард, аз он истифода мекард (корҳои хеле шигифту аҷиб). Кораш, ки тамом мешуд, фавран ҷиннро даруни шиша мекард ва дари онро мебаст. Ӯ шогирде дошт, ки орзу дошт мисли устодаш бишавад ва аз ин ҷинн истифода кунад.

[30] *Инро Тойнбӣ мегӯяд. Албатта ман ба он шакле, ки ӯ мегӯяд қабул надорам. Далелашро арз мекунам*.

Кӯшиш кард ва дур аз чашми устод рамзи берун овардани ин ҷинн аз шиша ва рамзи истихдоми ӯро ба даст овард. Як рӯз дар ғайбати устод, ҷиннро аз шиша берун овард ва аз он истифода кард. Хост, ҷиннро даруни шиша кунад, дигар рамзи даруни шиша карданашро балад набуд, натавонист онро даруни шиша кунад, ба шарраш гир кард ва чун дигар наметавонист ҷиннро истихдом кунад, ҷинн ӯро истихдом карда буд. Навишта буд, ин, масали мошин аст. Башар мошинро тавлид кардааст, аммо аз ӯҳда контролаш берун намеояд.

Вале ҳамин аст, ки мо қабул надорем ва мегӯем, масъала, масъалаи дигар аст.

Стсиентизм, асолати илм

Бар хилофи назарияи оқои Тойнбӣ, хатои башар ба дасти санъатгарон ва он касе, ки мошини бухорро ихтироъ кард сурат нагирифт; хатои башар ба дасти Фрэнсис Бэкон ва баъд атбоъи ӯ анҷом шуд; он рӯзе, ки гуфтанд: илм ҳама чизи башар аст (*стсиентизм*, асолати илм, илмгароӣ), ҳалли тамоми мушкилотро аз илм бояд бихоҳем. Магар башар чанд то душман дорад? Ҷаҳл аст, беморӣ аст, фақр аст, дилҳира ва изтироб аст, зулм аст, оз аст ва назири инҳо…

Модари тамоми бадбахтиҳои башар ҷаҳлу нодонӣ аст. Ба башар илму донишу огоҳӣ бидеҳ, уммуламрозро аз байн бурдаӣ. Ҷаҳолат, ки рафт, тамоми инҳо аз байн рафтааст. Якдафъа чунин масире барои башар ба вуҷуд омад. Илм ҳақиқатан ҳақиқати муқаддасе аст. Аммо илмро аз ҳамзоди худаш, ки имон аст ҷудо карданд; гуфтанд: ҳамаи корҳоеро ҳам, ки дар гузашта имон мекард, дар оянда илм анҷом медиҳад.

Чӣ таъбири хубе дорад Расули Акрам; мефармояд:

الْحِكْمَةُ ضالَّةُ الْمُؤْمِنِ يَطْلُبُها أَيْنَما وَجَدَها فَهُوَ أَحَقُّ بِها

Ҳикмат (яъне илм, дониш, ҳақиқат) гумшудаи мӯъмин аст, онро ҳар ҷо ва назди ҳар кас пайдо кунад, мегирад ва худашро аз ӯ сазовортар медонад. Яъне ҷойи илм он хонае аст, ки имон ҳам онҷо ҳаст. Агар илм дар хонае по бигузорад, ки ҳамзодаш имон дар онҷо вуҷуд надошта бошад, дар хонаи худаш нест. Ин таъбир, таъбири аҷибе аст:

أَيْنَما وَجَدَها فَهُوَ أَحَقُّ بِها

Ҳамчунин Алӣ алайҳис салом мефармояд:

خُذِ الْحِكْمَةَ وَلَوْ مِنْ أَهْلِ النِّفاقِ

خُذِ الْحِكْمَةَ وَلَوْ مِنْ مُشْرِكٍ

Илму донишро дасти ҳар касе дидед — ҳарчанд дасти мушрик дидед — бигиред, ки дар дасти ӯ ория аст.

Эй бародар, бар ту ҳикмат ҷорияст,

Он зи абдол асту бар ту орияст.

(Мавлоно)

Илм моли туст. Яъне чӣ моли туст? Охир ӯ илмро ба даст оварда. Мегӯяд: вале илм дар хонаи худаш қарор нагирифта, илм бояд дар хонаи имон қарор бигирад ва бо ҳамзоди худаш зиндагӣ кунаду бас.

Тамоми мӯъҷизотро аз илм хостанд. Як душмани инсон заъф аст. Илм инсонро қавӣ мекунад. Рост ҳам гуфтанд, илм ба инсон қудрат медиҳад, илм қудрат аст:

Тавоно бувад ҳар ки доно бувад.

Аммо қудрат дар муқобили чӣ? Дар муқобили табиат. Илм ба даст биёваред, то бемориро решакан кунед. Ҳарфи ҳисобе аст. Илм ба даст биёваред, то бо фақр мубориза кунед. Ниме аз он дуруст аст ва ними дигар нодуруст. Яъне бо илм мешавад иқтисодро тавсиа дод, аммо фақр, ки ҳамеша ношӣ аз нақс дар иқтисод нест. Илм ба даст биёваред, то бар дилҳираҳо ва изтиробҳо фоиқ бишавед. Сад дар сад иштибоҳ аз об даромад. Илм натавонист бо дилҳира ва изтироби башар мубориза кунад. Илм ба даст биёваред, то зулм решакан бишавад.

Баръакс, илм абзоре шуд дар дасти зулм. Илм ба даст биёваред, то бо озу ҳирс яъне бо худатон мубориза кунед. Ин ки аслан ҳеч ба даст наомад; илм абзоре шуд дар дасти озҳо ва ҳирсҳо, ки имрӯз натиҷаашро дорем мебинем.

Идеология

Яке ду қарн башар бо ин фикр саргарм буд, то ин ки дар қарни нуздаҳум гуфтанд, на, илм ба танҳоӣ кофӣ нест, фалсафаи иҷтимоӣ ва идеология ҳам лозим аст. Аз илм ба танҳоӣ коре сохта нест. Як наҳзати зидди илм ба маънои кофӣ набудани илм бидуни як идеология ба вуҷуд омад. Омаданд барои башар идеология сохтанд, “исм”-ҳои мухталиф.

Вале идеология ҷаҳонбинӣ ва инсоншиносӣ мехоҳад. Бояд назари худашро дар бораи инсон ва ҷаҳон бигӯяд, то баъд битавонад дар мактаби иҷтимоии худаш он натиҷаҳои идеали муқаддасро бигирад. Омад дар “ҷаҳонбинӣ” Худоро нафӣ кард, дар инсон руҳро

нафӣ кард, инсонро ба сурати як мошини иқтисодӣ муаррифӣ кард, баъд хост як идеяи иҷтимоии муқаддас бисозад. Нашуд. Чунин чизе намешавад: ба инсон бигӯянд, дар олам Худое вуҷуд надорад, дар ту ҳам ҳеч шайъи муқаддасе вуҷуд надорад, аммо ту мутаъаҳҳид ва мултазим бош, ки барои идеяҳои муқаддаси иҷтимоӣ кор бикунӣ, мутаъаҳҳид бош озу ҳирс надошта бошӣ, зулм накунӣ ва дилат ба ҳоли дигарон бисӯзад. Бадеҳӣ аст ин ду зидди якдигаранд.

Он таълимоти асосии фалсафии ҷаҳонбинии инсоншиносӣ, бар зидди ин идеяи иҷтимоӣ аст.

Жорж Политсер дар китобаш менависад: "*Мо агарчӣ аз назари фалсафӣ материалист ҳастем, аз назари ахлоқӣ идеалист ҳастем*." Магар мешавад инсон аз назари фалсафӣ материалист бошад, аз назари ахлоқӣ идеалист?! Бо гуфтан, ки дуруст намешавад.

Муддате худашонро саргарми ин кор карданд. Вале магар чунин чизе имкон дорад?! Ҳамаи ин талошҳо барои ин аст, ки аз имон фирор кунанд. Ибтидо гуфтанд: имон на, илм. Вале илм ба танҳоӣ кор накард. Баъд гуфтанд: имон на, фалсафаи иҷтимоӣ, маслак, маром. Вале маром бар асоси ин ҷаҳонбиниҳо амалан мебинем шикаст хӯрда, чун ҳеч ҷанбаи инсонӣ надорад. Пирӯзиҳо боз ҳамон пирӯзиҳои сиёсӣ ва ҳамон созишкориҳост. Боз даъвоҳо ҳама "сари лиҳофи Мулло Насриддин" аст. Қутби шарқашро бибин, қутби ғарбашро бибин; империализмашро бибин, сотсиализмашро бибин. Охири кор боз аз ҳамонҷо сар дароварад, ки дар гузашта сар дармеовардand.

Равшанфикрӣ

Иддае дигар омаданд фарзияи дигаре тарошиданд, гуфтанд: қабул аст, ки аз илму дониш ба танҳоӣ коре сохта нест, вале аз сирфи фалсафаи иҷтимоӣ ҳам коре сохта нест.

Як навъ худогоҳии хосси равшанфикрона (ва ба иборати дигар), масъалаи равшанфикриро матраҳ карданд. Омаданд, фарқ гузоштанд миёни олим ва равшанфикр. Сартр ва дигарон омаданд масъалаи равшанфикрро тарҳ карданд, гуфтанд: аз илму олим, аз фарҳанг ба танҳоӣ коре сохта нест, равшанфикр ба вуҷуд биёваред. Равшанфикр кист? "Равшанфикр касе аст, ки як навъ огоҳии хосс дорад, ки он огоҳии хосс ӯро ба сӯйи ҳадафҳои инсонӣ мекашонад." Огоҳӣ ҷуз иттилоъ чизи дигаре нест. Огоҳӣ яъне огоҳӣ. Оё огоҳӣ ва иттилоъ метавонад инсонро бисозад? Саноии мо беҳтарин ҳарфҳоро задааст, ки:

Чу дузде бо чароғ ояд гузидатар барад коло.

Огоҳӣ ҷуз ин ки фазоро барои инсон равшан мекунад, кори дигаре намекунад. Огоҳӣ ба инсон ҳадаф намедиҳад, ҳамон тавр, ки илм барои инсон ҳадаф халқ намекунад. Илм

инсонро дар расидан ба ҳадафҳояш кӯмак мекунад, вале ба инсон ҳадаф намедиҳад, ки аз ин роҳ бирав ё аз он роҳ. Илм ба инсон кӯмак мекунад дар расидан ба ҳадафҳо. Илм мегӯяд, ман ба ту васила медиҳам, масалан автомобил медиҳам. Агар дар гузашта то Қум ё Қазвин мехостӣ биравӣ, ду шабонарӯз тӯл мекашид, ҳоло дар арзи ду соат метавонӣ биравӣ. Аммо оё илм мегӯяд, ки бо ин автомобил бирав масалан Қум ба кӯмаки фуқаро биштоб ё бирав онҷо дуздӣ кун?! Мошин мегӯяд, ҳар кор ту мехоҳӣ бикунӣ, ман дар ихтиёри ту ҳастам, ман наметавонам туро бисозам ва ба ту ҳадаф бидиҳам, ҳар ҷо, ки мехоҳӣ биравӣ, ман ба ту кӯмак мекунам.

Ҷалоли Оли Аҳмад як ҳарфи хеле хубе дар китоби “Ғарбзадагӣ” дорад, мегӯяд: як намоишномае буд, ман тарҷима мекардам. Муддате фикр мекардам, ки ҳадафи ӯ чист? Охираш расидам ба инҷо, ки мегӯяд, чунину чунон шуд, баъд ҳар касе ба ҳар роҳ, ки мехост биравад, сареътар рафт. Фаҳмидам нақши илмро дорад мегӯяд, ки нақши илм фақат ин аст, ки башарро дар роҳе, ки меравад, сареътар ва тундтар ба мақсад мерасонад. Ва рост аст.

Аз огоҳӣ ба танҳоӣ коре сохта нест. Қуръон мегӯяд, огоҳтарини огоҳҳо шайтон буд, хеле ҳам худогоҳиаш комил буд, ҳатто Худоогоҳ буд. Қуръон Худоогоҳиро ҳам кофӣ намедонад ва аслан барои огоҳӣ аз он ҷиҳат, ки огоҳӣ аст, ҷуз арзиши равшан кардан, арзиши дигаре қоил нест. Мегӯяд: шайтон Худоро мешинохт, огоҳ ба Худо буд, ба нубуввати пайғамбарон эътиқод дошт, ба вуҷуди қиёмат имон ва эътиқод дошт. (Иқрори ҳамаи инҳоро аз шайтон нақл кардааст.) Вале дар айни ҳол кофир буд. Чаро?

Зеро мӯъмин набуд. Имон масъалае аст мубтанӣ бар огоҳӣ, вале (ҳамроҳ бо) гароиш. Имон яъне таслим, яъне Худоогоҳӣ мақрун ба гароиш ва таслим дар пешгоҳи Ҳақ.

Танҳо давои дарди башари имрӯз, Худоогоҳӣ мақрун ба гароиш ва таслим ва хузӯъ дар муқобили Ҳақ аст. Як даво ҳам бештар надорад. Албатта Қуръон ҳамеша илму имонро дар канори якдигар зикр мекунад. Башари имрӯз илмро дорад, давои дарди ӯ имон аст. Аз огоҳии равшанфикрона ва ғайри равшанфикрона коре сохта нест. Огоҳӣ охираш огоҳӣ аст.

Тамоми инҳоро барои фирор аз имон гуфтаанд. Мехостанд пойи имон дар миён наёяд, балки битавонанд бо огоҳӣ ва илм мушкилро ҳал кунанд, нашуд. Огоҳии фалсафӣ ҳам ба ҷойе нарасид, огоҳии равшанфикрӣ ҳам ба ҷойе нарасид. Ахиран оҳанги дигаре соз кардаанд.

Иддае мегӯянд: фарҳанги инсонгаро лозим аст. Дар ҳоле, ки инсон бояд фарҳанггаро бошад. Магар фарҳанг инсонгарост?! Фарҳанг барои башар фарҳанг аст. Фарҳанг

охираш барои башар дониш аст. Агар шумо аз фарҳангҳое, ки инҳо тавсия кардаанд мисли насоеҳи Саъдӣ (имон ба Худоро бигиред, чизе аз онҳо боқӣ наемонад.)

Ирфон минҳои мазҳаб

Ахиран ба ирфон таваҷҷӯҳ пайдо кардаанд аз боби ин ки онро фарҳанги инсонгаро медонанд.

Намедонанд, ки асоси ирфон Худоогоҳӣ ва таслим ба Худост. Мехоҳанд ирфонро аз Худо ҷудо кунанд ва ирфон ҳам бошад. Хеле аҷиб аст! Ман дар навиштаҳои имрӯзи эрониҳо мебинам ба ирфон гароиш пайдо кардаанд, ирфони минҳои Худо ва мазҳаб! Ин хеле аҷиб аст! Имкон надорад. Имом Боқир фармуд:

غَرِّبوا وَشَرِّقوا

(… то охир) Ба ғарби олам биравед, ба шарқи олам биравед, охираш бояд биёед инҷо зону бизанед, то ҳақиқатро бифаҳмед.

Ин аст, ки ояндаи башарият чорае надорад ҷуз таслим ба имон, яъне Худоогоҳӣ мақрун ба таслим ва хузӯъ. Бӯҳронҳои ҳалношуданӣ ва мушкилоти имрӯзи башар, тамоми бӯҳронҳое аст маънавӣ ва ахлоқӣ. Решааш дар куҷост? Фуқдони имон. Дар гузашта башар хеле бӯҳронҳо дошт, ки маншаъаш ҷаҳлу нодонӣ ва фуқдони илм буд, вале имрӯз биҳамдиллоҳ ин боли башар хеле рушд карда. Ин як болаш, ки боли илм аст, хуб рушд карда, вале он боли дигараш, ки боли имон аст, ҳамин ҷур монда (ва мурғ бо як бол наметавонад парвоз кунад) ҳамон тавр, ки имон низ дар бархе муҳитҳо рушд мекунад, вале дар муҳити ҷаҳлу таассуб барои башар ҷуз бадбахтӣ чизи дигаре намеоварад. Қуръон такяаш рӯйи ҳар дуи инҳост: боли илм ва боли имон ва бо ин ду бол аст, ки мушкилоти башар ончунон, ки бояд, ҳал мешавад.

Қуръон гоҳе аз илм ҷудо сухан мегӯяд ва аз имон ҷудо, мисли:

وَقالَ الَّذِينَ أُوتُوا الْعِلْمَ

(*Қасас/80*) Гоҳе ҳам илму имонро бо якдигар тавъам мекунад:

وَقالَ الَّذِينَ أُوتُوا الْعِلْمَ وَالْإِيمانَ

(*Рум/56*) Онҳо, ки ҳам аз мавҳибати дониш ва рӯшноӣ ва қудрате, ки дониш медиҳад бархӯрдоранд ва ҳам аз мавҳибати имон. Ҳудуде, ки дониш ба инсон рӯшноӣ медиҳад он аст, ки фазои табиатро барои инсон равшан мекунад, қудрати инсонро бар табиат афзоиш ва баст медиҳад ва табиатро дар ихтиёри инсон қарор медиҳад. Вале имон дежеро фатҳ мекунад, ки он деж дар қаламрави илм нест ва илм қодир ба фатҳи он деж нест. Он деж даруни худи инсон аст, нафси инсон аст.

Дар аҳодиси шиъа ва суннӣ ҳадисе аст мӯътабар аз Пайғамбари Акрам ва Пайғамбар ҳарфҳоро чӣ бачо мегӯяд! Мавқеиятро ташхис медиҳад кучо ҳарфи ҳаққи худашро бизанад.

Мехоҳад масъалаи муҷоҳида бо нафсро матраҳ кунад, мегузорад як рӯзе, ки иддае аз асҳобаш бо ғуруру ифтихор аз як ҷанг баргаштаанд, меояд ҷилав ба инҳо офарин мегӯяд, вале инчунин офарин мегӯяд:

مَرْحَبًا بِقَوْمٍ قَضَوُا الْجِهادَ الْأَصْغَرَ وَبَقِيَ عَلَيْهِمُ الْجِهادُ الْأَكْبَرُ

Офарин бар гурӯҳе, ки ҷиҳоди кучактарро анҷом додаанд ва ҷиҳоди бузургтар боқӣ мондааст.

Ё Расулаллоҳ! Чиҳоди бузургтар чист?

Хаёл карданд саҳнаи дигаре аст назири он ҷанг. Фармуд:

جِهادُ النَّفْس

Яъне исломи ман ду ҷиҳод мехоҳад: ҳам дар ҷабҳаи берун ҷиҳод бо инсонҳои тоғӣ ва мутамаррид ва ҳам ҷиҳод бо нафс; яке ба танҳоӣ кофӣ нест. Мавлавӣ инҷо воқеан тоблуи хубе сохтааст дар он шеърҳояш, ки мегӯяд:

Эй шаҳон, куштем мо хасми бурун,

Монд хасме з-ӯ батар дар андарун.

Шоҳидам ин шеър аст, ки мегӯяд:

Куштани ин кори ақлу ҳуш нест,

Шери ботин сухраи харгӯш нест.

Хаёл накунед бо фикру ақлу фалсафаву илм битавон дежи нафсро тасхир кард, имон мехоҳад, аз ақлу ҳуш коре сохта нест.

Ин буд, ки гуфтам, он хатое, ки оқои Тойнбӣ мегӯяд, ихтироъи мошин нест.

Он хато, озод гузоштани оз аст. Озод гузоштани оз аз кучо пайдо шуд? Аз он ҷо, ки ягонаи омили дарбандкунандаи онро, ки имон аст, аз башар гирифтаед. Ин аст, ки бояд бозгардем ба имон ва роҳе ҷуз бозгашт ба имон надорем.

* * *

Шаби охири ҷаласаи мост, ду се калимае ҳам зикри мусибат мекунам. Тавассуле ба вуҷуди муқаддаси Сиддиқаи Тоҳира (Саломуллоҳи алайҳо!) менамоем. Авотиф миёни Алӣ ва Заҳро аз он авотифи таърихии ҷаҳон аст:

كُنّا كَزَوْجِ حَمامَةٍ في أَيْكَةٍ

مُتَنَعِّمَيْنِ بِصُحْبَةٍ وَشَبابِ

Мегӯяд: мо мисли як ҷуфт кабӯтар будем, аз якдигар наметавонистем ҷудо бишавем. Дигар рӯзгор аст, омад миёни мо ҷудоӣ андохт. Гоҳе Алӣ шаби торик мерафт канори қабристон, аз дур меистод бо Заҳрои маҳбубаш сухан мегуфт, салом мекард, баъд худаш гила мекард ва баъд гилаи худашро аз забони Заҳро ҷавоб медод:

ما لي وَقَفْتُ عَلَى الْقُبورِ مُسَلِّما

قَبْرَ الْحَبيبِ وَلَمْ يَرُدَّ جَوابي

Чаро ман истодаам ба қабри ҳабибам салом мекунам ва ӯ ба ман ҷавоб намедиҳад?!

أَحَبيبُ ما لَكَ لا تَرُدُّ جَوابَنا

Ҳабиб! Чаро ҷавоби моро намедиҳӣ?

أَنَسيتَ بَعْدي خُلَّةَ الأَحْبابِ

Оё чун аз пеши мо рафтӣ, дӯстиро фаромӯш кардӣ? Дигар мо дар дили ту ҷойе надорем? Баъд худаш ҷавоб медиҳад:

قالَ الْحَبيبُ وَكَيْفَ لي بِجَوابِكُمْ

وَأَنَا رَهينُ جَنادِلٍ وَتُرابِ

Ҳабиб ба ман посух гуфт: ин чӣ интизоре аст, ки аз ман дорӣ? Магар намедонӣ, ки ман дар зери харворҳо хок маҳбус ҳастам? Заҳро васият карда буд: Алиҷон! Маро, ки дафн кардӣ ва рӯйи қабрамро пӯшондӣ, зуд аз канори қабри ман нарав, муддате биист, ин лаҳзае аст, ки ман ба ту ниёз дорам. Алӣ ба дасти худаш Заҳроро дафн мекунад, бо дасти худ қабри маҳбубро мепӯшонад, хокҳоро мерезад ва заминро ҳамвору соф мекунад. Либосҳояш ҳама ғуборолуд шудааст. Гарду ғуборҳоро аз либосаш мепароканад.
Ҳоло навбати ин аст, ки як муддате ҳамин ҷур биистад.

فَلَمّا نَفَضَ يَدَهُ مِنْ تُرابِ الْقَبْرِ هاجَ بِهِ الْحُزْنُ

Яъне аз корҳояш, ки фориғ шуд, якмартиба ғаму андӯҳҳо бар қалби Алӣ рӯ овард. Чӣ бикунад? Бо кӣ ҳарф бизанад? Дарди дили худашро ба кӣ бигӯяд? Қабри Пайғамбар наздик аст. Касе беҳтар аз Пайғамбар нест. Рӯ мекунад ба қабри муқаддаси Пайғамбар:

السَّلامُ عَلَيْكَ يا رَسولَ اللهِ عَنّي وَعَنِ ابْنَتِكَ النّازِلَةِ في جِوارِكَ وَالسَّريعَةِ اللِّحاقِ بِكَ، قَلَّ يا رَسولَ اللهِ عَنْ صَفِيَّتِكَ صَبْري

Ё Расулаллоҳ! Ҳам аз тарафи худам ва ҳам аз тарафи духтарат, Заҳро ба шумо салом арз мекунам, ҳоли Алиро агар мепурсед, сабри Алӣ бисёр андак шудааст.

Баъд чумлае мегӯяд:

وَسَتُنَبِّئُكَ ابْنَتُكَ بِتَضافُرِ أُمَّتِكَ عَلى هَضْمِها

Ё Расулаллоҳ! Анқариб духтарат ба ту хоҳад гуфт, ки уммати ту баъд аз ту бо ӯ чӣ рафторе карданд.

ولا حول ولا قوة الاّ بالله العلي العظيم وصلّى الله على محمّد وآله الطاهرين، باسمك العظيم الأعظم الأعزّ الأجلّ الأكرم يا الله

Худоё! Дилҳои моро ба нури имон мунаввар бигардон!

Моро Худоогоҳ ва мӯъмини воқеӣ қарор бидеҳ!

Дилҳои моро аз ахлоқи разила пок бигардон!

Қалбҳои моро ба ахлоқи ҳасана музайян бифармо!

Мусалмононро нусрат ва пирӯзӣ бар душманонишон иноят бифармо!

Моро бо ҳақоиқи дини муқаддаси ислом ошно кун! Қадрдони ислом ва Қуръон ва Пайғамбар ва Ол қарор бидеҳ!

Амвоти мо машмули иноят ва раҳмати худ бифармо!

وعجّل في فرج مولانا صاحب الزمان

Бахши дуввум: таксуханрониҳо

Меъёри феъли ахлоқӣ

بسم الله الرّحمن الرّحيم

الحمد لله رب العالمين بارئ الخلائق أجمعين والصلوة والسلام على عبد الله ورسوله وحبيبه وصفيه وحافظ سره ومبلغ رسالاته، سيدنا ونبينا ومولانا أبي القاسم محمّد صلى الله عليه وآله الطيبين الطاهرين المعصومين المكرّمين

Муқаддамтан бояд арз бикунам, ки аз банда тақозо шуда буд, яке ду ҷаласа дар бораи яке аз мабоҳиси ахлоқӣ, иҷтимоӣ ё усулии ислом баҳсе барои оқоёни туллобе, ки дар инҷо ширкат мекунанд карда бошам. Имрӯз вақте, ки меомадам, шунидам, ки як эълони умумӣ кардаанд. Ҳақиқат ин аст, ки нороҳат шудам, чун ман барои коре шабеҳи суханронӣ омодагӣ надорам ва худамро омода накардаам. Вале ҳоло, ки ворид шудам, дидам, ки ҳама ё аксарияти қариб ба иттифоқи оқоён талабаҳое мисли худам ҳастанд ва хушҳолу хушвақтам, ки метавонам баҳсро ба шакли талабагӣ илқо кунам.

Дар миёни уламои имрӯз масъалае матраҳ аст ва он масъала ин аст, ки меъёри феъли ахлоқӣ чист? Яъне милоки ин ки як корро ахлоқӣ биномем чист? Як кор чӣ хусусияте бояд дошта бошад, ки ба мӯҷиби он хусусият, бишавад он корро ахлоқӣ номид? Ва табъан аз ҳамин ҷо метавонем бифаҳмем, ки ахлоқ чист. Дар муқобили феъли ахлоқӣ феъли табииро меоваранд, мегӯянд, як силсила афъоли инсон афъоли табиӣ аст.

Феъли табиӣ ва феъли ахлоқӣ

Афъоли табиӣ афъоли оддӣ аст ва инсон ба мӯҷиби ин афъол мавриди ситоишу таҳсин воқеъ намешавад. Масалан, инсон гурусна мешавад ғизо мехӯрад, ташна мешавад об меошомад, касал мешавад мехобад, амали ҷинсӣ анҷом медиҳад, як касе ба ӯ иҳонат мекунад ё мехоҳад ҳаққашро бирубояд, аз ҳаққи худаш дифоъ мекунад. Инҳоро мегӯянд феъли табиӣ ё корҳои оддӣ ва табиӣ, ки ҳайвонҳо ҳам дар ин корҳо бо инсон ширкат доранд. Вале баъзе корҳои дигар аст, ки мофавқи кори табиӣ аст. Гоҳе инҳоро кори инсонӣ мегӯянд ва мофавқи кори ҳайвонӣ аст, мисли шукру сипосгузорӣ. Агар инсон аз шахсе дар як мавқеъе эҳсон дидааст, дар як фурсати муносиб ба навъе дар муқобили эҳсони ӯ сипосгузорӣ мекунад, ҳол ё сипосгузории лафзӣ ва ё амалӣ, масалан ҳадияе барои ӯ мефиристад бидуни он ки ҳеч гуна иҷбор ва илзоме ба ин кор дошта бошад.

Инро як амали ахлоқӣ мегӯянд. Ба таври куллӣ, **хидматҳоеро, ки инсон ба навъи башар мекунад бидуни он ки чашмдоште аз он хидмат дошта бошад, балки фақат ва фақат ба манзури ин ки эҳсоне карда бошад ба дигаре эҳсон мекунад, феъли ахлоқӣ мегӯянд**, мисли дастгириҳо.

Сухан дар ин аст, ки меъёри феъли ахлоқӣ чист? Яъне чӣ чиз дар он феъли аввал вуҷуд дорад, ки онро феъли табиӣ мекунад ва чӣ чиз дар ин феъли дуввум вуҷуд дорад, ки инро дар як сатҳи болотаре қарор медиҳад ва номи ин феълро феъли ахлоқӣ мекунад?

Дар инҷо масъалае матраҳ аст, ки миёни худи фарангиҳо матраҳ шудааст ва он ин аст, ки оё минҳои дин феъли ахлоқӣ метавонад вуҷуд дошта бошад ё на? Яъне агар инсон дорои дину имон набошад, оё тамоми афъолаш феълҳои табиӣ аст ва ҳеч феъли ӯ ранги ахлоқӣ пайдо намекунад? Ва ё ин ки монее надорад, ки инсон ҷуре тарбият бишавад, ки бидуни он ки дину имони дар кор бошад, битавонад кори ахлоқӣ анҷом бидиҳад? Дар воқеъ ду назар аст: назари аввал ин аст, ки феъли ахлоқӣ яъне феъле, ки мустақиман дин дастур дода бошад. Ва назари дуввум ин аст, ки на, инсонро мешавад ба гунае сохт, ки малакоте пайдо кунад, ки ба мӯҷиби он малакот, феъли ахлоқӣ аз ӯ содир бишавад. Баъд дар инҷо баҳси дигаре пеш меояд, ки оё барои сохтани инсон ба ин гуна, дин зарурӣ аст ё на?

Сухани Достоевский

Баъзе гуфтаанд: агар Худо набошад (яъне агар эътиқод ба Худо набошад ва инсон ин ҷур фикр кунад, ки Худое нест), ҳама чиз ҷоиз аст. Ин ҷумла аз Достоевский маъруф аст, ки гуфтааст: агар Худо набошад, ҳама чиз ҷоиз аст. Яъне ягона меъёр барои ин ки инсон барои худаш “бояд”-у “набояд” дошта бошад, ки ин кор хуб аст, он кор бад аст, ин корро бояд кард, он корро набояд кард ва аз масъалаи дунболи табиату шаҳвату ғазаб рафтан берун биравад, ин аст, ки дин дар кор бошад. Агар Худо ва дин бошад, ҳамаи ин ҳарфҳо маънӣ дорад ва агар Худо ва дин набошад, ҳеч як аз ин суханон маънӣ пайдо намекунад. Ин як назария.

Мо феълан дар ин ҷиҳат баҳс намекунем. Мехоҳем дар бораи феъли ахлоқӣ бар мабнои сохтмон ва сохтани инсон баҳс кунем, ҳол агар дин нақше дошта бошад, баҳсашро хоҳем кард. Феълан назариётро нақл мекунем. Бархе хостаанд ахлоқи минҳои дин пешниҳод кунанд. “Минҳои дин” на маъноияш ин аст, ки ҳатман бояд дин набошад, балки яъне ахлоқи мустақилли ақлӣ. Онҳое, ки хостаанд ахлоқи мустақилли ақлӣ пешниҳод кунанд, назариёташон инҳост, ки бароятон арз мекунам.

Меъёри феъли ахлоқӣ чист?

Баъзе гуфтаанд, ки меъёри феъли ахлоқӣ ин аст, ки ғайр, ҳадаф бошад. Ҳар феъле, ки ҳадаф аз он феъл, худи инсон бошад, ғайри ахлоқӣ аст ва ҳар феъле, ки ҳадаф аз он феъл, худи инсон набошад, ғайр бошад, инсон ё инсонҳои дигар бошад, он феъл мешавад феъли ахлоқӣ.

Пас, феъли ахлоқӣ яъне феъле, ки ҳадаф аз он феъл, ғайр бошад. Бино бар ин таъриф, феъли ахлоқӣ аз рӯйи ғоят таъриф шуда. Дар мантиқ хондаед, ки мегӯянд: таърифи шайъ ё ба иллатҳои дохилӣ аст ё ба иллатҳои хориҷӣ. Таъриф ба иллатҳои дохилӣ яъне аз роҳи ҷинсу фасл (мода ва сурат) ва таъриф ба иллатҳои хориҷӣ яъне аз роҳи иллати фоъилӣ ё аз роҳи иллати ғоӣ. Бино бар ин таъриф, ахлоқро аз роҳи ғоят таъриф кардаанд, гуфтаанд: феъли ахлоқӣ яъне феъле, ки ғояти он ғайри худ бошад.

Қабл аз он ки вориди нақди ин таъриф бишавем, таърифи дигареро, ки шабеҳ ва наздик ба ин таъриф аст зикр мекунем:

Баъзе дигар ҷури дигаре таъриф кардаанд, гуфтаанд: феъли ахлоқӣ он феъле аст, ки ношӣ аз эҳсосоти навъдӯстона бошад. Дар инсон як силсила авотиф метавонад вуҷуд дошта бошад. Агар маншаъи як феъл отифаи навъдӯстӣ буд, он феъли ахлоқӣ аст.

Ин таъриф бо таърифи аввал, дар натиҷа яке аст, мунтаҳо он аз роҳи ғоят таъриф карда ва ин аз роҳи фоъил; чун феъле, ки ғоят (-и он) ғайр бошад, бидуни ин ки инсон эҳсосоти ғайрдӯстӣ дошта бошад, амалан мумкин нест. Мумкин аст соҳиби он назария чунин ақидае дошта бошад, вале воқеан мумкин нест. Ва феъле ҳам, ки ношӣ аз эҳсосоти ғайрдӯстона бошад, қаҳран ҳадаф (аз он) ғайр аст. Тафовути ин ду таъриф ин мешавад, ки аввалӣ ба иллати ғоӣ таъриф кардааст ва дуввумӣ ба иллати фоъилӣ, вале дидем хеле наздик ба якдигаранд.

Оё ин таъриф дуруст аст? Оё мешавад гуфт, феъли ахлоқӣ яъне феъле, ки ғоят (-и он) ғайр аст ё ношӣ аз эҳсосоти ғайрдӯстона аст? Ба назар мерасад холӣ аз ишкол набошад. Масалан, бо таваҷҷӯҳ ба эҳсосоти модарона, ки ихтисос ба инсон надорад ва дар ҳайвонот ҳам ҳаст, оё кори модарона кори ахлоқӣ шумурда мешавад? Ва онро метавон гуфт ахлоқӣ ё бояд гуфт табиӣ? Мусаллам, модар дар он фидокориҳои модаронаи худаш, ки ҳатто дар ҳайвонот ҳам вуҷуд дорад, ғояташ худаш нест, фарзанд аст ва кораш ҳам ношӣ аз ғароизи фардии худаш нест, ношӣ аз эҳсоси ғайрдӯстӣ аст, ки он ғайр фарзандаш бошад. Вале бо ин ки кори модарона аз назари отифӣ кори бисёр бошукӯҳ ва боарзише аст, аммо намешавад гуфт, ки модарҳо мутахаллиқ ба ахлоқи олӣ ҳастанд, чун модар ба ҳукми фитрат ва ба ҳукми хилқат ва офариниш ин эҳсосотро дорад. Яъне модар

ин ҳолатро барои худаш монанди як хулқ касб накардааст, балки бо ин хӯйи фитрӣ ба дунё омадааст ва аз ин рӯ исмашро ҳам хулқ набояд гузошт, ба ихтиёри ӯ нест ва ҳамин тавр, ки ҳар фарде ғаризаи ҷинсӣ дорад ва майл ба ҷинси мухолиф ба таври ғаризӣ ва хӯйи табиӣ дар ӯ ҳаст, майл ба сиёнати фарзанд ҳам ба таври табиӣ дар модар ҳаст. Ин аст, ки гуфтаанд — ва дуруст ҳам гуфтаанд — ки кори модаронаро намешавад кори ахлоқӣ номид.

Пас, дар таърифи кори ахлоқӣ чӣ бояд гуфт? Баъзе хостаанд, таърифро бо як қайди изофӣ ислоҳ кунанд; гуфтаанд: кори ахлоқӣ он коре аст, ки ғоят, ғайр бошад ва ё ношӣ аз эҳсосоти ғайрдӯстона бошад, вале ба шарти ин ки ин ҳолат иктисобӣ бошад, на табиӣ. Инро барои он гуфтаанд, ки як матлабро ҳама дарк мекардаанд, ки ахлоқ мусовӣ бо ихтиёр аст. Ахлоқ он ҷо ахлоқ аст, ки инсон онро ихтиёр ва касб карда бошад ва аз ин рӯ дар муқобили феъли табиӣ қарор мегирад. Феъли табиӣ феъли ғайри иктисобӣ аст. Яъне феъле аст, ки решаи он, эҳсосоти ғайри иктисобӣ ва табиӣ аст. Он вақт фарқи ин назария бо он назарияи аввал ва дуввум — ки ҳар ду ба як назария бармегашт — ин аст, ки ин назария ҳам мисли онҳо мегӯяд, ки феъли ахлоқӣ он феъле аст, ки ғоят, ғайр бошад ё мабдаъ, эҳсосоти ғайрдӯстона бошад, вале як унсуре дар таъриф изофа мекунад ва он унсур ихтиёр ва касбӣ будан аст.

Аммо дар айни ҳол, ин таъриф ҳам бо ҳамаи ин ислоҳот, таърифи ҷомеъе нест, зеро агар мо махсусан таърифи феъли табиӣ ва феъли ахлоқиро бо ҳам зикр кунем, шиққи севвум пайдо мекунем ва он ин аст, ки **баъзе аз корҳоро инсон анҷом медиҳад, ки на табиӣ аст ва на ношӣ аз эҳсосоти ғайрдӯстона. Онҳоро мо ҷузъи ахлоқ бишуморем ё нашуморем? Шумо мебинед дар китобҳои ахлоқ, қадиму ҷадид, истиқомат ва сабрро ҷузъи ахлоқи фозила мешуморанд. Дар инҳо пойи ғайр дар миён нест**. Ин ки инсон руҳи мустақим ва боистиқомате дошта бошад, иродаи муҳкам ва қавие дошта бошад, азиматаш дар муқобили шадоид мунфасих нашавад, як хулқи олӣ аст, вале аслан ба ғайр кор надорад.

Ҳамчунин он чизҳое, ки ахлоқи разила гуфта мешавад, мисли ҳасодат ва кинаҷӯӣ.

Шак нест, ки ҳасодат як феъли табиӣ нест, як бемории равонӣ аст, ҳадаф ҳам ғайрдӯстӣ нест, балки баръакс ҳадаф зиён расондан ба ғайр аст. Он вақт ночорем таърифи аввалро ҳам ислоҳ кунем ва бигӯем: феъли ахлоқӣ, аъамм аз ахлоқи хубу ахлоқи бад, баъд ҳам вақте гуфтем феъли ахлоқӣ он феъле аст, ки ҳадаф ғайр бошад, яъне аъамм аз он ки ҳадаф эҳсон ба ғайр бошад (ахлоқ хуб) ё ҳадаф зиён расондан ба ғайр бошад (ахлоқ бад), тоза дуруст намешавад. Зулм (ро дар назар мегирем.) Як касе зулм мекунад, вале ҳадафаш зиён расондан ба ғайр нест, ҳадафаш манфиати худаш аст, ҳарчанд ба хотири

манфиати худаш, ба дигаре зиён мерасонад. Пас ин ахлоқи бад нест? Яъне як феъли табиӣ аст, ки на хуб аст ва на бад?

Биравем суроғи таърифҳои дигар. Он таърифҳои аввал, маъруфу машҳур аст ва намешавад онҳоро ба як шахс ё мактаби муайяне нисбат дод. Шояд Арасту чун инсонро маданӣ биттабъ медониста, феъли ахлоқиро ношӣ аз эҳсосоти ғайрдӯстона медонистааст.

Назари Кант

Назарияи дигар дар боби меъёри феъли ахлоқӣ мегӯяд: **меъёри феъли ахлоқӣ, эҳсоси таклифи виҷдонӣ аст** ва ин назари Кант — файласуфи маъруфи Олмон аст, ки дар миёни фалосифаи Урупо он мақомро дорад, ки дар миёни фуқаҳо ва усулийини мутааххир Шайх Ансорӣ дорад, ки бештари онҳоро шогирди ӯ медонанд. Кант як ақидае дар боби инсон дорад. Ӯ эътиқоди росихе ба виҷдони ахлоқӣ дорад. Ҳатто мӯътақид аст, Худоро аз роҳи бурҳони ақлӣ намешавад собит кард, вале аз роҳи виҷдони ахлоқӣ мешавад собит кард. Худи ӯ ба Худо аз роҳи виҷдони ахлоқӣ эътиқод дорад. Шояд ҳеч файласуфе дар дунё наомадааст, ки ба андозаи Кант барои виҷдони инсонӣ асолат қоил бошад ва мегӯянд, бар рӯйи сарлавҳи қабраш ҷумлаеро, ки аз худи ӯст навиштаанд ва он ҷумлаи маъруфаш ин аст:

“*Ду чиз аст, ки эъҷоби инсонро бармеангезад: яке, осмони пурситорае, ки дар болои сари мо қарор дорад ва дигар, виҷдон ва замире, ки дар даруни мо қарор гирифтааст*.”

Ӯ мӯътақид ба илҳоми виҷдонӣ аст ва мегӯяд: баъзе чизҳоро инсон дар виҷдони худаш ба сурати як таклиф ва як амру наҳй эҳсос мекунад. Ин ки зулм накун, дар виҷдони инсон ба сурати як амри фитрӣ ҳаст. Ин ки дурӯғ нагӯ ва рост бигӯ, ин ки нисбат ба дигарон муҳаббат биварз, ин ки хиёнат накун, инҳо як силсила дастурҳост, ки ба ҳукми фитрат дар виҷдони инсон қарор дода шуда. Виҷдони инсон худаш ба инсон амр мекунад; мегӯяд, ин ҷур бикун, он ҷур накун.

Ӯ мегӯяд: ҳар кореро, ки инсон ба ҳукми итоати било шарти виҷдон анҷом бидиҳад, яъне фақат ба ин далел анҷом бидиҳад, ки қалбам ба ман дастур медиҳад, дилам ба ман фармон медиҳад, виҷдонам фармон медиҳад ва ҳеч ғаразу ғояте надошта бошад, чунин коре як кори ахлоқӣ аст. Баръакси он назари аввал, ки мегуфт, ғоят, дигарӣ бошад, ин назар ба истилоҳ дарунгароӣ мекунад. Он назария бурунгаро буд ва ин назария дарунгарост; мегӯяд: он вақт як феъл феъли ахлоқӣ аст, ки шакли итоати маҳз аз виҷдонро дошта бошад бидуни он ки ҳеч шарте ва ҳеч ғояте дар назар гирифта шуда бошад, ба тавре, ки агар аз шахс бипурсанд: чаро ин корро мекунӣ? Бигӯяд: чун

виҷдонам мегӯяд. **Ғайр аз ин ки виҷдон гуфта, ба хотири чизи дигаре набошад. Агар бигӯй, ин корро ман барои фалон ҳадафи дигар анҷом медиҳам, мегӯяд, дигар ахлоқӣ нест**. Пас ин шахс меъёри феъли ахлоқиро анҷоми таклифи фитрии виҷдонӣ медонад ба шарти ин ки ин анҷоми таклиф, било шарт сурат бигирад. Ӯ ахлоқро фақат ва фақат дар виҷдон мебарад, қоил ба виҷдон ва илҳоми фитрӣ аст. Албатта ҳарфаш то андозае ҳарфи дурусте аст. Мо дар Қуръони Карим мехонем:

وَنَفْسٍ وَمَا سَوَّاهَا. فَأَلْهَمَهَا فُجُورَهَا وَتَقْوَاهَا

(“*Қасам ба нафс ва он ки ӯро мӯътадил сохт ва ба ӯ шарру хайрашро илҳом кард.” (Шамс/7 ва 8)*)

Вақте, ки ин ояти карима нозил шуд:

وَتَعَاوَنُوا عَلَى الْبِرِّ وَالتَّقْوَى وَلَا تَعَاوَنُوا عَلَى الْإِثْمِ وَالْعُدْوَانِ

(“*Дар некӯкорӣ ва тақво бо якдигар ҳамкорӣ кунед ва дар гуноҳу ситам ҳамкорӣ накунед.” (Моида/2)*), марде ба номи Вобиса омад хидмати Расули Акрам (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи). Қабл аз он ки суолашро тарҳ кунад, Расули Акрам фармуд: Вобиса! Оё бигӯям, омадаӣ чӣ аз ман бипурсӣ? Омадаӣ аз ман бипурсӣ, ки “бирр” ва “исм” чист? Гуфт: бале, ё Расулаллоҳ, иттифоқан барои ҳамин омадаам.

Навиштаанд, Пайғамбари Акрам ду ангушташонро ба синаи Вобиса заданд ва фармуданд:

يا وابِصَةُ اِسْتَفْتِ قَلْبَكَ، اِسْتَفْتِ قَلْبَكَ

Ин фатворо аз дилат бихоҳ. Яъне Худованд ташхиси бирру тақворо ва дар нуқтаи муқобил ташхиси исм (гуноҳ)-ро дар фитрати инсон қарор дода ва масоили фитриро дигар лозим нест инсон биравад аз дигаре бипурсад, балки бояд аз қалб ва виҷдони худаш бипурсад. Ҷавобро аз ҳамин ҷо мегирад. Ҳол, намехоҳам баҳси тафсилӣ арз бикунам, ки дар инҷо хеле матлаб ҳаст. Ин ҳам як назар.

Бино бар се назарияи аввал, ахлоқ аз мақулаи муҳаббат буд, вале бино бар ин назар, ахлоқ аз мақула таклиф аст.

Назарияи дигаре дар боби меъёри ахлоқӣ будани як феъл дорем ва он назарияи маъруфи ҳусну қубҳи зотии афъол аст. Медонем, иддае будаанд, ки барои афъол ҳусну қубҳи зотӣ қоил будаанд ва ин ба як маънои хосс дуруст аст, албатта таъбираш фарқ мекунад. Гуфтаанд, зебоӣ ё ҳусн ду ҷур аст: ҳусни ҳиссӣ дорем ва ҳусни ақлӣ, ҳамчунон, ки ҳусни хаёлӣ ҳам дорем. Ва ҳусни ҳиссӣ бар чанд қисм аст. “Ҳусн” яъне зебоӣ ва зебоӣ таъриф ҳам надорад,

مِمّا يُدْرَكُ وَلا يوصَف

— аст. Ҳусни ҳиссӣ мумкин аст басарӣ бошад, мумкин аст самъӣ бошад ва ҳатто мумкин аст ламсӣ бошад, завқӣ бошад, шаммӣ бошад. Ҳусни ақлӣ ҳам дорем; баъзе чизҳо ба дидаи ақл зебост ва ҷозиба дорад. Хоссияти зебоиро аз ҷозибааш мешавад фаҳмид. Ҳар чи ки дар инсон ишқу шавқ тавлид кунад ва инсонро ба сӯйи худаш бикашонад ва таҳсину офарину тақдис инсонро ҳам ҷалб кунад "зебоӣ" аст. Гуфтаанд, баъзе корҳо зотан зебост ва баъзе корҳо зотан зишту нозебо аст, ҳамин тавр, ки суратҳо баъзе зотан зебост ва баъзе нозебо. Масалан, ростӣ зотан зебост. Ҳақ, суханӣ рост, зебост. Амонат зотан зебост. Сипосгузорӣ зотан зебост. Эҳсон ба ғайр, зотан зебост. Адолат кардан зотан зебост. Дар муқобил, муқобилотӣ инҳо мисли дурӯғ, зулм ва ҳамаи умуре, ки ахлоқи нописанд хонда мешавад, зотан нозебост. Пас, **тибқи ин назар, меъёри ахлоқӣ будан, зебоии феълҳост, он ҳам зебоии ақлӣ, ки ақл мустақиллан ва мустақиман дарк мекунад**.

Ин таъриф хеле ҷомеътар аз он таърифҳо ҳатто таърифи Кант аст. Вале **агар милокро зебоӣ бидонем, баҳси ҳусну қубҳи ақлӣ пеш меояд ва албатта каме холӣ аз душворӣ нахоҳад буд. Ба ҳасби ин назария, ки дар миёни мусалмонон зиёд мавриди баҳс будааст, ахлоқ аз мақулаи ҷамол ва зебоӣ аст. Бино бар ду назария ва балки се назарияи аввал, ахлоқ аз мақулаи муҳаббат буд, бино бар назарияи Кант аз мақулаи таклиф буд ва бино бар ин назария аз мақулаи зебоӣ аст, вале зебоии ақлӣ**; Ҳам аз мақулаи ақл аст ва ҳам аз мақулаи зебоӣ, вале зебоии маъқул.

Назари Афлотун

Назарияи дигаре дар инҷо ҳаст наздик ба ин назария, ки аз Афлотун аст. Он ҳам мегӯяд, ахлоқ аз мақулаи зебоӣ аст. Лозим аст тавзеҳе бароятон арз бикунам:

Дар китоби "Адли илоҳӣ" зикр кардаем, ки адлро се ҷур таъриф мекунанд: яке, баробарӣ, дигар:

اِعْطاءُ كُلِّ ذى حَقٍّ حَقَّهُ

("*Ҳаққи ҳар соҳиби ҳаққе дода шавад*") ва севвум, тавозун ва ҳамоҳангӣ. Агар таърифи севвумро дар назар бигирем, ки тавозун ва ҳамоҳангӣ аст, адл мусовӣ мешавад бо зебоӣ,

чун зебоӣ навъе тавозун аст[31]. Афлотун мӯътақид будааст, ки қувваҳо ва истеъдодҳое, ки дар инсон ҳаст, гуногун аст. Рост мегӯяд. Ғайри Афлотун ҳам ин ҳарфро гуфтаанд.

Дар инсон истеъдодҳои табиӣ ҳаст, истеъдодҳои мофавқи табиӣ ҳаст, истеъдодҳои ҳиссӣ ҳаст, истеъдодҳои ақлӣ ҳаст. Гуфтааст, ҳамин тавр, ки инсон аз ноҳияи бадан агар аъзояш мутаносиб бошад зебост, аз назари руҳу равон низ агар қувваҳо ва истеъдодҳои худро тавре тарбият кунад, ки мутавозин бошад (ҳар қуввае аз қувваҳоро дар он ҳадди муайяне, ки дорад ишбоъ кунад, на бештар ва на камтар ва ҷилави ифроту тафритро бигирад) зебост.

Мебинед дар китобҳои ахлоқи мо рӯйи ифроту тафрит зиёд баҳс мекунанд ва баъд мегӯянд, ахлоқи хуб ахлоқи ҳадди васат аст. Афлотун ҳам мегӯяд "ҳадди васат", вале назараш бештар ба зебоӣ аст. Мегӯяд инсони мутаъодилул-ахлоқ ва мутаъодилул-қувва ва мутаносибул-қувва. Инсоне, ки ҳама чизро — аз назари руҳӣ — дар ҳадди худаш дорад, на бештар ва на камтар, аз назари руҳӣ зебост. Ахлоқӣ шудан яъне зебоии руҳӣ ва маънавӣ касб кардан. Мегӯяд: андоми зоҳирӣ ва ҷисмонӣ дар ихтиёри мо нест ва дар раҳими (баччадони) модар такмил шуда. Он чи ки дар ихтиёри мо ҳаст, андоми руҳӣ аст. Инсон аз назари ҷисм, билфеъл ба ин дунё меояд. Аз шиками модар, ки мутаваллид мешавад, аз назари ҷисм билфеъл аст, яъне андомаш тамом шуда ба дунё меояд, мунтаҳо рушд мекунад, вале тамомандом ба ин дунё меояд.

Аммо аз назари руҳ як марҳила ақибтар аст, яъне олами дунё барои руҳи инсон ҳукми олами ҷанинро дорад барои бадани инсон. Мулло Садро ҳам ин таъбирро мекунад, ки олами дунё барои руҳ назири олами раим аст барои ҷанин. Андоми руҳ дар инҷо сохта мешавад. Тафовути дигар ин аст, ки андоми бадан, ки дар ҷанин сохта мешуд, ба ихтиёри мо набуд; мо қудрат надоштем, ки худамонро дар раҳим сафед бикунем ё сиёҳ, писар бикунем ё духтар, зишт бикунем ё зебо. Таклифе ҳам надоштем. Вале дар ин дунё ихтиёр бо мост, қалами қазо ва лавҳи қадар дар ихтиёри мост, ки чеҳра ва андоми равонии худамонро тарсим кунем ва тарҳи вуҷудии худамонро дар ҳамин дунё бирезем ва худамонро бисозем. Албатта инҳо моли Афлотун нест, дунболи ҳарфаш дорам мегӯям. Ӯ фақат ба ҳамон масъалаи зебоӣ такя кардааст. Пас ин мо ҳастем, ки бояд худамонро бисозем. Чӣ гуна бисозем? Чӣ гуна аз назари равонӣ ва руҳӣ ба зеботарин ваҷҳ бисозем? Мо мукаллаф ҳастем, ки худамон худамонро зебо бисозем ва ҳар тавр, ки дар инҷо

[31] *Дар китоби "Ҷомеъ ус-саъодот", марҳум Нароқӣ баҳсе роҷеъ ба адл аз он ҷиҳат, ки адл аз мақулаи зебоӣ аст мекунад.*

сохтем, дар ҷаҳони дигар ба ҳамон гуна маҳшур мешавем. Дар ахбор ва аҳодис дар зайли ояти каримаи:

يَوْمَ يُنْفَخُ فِي الصُّورِ فَتَأْتُونَ أَفْوَاجًا

(*“Он рӯзе, ки дар сур бидаманд ва гурӯҳ-гурӯҳ ба маҳшар дароед.” (Набаъ/18)*) хондаед, ки мефармоянд: фақат як гурӯҳ ба сурати инсон маҳшур мешаванд, чун дар онҷо мардум бар асоси ниятҳо ва ботинашон маҳшур мегарданд, яъне сурат ва зоҳирашон тобеъи малакот ва ботинашон аст. Ашхоси солеҳ ба сурати инсон маҳшур мешаванд, чун инсони воқеӣ ҳастанд ва инсонҳои дигар яке ба сурати маймун, яке ба сурати хирс, яке ба сурати саг, яке ба сурати мӯрча, яке ба сурати гурба маҳшур мешавад ва баъзе ба сурате, ки:

وَجَعَلَ مِنْهُمُ الْقِرَدَةَ وَالْخَنَازِيرَ

(*“Ононро ба бӯзина ва хук масх намуд.” (Моида/60)*) ба ҳеч ҳайвоне шабеҳ нест, барои ин ки худашро ин гуна сохтааст.

Пас ин матлабе, ки ба муносибати ҳарфи Афлотун гуфтем, ҷойи шак нест, ки инсон дар ин ҷаҳон худаш бояд худашро бисозад ва мукаллаф аст, ки худашро бисозад. Дар ин фалсафаи ҷадиде, ки дар асри мо ҳаст ба номи “экзистентсиализм” як истилоҳе матраҳ аст, ки аз назари лафз бо истилоҳи мо яке аст, аз назари маъно дуто, вале маъное, ки гуфтаанд, мо дар ҷойи дигар гуфтаем. Он истилоҳ, асолати вуҷуд ва асолати моҳият аст. Мегӯянд, мо тарафдори асолати вуҷуд ҳастем, вале мақсудашон ин аст, ки инсон худаш бояд моҳияти худашро тарҳ кунад, вуҷуди инсон бар моҳияташ муқаддам аст, яъне ҳар касе моҳияти худашро худаш бояд бисозад, ки ман чӣ моҳияте бояд дошта бошам ва то инҷо ҳарфи дурусте аст.[32]

---

[32] *Ин фалсафа мафҳуми асолати вуҷудро медиҳад. Экзистентсиализм яъне мактаби тарафдори асолати вуҷуд, албатта дар инсон. Ин “асолати вуҷуд”, ки дар инҷо гуфта мешавад, бо асолати вуҷуде, ки мо дар фалсафаи худамон мегӯем, дутост. Он як матлаб аст, ин матлаби дигаре аст. Он дар кулли ҷаҳон аст, ин ихтисос ба инсон дорад. Ва ба илова дар худи инсон ҳам боз ин як мафҳуми хоссе аст, ки мо аз ин мафҳуми хосс ба асолати вуҷуд таъбир намекунем, номи дигар рӯяш мегузорем. Ин асолати вуҷуд, ки Сартр мегӯяд, дар муқобили асолати моҳияте, ки инкор мекунанд ин аст, ки мегӯянд, ҳар мавҷуде ғайр аз инсон — аз ҷамод ва набот ва ҳайвон — моҳият ва зоташ бар ҳастиаш тақаддум дорад.*

Афлотун, ки мӯътақид аст ахлоқ аз мақулаи зебоӣ аст, мегӯяд, агар инсон маҷмӯъи истеъдодҳоеро, ки Худованди Мутаъол ба ӯ иноят кардааст, ба таври мутаносиб ва мутаъодил ва мутавозин, бидуни ифроту тафрит, парвариш бидиҳад, ки ҳар қувваеро дар ҳадди худаш ва ба андозаи худаш — ва ин андозаро аз худи матни хилқати инсон мешавад дарёфт кард — ва он миқдор парвариш бидиҳад, ки бояд ва на бештар ва на камтар, он вақт мо инсоне мешавем аз назари руҳӣ ва равонӣ зебо. Чаро шумо ба баъзе афрод иродат пайдо мекунед? Иродат чист? Шумо мебинед масалан як ҷавони 25 солае, ки он шӯри ҷавониаш аст ва аз назари син вақте аст, ки дунболи корҳои шаҳавонии худаш биравад, муриди як пирамарди 80 сола ва 90 сола мешавад, ки аз нигоҳ кардан ба сурати ӯ лаззат мебарад. Марҳум оқои Буруҷердӣ ризвонуллоҳи алайҳро ҳама дида будед. Воқеан як марде буд, ки инсон вақте нигоҳаш мекард, лаззат мебурд. Як пирамарди 90 сола буд. Он ҷозибае, ки як пирамарди 90 сола як ҷавони 25 соларо ба дунболи худаш мекашонад, ки номаш иродат аст чист? Ташхиси навъе зебоӣ дар руҳи ӯст, ки ин кашишро эҷод мекунад. Худи Пайғамбари Акрам чӣ гуна буд? Ӯ ҷамъ карда буд миёни зебоии зоҳирӣ ва маънавӣ ва ҳадди аълои зебоии маънавиро дошт. Ибни Абилҳадид нақл мекунад, ки куффори Қурайш дар Макка мусалмононро “субот” мегуфтанд. Субот аз моддаи “сабва” ба маънии ишқ аст, яъне волаҳо.

Мегуфтанд, инҳо ошиқи ин мард ҳастанд. Ин қадр муриду маҷзуби Пайғамбари Акрам буданд, ки инҳоро “субот” меномиданд. Он чист? Як чизе дар ӯ ҳаст ғайр аз масъалаи ҷисм, ки инсон маҷзуби ӯ мешавад. **Афлотун ҳам мӯътақид аст, ки ахлоқ аз мақулаи зебоӣ аст, вале он назаре, ки қабл аз ин назар арз кардам ва мӯътақид буд, ки ахлоқ аз мақулаи зебоӣ аст, мегуфт зебоии феъл, ҳусну қубҳи зотӣ дар афъол. Мегуфт, феълҳо баъзе зотан зебо ҳастанд, баъзе нозебо. Инсони зебо он аст, ки матлубаш зебо бошад. Инсон аз он ҷиҳат зебо буд, ки толиби феъли зебо буд ва инсон аз он ҷиҳат нозебо мешуд, ки толиби феъли нозебо буд. Вале ин назар мегӯяд, аслан маркази зебоӣ худи равони инсон аст. Феъл аз он ҷиҳат зебо мешавад, ки аз равони зебо пайдо бишавад ва феъл аз он ҷиҳат нозебо мешавад, ки аз равони нозебо пайдо бишавад. Бинобар ин, конуни зебоӣ, худи равони инсон аст. Ин ҳам як назария дар боби меъёри ахлоқӣ, ки феъли ахлоқӣ яъне феъле, ки аз як руҳи мутаъодил ва мутавозин пайдо шуда бошад**.

Назари фалосифа

Як назарияи дигар аз лобалои калимоти ҳукамои исломӣ пайдо мешавад. Онҳо милоки ахлоқро ақл, вале ақли озод ё озодии ақлӣ медонанд. Ин матлабро ба ин шакле, ки арз

мекунам, шумо дар китобҳои онҳо маъмулан пайдо намекунед ва мо аз лобалои калимот (-и фалосифаи исломӣ) махсусан Садрулмутааллиҳин ба даст овардаем. Ин назария мубтанӣ бар ҳамон асли руҳи муҷаррад аст.

Ин оқоён мӯътақиданд, ки **гавҳари инсон он қувваи оқилаи инсон аст; ҷавҳари инсон ақли инсон аст ва камол ва саодати ниҳоӣ ва воқеии инсон саодати ақлӣ аст. Саодати ақлӣ яъне чӣ? Яъне маориф, яъне инсон дар он охирин ҳадде, ки барои ӯ мумкин аст, ба маорифи илоҳӣ ошно бишавад ва олами вуҷудро ончунон, ки ҳаст дарёфт кунад**.

Мебинед онҳо вақте, ки ҳикматро аз назари ғоят таъриф мекунанд, на аз назари мавзӯъ, мегӯянд:

صَيْرورَةُ الْانسانِ عالَما عَقْلِيّا مُضاهِيا لِلْعالَمِ الْعَيْنِيِّ

Ин ки инсон бишавад ҷаҳони ақлӣ шабеҳи ҷаҳони айнӣ. Албатта ҷузъиёташро инсони оддӣ дарк намекунад ва дарк намекунанд магар авлиёи Ҳақ. Вале инсони оддӣ метавонад дар ақли худаш (ба мартибае) бирасад, ки куллиёти низоми ҳастиро аз аввал то охир, он тавре, ки ҳаст дарк кунад; аз зоти воҷибулвуҷуд гирифта то ҳаюлои аввалӣ, маротиби куллии оламро дарк кунад. Ва ба ҳар нисбат, ки маорифи инсон нисбат ба Худо ва сифот ва афъоли Худованд — ки ҷуз ин ҳам чизе нест — бештар бошад, инсони комилтар аст ва аз саодати воқеӣ, ки саодати ақлӣ аст бештар баҳраманд мебошад.

Баъд мегӯянд, ақли инсон ду ҷанба дорад: як ҷанбаи назарӣ ва рӯ ба боло, ки ба ин ҷанба таваҷҷӯҳаш ба болост ва мехоҳад ҳақоиқро кашф кунад ва як ҷанба рӯ ба пойин яъне рӯ ба бадан, ки ба ин ҷанба мехоҳад баданро тадбир кунад. То ин миқдорро зиёд дар китобҳо менависанд.

Баъд мегӯянд, ин тадбири ақл баданро, бар чӣ асосе бояд бошад? Шунидаед, ки **асоси ахлоқ аз назари уламои исломӣ адолат аст**. Ҳеч фикр кардаед чаро адолатро асос медонанд? Решааш ин аст: гуфтаанд, **ахлоқ ин аст, ки ҳокими бар вуҷуди инсон табиат набошад, яъне шаҳват ва ғазаб ва ҳеч як аз ғароизи табиӣ набошад, ваҳм ва қувваи воҳима набошад, хаёл набошад; ҳоким бар вуҷуди инсон ақл бошад. Ва агар ҳоким ақл бошад, ақл ба адолат дар инсон ҳукм мекунад**. Яъне ҳамон адолатеро, ки Афлотун ба шакли дигаре мегуфт, инҳо дар инҷо мегӯянд, ки ақл ҳаззи ҳар қувва ва истеъдодеро бидуни ифроту тафрит ба ӯ медиҳад. Ҳоло чӣ монее дорад, ки як қувва бештар гираш биёяд ва яке камтар? Агар ба Афлотун мегуфтем: чӣ монее дорад? Мегуфт: зебоӣ баҳам мехӯрад. Вале амсоли Мулло Садро чаро мегӯянд, набояд ифроту тафрит дар қувваҳо ва истеъдодҳо бошад? Оё онҳо ҳам мегӯянд, барои ин ки зебоӣ баҳам

нахӯрд? На, онҳо мегӯянд: **агар ғайр аз ин бошад, озодии ақл аз байн меравад ва нуктаи асосӣ ҳамин аст**. Мегӯянд, **ақл агар бихоҳад ҳоким дар миёни ҳамаи қувваҳо бошад ба тавре, ки ҳеч қуввае тахаттӣ накунад, роҳаш фақат ин аст, ки ин қувваҳоро дар муқобили якдигар қарор бидиҳад: шаҳватро дар муқобили ғазаб, ғазабро дар муқобили шаҳват, ба тавре, ки ин қувваҳо худашон якдигарро хунсо кунанд яъне нигаҳдорӣ кунанд, ки ақл дар камол роҳатӣ битавонад фармон бидиҳад**. Инҳо адолат ва ҳадди васатро аз ин ҷиҳат мизоҷи ақлӣ медонанд, ки **агар инсон аз назари малакот дар ҳадди васат бошад, ҳукми ақл ба соддагӣ иҷро мешавад. Вақте ҳукми ақл ба соддагӣ иҷро шуд, бадан ҳеч вақт музоҳими руҳ нест ва он вақт руҳ бидуни ҳеч музоҳимате аз ноҳияи бадан камолоти худашро касб мекунад**.

Пас, **аз назари инҳо ахлоқ яъне таъодул миёни қувваҳо, ҳадди васат**, вале ҳадди васат барои чӣ? Оё барои зебоӣ? На, онҳо ба зебоӣ кор надоранд. **Ҳадди васат барои ин ки истило ва тасаллути ақл ва руҳ — ки ҷавҳари руҳ ҳамон ақл аст — бар бадан, дар ҳадди аъло бошад**, бар хилофи он ҷойе, ки як қувва туғён кунад. Масалан, одами шикампараст яке аз ғароизаш, ки ғаризаи серӣ бошад, дар ӯ туғён мекунад ва ихтиёрро аз дасти ақлаш берун мебарад.

Ҷилави ҳамаи инҳоро бигирад, то ақлаш озодона битавонад ба бадан ва қувваҳо фармон бидиҳад ва масалан бигӯяд: инҷо бирав, онҷо нарав, ин миқдор истифода кун, он миқдор истифода накун (ва хулоса) **фармони ақл дар бадан ҳокими мутлақ бошад**. Аз назари инҳо низ **решаи ахлоқ бармегардад ба адолат ва тавозун, аммо тавозун барои чӣ? Барои озодии ақл. Ва дар воқеъ, ахлоқ аз назари ин ҳукамо аз мақулаи озодӣ аст ба як маъно ва аз мақулаи ҳокимияти ақл аст ба маънии дигар, ки агар озодӣ бигӯем, мешавад озодии ақлӣ**.

Назари Рассел

Назарияи дигаре ҳаст, ки амсоли Бертран Рассел ин назарияро таъқиб мекунанд. Инҳо чун моддимаслак ҳастанд ва ҳам дар бораи ҷаҳон моддӣ фикр мекунанд ва ҳам инсонро як мавҷуди моддӣ медонанд, мегӯянд: ин ҳарфҳо, ки ғояти феъл ғайр бошад, эҳсосоти ғайрдӯстона, инҳо дурӯғ аст, таъоруф аст. Ҳеч вақт одам эҳсосоти ғайрдӯстона надорад, ҳар касе фақат худашро мехоҳад. Ҳеч вақт намешавад, ки инсон ғоятш аз феъл, каси дигар бошад ва бихоҳад ҳадафро хайри каси дигар қарор бидиҳад, Кант гуфтааст виҷдони ахлоқӣ, мо аслан виҷдони ахлоқӣ надорем. (Ё гуфтааст:) эҳсоси таклиф. Эҳсоси таклифе вуҷуд надорад. Аслан виҷдон дурӯғ аст. Он дигаре гуфта: зебоии феъл. Мо

зебоӣ ва нозебоӣ дар феъл намефаҳмем. Он яке гуфта: зебоии руҳ. Мо руҳи зебо ва нозебо сарамон намешавад. Он яке гуфта: ақли муҷаррад ва руҳи муҷаррад. Аслан ба руҳи муҷаррад қоил нестам. Мегӯем: пас оё ба ахлоқ қоил ҳастӣ ё на? Мегӯяд: бале, ман ба ахлоқ ҳам қоил ҳастам (чун намешавад касе мункири ахлоқ бишавад). Мегӯем: пас ахлоқро бар чӣ асосе тавҷеҳ мекунӣ? Ва иттифоқан худаш аз аламдорҳои ахлоқ аст ва иддае гӯли ҳарфҳояшро хӯрдаанд ва ӯро одами инсондӯсте медонанд ва ман мукаррар гуфтаам: ин одам фалсафааш бар хилофи шиорҳояш аст, шиори инсондӯстӣ медиҳад ва дар фалсафаи худаш бар зидди инсондӯстӣ ҳарф мезанад. Аслан инсондӯстӣ дар фалсафаи Рассел дурӯғи маҳз аст. Мегӯем: ахлоқ чист? Мегӯяд: ахлоқ таркибе аст аз ҳушёрӣ ва дурандешӣ бо нафъталабӣ. Тамоми мактабҳои ахлоқӣ нафъталабиро бар зидди ахлоқ медонанд, илло мактаби ахлоқии Рассел, ки мегӯяд: ахлоқро бояд аз нафъталабӣ дуруст кард, мунтаҳо нафъталабии ҳушёрона ва дурандешона. Ин ки инсон бихоҳад манофеъи худашро бо дурандешӣ таъмин кунад, мешавад ахлоқ. Чӣ тавр?

Мегӯяд: шак нест, ки ақл дар хидмати табиати инсон аст, ақл як чароғ аст барои инсон. Чароғ дар ихтиёри он касе аст, ки онро дар даст дорад. Ба ҳар тараф, ки бихоҳад биравад, фармон медиҳад, чароғ аз он тараф меравад ва роҳашро равшан мекунад. Инсон ақлашро дар хидмати манфиати худаш қарор медиҳад. Ақл дар хидмати манофеъи инсон аст. Вале шуоъи ақли инсон бояд хеле васеъ бошад ва заъиф набошад, ки фақат ҷилави пояшро бибинад. Агар бихоҳад ҷилави пояшро бибинад, манфиатпараст мешавад, фардпараст мешавад, худпараст мешавад. Лузуме надорад, ки мо бо худпарастӣ ва манфиатпарастӣ мубориза бикунем. Мо мегӯем, манфиатпараст бош, вале дурандеш ҳам бош, ҳушёр бош, шуоъа ақлатро тӯлонитар кун, яъне таваҷҷӯҳ ба аксуламалҳои кори худат дошта бош. Агар шуоъи дурандешӣ тавил бошад, он вақт манфиати фардӣ бо манфиати иҷтимоӣ ва маслиҳати иҷтимоӣ татбиқ мекунад ва ҳамоҳанг мегардад, мешавад ахлоқ. Як мисол зикр мекунад, мегӯяд: фарз кунед, ман мебинам ҳамсояам як гови ширдеҳи хубе дорад. Шак надорад, ки дар ибтидо манфиатҷӯии ман ҳукм мекунад, ки гови ҳамсояро бидуздам. Ин хеле табиӣ аст барои инсон. Вале ақл дорам, ҳушёрӣ дорам, медонам, ки ин кор бидуни аксуламал нест. Ман агар гови ҳамсояро бидуздам, ҳамсоя ҳам фардо меояд гови манро медуздад ва ман, ки мехостам ба як манфиате бирасам, мебинам агар ба манофеъи дигарон таҷовуз кунам, дигарон ҳам ба манофеъи ман таҷовуз мекунанд, пас мегӯям, маслиҳат ин аст, ки на ман ва на ту.

Боязид ва Худо

Достоне аст, ки Аттор ҳам онро ба шеър дароварда. Албатта инҳо афсона аст. Мегӯяд: яке аз мутасаввифа — ки ба қавли худашон ӯро султон мегӯянд — як вақте дар олами мукошифаи худаш дошт бо Худо ҳарф мезад. Як вақт Худо ба ӯ гуфт: Боязид! Оё мехоҳӣ он ботинатро он тавр, ки ҳаст ба мардум ироа бидиҳам, ки дигар як нафар ҳам муридат набошад ва дунболат наёяд? Боязид гуфт: Худоё! Оё мехоҳӣ он раҳмати фавқулъодаатро ба мардум бигӯям, ки дигар як нафар ҳарфҳоятро итоат накунад? Худо гуфт: сар ба сар, на ту бигӯ, на ман мегӯям!

Достони марди идорӣ ва ҳамкораш

Яке аз руфақоямон нақл мекард, ки рӯзи аввали моҳи Рамазон буд, рӯза гирифтем, рафтем идора ва тоза бо як оқое ба истилоҳ ҳаммиз ва ошно шуда будем. Ӯ ҳам рӯза мегирифт. Баъд аз яке ду соат он рафиқам гуфт: фалонӣ! Ман мехоҳам як тазаккуре ба шумо бидиҳам.

Гуфтам: бифармоед. Гуфт: ман хеле аз шумо маъзарат мехоҳам, ки ин тазаккурро медиҳам, вале хуб лозим медонам, ки ин тазаккурро бидиҳам, аз ахлоқи бади худам аст, чӣ арз кунам. Ман якчунин ахлоқи баде дорам, ки дар моҳи Рамазон, ки рӯза мегирам, асабонӣ мешавам, хеле ҳам асабонӣ мешавам. Вақте ҳам, ки асабонӣ мешавам, дигар ҳар чи ба даҳонам меояд, мегӯям, ҳарфи бад мегӯям, фуҳш медиҳам, тавҳин мекунам. Мумкин аст дар ин моҳи Рамазон ба ҷаноби олӣ ҷасорате бикунам. Хоҳиш мекунам агар чунин шуд, дигар рӯза аст, ахлоқи ман аст, хеле бибахшед. Ин оқои рафиқи мо гуфт: гуфтем, аҷаб коре шуд! Ин мард рӯзи аввали моҳи Рамазон омад бо мо итмоми ҳуҷҷат кард. Ҳоло мо як моҳи Рамазони тамом бояд аз ӯ фуҳш бишнавем, чун рӯзи аввали моҳи Рамазон гуфта ахлоқи ман ин аст. Гуфт: ман ҳам гуфтам, ки аҷаб тазаккури баҷойе додӣ! Иттифоқан ахлоқи ман ҳам ҳамин тавр аст ва балки бадтар, дар ҳоли рӯза асабонӣ мешавам, як вақт мебинӣ, ки ин давотро бардоштам ва парронадам ба сарат. Гуфт: аҷаб! Хеле ахлоқи баде аст. Пас хуб аст ҳар дуямон мувозиб бошем.

Рассел мегӯяд, масъалаи ахлоқ дар миёни башар ҳамин аст ва ҳамин ва ҳарфҳое аз қабили эҳсосоти навъдӯстона ҳадафи инсонҳои дигар бошанд, руҳи муҷаррад, ақли муҷаррад ва эҳсоси таклиф бемаънӣ аст. Як одами моддӣ ғайр аз ин фикр намекунад, ки дунё, дунёи моддият аст ва инсон ҳам як мавҷуди моддӣ аст. Инсон ҷуз дунболи манфиати худаш намеравад. Фақат бояд ҳушёриаш зиёдтар бошад ва дар ин сурат мебинад, ки агар бихоҳад ба ҳуқуқи дигарон таҷовуз кунад, аксуламалаш таҷовузи дигарон аст.

Кулӯхандозро подош санг аст. Як кулӯх, ки андохтам, сад то санг бояд бихӯрам.

Баъд меойем муаддаб мисли баччаодам сари ҷойи худам менишинам.

Ин аст, ки **ӯ ахлоқро аз мақулаи ҳушёрӣ медонад**: ҳар андоза инсон ҷоҳил бошад, ба аксуламали корҳояш таваҷҷӯҳ надорад ва дунболи манофеъи фардӣ меравад ва ҳар андоза олимтар ва ҳушёртар бошад, ба аксуламалҳо бештар таваҷҷӯҳ дошта бошад, он дурҳоро бештар бибинад, то охири пириашро бибинад, насли ояндаашро бибинад ва ба фикри ин бошад, ки баччаҳои ман ҳам нороҳат набошанд, бештар кӯшиш мекунад, ки манфиати худашро бо манофеъи дигарон татбиқ бидиҳад. Пас **ахлоқ яъне худпарастии оқилона ва ҳушёрона ва решаи ахлоқро бояд дар ҳушёрӣ ва ақл ҷустуҷӯ кард**. Ва аз ин рӯ аз назари ин одам, мо барои ин ки ахлоқи хуб ба ҷомеа биёварем, пайваста бояд ҷомеаро донотар ва донишмандтар кунем ва мардумро ба аксуламалҳо ва лавозими феълҳо ва корҳояшон огоҳтар намоем. Дар ин сурат ахлоқи беҳтар дар миёни мардум пайдо мешавад. Ҳамон тавр, ки Суқрот ҳам чунин назарияе дошт ва дар калимоти ҳазрати Амир низ ин суханро ба шакли дигаре мебинем:

عَلِّموهُمْ وَكَفى

Суқрот ҳам мегуфт: мардумро доно кунед, ахлоқи хуб пайдо мешавад. Албатта ӯ рӯйи як мабно мегуфт, ҳамон тавр, ки

عَلِّموهُمْ وَكَفى

— ҳам рӯйи як мабност, Рассел ҳам, ки мегӯяд, мардумро доно кунед ва кофӣ аст, рӯйи мабнои дигаре аст. Донише, ки ӯ мегӯяд яъне таваҷҷӯҳ додан ба аксуламалҳо: аксуламалҳои феълҳоро ба афроди башар биёмӯзед, ҳама хуб мешаванд.

Бино бар назарияи Рассел, тарбияти бештар дар мақулаи таълим ворид мешавад ва парвариш вориди мақулаи омӯзиш мегардад.

Нақди ин назария

Гуфтам, назарияи Рассел бар зидди инсондӯстӣ аст ва бар хилофи шиорҳои худи ӯст. Ин назария решаи ахлоқро зиракона задааст. Бино бар назарияи ҷаноби Рассел, ахлоқ фақат дар ҷойе метавонад ахлоқ бошад, ки инсон нигарони аксуламали бади дигарон бар зидди манофеи худаш бошад. Яъне бино бар ин назария, як одами заъиф агар ҳушёр бошад, амали зидди ахлоқӣ анҷом намедиҳад, чун мебинад дигарон меоянд чанд баробар манофеъи ӯро поймол мекунанд. Як одаме ҳам, ки нерӯи дигаронро мусовӣ бо нерӯи худаш мебинад, амали зидди ахлоқӣ анҷом намедиҳад, чун мебинад ҳамон андоза, ки ӯ метавонад аз дигарон бибарад, дигарон метавонанд аз ӯ бибаранд.

Баъд ба ҷаноби Рассел мегӯем: ахлоқ дар дараҷаи аввал он аст, ки битавонад ақвиёро контрол кунад. Бино бар ин назария, зулми ақвиё зидди ахлоқӣ нест (эроди бузург бар Рассел ҳамин аст) ва он чи Никсон дар Ветнам ё Ховари Миёна анҷом медиҳад, зидди ахлоқ нест, чун ҳамаи ҳисобҳояшро карда; медонад, ки зӯраш хеле зиёд аст ва ҳар чи бихоҳад бибарад ва бидуздад, нерӯе, ки битавонад манофеъи ӯро поймол кунад, вуҷуд надорад. Вақте, ки ахлоқ иборат шуд аз манфиатҷӯии ҳушёрона, ин манфиатҷӯии ҳушёрона барои заъиф ва барои касе, ки нерӯяш бо дигарон мутасовӣ аст як ҷур аст, вале барои қавӣ ҷури дигаре аст. Қавӣ агар мутмаин шуд, ки заъиф наметавонад аксуламале алайҳи ӯ анҷом бидиҳад, ҳар зулме, ки бикунад, амалаш ахлоқӣ аст ва зидди ахлоқӣ нест, чун як манфиатҷӯии ҳушёрона ва ҳисобшуда аст. Бинобар ин, ин ки Исроил ҳавопаймои Либияро меандозад, агар ба нерӯи худаш ва нерӯи Омрико сад дар сад итминон дошта бошад ва бидонад, ки тараф заъиф аст ва наметавонад талофӣ кунад, аз назари ҷаноби Рассел кори зидди ахлоқӣ анҷом надода. Пас ҷаноби Рассел! Ин шиорҳои инсондӯстии ту, ки дар хиёбонҳо роҳ меафтӣ ва алайҳи ҷанги Ветнам ва ғайра шиор медиҳӣ, барои чист? Ӯ зӯр дорад ва он корро ба ҳукми зӯраш ва ба ҳукми ҳушаш ва ба ҳукми даркаш, ки медонад аксуламале надорад, анҷом медиҳад. Ту худат онро таҷвиз кардӣ.

وصلّى الله على محمّد وآله الطاهرين

Ахлоқи коммунистӣ ва мактаби ахлоқии Рассел

بسم الله الرّحمن الرّحيم

Ба назариёте дар бораи ахлоқ, ки дар асри мо бештар матраҳ аст ишора мекунем. Яке аз онҳо ба истилоҳ ахлоқи коммунистӣ ё марксистӣ аст. Ин мактаб ҳам барои худ як системаи ахлоқӣ дорад ва ночор ҳар мактабе бояд як меъёрҳое барои ахлоқ вазъ кунад, ки посухгӯи ин суолҳо бошад, ки барои чӣ чиз арзиши инсонӣ қоил аст ва чӣ навъ кореро ахлоқ медонад ва чӣ навъ кореро зидди ахлоқ мешуморад? **Дар ин мактаб як чиз меъёри ахлоқ аст ва он, такомули иҷтимоӣ аст**, он ҳам такомуле, ки бар асоси такомули абзори тавлид тавҷеҳ мешавад. Мактаби марксизм мантиқе дорад, ки ҳамон мантиқи маъруфи Гегел, мантиқи диалектик аст; фалсафа ва ҷаҳонбиние дорад, ки ҷаҳонбинии моддӣ аст, ба хусус моддияте, ки дар қарни 18-ум роиҷ ва шойеъ буд ва яке аз шогирдон ё пайравони ба истилоҳ чапгарои Гегел ба номи Фейербах, онро матраҳ кард.

Маркс дар фалсафаи моддӣ дар воқеъ тобеъи Фейербах аст, мунтаҳо мантиқи Фейербах мантиқи диалектикӣ набудааст. Маркс он мантиқи диалектикро бо фалсафаи моддӣ талфиқ кардааст ва аз он моддияти таҳаввулӣ ё моддияти ҷадалӣ (ин истилоҳоте, ки мегӯянд) ва ё **материализми диалектик** ба вуҷуд омада.

Ҳамчунин ин мактаб як назарияи хосс дар мавриди моҳияти таърих дорад, ки бар асоси асолати иқтисод аст. Мегӯяд: моҳияти аслии таърихро иқтисод ташкил медиҳад, ки инро “материализми таърихӣ” мегӯянд. Зоҳиран ин истилоҳро Энгелс вазъ кардааст. **Материализми таърихӣ ё моддияти таърихӣ, яъне таърих моҳияти моддӣ дорад**. Ва бахши дигар, бахши ҷомеашиносӣ аст. Дар бахши ҷомеашиносӣ ҳам мисли бахши фалсафаи таърих, ҷомеа тақсим мешавад ба зербино ва рӯбино ва зербинои ҷомеа равобити иқтисодӣ ва тавлидӣ аст ва рӯбино ҳама чизи дигар.

Қисматҳои дигаре аз мактаби марксизм албатта марбут ба масоили иқтисодӣ аст, яъне воқеан моҳияти иқтисодӣ дорад, ҳамон чизе, ки риштаи тахассусии Карл Маркс ҳам фақат он буда, яъне ӯ як марди иқтисоддон буда ва дар иқтисод соҳибназар будааст ва назарияе дорад — агарчӣ ин назарияро ҳам қаблан иқтисоддонҳои дигар гуфта буданд, вале шояд ӯ бештар парвариш дод — роҷеъ ба масъалаи кор ва арзиш, ки арзиш фақат аз кор ба вуҷуд меояд ва сармоя тавлиди арзиш намекунад, бинобар ин арзиши изофӣ (ҳар суде, ки сармоядор ба даст меоварад) ба ӯ таъаллуқ надорад, балки ба коргар таъаллуқ дорад, ки ин назарияи хоссе аст дар бораи кор ва сармоя.

Бахши дигар қаҳран масъалаи **ахлоқи коммунистӣ** аст, ки ин мактаб чӣ гуна ахлоқеро тавсия мекунад ва чӣ гуна ахлоқеро маҳкум мекунад? Дар ин мактаб мешавад гуфт — агарчӣ ба ин таъбир шояд худашон ҳам нагуфтаанд, вале метавон ин ҷур натиҷагирӣ кард — ки **ягона меъёр барои ахлоқ, такомул аст**, **яъне ҳар коре, ки ҷомеаро ба пеш бибарад, ҷомеаро ба сӯйи таҳаввул — ки таҳаввул ҳам ҷуз дар сурати инқилобиаш имконпазир нест — бибарад, ҷомеаро ба сӯйи камол бибарад, ахлоқӣ аст, ҳар чи мехоҳад бошад ва ба ҳар сурате ва ба ҳар кайфияте ва ҳар коре, ки монеъи такомули ҷомеа бошад, ғайри ахлоқӣ аст, ҳар чи мехоҳад бошад**. Албатта агар ба ин шакли куллӣ бихоҳем бигӯем, ин чизе аст, ки шояд ҳеч кас бо он мухолиф набошад, яъне ҳар мактаби ахлоқӣ бо ин ки меъёре ғайр аз такомул баён мекунад, вале суханаш ин аст, ки такомули ҷомеа бастагӣ ба ахлоқ дорад; ба ҳамин ахлоқе, ки ман мегӯям. Агарчӣ меъёрро такомул нагуфтаанд, вале ҳеч кас эътиқод надорад, ки ахлоқе, ки тавсия мекунад, ахлоқи зидди такомул аст, балки муддаӣ аст, ки ин ахлоқ муқаддима ва шарти такомул аст. Бинобар ин бояд бибинем ин назария, ки мегӯяд такомул меъёр аст, чӣ чизи хоссе мегӯяд ва дар воқеъ бояд бибинем назараш дар бораи такомул чист, такомулро чӣ медонад ва роҳи такомулро чӣ роҳе ташхис медиҳад? Ва ин бисёр муҳим аст.

Мантиқи диалектик

Дар ин мактаб, мантиқ ба таври куллӣ мантиқи диалектик аст ва мантиқи диалектик ин усулро бар ҳама падидаҳо ҳоким медонад: асли тазодд, на ба он маъно, ки дигарон мегуфтанд, балки ба маънои хосси худаш, яъне ин асл, ки ҳар чизе нафӣ ва зидд ва инкори худро дар даруни худаш дорад ва ба ҳамин далел, ки дар воқеъ ҷанги худ бо худро дар даруни худ дорад пӯёст, дар ҳоли ҳаракат аст ва сокин нест. Пас асли дуввумаш мешавад асли ҳаракат, ки ҳаракат ҳам ношӣ аз тазодд аст, он ҳам тазодде, ки аз даруни худи падида сарчашма мегирад, на тазодди як шайъи берунӣ бо падида. Ҳаракат мунҷар ба як силсила тағйироти тадриҷӣ мешавад, балки ҳаракат яъне тағйири тадриҷӣ.

Вале ҳар тағйири тадриҷӣ мунтаҳӣ ба як тағйири дафъӣ мешавад, ба ин маъно, ки ҳар тағйире дар ибтидо ҷанбаи каммӣ дорад, яъне афзоиши ададӣ ва миқдорӣ дорад, як муддате, ки ин афзоиши ададӣ ва миқдорӣ идома пайдо кард, кам-кам мерасад ба марҳилае, ки тағйири кайфӣ ҳосил мешавад. Ба як таъбир, тағйири тадриҷӣ мунтаҳӣ ба тағйири дафъӣ мешавад ва ба таъбири дигар, тағйири каммӣ ҳамеша мунтаҳӣ ба тағйири кайфӣ мешавад.

Мисоли маъруферо Гегел зикр кардааст: агар мо ба об ҳарорат бидиҳем, тадриҷан гарм мешавад. Аз сифр дараҷа меояд ба як дараҷа, панҷ дараҷа, панҷоҳ дараҷа, навад дараҷа, ҳамин тавр тадриҷан тағйир мекунад. Вале ба сад дараҷа, ки мерасад, ногаҳон як тағйири дафъӣ пайдо мешавад ва он ин аст, ки об бухор мешавад ва ба таъбири дигар, тағйири каммӣ табдил ба тағйири кайфӣ мешавад, яъне аз сад дараҷа ба боло аслан моҳияти он иваз мешавад, яъне як шайъ, ки қаблан мойеъ буд, ҳоло шуд газ; тағйири моҳият медиҳад. Дар асари ин тағйири моҳият қаҳран қонунҳое, ки қаблан бар он ҳоким буд — ки масалан чун мойеъ буд қонунҳои мойеъотӣ бар он ҳоким буд — дигар наметавонад ҳоким бошад; қонунҳои дигаре, ки қонунҳои газҳо – масалан – бошад, бар он ҳоким аст. Ин ки тағйири каммӣ мунҷар ба тағйири кайфӣ мешавад, дар натиҷаи ҳамон тазодд аст, чун гуфтем, дар натиҷаи ҳаракат аст ва ҳаракат маълули тазодд мебошад. Дараҷаи ҳарорат, ки боло меравад ва ба иборати дигар, тағйири каммӣ, ки бештар мешавад, ба маънии ин аст, ки тазодди дарунии шайъ бештар мегардад. Ва ин ки тағйири каммӣ табдил ба тағйири кайфӣ мешавад, маъноаш ин аст, ки ин тазодд ва кашмакаш ба ниҳояти дараҷаи худ расидааст ва дар ниҳояти дараҷа, он зидде, ки аз даруни аслии худаш ба вуҷуд омада буд (гуфтем, ҳар шайъ зидди худашро дар даруни худаш дорад) пирӯз шудааст ва он ки пирӯз мешавад, тазодд, ки ба марҳилаи ниҳоӣ мерасад, ин ҳолати инқилобӣ, ки ба вуҷуд меояд, дар воқеъ ҳолати севвум ба вуҷуд омада. Ҳолати аввал дар воқеъ ҳолати таваллуд аст: ҳамон ибтидо, ки шайъ ба вуҷуд меояд. Ҳолати дуввум ҳолати рушди шайъ аст, ҳолати барҳӯрди шайъ бо зидди худаш. Ва ҳолати севвум он ҳолати тағйири кайфӣ аст, он ҳолате, ки ин ду зидд билохира ба шакли як шайъи севвум дармеоянд, ки марҳилаи такомулёфтаи он аст.

Пас **ҳамеша ҷараёни табиат чунин ҷараёне аст: шайъ ба вуҷуд меояд дар ҳоле, ки зидди худашро дар даруни худ дорад. Кашмакаше байни худаш ва нафйи худаш, худаш ва инкори худаш ба вуҷуд меояд. Ин кашмакаш мунҷар ба ҳаракат мешавад ва дар ниҳояти амр ин ду бо якдигар ба навъе дар сатҳи болотар таркиб мешаванд, ки ин ҳамон ҳолати тағйири кайфӣ аст**. Вақте, ки таркиб мешаванд, он ҳолат баъдӣ такомулёфтаи ҳолатҳои қаблӣ аст (ва ба иборати дигар) ҳолати такомулёфта аст.

Такомули ҷомеа

Айни ин ҷараён, дар ҷомеа ҳам ҳаст. Ҷомеа дар ҳар марҳилае, ки бошад зидд ва нафй ва инкори худашро дар даруни худаш дорад ва ҳамон мунҷар ба кашмакаш ва ҳаракат мешавад ва дар ниҳояти амр мунҷар ба тағйири кайфии ҷомеа яъне мунҷар ба инқилоб дар ҷомеа ва табдил шудани низоми иҷтимоии ҷомеа ба як низоми иҷтимоии дигар

мегардад, ки ҷабран низоми иҷтимоии ҷадид комилтар аз низоми иҷтимоии собиқ аст. Боз он ба навбаи худ зидди худашро дар даруни худ парвариш медиҳад, боз кашмакаш пайдо мешавад ва дар ниҳояти амр инқилоби кайфӣ падид меояд ва боз ҷомеае дар сатҳи болотар ба вуҷуд меояд. Решаи ҳамаи инҳо ҳам дар воқеъ абзори тавлид ва равобити тавлидӣ аст. Ҷомеа дар як вазъе ба вуҷуд меояд бо як васоили тавлиди[33] ба хусус, баъд дар даруни ҳамин ҷомеа тадриҷан як навъ тазодде, ки дар воқеъ тазодд миёни зербино ва рӯбиност ба вуҷуд меояд ва тазодд кам-кам мунҷар ба инқилоб мешавад. Мо ин ҳисобро бояд ҳамеша дар даст дошта бошем, ки ҷомеа ҳамвора тақсим мешавад ба ду табақа: табақаи вобаста ба вазъи собиқ ва табақаи вобаста ба абзори тавлиди ҷадид. Табақаи вобаста ба вазъи собиқ мехоҳад рӯбинои собиқро, ки мутаносиб бо абзори тавлиди собиқ буда ҳифз кунад ва табақаи дигар табақае аст, ки вобаста ба абзори тавлиди ҷадид аст ва мехоҳад рӯбинои ҷадид барои ҷомеа бисозад. Ин кашмакаш дармегирад, вале ҷабран мунтаҳӣ ба пирӯзии табақаи вобаста ба абзори тавлиди ҷадид хоҳад шуд.

Ҳол ҳар кор, ки ба суди табақаи вобаста ба гузаштаи ҷомеа бошад, он кор зидди ахлоқ аст, ҳар шакле бихоҳед ба он бидиҳед ва ҳар исме бихоҳед рӯйи он бигузоред. Агар шумо бигӯед, дар ин шаҳр мардуме ҳастанд мустаманд, фақир, бараҳна, гурусна ва аҳёнан аз гуруснагӣ мемиранд, бемор доранд ва дигар коре нектар ва ахлоқитар аз ин пайдо намешавад, ки ман шикамҳои як идда мардуми фақири бечораи гуруснаеро сер кунам, бараҳнаҳояшонро бипӯшонам ва беморҳояшонро муолаҷа кунам; мегӯяд: на, ин кофӣ нест, бояд бибинӣ, ки ин кори ту дар чӣ ҷиҳате аст? Оё ин кори ту ҷомеаро зудтар ба инқилоб мекашонад (такомул яъне инқилоб, инқилоб ҳам яъне такомул) ё инқилобро ба таъхир меандозад? Агар ин кори ту сабаби тасреъи инқилоб мешавад, ахлоқӣ аст ва агар сабаби таъхири инқилоб мешавад, зидди ахлоқӣ аст. Дар муқобил, ҳар коре, ки ба назари шумо аз он кор бадтар ва зидди ахлоқитар нест, онро ҳам мегӯяд ҳамин тавр аст. Масалан, фарз кунед мардуми золим ва ситамгаре ҳастанд ва ман метавонам коре бикунам, ки ҷилави зулми онҳоро бигирам. Мегӯяд: ин кофӣ нест барои ин ки бигӯем кори ту хуб аст, бояд бибинем дар ниҳояти амр чӣ асаре ба ҷомеа мебахшад. Эй басо корҳое, ки шумо онҳоро кори ахлоқӣ ва хайр медонед, сабаб бишавад, ки инқилоб ба таъхир биафтад ва инқилоб, ки ба таъхир биафтад, яъне такомул ба таъхир афтода. Масалан агар бино бишавад, ки саъйи шумо дар сер кардани шикамҳо ва пӯшондани

[33] *Васоили тавлид яъне абзорҳое, ки инсон бо он абзорҳо васоили зиндагиашро ба вуҷуд меовард*.

бараҳнаҳо ва дору расондан ба беморон бошад, ин сабаби таскини хотири мардуми маҳрум мешавад, хашмашонро нисбат ба табақаи ҳоким фурӯ менишонад ва оромиш пайдо мекунанд, бинобар ин кори баде аст. Бигузор ҳар чи бештар нобасомонӣ вуҷуд дошта бошад, то ӯ бештар таҳрик бишавад ва бештар хашм бигирад. Ин ки шумо мехоҳед ҷилави он ситамгарро бигиред, асараш ором кардани мазлум аст. Бигузор ҳар чи бештар ситам кунад, то ин мазлум тазоддаш бо ӯ бештар бишавад, фосилааш бо ӯ бештар гардад, шикоф миёни инҳо амиқтар бишавад, ки то шикоф амиқ нашавад, инқилоб рух намедиҳад ва ҷомеа ҳам роҳи такомулро ҷуз аз тариқи инқилоб тай намекунад. Пас руҳи матлаб ин аст. Ҳол расидем ба асли матлаб.

Мафҳуми такомул аз назари марксизм

Гуфтем, агар мо ин тавр бигӯем, ки ин мактаб меъёри ахлоқро такомул медонад, ҷойи эрод аст — ва дуруст ҳам ҳаст — ки кадом мактаби ахлоқӣ аст, ки лоақал ба ақидаи худаш меъёри зидди такомулӣ дошта бошад? Ҳар мактабе ба ақидаи худаш меъёрҳои ахлоқиаш меъёрҳои такомулӣ аст. Пас чӣ хусусияте ҳаст, ки ин мактаб чунин иддаое мекунад? Ин суол албатта баҷост ва аз ин рӯ бояд дар мақоми тавзеҳ бигӯем: ин мактаб такомулро бо диди хосс мебинад. Такомул барои ӯ мафҳум надорад ҷуз инқилобе, ки ношӣ аз тазоддҳои дарунии ҷомеа аст. Мактабҳои дигар қоил ба ислоҳоти тадриҷӣ ва такомули тадриҷӣ ҳастанд. Як мактаб қоил аст, ки агар ман ба андозаи як зарра ҳам ба ҷомеа хидмат кунам, ҳамон як зарра гоме дар роҳи такомул аст. Агар ман як зарра ҳам кори ахлоқӣ бикунам, ҳамон як зарра дар ниҳояти амр ба суди такомул аст. Масалан, як вақт мо мехоҳем дарахт ба самар бирасад ва як вақт мехоҳем дег мунфаҷир бишавад; ду навъ кор аст. Агар бихоҳем дарахт ба самар бирасад ё ҷанин ба дунё биёяд, муроқибатҳои ҷузъӣ нофеъ аст. Як дарахтро ҳар чи бештар муроқибат кунем, ки кирме ва офате ба он нарасад, об ба мавқеъ ба он бирасад, нур ба он бирасад, агар эҳтиёҷ ба куд (пору) дорад ба он бирасад, заминаш агар эҳтиёҷ ба бел задан дорад, бел зада бишавад (яъне як силсила муроқибатҳои тадриҷӣ), мевааш зудтар ва беҳтар ба самар мерасад. Ҳамчунин як ҷанин, ки дар раҳим (баччадон) аст, ҳар чи бештар муроқибат бишавад, беҳтар ва солимтар ба дунё меояд. Аммо як вақт ҳаст, ки мо мехоҳем дег мунфаҷир бишавад. Агар мехоҳем дегро мунфаҷир кунем, бояд дар он як миқдор об бирезем, тамоми дарҳои онро бибандем, баъд ба он ҳарорат бидиҳем, то бухор кунад ва юхор ба тадриҷ фишор биёварад, то якмартиба ин дег мунфаҷир бишавад. Агар як равзанае ҳарчанд кучак дар ин дег боз кунем, монеъи инфиҷори он мешавад.

Пас ин хеле фарқ мекунад, ки **мо бихоҳем дар як чизе — ба қавли инҳо — дигаргунии кайфӣ ва моҳиятӣ ба вуҷуд биёварем ва нисбат ба ҷомеа чунин диде дошта бошем, ки бигӯем, ҷомеа моҳияте дорад, ки ҳеч вақт ба таври мусолиматомез аз марҳилае ба марҳилаи дигар гом барнадошта ва барнамедорад, ҳамеша бояд онро амали ҷарроҳӣ бикунанд, ҳамеша ба як шакли тунд ва инқилобӣ ва инфиҷорӣ марҳилаеро пушти сар мегузорад ва ба марҳилаи дигар мерасад, ҷабран ин тавр аст**. Такомул, он ҳам тамоми такомулҳо дар гарави ҳамин аст. (1) Аслан такомули ҷомеа ҷуз аз тариқи инфиҷори он рух намедиҳад ва инфиҷор ҷуз аз тариқи тазодд ва кашмакаш, ки ба авҷи худаш бирасад рух намедиҳад ва тазодд ва кашмакаш агар бихоҳад ба авҷи худаш бирасад, бояд ду навъ кор дар он сурат бигирад: як навъ худи мубориза аст ва дигар, корҳое, ки мунҷар ба мубориза мешавад яъне эҷоди нороҳатиҳо, таблиғҳо ва ҳатто анҷоми амалиёт, ки бояд хашми мардум бештар бишавад, то инфиҷор дар оянда рух бидиҳад.

Инқилоб, меъёри ахлоқ

Пас **дар воқеъ чунин бояд гуфт, ки дар ин мактаб меъёр инқилоб аст, на такомул. Агар ҳам мегӯем такомул, чун ин мактаб такомулро ҷуз аз тариқи инқилоб амалӣ намедонад ва қоил ба такомуле ҷуз аз ин тариқ нест**. Ин ҷост, ки меъёрҳои ахлоқӣ ҳама иваз мешавад. Ростӣ ё дурӯғ кадом як ахлоқӣ аст? Мегӯяд: агар дурӯғ инқилобро тасреъ мекунад, дурӯғ ва агар ростӣ инқилобро тасреъ мекунад, ростӣ. Амонат ё хиёнат? Мегӯяд: кадом як инқилобро тасреъ мекунад, ҳамон. Эсор ё ғайри эсор? Кадом як инқилобро тасреъ мекунад? Сулҳ ё ҷанг? Кадом як инқилобро тасреъ мекунад? Қаҳран ин мактаб мактаби такарзишӣ аст. Аз хусусиёти ин мактаб ин аст, ки такарзишӣ аст ва дар ин мактаб, дигар масъалаи таъорузи арзишҳо — ки масъалаи муҳимме дар ахлоқ аст ва аз қадим матраҳ кардаанд ва дар ҷадид ҳам хеле матраҳ мешавад ва ҳатто дар ҷадидтар аз коммунизм яъне экзистентсиалисм ҳам матраҳ аст — матраҳ нест.

Дар мавриди таъорузи арзишҳо мисоле зикр мекунанд: фарз кунед писари ҷавоне аз кӯдакӣ падараш аз дасташ рафтааст ва модаре дорад ва ин модар маҳрумиятҳо кашида ва ӯ ягона фарзандаш аст, аз ҷавонӣ бешавҳар шудааст ва дигар шавҳар накарда, аз айшу хушии худаш сарфи назар намуда ва рафта масалан кор карда, заҳмат кашида ва ин баччаро бузург намудааст. Ҳоло тоза ин бачча болида ва ин модар вақте ба маҳсули заҳамоти масалан 20-солаи худаш нигоҳ мекунад, лаззат мебарад ва акнун аввали он аст, ки мехоҳад як нафаси роҳате бикашад. Яъне ин модар тамоми ҳастӣ ва тамоми умедҳо ва ормонҳои худашро фидои ин бачча карда ва дар ин як ормон мутамаркиз намудааст

ва ин бачча ягона ормони ин модар аст. Аз тарафи дигар фарз кунед, ки ватани ин бачча ҳам дучори як бӯҳрон шудааст, мавриди ҳуҷуми душман аст ва модар-ватан (ба истилоҳи инҳо) дорад истимдод мекунад, сарбози довталаб металабад барои ҷангидан бо душман ва агар ҷавонони ватан наҷунбанд, душман меояд сарзамини онҳоро тасоҳуб мекунад.

Дар инҷо ин ҷавон дар миёни тақозои ду модар гирифтор аст ва дучори тазоҳум (ба истилоҳи усулийин) шудааст; тазоҳуми арзишҳо. Модар-ватан мегӯяд, бирав ба ҷанг, модари воқеӣ ва ҳақиқиаш мегӯяд, нарав. Ин модар илтимос мекунад, ки нарав, ягона ормони ман ту ҳастӣ, ӯ мегӯяд бирав. Ин худаш як навъ таъорузи ахлоқӣ аст, таъорузи виҷдон аст, яъне ду ҳукми виҷдонии мутаъоризи мутазоҳим дар инҷо вуҷуд дорад ва ин масъала матраҳ мешавад, ки ба кадом як аз ин ду модар посухи мусбат бигӯяд?

Дар мактабҳое, ки ахлоқро бар пояи авотиф масалан мегузоранд, афрод дучори ин навъ тазоҳум ва таъорузи арзишҳо мешаванд. Дар инҷо воқеан ду отифаи мутаъориз вуҷуд дорад: ҳубби модар, ҳубби ватан; отифа нисбат ба модар, отифа нисбат ба ватан, ё ба иборати дигар, ҳуқуқе, ки модар ба ӯҳдаи ӯ дорад ва ҳуқуқе, ки ватан ба ӯҳдаи ӯ дорад. Ҳол ҳаққи ин муқаддам аст ё ҳаққи он?

Вале ин мактаб чун такарзишӣ аст ва барои як чиз бештар арзиш қоил нест ва он инқилоби иҷтимоӣ аст (масъалаи таъорузи арзишҳо дар он матраҳ нест) мегӯяд: бибин оё рафтанат, ба он инқилоб, он ҳам инқилоб ба шакле, ки мо мегӯем (инқилоби табақотӣ) кӯмак мекунад ё нарафтанат? Ҳар кадом, ки ба он инқилоб кӯмак мекунад, ҳамонро ихтиёр кун. Ва намешавад дар они воҳид, ҳам рафтанаш кӯмак кунад ва ҳам нарафтанаш. Як мактаби такарзишӣ аст ва аз ин рӯ ҳеч меъёри ахлоқии дигар наметавонад дар инҷо ҳоким бошад. Масалан, мумкин аст як ҳамразми инқилобӣ як умр бо шахс ҳамразмӣ карда бошад, ба худи коммунизм хидмат карда бошад, баъд ба марҳилае бирасад, ки он ки мофавқи ӯст ё лоақал зӯри бештаре дорад ва ё ба ҳар ҳол фикри худаш ин тавр аст, якдафъа фикр мекунад, ки то ин соат ин рафиқи мо гомҳое, ки бардошта дар ҷиҳати инқилоб буда, вале аз ҳоло як фикре барояш пайдо шуда, ки ин фикр монеъ ва музоҳим аст; мисли об хӯрдан ӯро аз миён бармедоранд, яъне тикка-парааш мекунанд. Дигар ҳеч фарқе миёни ин одам бо он одаме, ки панҷоҳ сол алайҳи ин маром мубориза карда нест. (Аз назари ин мактаб) инсон як арзиш бештар надорад ва арзиши инсонро инқилоб таъйин мекунад ва агар он як арзишро аз даст дод, аз байн бурдани даҳ миллион инсоне, ки ин арзишро надоранд ё аз даст додаанд зидди ахлоқ нест, балки аз байн бурдани ду сеяки мардуми кураи замин ҳам зидди ахлоқ нест, чун ғайр аз ин дигар меъёре вуҷуд надорад.

Ин ҳам як мактаби ахлоқӣ, ки дар ибтидо таҳти як унвон зикр мешавад ва мегӯяд: **меъёр такомул аст, ки хеле меъёри ҷолибе аст ва гӯё ки мактабҳои дигар ба ахлоқи зидди такомулӣ қоиланд. Вале агар ба маънои хоссаш дар назар бигирем, мегӯяд: меъёр инқилоб аст ва ин ношӣ аз диди хосси ҷомеашиносона ва диди хосси фалсафаи таърихӣ аст, ки инҳо доранд аз боби ин ки мӯътақиданд таърих ҷуз ба сурати инқилоб пешравӣ накардааст ва дар оянда ҳам ҷуз ба сурати инқилоб пешравӣ намекунад, пас такомул дар гарави инқилоб аст ва ҳар чи ғайри он бошад, зидди такомулӣ аст ва бинобар ин зидди ахлоқӣ аст**.

Асолати фард ва асолати ҷомеа

Дар бораи ахлоқи коммунистӣ аз ду ҷиҳат бояд баҳс бишавад: яке, аз назари куллӣ, ки баҳси асолати фард ва асолати иҷтимоъ матраҳ аст. Мумкин аст касе асосан такомулро ба унвони ягона меъёр (барои кори ахлоқӣ) қабул надошта бошад. Мо такомули фард дорем ва такомули ҷомеа. Гоҳе авқот миёни ин ду такомул тазоҳум сурат мегирад, яъне таъорузе миёни ҳуқуқи фард ва такомули ҷомеа рух медиҳад. Мумкин аст мо барои фард ҳеч ҳаққе қоил набошем ва дар воқеъ асолате барои фард қоил набошем ва асолатро фақат аз они ҷомеа бидонем ва бигӯем, фард аз худаш ҳукме надорад, балки ба қавли баъзе мисли *Дюркгейм*, аслан фард амри эътиборӣ аст, ҷомеа амри ҳақиқӣ аст, ҳар чи ҳаст, моли ҷомеа аст ва фард худаш чизе надорад. Билоташбеҳ мисли он чи ки дар мантиқи Қуръон дар бораи Худо омадааст, ки фард дар муқобили Худо аз худаш ҳаққе надорад:

إِنَّ ٱلْأَمْرَ كُلَّهُۥ لِلَّهِ

(*Оли Имрон/154*) Ҳама чиз моли Худост, худи фард ҳам лиллоҳ ва моли Худост ва агар чизе дорад, ба ин сурат аст, ки чизе, ки худаш мамлуки Худост, мамлуке дорад ба тамлики Худо, яъне афрод ба нисбати худашон бо якдигар, ҳуқуқ ва моликиятҳое доранд, вале нисбат ба Худо, ки ҳисоб бикунем, ҳеч надоранд.

Достоне ёдам афтод: Абӯфирос, шоири араби шиъии забардасте аст. Зоҳиран дар қарни чаҳоруми ҳичрӣ мезиста ва тақрибан муосир бо давраи Форобӣ аст. Дар дарбори мулуки Оли Ҳамдон буда. Оли Ҳамдон мулуке буданд бисёр адабдӯст ва адабпарвар ва балки илмпарвар ва бо ин ки ҳукуматашон хеле васеъ набуда, вале аз назари кайфӣ боарзиш аст ва аз ин рӯ Форобӣ баъд аз ин ки таҳсилоташ дар Бағдод ва ғайра тамом шуд, ба Мусил рафт ва онҳоро аз хилофати Бағдод беҳтар ташхис дод ва дар ҳамон ҷо ҳам мурд ва Сайфуддавлаи Ҳамдонӣ худаш бар ӯ намоз хонд. Ба ҳар ҳол мулуки Оли Ҳамдон аз

он мулуки адабпарвар ва маорифдӯст ҳастанд ва ағлаб ин ҷур ашхос шуарои зиёде дар дастгоҳашон ҳастанд.

Рӯзе Сайфуддавлаи Ҳамдонӣ бо шуаро ва удабо нишаста буд. Гуфт: ман байте гуфтаам ва хаёл намекунам касе битавонад онро такмил кунад магар Абӯфирос. Шеъре, ки гуфта буд ин буд:

لَكَ جِسْمي تَعُلُّهُ فَدَمي لا تُطِلُّهُ

Хитоб ба маҳбубаш мекунад; мегӯяд: ин ҷисми ман аз они туст ва доим ранҷиш медиҳӣ, пас чаро хунамро якбора намерезӣ?! Абӯфирос фавран аз тарафи он маъшуқ ҷавоб дод:

قالَ إِنْ كُنْتُ مالِكا فَلِيَ الأَمْرُ كُلُّهُ

Гуфт: ман моликам ё на? Ту худат мегӯӣ:

لَكَ جِسْمي

Яъне ҷисми ман моли туст, милки туст. Агар ман моликам, ихтиёр бо ман аст. Ҷумлаи:

فَلِيَ الأَمْرُ كُلُّهُ

— ишора ба ояти Қуръон аст, ки:

إِنَّ ٱلْأَمْرَ كُلَّهُ لِلَّهِ

Аз он суханони хеле латиф аст:

قالَ إِنْ كُنْتُ مالِكا فَلِيَ الأَمْرُ كُلُّهُ

Имрӯз ин ҳарф дар мавриди ҷомеа ба вуҷуд омада. Як силсила назарияҳои ҷомеашиносӣ аст, ки асосан барои фард асолат ва ихтиёр ва озодӣ ва ҳаққе дар муқобили ҷомеа қоил нест. Афрод дар батни ҷомеа нисбат ба якдигар ҳуқуқ ва таколифе доранд, аммо дар муқобили ҷомеа ин ҳарф маънӣ надорад.

Озодӣ ва мусовот

Бинобар ин тибқи ин мактаб, миқёс такомули ҷомеа аст. Ҳар чи бо такомули ҷомеа табоюн дошта бошад, бояд аз миён бардошта шавад. Вале мактабҳои дигар инчунин қоил нестанд; баъзе асолати фардии мутлақ меандешанд ва баъзе агар асолати фардии мутлақ набошанд, лоақал барои фард ҳам асолате қоил ҳастанд. Ва аз ин рӯ дар масъалаи озодӣ ва мусовот, ин муаммо ҳамеша ҳаст: озодӣ ва мусовот ду арзиши инсонӣ аст, ки бо якдигар мутаъориз мебошанд. Яъне агар афрод озод бошанд, мусовот аз байн меравад ва агар бихоҳад мусовот комил барқарор бишавад, ночор бояд озодиҳоро маҳдуд кард. Чун афроди инсон мисли ҷинси як корхона нестанд, ки вақте ба таври фабрикӣ берун

меоянд, ҳеч тафовуте миёнашон набошад, балки яке пуристеъдодтар аст, яке камистеъдодтар, яке қавиюлбунятар аст, яке заъифулбунятар, яке ибтикор дорад, дигаре надорад, яке танбал аст, дигаре кӯшо.

Агар бихоҳем ҷомеаро майдони мусобиқаи озод қарор диҳем, бадеҳӣ аст иддае баранда мешаванд, иддае ҳам баранда намешаванд, ҳоло ё ба далели танбалиашон ва ё ба далели нотавониашон. Озодӣ хоҳ нохоҳ нобаробарӣ ба вуҷуд меоварад. Вале агар бихоҳем мусовот барқарор кунем, ночорем ҷилави озодиро то ҳадди зиёде бигирем ва балки ҷилави ҳуқуқи фардиро бигирем, яъне ночорем моли якеро бигирем ва ба дигаре бидиҳем.

Мисли ин аст, ки дар як майдони аспдавонӣ вақте аспҳо мехоҳанд бо ҳамдигар бидаванд, ду ҳолат дорад: як вақт мо мехоҳем аспҳоро мисли аспҳои низомиён бидавонем, онҳоро ба саф мебандем, гӯшҳояшон ҳама бояд баробари якдигар бошад, суръати онҳо низ бояд мусовии якдигар бошад ва қаҳран ҳама бояд аспҳои худашонро контрол кунанд. Дар ин сурат ҳамаи аспҳо бо як оҳанг ҳаракат мекунанд. Сад аспи низомӣ, ки ҳаракат мекунанд, агар масалан дар гурӯҳҳои даҳтоӣ ба фосилаи даҳ метр аз якдигар ҳаракат кунанд, як соат, ки роҳ мераванд, ҳеч кадом аз дигаре ҷилав намеафтад. Вале дар инҷо ҷилави озодии аспҳо гирифта шуда, хеле аз онҳо саркашӣ мекунанд, мехоҳанд тунд бираванд, вале савораш ба ӯ иҷоза намедиҳад, зеро бояд баробар бо дигар аспҳо биравад. Вале як вақт ҳаст, ки масъала, масъалаи озодӣ ва мусобиқа аст мисли майдонҳои аспдавонӣ. Онҷо қаҳран яке ақиб меафтад ва яке ҷилав. Пас агар мо бихоҳем ба аспҳо озодӣ бидиҳем, баробарӣ ва ҳамоҳангӣ нест ва агар бихоҳем баробарӣ ва ҳамоҳангӣ эҷод кунем, ночор бояд озодиро аз байн бибарем. **Озодӣ ба фард таъаллуқ дорад ва мусовот ба ҷомеа**. Дар урдуи ғарб такяи бештар бар рӯйи озодии фардӣ аст ва қаҳран мусовотро поймол карда ва аз байн бурдаанд. Дар урдуи шарқ такя бар рӯйи мусовот аст, озодиро аз миён бурдаанд. Дар онҷо мусовот вуҷуд надорад, дар инҷо озодӣ вуҷуд надорад ва инҳо аз ду фалсафаи мухталиф сарчашма мегирад.

Албатта масъалаи муҳим ин аст, ки оё ин тавр аст, ки ё такомули фард ё такомули ҷомеа? Ё саодати фард ё саодати ҷомеа? Ё ин ки як роҳи табиӣ вуҷуд дорад ва озодӣ, он ҳаққи табиии инсон, як ҳадди муайяне аст, ки аз он бештар дигар озодӣ нест ва такомул ҳам бастагӣ ба ҳамин миқдор озодӣ дорад, яъне мактаби севвум. Ҳоло ин баҳси дигаре аст.

Нақди ин назария

Ба ҳар ҳол ғаразам ин ҷиҳат аст, ки агар касе бигӯяд, меъёр такомул аст, қобили мунақиша аст, зеро дар ин сурат тамоми асолатҳоро ба ҷомеа додаем ва барои фард ҳеч

асолате қоил нашудаем ва мо наметавонем такарзишӣ бошем. Такомули ҷомеа яке аз арзишҳост, такомули фард ҳам барои худаш арзише аст ва аз ин рӯ гоҳе таъорузи ду арзиш ба вуҷуд меояд: арзиши иҷтимоӣ ва арзиши фардӣ. Пас аввалан аз ин назар, мактаби ахлоқи коммунистӣ қобили баҳсу муноқиша аст, яъне ин аслро ин ҷур дарбаст намешавад қабул кард, ки меъёр, такомули ҷомеа аст ва (бояд) такарзишӣ (буд) ва фард арзише надорад. Сониян, гирам мо такомули ҷомеаро меъёр бидонем, хоҳ ягона меъёр ва хоҳ яке аз меъёрҳо, ин масъаларо қабул надорем, ки такомул мунҳасиран дар гарави — ба қавли инҳо — тағйироти кайфӣ ва инқилоб аст, яъне ҷуз аз роҳ инқилоб, ҷомеа роҳи камолро тай намекунад.

Балки намешавад гуфт, ки инқилоб ҳатман роҳи камол аст. Эй басо инқилобҳо рух додааст бидуни он ки камоле барои ҷомеа рух бидиҳад. Ба ҳар ҳол ин масъала ба сурати як асли куллии фалсафӣ, ки табиат камоли худашро ҳамеша аз роҳи табдили тағйироти каммӣ ба тағйироти кайфи яъне аз роҳи инқилобӣ тай мекунад, на дар табиати ғайри инсон содиқ аст ва на дар табиати инсонӣ. Агар мо қаламаи як дарахтро ба замин ғарс кунем, кай якчунин тағйироти кайфӣ пайдо мекунад?! Чун ҳаракат мекунад, пас шумо бояд қоил бошед, ки ин худаш дар марҳилаи аввали тез буда ва баъд зидди худашро дар даруни худаш дошта, ки ҳаракат кардааст. Тоза ин ҳам қабул нест, ки ба иллати зидди даруни худаш ҳаракат карда. Ҳоло фаразан то инҷоро қабул кунем. Мо масалан як ниҳоли гулобӣ ба замин менишонем. Ин ниҳол тадриҷан роҳи такомули худашро тай мекунад, то дарахти ҷавоне мешавад. Солҳо мева медиҳад, баъд ҳам пир мешавад, ҳеч ҳам тағйири кайфӣ пайдо намекунад ва мемирад. Пас ба далели ин ки ин ниҳол ҳаракат карда, ба қавли шумо марҳилаи тез ва антитез яъне марҳилаи шайъ ва зидд, ё марҳилаи ҳукм ва зидди ҳукмро тай кардааст. Вале он марҳилаи ҳукм мураккаб ё марҳилаи синтезро, ки мо надидем ба он бирасад. Агар бигӯед тамоми ин дарахт марҳилаи ҳукм аст ва зиддаш он вақте аст, ки мемирад ва зидди зиддаш он вақте аст, ки бори дигар дарахти дигаре ба вуҷуд меояд, мегӯем, пас он ҳаракате, ки дар он марҳила пайдо карда буд чӣ буд? 20 сол дар ҳоли ҳаракат буд. Шумо, ки мегӯед, то тазодд дар дарунаш набошад, ҳаракате пайдо намешавад.

Бинобар ин на табиати бечон чунин қонуне дорад ва на табиати ҷондор. Як инсон, ки мутаваллид мешавад, чӣ тавр метавон даврони умрашро бо ин мароҳили сегона татбиқ кард?! Чунин чизе нест.

Пас эроди дуввум ин аст, ки ин фарзия бар ин асос аст, ки ягона роҳи такомул, инқилоб аст чӣ дар табиат ва чӣ дар иҷтимоъ; ва чун ин назария аз ин назар ҳам қобили таъйид нест, бинобар ин, ин ахлоқ қобили таъйид нест.

Пас **ду эрод (бар ин мактаби ахлоқӣ ворид аст.) эроди аввал ин аст, ки мо қабул надорем, ки такомули ҷомеа ягона меъёр бошад, чун ин амр мубтанӣ бар асли асолати иҷтимоъ ва эътибории фард аст ва ин илмӣ ва ҳақиқат нест. Бинобар ин мо агар такомулро ҳам меъёр бидонем, такарзишӣ нестем, меъёрҳои фардӣ ҳам вуҷуд дорад. Сониян, фаразан мо такомулро ягона меъёр бидонем, қабул надорем, ки такомул ҳамеша аз роҳи инқилоб бошад**.

Маворидиди бисёр маъдуд ва истисноиро намешавад далел гирифт бар ин ки саросари табиат чунин аст, махсусан бо таваҷҷӯҳ ба ин ки мушоҳидоти айнӣ хилофи ин қазияро собит мекунад.

Мактаби ахлоқии Рассел

Ахлоқи дигар ахлоқе аст, ки Бертран Рассел пешниҳод мекунад, ки дар китобҳои мутаъаддиде назарияашро баён кардааст. Яке аз он китобҳо китоби маъруфи “Ҷаҳоне, ки ман мешиносам” аст, ки дар он фаслеро ба ахлоқ ихтисос дода. Дигар, китоби “Заношӯӣ ва ахлоқ” аст. Агарчӣ онҷо баҳсаш фақат дар бораи ахлоқи ҷинсӣ аст, вале боз кулли назарияаш равшан мешавад. Ба назарам, дар китоби “Ҷаҳонбинии илмӣ” ҳам ҳаст. Яке ду ҷойи дигар низ ҳаст, ки алъон ёдам намеояд.

Рассел ахлоқаш ба истилоҳ ахлоқи ақлӣ ба маънии ахлоқи тезҳушӣ аст. Ӯ дар воқеъ ба далели ҳамон моддӣ фикр карданаш, ба ҳеч меъёре аз меъёрҳои ахлоқӣ қоил нест; на ба хайру фазилати Афлотун эътиқоде дорад, на ба ҳадди васати Арасту ва на ба ахлоқи виҷдонӣ яъне эҳсоси таклифи Кант. Мегӯяд: башар як мавҷуде аст, ки ҷабран манфиатхоҳ офарида шуда, ҷуз дар пайи суди худаш нест, бақия ҳамааш ҳарф аст. Бовар накунед, ки башар ҷуз суди худаш чизи дигареро бихоҳад. Аз тарафи дигар, мо дар ҷомеа ниёз дорем ба як силсила равобити ҳасана, ки номи онҳоро “ахлоқ” гузоштаем.

Мегӯем, ҳуқуқи якдигарро риоят кунем, нисбат ба якдигар эҳтиром бигузорем, вазоифи иҷтимоии худамонро анҷом бидиҳем. Вазоиф ва таколифи худро анҷом додан, ҳуқуқи дигаронро риоят кардан, ба шахсияти дигарон эҳтиром гузордан, он чи ки башар дар зиндагии иҷтимоияш ба он эҳтиёҷ дорад ба номи ахлоқ, ҳаминҳост. Баъд мегӯяд:

Ахлоқ ин аст, ки мо коре бикунем, ки ҳамин усул дар ҷомеа ҳукмфармо бошад; афрод ҳама мӯътақид ба ин усул бишаванд, ки ҳуқуқи якдигарро риоят кунанд, вазоифашонро анҷом бидиҳанд, ба якдигар эҳтиром бигузоранд ва аз ин қабил. Шумо мехоҳед инҳоро бар як мабнои ғайри моддӣ қарор бидиҳед: чаро ҳуқуқи якдигарро риоят кунем? Чун фазилат ин аст ё чун таклиф ва масъулият чунин эҷоб мекунад. Мегӯяд: на, ин ҳарфҳо асос ва пояе надорад, ҳақиқат ин аст, ки манофеъи инсон ҳам дар ҳамин аст. Мо бояд ба

башар бифаҳмонем, ки ту бояд дунболи манофеъ ва хушии худат бошӣ ва манофеъи ту дар ҳамин аст. Иштибоҳ мекунӣ, ки хаёл мекунӣ агар ҳаққи дигареро поймол кунӣ, ба худат суд расонадаӣ ё агар таклифи худатро анҷом надодӣ, ба худат суде расондӣ ва ё агар эҳтиромотро риоят накардӣ, ҳамин тавр. (Ин мисолҳоро ман мегӯям.) Инҳо ҳама иштибоҳ аст. Бояд ақлу ҳуши башарро зиёд кард ва ба ӯ дурбине дод. Одаме, ки хаёл мекунад судаш дар поймол кардани ҳуқуқи мардум аст, ба иллати наздикбинии ӯст, пеши пояшро мебинад ва дурро намебинад ва аксуламалҳоро таваҷҷӯҳ надорад. Бояд ба башар маҷмӯъи аксуламалҳоро фаҳмонд.

Ин мисолро ман мегӯям: фарз кунед, иддае дар як утоқ бо ҳамдигар зиндагӣ мекунанд. Ҳар фарде мумкин аст ба далели танбалӣ ё ба ҳар далели дигаре, ба вазъи ин утоқ аҳаммият надиҳад, вале интизор ҳам дошта бошад, ки ин утоқ ҳамеша покиза ва мураттаб бошад.

Вале зуд мешавад ба ин ҷамъ фаҳмонд, ки манфиати фард-фарди мо ин аст, ки ин вазоифро дар мавриди ин утоқ амал кунем. Башар зуд метавонад ин матлабро бифаҳмад. Вақте ман фаҳмидам, ки манфиати фарди ман дар ҳамин аст, шумо ҳам бифаҳмед, ки манфиати фарди шумо дар ҳамин аст, дигаре ҳам бифаҳмад, ки манфиати фарди худаш дар ҳамин аст, қаҳран ҳама ин корро хоҳанд кард, чун инсон манфиатхоҳ аст.

Мисол мезанад, мегӯяд: ман мумкин аст ибтидо фикр кунам, ки агар биравам гови ҳамсояро бидуздам, суди бештаре хоҳам дошт, вале вақте ба ман бифаҳмонанд, ки агар ту гови ҳамсояро бидуздӣ, ҳамсоя ҳам гови туро медуздад ва он ҳамсояи дигар ҳам масалан улоғатро медуздад ва ту ба ҷойи ин ки як суд бибарӣ, сад зиён мебарӣ, бадеҳӣ аст гови ҳамсояро намебарам, то гови маро набаранд ва ин хеле табиӣ аст. Пас фақат бояд ба башар тезҳушӣ дод ва ба ӯ ҳолӣ кард, ки он чи “ахлоқ” номида мешавад, ҳамон чизҳое аст, ки суди ҳамагонро дарбар дорад.

Ин ҳам як навъ мактаби ахлоқӣ, ки дар воқеъ арзишҳои ахлоқиро инкор карда, яъне боз миқёс, манофеъ шуда. Мунтаҳо то ҳоло ҳамеша гуфта мешуд, ки ахлоқ чизе аст, ки бо манофеъ тазоҳум пайдо мекунад ва он ки фалон арзиши ахлоқиро бар манфиат муқаддам бидорад, кораш ахлоқӣ аст, вале ин мактаб мегӯяд: чаро шумо меойед миёни манфиат ва кори ахлоқӣ таъоруз қоил мешавед ва баъд мегӯед, манфиатро инсон ба ҳасби табъи худаш дунболаш меравад, аммо кори ахлоқиро рӯйи чӣ ҳисобе анҷом диҳад? Ва баъд мехоҳед барояш як миқёс ва мизон баён кунед ва ҳар кадом чизе мегӯед. Хайр, **кори ахлоқӣ он коре аст, ки дар дурдаст манофеъро таъмин мекунад ва кори ғайри ахлоқӣ яъне коре, ки дар он инсон фақат ҳамон наздикашро мебинад**.

Мо як мисоли дигар арз мекунем: баччае, ки мехоҳад ба дабистон биравад, наздикбин аст, барои ҳамин имрӯзаш фикр мекунад ва мутаассиф аст, ки имрӯз ман бояд ба мадраса биравам, чаҳор соат дар онҷо бошам, бозиҳои ман ва ин ҳама хушӣ аз ман фавт бишавад. Худашро байни як хушӣ ва як заҳмат мебинад: хушии имрӯз ва заҳмати имрӯз. Тезҳушӣ надорад, ки дунболи қазияро бибинад, ки агар ман имрӯз дарс нахонам, баъдҳо ин дарс нахондан ба куҷо мунтаҳӣ мешавад ва дарс хондан ба куҷо мунтаҳӣ мешавад. Ӯ намефаҳмад, вале падару модар мефаҳманд. Онҳо суди баччаро мехоҳанд, бачча ҳам суди худашро мехоҳад, вале баччаи суди худашро дар шуоъи кучак мебинад, падару модар суди ӯро дар шуоъи бузург мебинанд. Ва аз ин рӯ он манфиатбинии падару модар мунтаҳӣ мешавад ба таҳаммули чунин маҳрумият ва ранҷе, ки ранҷи дарс хондан бошад, вале бачча чун наздикбин аст, намехоҳад ин корро анҷом диҳад.

Тибқи ин мактаб, тамоми корҳои ахлоқӣ аз ин қабил аст: ман бояд рост бигӯям, суди ман дар рост гуфтан аст, агар дурӯғ бигӯям, афроди дигар низ ба ман дурӯғ мегӯянд. Ман бояд амин бошам, агар амонат ба харҷ надиҳам, ҳеч кас амонат ба харҷ намедиҳад ва ин сад дар сад ба зарари ман аст, пас нафъи ман дар амин будан аст.

Сухани Рассел дар воқеъ инкори ахлоқ ба унвони як арзиш аст, чун ахлоқро дар суд пиёда карда. Пас аввалин эроде, ки ба оқои Рассел ворид аст ин аст, ки ахлоқе, ки ӯ пешниҳод мекунад, фоқиди арзиши мутаъолӣ ва қадосат аст ва чизе мофавқи манфиат нест, балки худи манфиат аст ва ин бар хилофи шиорҳое аст, ки худи Рассел медиҳад. Яке аз касоне, ки шиорҳояш бар зидди фалсафааш мебошад, Рассел аст. Ӯ худашро дар дунё ба инсондӯстӣ ва инсонхоҳӣ маъруф карда буд ва ҳол он ки аслан фалсафааш бар зидди он аст; фалсафааш фалсафаи манфиатхоҳӣ аст. Пас тамоми арзишҳои сулҳдӯстии Рассел, ба шахси худаш бармегардад: чаро ман имрӯз дар Англистон бо ҷанг дар Ветнам мухолифат мекунам? Барои ин ки суди шахси ман дар ин аст. Бинобар ин кори ту арзиш надорад.

Сониян ин ахлоқи пешниҳодӣ фақат дар ҷойе нофеъ аст, ки қудратҳо мутасовӣ бошанд, мисли ҳамон ду то ҳамсоя: ман гови ҳамсояро намедуздам, чун ҳамсоя меояд гови маро медуздад. Вақте, ки ду нерӯи баробар дар муқобили якдигар қарор бигиранд ё як нерӯи заъиф дар муқобили нерӯи қавӣ қарор бигирад, инро хуб мулоҳиза мекунанд. Аммо дар ҷойе, ки як нерӯ фавқулъода қавӣ аст ва як нерӯ заъиф ва ин нерӯи қавӣ медонад, ки он нерӯи заъиф то сад соли дигар ҳам наметавонад манофеъи ӯро бигирад, ахлоқ барои ӯ чунин иқтизое надорад. Бинобар ин агар масалан Брежнев дар муқобили Кортер қарор бигирад, ахлоқ ҳукм мекунад, ки ҳам Кортер ахлоқӣ бошад, чун рақиби гарданкулуфте мисли ӯ дорад ва ҳам Брежнев ахлоқӣ бошад, чун рақиби гарданкулуфте мисли ин дорад.

Вале ҳар дуи инҳо дар муқобили милали заъиф ҳеч вақт ахлоқ иқтизо намекунад, ки ахлоқӣ бошанд, чун медонанд, ки милали заъиф то сад соли дигар ҳам қудрат надоранд манофеъи онҳоро бигиранд, балки аз аввал намегузоранд инҳо қудрат пайдо кунанд ва бинобар ин итминони хотири комил пайдо мекунанд; ва дар ин сурат ин ахлоққои бар асоси манфиат мисли ахлоқи Рассел ба чӣ кор меояд?! Аслан ахлоқ барои ин аст, ки ҷилави қудратмандро дар камоли қудрат бигирад:

أَوْلَى النّاسِ بِالْعَفْوِ أَقْدَرُهُمْ عَلَى الْعُقوبَةِ

Он ки бештар қудрат дорад, ба ӯ бештар афву гузашт ва ғайраро талқин кунад, вагарна ахлоқе, ки бар асоси манофеъ бошад, пояи дуввумаш ҳам тасовии қудратҳост, яъне фақат бар фарзи тасовии қудратҳо коргар аст. Ман вақте, ки дар баробари рақибе, ки лоақал ба андозаи худам қудрат ва зӯр дорад қарор бигирам, ҳеч вақт оҳанги куштани ӯро намекунам, чун ӯ ҳам мумкин аст оҳанги куштани маро бикунад. Агар сади панҷоҳ эҳтимол медиҳам, ки ӯро мекушам, сади панҷоҳ ҳам эҳтимол медиҳам кушта бишавам, бадеҳӣ аст намекунам. Ё мисли достони он марди идорӣ ва дӯсташ, ки дар охир гуфт: пас беҳтар аст ҳар дуямон мувозиби ҳамдигар бошем. Дар ҷойе, ки ду нафар аз назари қудрат мутасовӣ бошанд ҳамин тавр аст, аммо агар мутасовӣ набуданд, дигар ахлоқ вуҷуд надорад.

Бинобар ин, ин ахлоқ ҳам ахлоқ нест, инкори ахлоқ аст.

Дар воқеъ маънои фалсафаи Рассел ин аст: ахлоқро раҳо кунед; чун ахлоқ мусовӣ аст бо арзиш доштан, қадосат ва чизе мофавқи манофеъ ва мофавқи ҳайвоният. Ахлоқ яъне инсоният ва инсоният яъне арзише мофавқи ҳайвоният ва коре мофавқи манофеъ. Маънии ҳарфи Рассел ин аст, ки ахлоқ асосе надорад, вале он натиҷаеро, ки шумо аз ахлоқ метавонед бигиред, аз таълим ҳам метавонед бигиред ба ин ки ба мардум ҳолӣ кунед, ки манофеъи ҳамагонӣ ин чур иқтизо мекунад. Ва дидед, ки ба ин сухан ин эрод ворид буд, ки бале, ба мардуме, ки аз назари қудрат мутасовӣ ҳастанд, мешавад чунин ҳарферо гуфт, вале дар мавриди он касе, ки зӯрманд аст ин ахлоқ коргар нест, балки ӯро ташвиқ ба зидди ахлоқ мекунад, чун мегӯяд, аслан меъёр манофеъ аст, ӯ маҷбур аст ахлоқӣ бошад, вале ту ҳеч иҷборе надоре, ки ахлоқӣ бошӣ.

Масъалаи “худӣ” дар ахлоқ

بسم الله الرّحمن الرّحيم

أَلَمْ تَرَ كَيْفَ ضَرَبَ اللَّهُ مَثَلًا كَلِمَةً طَيِّبَةً كَشَجَرَةٍ طَيِّبَةٍ أَصْلُهَا ثَابِتٌ وَفَرْعُهَا فِي السَّمَاءِ. تُؤْتِي أُكُلَهَا كُلَّ حِينٍ بِإِذْنِ رَبِّهَا وَيَضْرِبُ اللَّهُ الْأَمْثَالَ لِلنَّاسِ لَعَلَّهُمْ يَتَذَكَّرُونَ. وَمَثَلُ كَلِمَةٍ خَبِيثَةٍ كَشَجَرَةٍ خَبِيثَةٍ اجْتُثَّتْ مِنْ فَوْقِ الْأَرْضِ مَا لَهَا مِنْ قَرَارٍ. يُثَبِّتُ اللَّهُ الَّذِينَ آمَنُوا بِالْقَوْلِ الثَّابِتِ فِي الْحَيَاةِ الدُّنْيَا وَفِي الْآخِرَةِ

(*Иброҳим/24- 27*)

Ибтидо таваллуди вуҷуди муқаддаси бузургтарин шаҳиди роҳи Ҳақ ва адолат Имом Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис саломро ба ҳамаи шумо табрик арз мекунам.

Соли гузашта дар чунин шабе дар ҳамин маҳалл, ба таносуби замону макон, баҳси мухтасаре кардем таҳти унвони “Меҳвар аслӣ дар ахлоқи исломӣ”. Аммо аз ҷанбаи замонӣ аз он ҷиҳат он мабҳасро интихоб кардем, ки масъалаи “каромати нафс” фасли равшане аз зиндагии нуронии Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом аст ва аз лиҳози макон аз он ҷиҳат, ки инҷо маҳалли муқаддасе аст; маркази таълиму тарбият аст ва муносибтар ҳамин аст, ки як мабҳаси тарбиятӣ ва ахлоқӣ матраҳ шавад.

Имшаб ҳам ба назарам расид, ки мабҳаси дигареро, ки ҳам таносуби замонӣ дошта бошад ва ҳам таносуби маконӣ, ҳам марбут ба таълиму тарбият ва ахлоқ бошад ва ҳам зимнан ташреҳ ва тавзеҳе бошад аз яке аз фусули зиндагонии Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом матраҳ кунам ва шояд муносиб буд, ки унвони матлабро “Инзиботи ахлоқӣ” қарор медодам, вале унвони дигареро, ки муқаддимаи он матлаб аст матраҳ мекунам ва он “Масъалаи “худӣ” дар ахлоқ” аст, ки фасли муҳимме аст ва аввалин фасли ахлоқ “фасли худӣ” мебошад.

“Фасли худӣ” яъне чӣ? Аввалан ҳамон тавр, ки медонед, гузашта аз баъзе равишҳо ва системҳои ахлоқӣ, ки ба тарбият ва одатҳои иҷтимоӣ ва тарбиятӣ чандон аҳаммият намедиҳанд, балки мухолифи он ва тарафдори бозгашти инсон ба табиати аввалия ҳастанд — ва мо феълан ба инҳо коре надорем ва назарияи онҳо ҳам мардуд шинохта шудааст — соири макотиби ахлоқӣ билохира навъе ахлоқ, як равиши хосси ахлоқӣ, як системаи махсуси тарбиятиро барои башар лозим ва зарурӣ медонанд, мунтаҳо яке мегӯяд, фалон равиш ва системаи ахлоқӣ ва тарбиятӣ хуб аст ва дигаре равиш ва системаи дигареро пешниҳод мекунад.

Чаро башар ниёз ба равиши ахлоқӣ ва тарбиятӣ дорад?

Ҳол, дар зиндагии башар, ахлоқ ва тарбият ва эҷоди одатҳо (ки ба қавли маъруф, табиати сонавӣ мебошанд), эҷоди табиати сонавӣ ва малакоти маснуъӣ дар руҳи башар, ки “хулқ” номида мешавад, чӣ зарурате дорад ва чӣ тавр шуда, ки зарурат пайдо кардааст? Ин худаш як достоне аст, як фасле аст ва марбут ба сохтмони башар мебошад. Ва он ин ки башар гӯӣ аз лиҳози ғариза ноқис офарида шудааст. Яъне чӣ ноқис офарида шуда? Дар хилқат, ки чизе ноқис офарида нашудааст. Мақсуд ин аст: ҳар ҳайвоне аз лиҳози ғариза ва сифоти табиӣ, мутаносиб бо зиндагии худаш дар табиат муҷаҳҳаз шудааст, вале Худои Таборак ва Таъоло башарро тавре офаридааст –

وَخُلِقَ الْإِنْسَانُ ضَعِيفًا

(*“Инсон заъиф офарида шудааст.” (Нисо/28)*) — ки бо ин ки истеъдоди ӯ аз лиҳози тараққӣ ва такомул аз ҳар ҳайвоне бештар аст, вале аз лиҳози ғариза ва сифоти аввалияи табиӣ, ки барояш лозим ва зарурӣ аст, бисёр заъиф ва ноқис мебошад ва гӯӣ дар худи табиати башар ин истеъдодро қарор додааст, ки башар барои худаш он равиши тарбиятӣ ва он хулқеро, ки лозим аст интихоб ва ихтиёр кунад, муаллимон ва мураббиёне биёянд ва ин нақсеро, ки ба назар мерасад дар табиат ҳаст, такмил ва татмим кунанд. Ин худаш достоне аст.

Ҷумлае, ки Расули Акрам фармуд:

بُعِثْتُ لِاُتَمِّمَ مَكارِمَ الْأَخْلاقِ

Ман мабъус шудаам барои такмил ва татмими хулқҳои фозил, яъне сифоти иктисобиеро, ки башар барои саодати худаш лозим дорад такмил кунам ва ба ӯ арзонӣ бидорам.

Истилоҳе доранд руҳониюн дар илми усул; мегӯянд: баъзе аз қонунҳо дорем, ки қонун ва мутаммими қонунро ҷудогона бояд ҷаъл кунанд. Дар табиати он қонун ин имкон вуҷуд надорад, ки дар они воҳид худи қонун бо мутаммимаш якҷо ҷаъл бишавад, эҳтиёҷ ба мутаммими ҷаъл аст. Ин як рамзи фалсафӣ аст ва ҷуз ин имкон надорад. Инсонияти инсон ҷуз ин масире надорад, ки ибтидо инсон дар табиат он тавр ноқис офарида шавад, баъд дастгоҳҳои тарбиятӣ ва ахлоқӣ биёянд ва он нақсу заъфро бартараф кунанд ва башар ба қудрати андеша ва иродаи худаш, ба камоли хеш бирасад. Бинобар ин инсон эҳтиёҷ ба як системаи ахлоқӣ дорад.

Ду навъ ахлоқ

Онҳо, ки пешниҳоди ахлоқ мекунанд, медонем ду даста ҳастанд. Як даста асоси ахлоқашон бар худхоҳӣ ва худпарастӣ аст, бар тақвияти худ аст, бар танозӯъи бақост,

бар тарафдорӣ аз худ аст; як рукн ва як асос бештар барои ахлоқ қоил нестанд ва он кӯшиш барои ҳифзи ҳаёти шахсӣ аст. Пояи ахлоқи онҳо “худӣ” аст, мисли ахлоқе, ки Нитше пешниҳод мекунад ва ҳатто ахлоқи коммунистӣ ҳам чунин ахлоқе аст, асосаш наметавонад ғайр аз манофеъ — он ҳам манофеъи шахсӣ – бошад. Яъне мабнои фалсафии коммунизм ин имконро ба он намедиҳад, ки ахлоқи худашро тавсиа бидиҳад ва аз мабнои худӣ як дараҷа болотар биравад. Аз инҳо, ки бигузарем, соири равишҳои ахлоқӣ ва тарбиятӣ, ки дар дунё ҳаст ва калимотеро ба вуҷуд оварда ва фазоилеро истилоҳ кардаанд (фазоили ахлоқӣ) мисли адолат, ростӣ, дурустӣ, амонат ва ғайра, тамоми ин ахлоқҳо як навъ мубориза бо “худӣ” аст. Вақте, ки ба башар мегӯянд ростгӯ бош ва дурӯғ нагӯ, яъне онҷо, ки манфиати шахсӣ ҳаст, ба хотири манфиати шахсӣ ростиро аз даст надеҳ. Ростӣ як навъ по рӯйи “худ” гузоштан аст. Ҳамин тавр аст вақте ба башар мегӯянд, нифоқ надошта бош, дуздӣ накун, ба адолат пойбанд бош, инсоф дошта бош, мусовотро риоят кун. Ҳамаи ин фазоиле, ки фазоили ахлоқӣ гуфта мешавад, як навъ мубориза кардан бо “худӣ” аст; Яъне инсон то дар ин мақом набошад, ки аз “худ” бигузарад ва то як навъ гузашт ва фидокорӣ дар кор набошад, имкон надорад, ки битавонад худро муқайяд ба фазоили ахлоқӣ бикунад. Ин аст, ки дар ахлоқ, масъалаи “худӣ” аз муҳимтарин масоил аст.

Решаи пойбандӣ ба фазоили ахлоқӣ

Ҳол, мабно ва решаи ин матлаб чист? Чӣ кор бояд кард, ки башар ба фазоили ахлоқӣ дар баробари манофеъи шахсӣ пойбанд ва мӯътақид бишавад ва имон пайдо кунад, ки ба хотири ростӣ, ба хотири ҳақ, ба хотири адолат, аз манофеъи шахсии худаш бигузарад? Ахлоқро рӯйи чӣ асосе бояд гузошт; ахлоқе, ки бояд бо “худӣ” мубориза кунад ва дар айни ҳол мантиқе ҳам дошта бошад, пуштвона дошта бошад ва тухолӣ набошад?

Ҷумлае аз Алексис Каррел нақл мекунанд, ки: дар дунё дар зери пардаи калимаҳои иффат, тақво, ҳақ ва адолат чӣ қадр нафъ нуҳуфтааст! Яъне инҳо калимоте аст тухолӣ, пардаҳое аст, ки рӯйи “худӣ” кашида шудааст ва он тавре, ки бояд, ҳақиқат надорад, дохили он холӣ аст, мисли гирду ё бодоме аст, ки пӯст дорад, вале мағз надорад. Ҳол чӣ бояд кард?

Албатта ду роҳ дорад. Як роҳ барои мардумоне аст, ки ақли равшан надоранд ба ин маънӣ, ки қувваи тамйизашон зиёд нест. Бисёре аз мафоҳими бепояро мешавад таҳти таъсири талқин ва сухан ба башар илқо кард. Гоҳе эҳсосоти козибе дар ӯ ба вуҷуд меоваранд, ки ба хотири он эҳсосоти козиб мумкин аст аҳёнан гузашт ва фидокорӣ ҳам дошта бошад, вале поя ва мабно надорад ва ба қавли мантиқийин, бо кучактарин

ташкики мушкик зоил мешавад. Масалан, як сарбозро ончунон дар сарбозхона тарбият мекунанд яъне таҳти таъсири талқин ва илқо қарор медиҳанд, ки ба ростӣ ошиқи як обу хоки махсус мешавад. Вале агар як нафар омад бехи гӯшаш нишаст ва ду калима ташкик кард, тамомии ин бино фурӯ мерезад, зеро ҳамааш талқин буда ва мабно ва асосе надоштааст. Ва агар дигаре ташкик накунад, фаҳми худаш, ки боло биравад, дарсхондатар бишавад, олимтар бишавад, оқилтар бишавад ва битавонад масъаларо таҷзияву таҳлил кунад, мебинад ҳамаи он ҳарфҳое, ки ба ӯ талқин мекарданд, ки ба хотири фалон ҳадафе ту биё ҷони худатро бидеҳ, саодати худатро бидеҳ, лаззати худатро бидеҳ, ҳамаи ҳастии худатро бидеҳ, пояе надоштааст. Чаҳорто китоб, ки хонд, андаке, ки фикраш равшан шуд, мегӯяд: чаро? Барои чӣ? Магар ғайр аз ин аст, ки ман ҳама чизро бояд барои худам бихоҳам? Охир чаро ман мехоҳам худамро фидо кунам? Барои чӣ? Ҳамин ки омодаи ин “чаро” шуд, мебинед ин тарбияти талқинӣ ба куллӣ хароб мешавад. Рамзи ин ки ҳар чи дунё олимтар мешавад, беақидатар мегардад ва пойбандиаш ба усули ахлоқӣ камтар мешавад, ҳамин аст, ки ғолибан усули ахлоқие, ки ба башар таълим кардаанд, мантиқ надошта, пуштвона надошта, эътибор надошта, поя надошта ва бар асоси як силсила талқинот будааст. Дар хонавода ба ӯ талқин кардаанд, аз падару модараш тақлид карда, дар мадраса ҳамин тавр. Вақте, ки дарсхонда мешавад ва роҷеъ ба усули ахлоқӣ фикр мекунад, бо ин ки ҳамеша аз ин усул ҳимоят мекунад ва мегӯяд, адолати иҷтимоӣ чунин аст, ростӣ чунин, амонат чунин, озодӣ чунин, вале он таҳти дил, ки ҳисоб мекунад, медонад, ки ин ҳарфҳо поя надорад; мегӯяд: ман рӯйи чӣ ҳисобу милок ба хотири чаҳор калима ҳарф, биёям аз манофеъи шахсии худам бигузарам? Барои чӣ биёям бигузарам? Агар андеша кард ин тавр аст. Иллати ин ки ҷомеаи олим зери бори мафоҳими ахлоқӣ намеравад, ҳамин аст. Ахлоқе, ки башар дар қадим дошт, гузашта аз як иддаи поке, ки баъд арз мекунам ахлоқашон рӯйи чӣ поя ва мабное буда, ки Қуръон мефармояд:

أَلَمْ تَرَ كَيْفَ ضَرَبَ اللَّهُ مَثَلًا كَلِمَةً طَيِّبَةً كَشَجَرَةٍ طَيِّبَةٍ أَصْلُهَا ثَابِتٌ وَفَرْعُهَا فِي السَّمَاءِ. تُؤْتِي أُكُلَهَا كُلَّ حِينٍ بِإِذْنِ رَبِّهَا وَيَضْرِبُ اللَّهُ الْأَمْثَالَ لِلنَّاسِ لَعَلَّهُمْ يَتَذَكَّرُونَ

Ва дар як ояти баъд мефармояд:

يُثَبِّتُ اللَّهُ الَّذِينَ آمَنُوا بِالْقَوْلِ الثَّابِتِ فِي الْحَيَاةِ الدُّنْيَا وَفِي الْآخِرَةِ

— ки як мабно ва реша ва асосе барои ахлоқи онҳо буд ва ҳеч қудрате наметавонист он ахлоқро аз онҳо бигирад; оре, гузашта аз инҳо, аксари мардум мафоҳими ахлоқиро рӯйи пояи тақлид ва талқин ва гипноз ва ғайра фаро мегирифтанд, то он тарафе, ки мегуфта,

чӣ нерӯи илқоӣ дошта, ки шахсро муваққатан мӯътақид кунад. Вале башари олим камтар зери бори ин ҳарфҳо меравад. Ва ин хатари бузурге аст барои ахлоқ. Ҳол чӣ бояд кард? Агар башар бихоҳад аз ахлоқ ба таври куллӣ сарфи назар кунад, мусалламан ин ҳамон инҳидоми башарият аст.

Ҳар қадр ҳам ба як нафар бигӯем, ки оқо, ба хотири ҷомеа ин корро бикун ва он корро накун, барои ӯ қобили қабул нест ва мегӯяд: як ростӣ, ки ман бигӯям, дар ин дарёи бузург чӣ асаре дорад? Вале як дурӯғ, ки бигӯям, ба хотири шахси худам мегӯям. Вақте, ки меандешад, мебинад мантиқе дар кор нест, пуштвонае нест, поя ва асосе нест.

Худошиносӣ, пояи ахлоқ

Баъзе мегӯянд, ахлоқ пояе дорад. Ҳамон тавр, ки –

أَوَّلُ الدّينِ مَعْرِفَتُهُ

Худошиносӣ санги аввали дин аст, ҳамчунин Худошиносӣ санги аввали одамият аст ва инсоният ва одамият ва ахлоқ бидуни шинохтани Худо маъно надорад. Яъне ҳеч амри маънавӣ бидуни ин ки он сарсилсилаи маънавиёт пояш ба миён ояд, маъно надорад. Инҳо дигар ҳарфи муфт аст, ки касе биёяд ба номи инсоният, мунодии ахлоқ бошад. Ман мантиқеро аҳмақонатар аз мантиқи Бертран Рассел намебинам. Ин мард фикраш фикри моддӣ аст, доиман мегӯяд, биёед ба хотири инсоният чунин кунед. Вақте, ки пояе дар руҳи башар набошад, чаро инсоният? Ба ман чӣ марбут? Он инсон дар муқобили ман мисли дарахт ё гӯсфанд аст. Ин ахлоқ поя ва асос надорад ва наметавонад дошта бошад. Роҷеъ ба мантиқи дин арз хоҳам кард, ки чӣ тавр асос дошта ва чӣ гуна таҷриба ва озмоиш сиҳҳати онро собит карда ва чӣ тавр инзиботҳои ахлоқии муҳками пӯлодинро ба вуҷуд оварда ва баъд аз ин ҳам ба вуҷуд хоҳад овард.

Инҷо як иштибоҳ рух медиҳад ва он ин аст, ки мегӯянд: муҳкамтарин далел бар имкони шайъ вуқӯъи шайъ аст (ба қавли талабаҳо). Шумо чӣ тавр мегӯед, дар ҷомеае, ки Худошиносӣ ва дин набошад, инзибот ва ахлоқ нест? Мо мебинем ҷомеаи олими имрӯз чӣ қадр ҷомеаи мунзабит ва муназзаме аст; мардумоне ҳастанд бо ахлоқ ва аз ҳуқуқ ва ҳудуди худашон таҷовуз намекунанд. Алъон миллатҳое дар дунё вуҷуд доранд, ки дар айни ин ки ба умури маънавӣ пойбанд нестанд, ҳаргиз дурӯғ намегӯянд. Мо рафтем ва дидем. Миллатҳои урупоӣ ва омрикоиро дидем. Онҳояшон, ки мазҳабӣ нестанд низ, аз дурӯғ ва нифоқ ва тазвир ва дуздӣ ва хиёнат парҳез мекунанд. Пас маълум мешавад, ки метавон ахлоқе ба вуҷуд овард ва “худӣ”-ро аз байн бурд бидуни ин ки муттакӣ ба имон ва маърифат бошад. Ин суханро шумо зиёд шунидаед, худи ман ҳам зиёд шунидаам ва

шояд муддатҳо ҳам ба он мӯътақид будам, ки чунин чизе мешавад, вале ҳоло мисоле барои шумо арз мекунам.

Анвоъи “худ” ва “худпарастӣ”

а) Худи шахсӣ:

Вақте ки инсон тобеъи худӣ ва худпараст аст, як худӣ, худи шахси худаш аст. Баъзе ашхос аслан танҳои танҳо зиндагӣ мекунанд, худпарастӣ ва ҷамиъи разоиле, ки марбут ба худпарастӣ аст (анвоъи таҷовузҳо, мазолим ва сайиоти ахлоқӣ) дар онҳо ҳаст, фақат ва фақат худашонро мебинанд ва худашон. Доирае тарсим кардаанд, ки марказаш фақат худашон ва муҳити он аз вуҷуди шахсӣ ва муҳити шахсии худашон таҷовуз намекунад; доирае кашидаанд, ки худашон дар дохили он ва ғайри худашон ҳама берун аз он ҳастанд. Ҳама чизро барои худашон мехоҳанд. Ин, навъи заъифи худпарастӣ аст.

б) Худи хонаводагӣ:

Вале гоҳе доираи худпарастӣ як миқдор бузургтар мешавад, ба ин маънӣ, ки худпарастӣ худпарастӣ аст, вале доираи “худ” гоҳе васеътар мешавад. Ҳамон одами худпараст агар мутаъаҳҳил (хонадор) шуд ва чанд бачча оварад, чунончи вориди хонаи ӯ шавед, мебинед дар хонаводааш марди одиле аст, ба тамоми маънӣ нисбат ба баччаҳои худаш одил аст, балки гузашт ва фидокорӣ ҳам дорад ва ҳаргиз ба баччаҳои худ хиёнат намекунад, воқеан ба онҳо дурӯғ намегӯяд ва ба қасди хиёнат кардан, бо баччаҳои худаш тазвир намекунад. Хеле ашхосро мебинед, дар муҳити хона ва хонавода сафо доранд, вале ҳамин одам вақте берун меравад, ҳама чизро барои хонавода мехоҳад. Тамоми сифоти разилаи ношӣ аз худпарастӣ дар айни ин ки дар хонавода нест, дар берун аз хонавода ҳаст ва чун воҳид бузургтар шуда, ҳирсу фаъолияташ ҳам бештар аст. Борҳо меравад берун дурӯғ мегӯяд барои хонавода, тазвир мекунад барои хонавода, нифоқ мекунад барои хонавода, мардумро иғво мекунад барои хонавода, қатли нафс мекунад барои хонавода.

Ҳамаи инҳо “худ”-аш аст. Мебинед, он “худ” як миқдор бузургтар шудааст, воҳид иваз шудааст, вагарна худпарастӣ худпарастӣ аст. Шумо одамҳоеро мебинед, ки вақте дохили хона ҳастанд, одиланд, вале дар беруни хона, золим ва мутаққаллиб ҳастанд ва дар муомила ғиш (фиреб) мекунанд.

Оё метавонед инҳоро инсони ахлоқӣ ҳисоб кунед? Мегӯянд, намедонед чӣ қадр ин мард оростааст! Вақте як кело себ ба хона меоварад, тамоми инҳоро сабуку сангин мекунад ва ба ҳар бачча ҳамон қадр медиҳад, ки истеҳқоқ дорад. Ҳатто агар ба худаш ҳам

нарасид, нарасид. Ман дар хонааш будам ва дидам ин одам нисбат ба баччаҳои худаш одил аст.

Вале ин ба танҳоӣ ахлоқ ва фазилати ахлоқӣ нест. Агар ин одам аз хонаводааш яъне аз доираи худии худаш, ки васеътар шудааст, фаротар рафт ва дар онҷо ҳам ҳамин фазоилро дошт, маълум мешавад, ки ахлоқӣ аст, аммо вақте мебинед, доираи худӣ васеътар шудааст, вале боз ин одам дар беруни хонавода дузд аст, мутаққаллиб ва дурӯғгӯст, золим ва мутаҷовиз аст, бидонед, ки боз худпарастӣ вуҷуд дорад, аммо ин худ, худи хонаводагӣ аст. Магар дуздҳо, ки бо ҳам бонд ташкил медиҳанд, ба ҳамдигар хиёнат мекунанд? Дар айни ҳол, ки дузданд, нисбат ба ҳам сафо ва самимият доранд, вале нисбат ба ғайри худашон ин ҷур нестанд. Дар ҳар ҷойи дунё, ки меравед, ғолибан мебинед бондҳое ташкил мешавад, ки ё сар ба дуздӣ мезананд ё тақаллуботи дигаре мекунанд ва гоҳе зимоми корҳои мардумро дар даст мегиранд, билохира бонданд. Бонд ба афроди худ дурӯғ намегӯяд, иттилооти саҳеҳе ба якдигар медиҳанд. Вале ҳамин афрод нисбат ба беруни худашон, золим ва мутаҷовизанд. Намешавад гуфт, афроде, ки бо бонди худашон хуб ҳастанд, ороста ба фазилат ва дорои фазилатҳои ахлоқӣ мебошанд.

в) Худи миллӣ:

Гоҳе мебинем, ки “худ” тавсиа пайдо мекунад, аз бонд ҳам васеътар мешавад, худи миллӣ мешавад. Яъне он воҳид, воҳиди миллат мешавад ва афроди он миллат дар дохили худашон мисли ҳамон фард дар дохили хонаводаанд, ки нисбат ба афроди хонаводаи худаш ростгӯст. Нисбат ба миллати худ амин аст, дар миллати худаш дузд нест.

Дар воқеъ, барои шахси худаш дузд нест, барои шахси худаш дурӯғ намегӯяд, барои шахси худаш зулм намекунад, барои шахси худаш хунрезӣ намекунад, барои шахси худаш яке аз сайиоти ахлоқиро муртакиб намешавад, вале ин “шахс” ва ба иборати дигар, “худ”-аш бузургтар шудааст, “худ”-аш шуда худи миллат. Он вақте ки пойи он руҳи миллӣ дурӯғ ба миён меояд, тамоми сайиоти ахлоқии ношӣ аз худпарастӣ (бо доирае васеътар) аз ӯ сар мезанад. Ин ки мо мебинем имрӯз фард нисбат ба фард зулм намекунад, вале миллатҳо бадтарин ақсоми зулмро нисбат ба милали дигар мекунанд ва инро ҳам қубҳ намедонанд, ношӣ аз ҳамин фикр аст. Шумо мебинед, риҷоли дараҷаи аввали Урупо мазолимеро, ки нисбат ба милали истеъморзада муртакиб шудаанд, барои худашон ифтихор медонанд. Ҳамин фарде, ки дар дохили миллати худаш ин қадр одил ва амин аст ва мумкин нест, ки дар шаҳри худаш, дар вилояти худаш, дар кишвари худаш кучактарин хиёнат ва амали зидди ахлоқӣ бикунад, вақте, ки пойи миллате дигар ба миён меояд, мегӯяд, ин мафоҳим маънӣ надорад. Дар ҳамин китобе, ки ахиран ба номи “Ҷанги

ҷаҳонӣ” дар рӯзномаҳо мунташир мешавад, пойи як мафҳуми ахлоқӣ яъне адолат ба миён омадааст. Муаллиф мегӯяд: “*Агарчӣ ин ҳарфҳо дар бораи афрод содиқ аст, на дар бораи миллатҳо*”. Рост мегӯяд, он мантиқ ҳамин аст. Ҳамаи ҳасанот ва фазоили ахлоқӣ (дурустӣ ва дурусткорӣ, сулҳу сафо, адолат, самимият ва ҳимоят аз давлатҳои заъи) агар ба нафъи он миллат буд, дуруст аст, ба нафъи он миллат набуд, дуруст нест.

Сухани Гюстав Лебон

Гюстав Лебон дар охирҳои китоби маъруфи худаш, “Тамаддуни ислом ва араб”, фасле дорад роҷеъ ба ин ки чаро милали машриқзамин он тавр, ки бояд, аз тамаддуни мағрибзамин истиқбол намекунанд. Иллатҳое зикр мекунад. Иллати аввал ин ки худашон комилан омода нестанд. Иллати дуввум ин ки зиндагии мо бо вазъи зиндагонии онҳо татбиқ намекунад. Зиндагии онҳо як зиндагии содда аст, мо эҳтиёҷоти маснуъӣ дорем. Тамаддуни мо бо вазъи худи мо бештар татбиқ мекунад, то бо вазъи онҳо. Онҳо зиндагии соддае доранд ва зиндагии мо бештар маснуъӣ аст. Баъд мегӯяд: ба назар мерасад, ки мо инро кетмон мекунем. Ва сипас мегӯяд: ин тарзи рафтори золимонае аст, ки милали мағриб нисбат ба инҳо раво доштаанд. Он вақт матолибе зикр мекунад, ки дар Омрико чӣ карданд, дар Уқёнусия чӣ карданд, дар Чин чӣ карданд, дар Ҳинд чӣ карданд. Махсусан достони ҷангҳои маъруф ба ҷангҳои тарёкро нақл мекунад, ки англисиҳо барои ин ки бар чиниҳо мусаллат шаванд, омаданд тарёкро бар одамҳо мусаллат кунанд ва онҳоро афюнӣ намоянд. Давлати бедори Чин фаҳмид, ки чӣ балое мехоҳад ба сараш биёяд, дифоъ кард. Онҳо ҷангиданд ва куштанд, то билохира ба зарби тӯпу шиллик, тарёкро ба миёнашон оварданд. Дуруст аст, ки Англистон солиёна понздаҳ миллион лираи англисӣ фоида мебарад, вале тибқи омор, ҳар сол шашсад ҳазор нафар ба хотири тарёк раҳсипори адам мешаванд. Баъд мегӯяд: вақте, ки англисиҳо мубаллиғини масеҳиро ба миёни чиниҳо фиристоданд, онҳо гуфта буданд, аҷаб! Шумо аз як тараф тарёкро ба миёни мо меоваред ва моро ба диёри адам мефиристед ва аз тарафи дигар мубаллиғинро мефиристед, ки ба мо дастури имону тақво бидиҳанд!

Ду гунаи мубориза бо “худӣ”

Пас чӣ бояд кард, ки ба ростӣ ахлоқи башар ахлоқи инсонӣ бошад; ахлоқе бар пояи инсоният ва одамият бошад, яъне воқеан “худӣ” аз миён биравад? Инро ҳам бигӯям, ки дар ислом, “худӣ” аз миён рафтанӣ ба он маъно нест, вале тавсиаи “худӣ” ва тавсиаи шахсият ҳаст, аммо ба он гуна, ки шахсияти инсонӣ бо шахсияти ҳамаи олам яке мешавад. То ин миқдор шахсият ҳаст; то он ҳадде, ки ин шахсият, рақиқу латиф ва ҷаҳонӣ мешавад.

Ба ҷаҳон хуррам аз онам, ки ҷаҳон хуррам аз ӯст,

Ошиқам бар ҳама олам, ки ҳама олам аз ӯст.

Аммо он ҷур мубориза бо “худӣ”, ки ҷанбаи манфӣ дошта бошад, дар ислом вуҷуд надорад. Ин “худ” маъниаш маҳдудият яъне марз қоил шудан аст. Инсон як марзе қоил мешавад ва ҳамеша мехоҳад беруни марзро фидои дохили марз бикунад. Ин “худӣ” аст ва бо “худӣ” ду ҷур мешавад мубориза кард: яке ин ки “худӣ”-ро заъиф кунем, аз байн бибарем, ҳамон коре, ки ҳиндиҳо ва будоиҳо мекарданд ва каму беш дар байни баъзе аз мусалмонҳо ҳам роиҷ буд. Ин аз назари ислом ғалат аст. Дигар ин ки марзи “худӣ”-ро тавсиа бидиҳем, то он ҷо, ки шомили ҳамаи инсонҳо бишавад ва то он ҷо, ки шомили ҳамаи мавҷудоти олам бишавад, яъне доирае бишавад ба шуоъи бениҳоят ва дигар беруни марз чизе боқӣ намонад.

Ин, дар айни ҳол муборизаи манфӣ ҳам нест. Ва аз ин рӯ дар ислом дар айни ин ки бо “худӣ” мубориза шудааст, ҳифзи ҳуқуқ ва ҳудуди “худ” ва дифоъ аз “худ” воҷиб аст.

Суханроние, ки дар соли гузашта роҷеъ ба “каромати нафс” кардам, перомуни як навъ ҳифзи “худӣ” буд, аммо ҳифзи “худӣ”-е, ки разоили ахлоқӣ аз он барнамехезад. Дар ислом айнан матлаб аз ин қарор аст ва “худӣ” тавсиа пайдо карда. Муҳити ахлоқии исломӣ, маҳдуд ба афрод ё хоки муайян нест, марз қоил нест ҳатто барои мусалмон ва ғайри мусалмон. Яъне ин ҷур нест, ки дохили марзи ислом таҷовузро ҷоиз надонад, вале берун ин марз таҷовузро лозим бидонад. Ислом таҷовуз ва зулмро нисбат ба ғайри мусалмон ҳам ҷоиз намедонад. Албатта муҷозотро ҷоиз медонад. Мусалмон ва ғайри мусалмон ҳар кадом ба нисбати худашон, вале таҷовуз, ғайр аз муҷозот аст.

Худо, мабнои фазоили ахлоқӣ

Вақте ки меойем суроғи тарбияти динӣ, мебинем, ин мафоҳим дигар мафоҳими тухолӣ нест, мафоҳими тӯпур аст; ҳақ, адолат, сулҳ, ҳамзистӣ, иффат, тақво, маънавият, ростӣ, дурустӣ ва амонат, тамоми инҳо алфозе ҳастанд тӯпур ва поя ва мабно ва мантиқ доранд. Асоси матлаб ин аст, ки мо барои ахлоқ чӣ мантиқе ба даст биёварем. Оё метавонем аз ғайри роҳи Худошиносӣ ва маъриафтуллоҳ, барои ахлоқ мантиқе мустадал пайдо кунем? На. Пуштвона ва эътибори ҳамаи ин мафоҳим, Худошиносӣ аст. Агар имон набошад, ахлоқ мисли банкноте аст, ки пуштвона надошта бошад. Ибтидо мумкин аст иддае нафаҳманд, вале асос ва поя надорад. Магар фаронсавиҳо аввалин касоне набуданд, ки Эъломияи ҷаҳонии ҳуқуқи башарро мунташир карданд? Вале ин эъломия дар ҷанги ҷаҳонии аввал ва дуввум куҷо рафт?! Дар ҳодисаи Алҷазоир куҷо рафт?! Магар онҷо ҳуқуқи башар набуд?! Магар ҷуз ин буд, ки як миллат ҳаққи худашро

мехост?! Ғайр аз ин ки ҳарфи дигаре набуд. Он вақт чӣ корҳое, ки нашуд! Оё ба зан раҳм карданд? Ба бачча раҳм карданд? Ба осори тамаддун раҳм карданд? Ба китобхонаҳо раҳм карданд? Ба муассисоти фарҳангӣ раҳм карданд? Ба маъобид раҳм карданд? Дар замони худамон мебинед чаро? Чун поя надошт. Баёне дорад Қуръони Карим, мефармояд:

وَمِنَ النَّاسِ مَنْ يُعْجِبُكَ قَوْلُهُ فِي الْحَيَاةِ الدُّنْيَا وَيُشْهِدُ اللَّهَ عَلَى مَا فِي قَلْبِهِ وَهُوَ أَلَدُّ الْخِصَامِ

(*Бақара/204*) Баъзе аз мардум ҳастанд, ки вақте ба гуфтаашон нигоҳ мекунӣ, вақте ба навиштаҳояшон нигоҳ мекунӣ, вақте ба эъломияҳояшон нигоҳ мекунӣ, вақте ба китобҳояшон нигоҳ мекунӣ, дар шигифт фурӯ меравӣ ва ҳазз мекунӣ ва хушат меояд, ки аҷаб миллати фаҳмидае, аҷаб миллати ҳақшиносе, чӣ эъломияҳои хубе додаанд! Хеле ҳам таъкид мекунанд:

وَيُشْهِدُ اللَّهَ عَلَى مَا فِي قَلْبِهِ

Худоро ҳам гувоҳ мегиранд, ки инҳоро, ки ман мегӯям, аз умқи руҳам сарчашма мегирад. Аммо намедонӣ ҷояш, ки бирасад, рӯйи лаҷоҷат, ки биафтад, чиҳо мекунад:

وَإِذَا تَوَلَّى سَعَى فِي الْأَرْضِ لِيُفْسِدَ فِيهَا وَيُهْلِكَ الْحَرْثَ وَالنَّسْلَ

(*Бақара/205*) Он вақт, ки якмартиба рӯйи он дандаи лаҷбозӣ ва худхоҳиаш меафтад, мебинед ин ҳарфҳое, ки барои ӯ пуч ва бемаъно буд, инҷо асар надорад, дунёро мехоҳад зеру рӯ кунад.

سَعَى فِي الْأَرْضِ لِيُفْسِدَ فِيهَا

Мехоҳад рӯйи заминро фосид кунад.

وَيُهْلِكَ الْحَرْثَ وَالنَّسْلَ

Башар ва киштҳо ва ободиҳоро аз байн бибарад.

Дар дин, “худӣ” марз надорад. Яъне фазоили ахлоқӣ марз надорад ва ахлоқи динӣ диндору ғайри диндор намешиносад. Аввал, ояти Қуръонро бихонам, дар сураи Нисо аст:

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا كُونُوا قَوَّامِينَ بِالْقِسْطِ شُهَدَاءَ لِلَّهِ وَلَوْ عَلَى أَنْفُسِكُمْ أَوِ الْوَالِدَيْنِ وَالْأَقْرَبِينَ إِنْ يَكُنْ غَنِيًّا أَوْ فَقِيرًا فَاللَّهُ أَوْلَى بِهِمَا فَلَا تَتَّبِعُوا الْهَوَى أَنْ تَعْدِلُوا

(*Нисо/135*) Эй касоне, ки имон овардаед! Ба шиддат ба адолат қиём кунед. Вақте, ки шаҳодат медиҳед, вақте, ки пойи ҳаққ дар миён аст, фақат Худоро дар назар бигиред; ба зарари худатон ҳам шудааст, бояд шаҳодат бидиҳед, ба зарари падару модар ҳам шудааст, бояд шаҳодат бидиҳед, ба зарари акрабин ҳам шудааст, бояд шаҳодат бидиҳед.

Ин таълими дин аст ва дар бораи ҳамин таълим чӣ қадр мо достон ва ҳикоят дорем, ки чун вақт гузашта арз намекунам.

Дар сураи Моида вақте, ки мусалмонон мехоҳанд вориди Макка бишаванд (Маккае, ки мусибатҳо ба сари мусалмонон ворид оварда; Маккае, ки дандони Пайғамбарро шикаста; Маккае, ки Пайғамбарро аз худаш берун карда ва азизони Пайғамбарро ба хоку хун кашида) Қуръон чунин дастур медиҳад:

لا يَجْرِمَنَّكُمْ شَنَآنُ قَوْمٍ عَلى أَلاّ تَعْدِلُوا اِعْدِلُوا هُوَ أَقْرَبُ لِلتَّقْوى

(*Моида/8*) Мабодо душмании иддае, ки душмани шумо ҳастанд, шуморо аз марзи адолат хориҷ кунад. Рӯйи марзи адолат кор кунед; фикр накунед онҳо мусалмон ҳастанд ё нестанд, душман ҳастанд ё нестанд, ин ҳарфҳоро дар ин ҳисоб наёваред, мабнои фазоили ахлоқии Худост, шумо ба хотири Худо ба фазоили ахлоқӣ пойбанд ҳастед. Мӯъмин касе аст, ки дар фазоили ахлоқӣ хешон ва хонавода нашиносад, аҳли маҳалл нашиносад, бонд нашиносад, ҳизб нашиносад, ҳатто худи динро барои фазоили ахлоқӣ марз қарор надиҳад, “худӣ”-ро ба қадре тавсиа диҳад, ки шуоъаш бениҳоят бишавад: ҳама чиз аз ман аст; ҳама аз мо ҳастанд.

Имом Ҳусайн ва фазоили ахлоқӣ

Як фасл аз зиндагии Ҳусайн ибни Алӣ — ки ишора мекунам ва рад мешавам — ҳамин аст ва фасли бисёр пуразише аст. Таърихи Ҳусайн ибни Алиро ҳамаи шумо медонед, ки дар чӣ вазъе қиёми худро оғоз кард, дар чӣ фишоре буд ва чӣ мазолиме вуҷуд дошт. Вале дар айни ҳол он ҷо, ки пойи масоили ахлоқӣ ба миён меомад оё ҳозир буд ҳатто алайҳи душман аз ахлоқ таҷовуз кунад? Абадан! Муслим ибни Ақил як тарбиятшудаи ӯст; сарбозе аст аз тарафи ӯ; беҳтарин фурсатҳо ба дасташ меояд, ки Ибни Зиёдро бикушад, вале дар ҳамон ҳол фикр мекунад, ки ислом бо ин ҷур мубориза кардан мухолиф аст ва ин гуна муборизаро ҷавонмардона намедонад. Ба ӯ гуфтанд: чаро аз ин сандуқхона берун наомадӣ, ки шарри ӯро аз сари мусалмонон кам кунӣ? Гуфт: ҳамон вақт ба фикри ҳадиси пайғамбар афтодам:

الأيمانُ قَيَّدَ الْفَتْكَ

Имон иҷоза намедиҳад, ки мусалмон ҳарчанд ба он касе, ки беруни марзи дини худаш ҳаст, таҷовуз кунад. Ин ноҷавонмардона ва номардона аст, ман наметавонам чунин коре бикунам.

Душман меояд дар байни роҳ дар ҳоле, ки ташна аст. Бархе аз асҳоб мегӯянд, аз ин фурсат истифода кунем, обро ба рӯйи онҳо бибандем. Мефармояд: мабодо чунин кунед,

тариқи муборизаи мо ин ҷур нест, ки обро ба рӯйи онҳо бибандем, ба онҳо об бидиҳед, ба аспонашон ҳам об бидиҳед. Пешниҳод мекунанд алъон беҳтарин мавқеъ аст барои ҷангидан.

Мефармояд: аз лиҳози ин ки онҳоро аз байн бибарем, бале, вале аз лиҳози ҳақ ва қонун чӣ тавр? Ҳанӯз, ки онҳо ба мо таҷовуз накардаанд. Онҳо мусалмонанд, мо ҳам мусалмон ҳастем, то онҳо таҷовуз накунанд, мо аз худамон дифоъ намекунем.

Ин инзиботи ахлоқиро бибинед. Ин ҳамон ахлоқе аст, ки бар пояи Худошиносӣ аст. Ин ахлоқро ҳеч чиз наметавонад мутазалзил кунад; манофеъи шахсӣ, ҳубби ҳаёт, ҳифзи худ, ҳифзи хонавода, мақоми риёсат ва хилофат наметавонад онро мутазалзил кунад.

Ҳатто дар ҳамон рӯзи хунини Ошӯро яке аз шариртарини онҳо аз пушт меояд шабехун бизанад, бехабар аз ин ки тартиби хаймаҳо ва хандақе, ки кӯндаанд монеъ аз ин аст, ки шабехун бизанад. Асабонӣ мешавад ва шурӯъ мекунад ба фаҳҳошӣ кардан. Як нафар арз мекунад: ё ибни Расулиллоҳ! Иҷоза бидиҳед, ки бо як чӯб калаки инро биканам. Фармуд: то онҳо ибтидо (ба ҷанг) накардаанд, барои мо ҷоиз нест, аввал онҳо бояд шурӯъ кунанд ва баъд мо дифоъ кунем.

Ин инзиботи ахлоқӣ, дигар “худ” дар он нест, шахс дар он нест, хонавода дар он нест, аҳли маҳалл дар он нест, аҳли шаҳр ва ватан дар он нест, обу хок дар он нест, нажод ва миллият дар он нест, аз инсоният ҳам чанд дараҷа он тарафтар аст, ҷаҳонӣ аст.

Ин аст, ки масъалаи “худӣ” дар ахлоқ ҷуз бо дин бо ҳеч чизи дигар ҳал намешавад.

Ахлоқи коммунистӣ ва ахлоқи нитшеӣ ва ахлоқи макиавеллиӣ ҳар кадом ахлоқе аст, ки дар як шароити маҳдуд ва муайяне муфид воқеъ мешавад ва аслан мактаби ахлоқӣ ҳам шумурда намешавад; вокунишҳое аст, он ҳам вокунишҳои ифротӣ дар як шароити муайян. Ислом дар айни ин ки “худӣ”-ро тавсиа медиҳад, ҳифзи ҳуқуқи шахсро воҷиб мешуморад. Мегӯяд:

لا يُحِبُّ اَللّٰهُ اَلْجَهْرَ بِالسُّوءِ مِنَ الْقَوْلِ إِلاّ مَنْ ظُلِمَ

(*“Худо дӯст намедорад, ки касе бо гуфтори зишт, ба айби мардум садо баланд кунад, магар ин ки зулме ба ӯ расида бошад.” (Нисо/148*))

Чунин назари васеъе дошта бошем, аз ҳаққи худамон ҳам бояд дифоъ кунем. Ҳоло як вақт дар ҷомеае мисли ҷомеаи масеҳӣ ё ҷомеаи мусалмон, ки аз ин афкори масеҳӣ пайравӣ мекунад ва аз ҳуқуқи худашон дифоъ намекунанд, меоянд ахлоқеро таъсис мекунанд бар асоси дифоъ аз худ ва фақат ҳамин як ҷанбаро дар назар мегиранд. Ибтидо хуб тарафдор пайдо мекунад ва шахс модом, ки дар дунё золиму мазлум бошад тарафдори чунин мактабе аст. Аммо вақте, ки худаш мехоҳад дунёро идора кунад, дигар

зиддаш — ва ба қавли онҳо, антитезе — дар муқобил нест ва дар натиҷа ин ҳам дигар пояш ланг аст. Бовар накунед, ки бишавад дар дунё барои мафоҳими ахлоқӣ, барои ҳамин ҳарфҳое, ки имрӯз мезананд, барои адолат, ҳақ, сулҳ, инсоният, ростӣ ва дурустӣ, мабно ва мантиқ ва пуштвона ва эътиборе ҷуз Худошиносӣ пайдо кард.

Як далел бар ин ки Худошиносӣ ва имон ва маънавият аз дунё нахоҳад рафт, ҳамин аст, ки башар эҳтиёҷ ба ахлоқ дорад. Дар давраи илм, ки дигар бо тақлиду талқин намешавад фазоили ахлоқӣ дуруст кард, бояд бо мантиқ ва решадор дуруст кард. Дунё ва ҷомеаи башарият ё бояд бошад ва ё бояд набошад. Агар несту нобуд мешавад, ки ҳеч, вале агар ҷомеаи башарият боқӣ бимонад, ахлоқ мехоҳад ва ахлоқи ҳамаҷониба мехоҳад, на ахлоқи коммунистӣ, ахлоқе, ки битавонад ҳамаи ҷавонибро риоят кунад; ахлоқе, ки мабно ва поя ва асос дошта бошад ва ин ҷуз бо дин ва маънавият имкон надорад.

أَلَمْ تَرَ كَيْفَ ضَرَبَ اَللهُ مَثَلاً كَلِمَةً طَيِّبَةً كَشَجَرَةٍ طَيِّبَةٍ أَصْلُها ثابِتٌ وَفَرْعُها فِي اَلسَّماءِ. تُؤْتِي أُكُلَها كُلَّ حِينٍ بِإِذْنِ رَبِّها وَيَضْرِبُ اَللهُ الْأَمْثالَ لِلنّاسِ لَعَلَّهُمْ يَتَذَكَّرُونَ

Бибин чӣ гуна Худо масале мезанад: сухани ҳақ, сухани пок, сухани решадор масалаш масали дарахти устуворе аст, ки решааш дар аъмоқи замин фурӯ рафта, шохаҳояш сар ба осмонҳо кашидааст, ҳамеша мева медиҳад, моли як фасл нест ва “ҳамеша баҳор” аст. Баъд мефармояд:

وَيَضْرِبُ اَللهُ الْأَمْثالَ لِلنّاسِ

Худо мисоле зикр мекунад ва ин мисол барои ҷомеаи инсоният аст: ҷомеаи инсоният агар бихоҳад хуррам бошад, шоха ва барг ва мева ва соя дошта бошад, то реша надошта бошад, имкон надорад.

وَمَثَلُ كَلِمَةٍ خَبِيثَةٍ كَشَجَرَةٍ خَبِيثَةٍ اُجْتُثَّتْ مِنْ فَوْقِ الْأَرْضِ ما لَها مِنْ قَرارٍ

Вале бисёре аз ин ҳарфҳои беасос масалаш масали ин дарахтҳои маснуъӣ аст, ки фақат шакли дарахт дорад. Мафоҳим, хеле равшан аст, аммо поя надорад.

يُثَبِّتُ اَللهُ اَلَّذِينَ آمَنُوا بِالْقَوْلِ اَلثّابِتِ فِي الْحَياةِ الدُّنْيا وَفِي اَلْآخِرَةِ

Худо бо қавли собит, бо сухани муҳкам ва реша ва мабнодор, ки решааш дар умқи руҳи инсон аст, мӯъмининро дар дунё ва охират пойдор медорад. Ҳеч кас наметавонад онҳоро аз сухани муҳкамашон баргардонад; ҳамон тавр, ки Ҳусайн ибни Алӣ чунин буд. Он ҳарфе, ки рӯзи аввал зад бо он ҳарфе, ки соати охир гуфт, як ҳарф буд.

ولا حول ولا قوّة الاّ بالله العليّ العظيم

Поёни китоб